**АСКАР ҲАКИМ**

# МАҶМӮАИ АШЪОР

**Иборат аз ду ҷилд**

**Ҷилди I**

**Ашъори анвои гуногун**

**Нашриёти «Адиб»**
**Душанбе**

**Расул Ҳамзатов**

## МИСРАЪҲОИ ПУРИЛҲОМИ ШОИР

Дар баландтарин кӯҳҳо, дар он ҷое, ки гӯё аз об нишоне нест, амиқтарин, тозаву булӯринтарин чашмаҳо меҷӯшанд. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамчунонки дар шеър аст, баландӣ аксаран мутаносиби амиқист. Парвози баланди қуллаҳои асроаср ҷовидони сухан ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Мавлавӣ, Ҳофиз дар жарфои зиндагӣ, эҳсоси миллии ҷаҳоншиносӣ, рӯҳу равон, фарҳанги халқ решаҳои амиқ дорад.

Шеър дар кӯшиши баландӣ ва амиқии хеш як мақсадро пайгирӣ мекунад, ки он дарёфти рӯҳи инсон мебошад, зеро нест чизе аз он баландтар ва амиқтар. Ва шеър дар ҳамгироии ҳар дуи ин муқобилафтодаҳо ба зуҳур меояд, чунонки баландӣ нест бе амиқӣ ва баръакс.

Шеър таҳаррук, таҳарруки андеша ва эҳсосот аст, ки бидуни он на парвоз вуҷуд дораду на ҷараён.

Тоҷикон дар гузашта яке аз адабиёти бузургро офариданд, ҳарчанд адабиёти асил наметавонад гузашта бошад, он на танҳо дар ҳоло ҳозир, балки дар оянда ҳам муосир аст ва ҳамин адабиёт дар замони мо ҳам силсилаи номҳои дурахшонеро, ба монанди Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода пеш овард, ки ҳар яки онҳо бо худ қуллаи махсусеро муҷассам мекунад.

Маро бо Мирзо Турсунзода дӯстии деринсолае буд. Ман ӯро ҳамчун шоири оличаноб, донишманди бузурги фарҳанги маънавии Шарқ, ходими ҷамъиятии маъруф дар саросари қитъаи Осиёву Африқо, роҳбари ҳунарманди Иттифоқи нависандагон ва, албатта, ҳамчун як инсони самимӣ, дилкушод, хирадманд қадр мекардам. Шояд табиати пурҷӯшу хурӯши қафқозии ман дар ӯ таскину оромиш меёфт ва дӯстии мо дар тазоди хулқу атвор, вале дар ягонагии мақсад устувор гашта буд. Мо аз қутбҳои гуногун ба сӯи хатти истивои дӯстӣ ҳаракат мекардем. Худо шоҳид, ки мо ба он даррасидем ва онро дар тамоми тӯли умрамон бо шоистагӣ бо худ бурдем.

Бинобар ин ҳоло дучандон шоду хурсандам, ки ман китоби шогирди ӯ, Аскар Ҳаким, давомдиҳандаи кори ӯро на танҳо дар арсаи шеъру шоирӣ, балки дар фаъолияти бузурги ҳаёти ҷамъиятию давлатии кишвараш – Тоҷикистон муаррифӣ мекунам. Охир ӯ боз муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ман Аскар Ҳакимро кайҳо, аз даврони Мирзо Турсунзода, аз замоне мешиносам, ки ӯ ҳанӯз тамоман ҷавон буд ва ҳамчунонки мегӯянд, дар зумраи нависандагони ҷавоне ба ҳисоб мерафт, ки умедҳои бузург мебахшанд. Умедҳо бор оварданд, ҳоло ӯ яке аз шоирони пешбари тоҷик аст. Ва на фақат тоҷик, зеро ӯ ба

забони тоҷикӣ менависад, ки бо форсию дарӣ, ки дар Эрону Афғонистон забони модарӣ мебошад, як аст. Бинобар ҳамин ҳам шоиру донишмандони ин кишварҳо дар баррасии манзумаи ӯ «Санги ман – алмос», ки дар Маскав дар Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар соли 2000 баргузор шуда буд ва ба ман ҳам даст дод, ки дар он ширкат варзида, аз муваффақияти ӯ бо ҷону дил шод гардам, дар бораи саҳми ӯ ҳамчунон дар шеъри муосири форсӣ сухан мегуфтанд. Охир ширкаткунандагони хориҷии баррасӣ соҳибони фарҳанги маҳз ҳамон забоне буданд, ки Аскар Ҳаким бо он менависад ва бинобар ин эътирофи онон махсусан муҳим, асил буд. Онҳо дар бораи ӯ, ҳамчунон дар бораи шоире, ки ҷараёни тозаро дар шеъри муосири форсӣ инкишоф медиҳад, ҳарф мезаданд. Интишори ҷилди калони ашъори мунтахаби ӯ дар Теҳрон ин қазияро бори дигар ба исбот мерасонад.

Дар бораи шеъри Аскар Ҳаким мешавад, ки ҳамчун дар бораи воқеияти асили забони русӣ ҳам сухан гуфт, зеро он аз ҷониби устодони сухан, ҳамчун Владимир Солоухин, Яков Козловский, Станислав Золотсев, ки асосан классикаи шеъри муосири халқҳои бародарро тарҷума мекарданд, ба забони русӣ баргардон шудааст.

Аскар Ҳаким шеърро ҳамсони ниёиш меофарад. Ин маҷмӯаро хонда бовар ҳосил кардан мумкин аст, ки худи ӯ ҳам ба шеър бо изтироби ибодату ниёиш ва эҳтироми комил муносибат дорад. Ва азбаски ҳар гуна ниёиш кори муқаддасест, ки рӯҳро мусаффою баландпарвоз мекунад, шеър ҳам ба ақидаи ӯ, ба тозагӣ ва фарозрафтанҳои рӯҳ мададгор бояд бошад. Бисёре аз навиштаҳои Аскар Ҳаким маҳз барои амалӣ гаштани ҳамин гуна таблаботи олӣ хидмат мекунанд.

Ба ин, махсусан, манзумаи охирини ӯ, «Санги ман – алмос» мисол шуда метавонад, ки ӯ дар он ба ҳама шакли тазоҳури ҳастӣ бо эҳтиром ва шавқу завқ хлҳаммуроҷиат карда, дар баробари андешаҳояш дар сари асрори Олам ва қисмати башарият барои ба мавҷудияти ҳар зарра муҳофизакор будан даъват ба амал меорад:

*Осмон дорад агар панҷаи оби раҳмат,*
*На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк*
*Ба сари газна, шутурхору ғумой,*
*Ба сари хори хасак ҳам борад.*

Шоир ба моҳияти ҳодисаҳо ва зуҳурот андар рафта мекӯшад, дарёбад, ки:

*Фарқи парвозу хазидан дар чист,*
*Гар паридан нарасонад ба савойи хуршед.*

«Ман»-и лирикӣ, ғиноии ӯ сифатҳои шахсию маҳрамона ва шаҳрвандию шахсиро бисёр ҳам табиӣ ба ҳам меорад. Ва ба ҳамин тариқ ҳамаи ғаму шодиҳои

олами атроф, ки моро фаро гирифтааст, ба муҳити ҳамдилии «шахсӣ»-и ӯ мубаддал мешавад.

Ва саросари ин китобро дурахши ҳамчун ситора мисраъҳои муҳаббати муқаддас ва олӣ дар зуҳуроти гуногунаш фаро гирифтааст, ки он муҳаббати фарзандию падарӣ, зану мард, муҳаббат ба халқи хеш ва умуман ба мардум, ба тамоми ҳастӣ ва ба Офаридгори оламҳо мебошад.

Рисолати шоир аз рӯи ақидаи эҷодии Аскар Ҳаким бо шеър барои сафо ва улвияти рӯҳ мадад кардан аст, дар ҳамин аст сабаби ифодаи дурахшони башардӯстӣ дар ашъори ӯ, ки новобаста ба ҳамаи сахтиҳое, ки халқи тоҷик аз сар гузаронд, ҳамеша зарур боқӣ мемонад.

Ёд кардан аз фоҷиаҳое, ки душманон ба сари кишвари ӯ оварданд, ҳар қадар дарднок, дар бораи шароити носозгори ҳозираи иҷтимоӣ фикр кардан ҳар қадар вазнин бошад ҳам, ӯ ба монанди баъзе адибон, ки аз манфиатҳои маҳдуди сиёсӣ ва даъвоҳои шахсии худ фаротар рафта натавонистанд, ба бераҳмӣ дода намешавад.

Эҳсоси тоқатнопазирӣ дар шоир ба ҳамаи он чизе, ки барои инсон ва умуман башарият ҳалокатовар аст, маҳз аз замони бачагӣ, бо сабаби аз тири яроқбадасти маст ба марг расидани модар ташаккул меёбад:

*Шуд аз он рӯз яқин*
*мастию тиру туфангам манфур.*
*«Санги ман – алмос»*

Шоир аз ҳамон замони тифлӣ дарёфта буд, ки истифодаи яроқ бо мақсадҳои ҷиноӣ, майхорагӣ, ки харобкори рӯҳ аст, ҳаргиз қобили қабул нест ва ӯ на дар асоси дарки таҷрибаи талхи дигарон, балки таҷрибаи худ фаро меравад, то инсонро дар миқёси ҷаҳон аз ин фоҷиа қаблан огоҳ кунад.

*Шӯри ҷанг аст ба ҳар бонги ситез,*
*Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом.*
*«Санги ман – алмос»*

Ин байт, ки ҳамсони панду ҳикмат аст, тоҷи ҳамаи он чизе мебошад, ки Аскар Ҳаким бар зидди ҳама гуна хунрезиҳои байниҳамдигарӣ навиштааст. Ва ҳар қадар ки башарият аз нутфаи ҳамин гуна сулҳу салоҳ обастан мешавад, ҳамон қадар зудтар он чизе, ки ба шоир дар асари дигари ӯ «Достони Нону Имон» рух менамояд, амалӣ мегардад:

*Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,*
*Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир.*
*Гӯиё мегӯяд ӯ моро, ки насли одамед,*
*Модари гетӣ агар розист,асли одамед.*
*Модари инсону гетӣ хоҳад аз фарзанди хеш,*

*То кунад худро раҳо ӯ аз худу аз банди хеш…*
*То ҳама майдони машқу посгоҳи аскарон*
*Сабз гардад ҳамчу гандумзорҳои бекарон…*
*Дорам уммеде, ки халқи гушнаю сери ҷаҳон*
*Гирди ҳам оянд акнун гирди як дасторхон.*
*Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст,*
*Рӯйи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст.*

Ин мисраъҳои ба ин дараҷа саршори илҳоми шоирро хонда, ба амалӣ шудани пешбинии шоири олиҷаноби тоҷик бовар накардан мумкин нест. Фикр мекунам, ки хонандагон некбинии хуршедии ин китоби тозаро комилан эҳсос хоҳанд кард.

*(Сарсухан аз китоби*
*«...И снова взойдет солнце». Москва:*
*«Советский писател», г. 2004.)*

**Аз**
**«РАҲНАВАРД»**
(то соли 1983)

## АСРИ БИСТ

Асри бист,
Эй асри пуртӯфони ман,
Бигзарӣ тунд аз фарози Муштарӣ.
Ваҳ, мабодо, дар шитоби хештан
Аз сари дунёю одам бигзарӣ!

Асри бист,
Эй хоксори пурғурур,
Гарчи инсон рафт то чархи барин,
Лек боз аз хавфи ҷангу заҳри нур
Мекашӣ ӯро ту дар қаъри замин.

Асри бист,
Эй арсагоҳи хайру шарр,
Нагзарӣ бебор аз роҳи замон.
Гар бигунҷад дар диле дарди башар,
Дарди як одам нагунҷад дар ҷаҳон.

Асри бист,
Эй асри пуршӯру ҷадал,
Бандае дигар набошад масти хоб,
То зи равзанҳои зиндон бехалал
Сар кашад бар рағми зулмат офтоб.

Асри бист,
Эй асри инсонро ба дӯш
Барниҳода бори вазнини замин,
Ин заминбардӯш бо тамкину ҳуш
Тоза хоҳад кард ойини замин.

Асри бист,
Эй инқилобии ҷавон,
Ҳар қадар дорӣ гуноҳеву савоб,
Мешавӣ дар ҳар замон аввалзамон,
Чун туӣ асри қиёму инқилоб!

## МЕРОСИ АҶДОД

Чун ватан мероси аҷдод аст бар авлоди хеш,
Нест низ авлодро мероси пуршони дигар.
Ҷон гаравгон ҳар ватандоре ватандорӣ кунад,
То ватан бахшоядаш озода сад ҷони дигар.

Парварад фарзандҳои некномашро ватан
Ҳамчу модар бо умеди давлати пояндааш.
Меҳри гарми модарияш мерасад то ҳафт пушт
Бар ҳама фарзандҳои рафтаву ояндааш.

Дар диёри кӯҳсорам, к-он канори модар аст,
То саҳар гаҳвораҳо ҷунбанд чун  сайёраҳо.
Хоки сабзаш осмоне менамояд дар назар,
Тифлаконаш ҳар яке рахшонтар аз истораҳо.

Эй ватан, эй мулки кӯҳистони ман, фарзанди ту
Домани кӯҳат бигирад, кӯҳсон боло шавад.
Рӯдҳоят ҳасту дарёе надорӣ, бок нест,
Бо дили дарёи худ ҳар тифли ту дарё шавад.

Солҳо чун ганҷҳоят, к-аз назарҳо буд ниҳон,
Дар дили ман буд пинҳон ганҷи ашъору сухан.
Мекушоям баҳрат ин ганҷинаро имрӯз ман,
То туро аз ман шиносанду маро аз ту, ватан!

## ХОКИ ВАТАН

Гар ватан бошад якеро соҳили дарёю рӯд,
Дигаре дорад ватан дар домани дашти кабуд.
Ҳар касе дорад ватан, дорад ғами буду набуд,
Беватан он кас, ки бошад фориғ аз ёди ватан.

Рӯзи одам хубу бад оё ба олам нагзарад?
Бигзарад, аммо ба мисли рӯзи одам нагзарад.
Рӯзи одам беватан, бигзор, як дам нагзарад,
Дар ғаму шодӣ биҷӯяд хотири шоди ватан.

Гарчи мерос аст марги волидайни меҳрубон,
Теғи алмос аст моро мурдани фарзанди ҷон,
Ҳасрату доғи ватан садчанд аз ин бошад гарон,

Кас набинад дарду доғу рӯзи ношоди ватан.

Хоки одамро, ки шӯриданд бо хоки ватан,
То абад аз ӯ намегардад ҷудо хоки ватан.
Пур шавад рӯзаш, кашад сӯяш варо хоки ватан,
Баски ҳаст ӯ з-обу хоку оташу боди ватан.

**ҲАМОҒӮШ**[1]

Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,
Аҳд гӯё ки ба ёре бастаст.
Лек хораш тани гул озорад,
Ҳар нафас ранҷи наваш бозорад.
Гар занӣ теша валекин бар хор,
Канӣ аз реша ту гулро ночор.

## МАСЪУЛИ ЗАМИН

Меравад соли ҳаёту мекунам касби камол,
Мешавад наздик дар чашмам ҳар он чӣ дур буд.
Баъд аз ин дар хеш меҷӯям пайи айёмро,
То биёбам хешро дар нақши айёми вуҷуд.

Одами одии даврони басо ноодиям,
Аз дилу андешаи ман ҳам гузар дорад замон.
Чашми ӯ чун рентген бинад саропойи маро,
Гар сиҳат бошам, сиҳат бошад замонам бегумон.

Чун ба инсон мекунад кину адоват рӯзгор,
Мешавад давру замон обистани инсони нав.
Сабзаду комил шавад рӯзе чу марди инқилоб,
Ӯ замонро ду дарад бо номи як даврони нав.

Созад аз носозгори давр давронсози нав,
Асрҳову наслҳоро тоза пайванде диҳад.
Ӯ камарбишкастагонро як ба як Рустам кунад,
То замонро қудрату зӯри камарбандӣ диҳад.

---

[1] Ҳарчанд ин шеър дар маҷмӯаи «Санги ман – алмос» омадааст, аммо ман онро солҳои шасти асри гузашта навишта, дар рӯзомае чоп ҳам кунонида будам. Ҳоло бо иловаи байте ба нашр расидааст.

Нашканад то рӯзгоронат ба зери бори хеш,
Шав замонбардӯш, то бошӣ сари дӯши замон.
Бо замонсозӣ насозӣ олами ҷовиди хеш,
Ҳар замонсозе шавад охир фаромӯши замон.

Сар фаро аз нуҳ фалак ҳам боядат афрохтан,
Эй, ки зери чарх помолию гӯё чора нест.
То ҷаҳон боқист бар имрӯзу фардои замин,
Нестем ар мову ту масъул, пас масъул кист?!

## ТУ МАРО, ЭЙ ДИЛ...

Ту маро, эй дил, чӣ савдое ба сар овардаӣ,
Бо туям ҳамдостонӣ сахт меояд гарон.
Лаҳзае хоҳам, ки бошам бе дилу бе дарди дил,
То шавам озод аз савдои хешу дигарон.

Баччаҳои ман, ки хоб астанд, то ҳангоми хоб
Нашнавам ман гиряҳои кӯдаки ҳамсояро.
Киштаҳоям, к-офтобиянду дар нашъунумӯ,
Ман набинам рӯйи зарди сабзаҳои сояро.

Тирамоҳон чун бирезад обҳои сарди хеш
Бар сари долу дарахт аз новадони осмон,
То нагӯям бо ғаму ҳасрат даруни хонаам:
«Чун бувад аҳволи мурғон зери борони хазон?»

Гар ба зери буттае оташ фитад, сӯзад варо,
Хонаеро сел шӯяд, аз чӣ гардӣ беқарор.
Чун кунам, то ту насӯзӣ дар таҳи ҳар буттае,
Чун кунам, то ту набошӣ дар раҳи ҳар селбор.

Гар шавад бо сол камтар тундии эҳсоси ту,
Пас чаро ҳар дам шавӣ ғамхортар, пурбортар.
Чун кунам ман бо туӣ ғамхорае, бечорае,
Балки меросам туӣ ё аз падар, ё аз ҳунар?!

Дар диёри кӯҳсори ман, ки аз рӯзи азал
Ҳар шабу рӯзи Худо се бор меларзад замин,

Хонаи он кас намеларзад, ки меларзад дилаш,
В-арна ин ҷо хонае як дам намепояд яқин.

**ШЕЪРИ ВАТАН**
***Ба ёди Мирзо Турсунзода***

Рӯзи ман сар мешавад ҳар рӯз бо шеъри Ватан,
Шод бодо рӯҳи ту, то нек бошад рӯзи ман.
Мекунад шеъри дилошӯбат маро аз худ бадар,
То ба даҳрам мекунад сад решапайванди дигар.

Як-ду тан дар шеър аз шеъри ту пайғом оваранд,
Як-ду тан дар шеъри ҳассон баъди ту номоваранд.
Дона ҳар соле бирӯяд дар талу дар ёлаҳо,
Шоире аммо нарӯяд тӯли чандинсолаҳо.

Шод мебош, эй Ҳисори шодмон, дар рӯзгор
Бо ғазалҳои равону чашмаҳои кӯҳсор.
Накҳати ашъори Турсунзода дорад шеъри мо,
Сарзамини Тоҷикистон мекунад атри Ҳисор.

Сабз монӣ дар дили деҳ, эй дарахти тозарӯ,
Эй чинор,эй ошёни мурғакони шеъри ӯ.
Гар надорад шоире шаҳболи парвози сухан,
Ошён чун мениҳад ӯ дар баландои Ватан.

Зинда бошӣ, эй Ҳасан, эй ҷӯраи дерини ман,
Бо ароба бигзарӣ гоҳо ту аз мошини ман.
Нестам аз ҳамраҳон гарчи ақибафтодае,
Ё наям аз давру даврон бехабар, ё содае,
Аспи зебои туро бисёр мехоҳад дилам,
Ҳар замоне дар хаёлам коҳад он, коҳад дилам.

Шод бодо рӯҳи ту, эй шоири шеъри замон,
Гарчи н-ояд доимо бе сакта шеъри шоирон,
Сактаҳои ту вале на дар сухан, дар дил буданд,
Эй басо ҳам сактаҳои беамон, қотил буданд.

Мекашид андӯҳу дарде он дили бечораат,
Ту фақат бо он дили ғамхораат, садпораат,
Дил тавонистӣ диҳӣ бар дигарон,

Бо ҳама дарди гарон.

«Ҷони ширин,
Бе ту танҳоӣ кашидам, дарди ман боло гирифт»,
Ман бихонам қиссаи дарди ту, монам дар шигифт.
Қиссаат бо ғуссаи олам биомезад ба ҳам,
Лашкарони неку бад дар он биовезад ба ҳам.

Ҷони ширин, дурии ту захми носури ман аст,
Боз дар дил ғуссаи ёрони раҳдури ман аст.
Дар ҷаҳони бевафое ман вафо кардам ба ту,
Умри ман гар бевафоӣ кард, маъзури ман аст.

Баъди ман фарзандҳою ворисони шеъри ман,
Хоҳам аз Яздонатон умри дарозу пурсамар.
Рафтанам боз омадан дорад ба умри ҷовидон,
Ҳар яке бошед баъди ман ба ҷойи ман падар.

## ДАР ОСОРХОНАИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Ман ба рӯйи ҳавлияш по мениҳам
Чун ба хоки Осиёву Африқо.
Ҳамраҳи размандагони роҳи сулҳ–
Шоирони Африқову Осиё.

Бори ин ду қитъаи шӯридадил
Мефитад гӯё ҳама бар дӯши ман.
Шарфаи бигсастани занҷирҳо
Медиҳад занҷири дар бар гӯши ман.

Ӯ магар пас аз сафарҳои дароз
Соате ин ҷо фароғат карда буд.
Бурда бо худ достони Осиё
Африқоро дар дилаш оварда буд.

Қалби ҳар ду қитъа ин дам метапад
Дар Душанбеи азизи дилбараш.
Шоирони қитъаҳо меоваранд
Қитъа-қитъа дарди худро бар дараш.

Шеър мехонанд бо чандин забон
Шоирони давр аз дарди замон.
Баски фарзи ҳамзабонӣ ҳамдилист,
Гар туӣ ҳамдил, ту ҳастӣ ҳамзабон.

Шеъри ман, овози ман пур мекунад
Лаҳзае ин даргаҳи озодаро.
Бошад оё ки намояд лаҳзае
Шоду розӣ рӯҳи Турсунзодаро.

**ШЕЪРИ САНГАР**

***Ба шоири размандаи Афғонистон***

Шуъла мегирию мегӯйӣ сухан,
Шуълаат гул медиҳад – ишқи Ватан.

Ҳарфи ту сарбози ин шӯру қиём,
Мекашад бебок шамшер аз наём.

Шоирӣ набвад чу шамъе сӯхтан,
Маҳфили парвонае афрӯхтан.

Азми шоир парчаме афрoштан,
Халкро бо хештан бардоштан,

Бар масофе, ки Ватан мақсуди он,
Растан аз зулму шикан мақсуди он.

Шоиро, ин дам замони ҷанги туст,
Дар зафарҳои замон оҳанги туст.

Шуд ҳисори оҳанин шеъри тарат,
Дар ясору дар ямини кишварат.

Шеъри ҳар кас сангару ҳам санги ӯст,
Шеъри ҳар кас нанги ӯву ҷанги ӯст.

Нангаш аз номардуму ноодам аст,
Ҷангаш аз баҳри салоҳи олам аст.

Шеъри ту разме чунон эҷод кард,
Инқилоби даврро бунёд кард.

Ҷумҳурият!

Нест шоирро аз ин
Шеър волотар дар ақсои замин!

**ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**

Нест исме ҷовидону нест ҷисме ҷовидон,
Зери гардун бонишону бенишон миранда аст.
Гар наёбад насли инсон ҷони ҷовид аз сухан,
Ин тани фониву миро беамон миранда аст.

Чун маро ҳам нест имкони ҳаёти ҷовидон,
Мекунам ҷонро фидо бар ҷони ҷовиди сухан.
То забони модариям бонишону зинда аст,
Нест бок аз бенишонии ҳазорон ҳамчу ман.

Ман, ки аз мавҷи равони Сир забон омӯхтам,
Мебарам хулқи варо дар хилқату дар хӯи хеш.
Шеваи мавҷи варо дарё ба дарё мебарам,
То Зарафшон мекунам аз Вахшу аз Омӯи хеш.

Ман зи таърихи башар дарёфтам ин нуктаро:
Гар забони халқ мирад, зинда мирад хосу ом.
Бо забонаш сар шавад таърихи авлоди башар,
Бо заволи вожааш таърихи ӯ гардад тамом.

Душманеро з-ин сабаб гар мақсади мардумкушист,
Мекушад ӯ ҷумла фарзанди забондони варо.
Халқ бе фарзанди гӯё тӯдаи гунгу кар аст,
Медиҳад фарди забондонаш забон ҷони варо.

Аслу буди хешро манзури олам кардааст,
Тоҷики сарводапарвар бо забони модарӣ.
То забонаш зинда бошад боз ҳам садсолаҳо,
Боядаш чун Рӯдакӣ соҳибқирони дигаре.

Асри мо, ин масдари тармимҳо, таъмирҳо
Мекунад вайронаҳои тартро ороста.
Он бувад равшангари аъсору осори қадим,
Мекунад як-як мараммат, он чӣ бошад коста.

Нестам андешаи таълими асри бохирад,
Лек мегӯям барояш аз азал то бар абад:
Нест таъмире кироитар зи таъмири забон,
Нест тақдире гиромитар зи тақдири забон.

Ман намедонам кадом аз пешаҳо волотар аст,
Лек медонам, ҳар инсонро, ки ақле дар сар аст,
Гар ниҳад хиште ба девори баландои сухан,
Мефарозад қомати ҳафтод пушти хештан!

## ТАҚДИРҶУНБОНИ ЗАМИН

Одами кайҳонкушоро дар масири асри бист
Осмон аз ҳад баланду ин замин ҳам сахт нест.
Бо замини нарм аммо ҳар касе сахтӣ кунад,
Ҳеҷ кас дар зери гардун ҳамчу ӯ бадбахт нест.

Мекунад дармони дарди одамизод ин замин
Бо гулу бо обу гил, бо чашмаи ҷӯшони хеш.
Гар дилу ҷони заминро одамӣ захмӣ кунад,
Пас чӣ марҳам мениҳад бар захмҳои ҷони хеш?

Дар замин дармони мо, дар мост дармони замин,
Дар тану ҷонҳо зи дарди бедавое, алҳазар.
Чун ба ҳастӣ муддаои ин замин астем мо,
Дар замин аз зодаи бемуддаое, алҳазар!

Хокро ранги сиёҳ аз дилсиёҳӣ нест, нест,
Пуштаи хоки сияҳ гулҳои рангин оварад.
Одамизоде, ки бошад зодаи меҳри замин,
Аз замин гар бигзарад, аз хештан ҳам бигзарад.

Хонаи одам бувад барҷой аз меҳру вафо,
Гарчи инсон хона месозад зи лою чӯбу санг.
То дилашро мекушояд ӯ ба монанди дараш,
Ин замин бар насли ӯ ҳаргиз нахоҳад гашт танг.

Дар бари сайёраҳои гарму сарди бешумор
Ҳамчу модар яккаву якто ст баҳри одамин.

Дар замин то модаре гаҳвора ҷунбонад ба меҳр,
Зинда бошад ҷовидон тақдирҷунбони Замин.

*   *   *

Гуфта будам ҷавони хушбахтам,
Фоли бахти ҷавон ба номи ман аст.
Хушдилу хушмаошу хушвақтам,
Шаҳду нӯши ҷаҳон ба коми ман аст.

Зиндагонист серу пур акнун,
Хона ободу тан ҳам обод аст.
Сари сабзам ба зери ин гардун
Шояд аз дарду ранҷ озод аст.

Лек дидам, ки хонаи обод
Рамзе аз орзуи ободист.
Метавонам магар ки буд озод,
Ними олам чу зори озодист?!

Бар сари дӯши мост бори гарон,
Навҷавонӣ ба бор зебанда-ст.
Бахти мо қисмат аст бо дигарон,
То даме қисмат аст, поянда-ст.

Навҷавонист толиби майдон
Бо тавону ба нотавонии хеш.
Аз замин по ниҳода бар кайҳон,
Бикушояд раҳи ҷавонии хеш.

Дар дили ӯ шукуфта ахтарҳо,
Дар сари ӯст фикри чархи барин.
Лек рӯзе фурояд ӯ зи само
Ғарқаи нур бар канори замин.

**ТИРАЧАШМЕ БО ЧАРОҒ**

Тирачашме шабона раҳ мебурд,
Дошт фонуси равшане дар даст.

«- Ту, ки зулмат зи нур нашносӣ,
Аз чароғи раҳат чӣ суде ҳаст?»

«- Ин чароғам барои кӯрон нест,
Кӯрҳо бечароғ раҳ бубаранд.
Ин чароғам барои биноҳост,
Ки дар ин шаб ба кӯр барнахуранд».

Асри ман, асри нуру оташхез,
Шабу рӯзат агарчи нурафзост,
Чашми равшаншинос бисёр аст,
Дили равшанҷиёс кампайдост.

Сар ба сар бархуранд рӯзона
Гӯиё мардумони равшанбин.
Ҳосил аз офтоби тобон чист,
Нест равшан гар офтоби ҷабин?

Ин ҳама панду ҳикмат асрор аст
Андар ин рӯзгори бепоён.
Тирачашмон чароғҳо доранд
Рӯзи равшан ба роҳи биноён.

Асри ман, асри равшаноиҳо,
Аз сари равшанат умедам ҳаст
В-арна бояд равем мо шабу рӯз
Ҳама фонуси раҳнамо дар даст…

## АЗ ТАЗОДИ ЗИНДАГӢ…

Аз тазоди зиндагию одамӣ ҳайрон машав,
К-одамӣ як рӯй дорад, зиндагӣ садрӯ бувад.
Одами якрӯяро сахт аст гаҳ якрӯягӣ,
Зиндагӣ садрӯя асту довари некӯ бувад.

Гарчи инсон хокро зар мекунад дар зиндагӣ,
Лек натвонад шиносад гоҳ мисро аз зараш.
Зиндагӣ ҳам бо ҳама одамшиносиҳои хеш
Мешиносад қадри одамро басе баъд аз сараш.

Зумрае аз худпарастию зи ақли мухтасар

Ноз бар гардун кунад, гарчи бувад хоки замин.
Гар бувад болонишиниҳо ба меъёри ҳунар,
Эй басо болонишине мешавад поённишин.

Қадри зар заргар бидонад, қадри гавҳар гавҳарӣ,
Кош қадри зар нагардад паст назди заргарон.
Сарҳисоби кори ин дунё чу дар дастони туст,
Сарҳисоби худ маҷӯ ҳаргиз ба ақли дигарон.

Кунҷи узлат ҳеҷ гаҳ комил насозад мардро,
Рав ба дунё, то шавӣ як рӯз дунёи дигар.
Моҳи нав дорад агарчи ошён дар осмон,
То шавад комил, бувад дар осмонҳо дар сафар.

Дар мадори зиндагонӣ бемадор астӣ агар,
Зуд бошад, к-он туро аз хештан дур афканад.
Нест гар сарсабзии ту решапайванди замин,
Тундбоди ҳодиса аз беху бунёдат канад.

Осмонро беҳавас аз остон дидан хатост,
К-аз азал ҳар остонеро ишқи осмон.
Сайри гардун гарчи хоҳад боли парвози баланд,
Раҳрави пурдил ҳам охир мерасад бар Каҳкашон.

* * *

Дунё даме якранг нест
Дар ҳини якрангии хеш.
Ором ҳатто санг нест
Дар пинаки сангии хеш.

Гул медамад моҳи ҳамал
Сабзу кабуд аз пушти санг.
Сангат чаро андар бағал,
Чун дил тапад дар мушти санг.

Дар осмон он сон шавад
Абри гузар шайдои гул,
К-аз ҳоли худ гирён шавад,
Борон шавад дар пои гул.

Имрӯз агар дар кӯйи ёр
Ҷонбозие ёрои туст,
Темор аз дунё барор,
К-ин давлати дунёи туст.

Сар то қадам гул мекунад
Чун арғувон болои ёр,

Дар сина дил гум мезанад,
Ҷон мекунад худро нисор.

Ҳар лаҳза як сӯзи наве
Аз ёр бошад дар ҷигар,
То ошиқи ёре шавӣ,
Бо дидаи ошиқ нигар.

Дунёю дунёхор чист,
Дар гирди ин бояд нагашт.
Ҳар дам ғанимат зиндагист,
Аз бешу кам бояд гузашт.

Яктои мо чандин сад аст,
Бошад зи ишқ ар гуфтугӯй.
Худёбият гар мақсад аст,
Дунё бимон, дилро биҷӯй!

## КИШТИ ТАҚДИР

Заминро барзгар танҳо барои худ намекорад,
Барои хештан танҳо намеафшонад ӯ дона.
Агарчи чоши гандум ҳосили ранҷу азоби ӯст,
Дар он хирман вале бошад насиби хешу бегона.

Агар марде зи кӯҳистон ба саҳро мекашад ҷӯе,
Намегӯяд, фақат з-он ҷӯй кишти ман шавад шодоб.
Чу бинад киштаи ҳамсоя мехушкад зи беобӣ,
Дилаш гӯё шавад обу ба чашмаш шаб наояд хоб.

Магар пире ба ин уммед боғе сабз месозад,
Ки бори нахли сарсабзаш фақат дар коми ӯ бошад.
Магар танҳо барои хештан май мекашад марде,
Ки дар рӯзи тараб танҳо лаболаб ҷоми ӯ бошад.

Магар танҳо барои хештан кас хона месозад,
Ки дар он дигаре ҳаргиз наёбад ғайри ӯ манзил.
Ғами худ ҳаст ҳар касро, вале танҳо на баҳри хеш
Занад дил дар ҳарими синаи ҳар марди соҳибдил.

Ҳазорон сол пеш аз ман дили Ҳомер дар Юнон
Даруни синааш танҳо барои хештан мезад?
Магар он рӯз Фирдавсӣ халоси хештан меҷуст,
Ки бо гурзи Фаридунаш ба фарқи Аҳриман мезад?

Чу ёдам мерасад аз тангии Юмгон, ғами Носир,
Фарохиҳои ин дунё маро бас танг меояд.
Чу мебинам Ҳилолиро ба рӯяш ҷӯйи хун ҷорист,
Маро аз асли яздонии инсон нанг меояд…

Чу бо оби ҷабини хеш мекорам замини хеш,
Ба дунё ҳар чӣ дорам ман, аз ин оби ҷабин дорам.
Агар аз киштаҳои худ ба кас нон метавонам дод,
Бақои ҷовидоне дар Замону дар Замин дорам.

## ТУТЗОРИ АЗИМ

***Дар аввалҳои асри бист дар доманаи кӯҳи Сорбоғи Раштонзамин Азим-девона ном шахс тутзори бузурге бунёд кардааст, ки ҳоло ҳам сабз аст.***

Самои Сорбоғ аз бедимоғӣ
Сарашро монда буд бар шонаи кӯҳ.
Агар бори само бар дӯши кух буд,
Ба дӯши мардумаш буд бори андӯҳ.

Садои асри нав меомад аз дур,
Валекин хоби кӯҳистон гарон буд.
Ба гӯши дарраҳояш пунбаи абр,
Ба гӯши мардумаш бонги азон буд.

Дар ин деҳ лоғару танҳову бекас
Ҷавонмарде, Азими бенаво буд.
Зи бас савдои дунёе набудаш,
Ба чашми халқ савдоинамо буд.

Зи домони дара бар домани кӯҳ
Ба пушташ мекашонид об дар машк.
Ту гӯйӣ, оби машкаш ашки ӯ буд,
Вале буд чашмаи оби ҷигар хушк.

Ба ҷӯйи ҷони ӯ намро надидӣ,
Танаш хушкида буду чеҳрааш зард.
Ниҳоли тутро парварда дар санг,
Дарахти ҷони худро сабз мекард.

Хумори ишқу савдо мегирифташ,

Ниҳоли сабзро оғӯш мекард.
Даме аз ларзаҳои шохаву барг
Тапиданҳои дилро гӯш мекард.

Муқимӣ буд ё омад,[2] чӣ фарқест,
Магар аз гӯшт нохун метавон канд,
Ки дар хоки ғарибӣ хешро кард
Ба бехи тутҳояш решапайванд.

Набуд ному насабҳои баландаш,
Вале номаш ба беномӣ нашуд гум.
Аз ӯ дар домани кӯҳи баланде
Бувад мерос боғе баҳри мардум.

Дили шӯридаро обу адо кард,
Ки охир Сорбоғашро кунад боғ,
Вай инро чун дуо такрор мекард:
Зи неке боғ монад, аз баде доғ.

Ба он бегона ҳасрат мебарам ман,
Зиҳӣ ин сон ғарибӣ, эй ватандор!
«Вафо аз одами девона хезад»,
Зиҳӣ девонагӣ, эй марди ҳушёр!

## ТО НАФАС БОҚИСТ МОРО...

То нафас боқист моро, ҳамнафас хоҳем буд,
То шавад маҳҷурро кам дарди ҳиҷрон як нафас.
Зиндае дар хотири хотирнигаҳдорем мо,
То даме бошем хотирбину хотирҷӯйи кас.

Сабз гардад даштҳо аз чашмаи дилҳои мо,
Гар бувад аз ташнагии ташна серобе хиҷил.
Ташнаеро об додан баски мебошад савоб,
Ташнагии ташнагонро бишканам бо оби дил.

---

[2] омад – тахҷой набуда.

Хони мо пурнеъмату ноз аст чун хони Замин,
То насибу рӯзии насли Замин дар хони мост.
Мо зи ғамҳои алими беғамиҳо эминем,
То ғаму андӯҳи ғампарвардае дар ҷони мост.

Дасти мо кӯтоҳ не, чун кӯтаҳ аст аз қасди бад,
Гӯш кар не, нашнавад гар ғийбати ноҷои кас.
Чашмбиноем, агар бинем неки дигарон,
Кӯр бошад, он, ки бошад кӯри худ, бинои кас.

**БАЛАНДӢ**

Магар донам, ки пинҳон аз назарҳо
Таги ҳар санги куҳ сад рамзу панд аст.
Чу фотеҳ сар кашам аз теғаи кӯҳ,
Баландии дигар аз ман баланд аст.

Насиме чун диҳад пайғом аз субҳ,
Занад мурғе садо аз тӯсзорон,
Як овозе ҳазор овоз гардад
Дар оне дар миёни кӯҳсорон.

Чу хуршед аз назарҳо мешавад дур,
Бигӯйӣ мебарад абре фурӯяш.
Валекин теғи барқе медарад абр,
Шамоле мебарад сӯе ба сӯяш.

Яқин донам, ки гардунҳои беабр
Набошад ҳамшумори беғуборӣ.
Чӣ суде аз баландии куҳистон,
Агар худ рӯҳи волое надорӣ.

Яқин донам, ки чашми сар наёбад
Ниҳону ошкори санги раҳро.
Ба тори қуллаҳо кай мерасӣ ту,
Агар фотеҳ наӣ дар дашту саҳро.

Ба пойи кӯҳсор афтода гӯям,
Ба ман бикшой асрори ниҳонро,

Ки дар рӯйи замин инсони хокӣ
Баландӣ чун физояд осмонро?!

## САНГҲОИ ГИРЁН

Ҳамраҳи раҳ ба кӯҳ печидем,
Пушти сар монд дашти бирёне.
Дар бари кӯҳпорае дидем
Тӯдаи сангҳои гирёне.

Сангҳоро ба ашк тар карда
Чашмаи софи синаи кӯҳсор,
Сангҳоро ба гиря оварда,
Чашми чашма гириста аз ғам зор.

Духтари раҳнамои айнакдор
Қиссаи сангҳо ҳикоят кард.
Бори кӯҳе ба дӯши мо шуд бор,
Дарди деринаро ба рӯ овард.

Як замон ҳосидони кӯҳистон,
Тӯдаи барбарии саҳрогард,
Ташнаи молу ҷони кӯҳистон
Ба сари кӯҳсор ҷанг овард.

Хост бо подаҳои худ бичарад
Дар чаманҳою дар гулистонаш,
Дар канор оварад, каниз барад
Гулбаданҳои норпистонаш.

Гарчи авлоди регҳои равон
Ҷуз хазидан надошт қисмат беш,
Сари дӯши баланди кӯҳистон
Хост бошад баландтар аз хеш.

Сарбаландӣ туро чу армон аст,
Дар баландӣ таваллудат бояд.
Расми олам ҳамеша ин сон аст,
Хилқати паст паст мезояд.

Сар ба сар хест ҷумла пиру ҷавон,
Рустаме хест аз буни ҳар санг,

Хест баҳри набард кӯҳистон,
Хест аз кӯҳу рӯҳ ин оҳанг:

Зодаи кӯҳсор ҷанг орад,
Сари душман ба зери санг орад,
Ё сараш зери санг бигзорад,
Ӯ магар бори нанг бардорад?!

Писарон рафта арсаи пайкор,
Модарон монда пурғаму танҳо,
Санги гирён шуданд зору низор
Субҳ то шом аз гиристанҳо.

Гуфт духтар: «Ба ҳар кӣ мегӯям,
Дилам аз дарди қисса мегирад».
Дилгарон бингарам ба паҳлуям,
Як зани солхӯрда мегиряд.

Мечакад қатраҳои хуни ҷигар
Аз рухи пири заъфаронияш.
Мекашад нолаҳои дардовар
Аз ғами талхи зиндагонияш.

Рӯзи майдон, азиз фарзандаш,
Рафтаву барнагашта то ба ҳанӯз,
Ӯ ҳам андар раҳи ҷигарбандаш
Санги гирён зи ғам шавад як рӯз...

Ғарқаи ашкҳои сӯзонанд,
Тӯдаи сангҳои барҷое.
Сангҳо модарони гирёнанд,
Сангҳо модарони раҳпое.

## НОМБАРДОРИ ВАТАН

Чу мегуфтанд, ёрон, дар сафарҳо,
Ки куҳсори диёри ту баланд аст,
Ба назди қуллаҳои сарбаландаш
Баландиҳои гардун нописанд аст.

Сарам бар осмон месуд аз фахр,
Ки моро ҳамчу худ боло барад кӯҳ.
Агар пастӣ надорад асли инсон,

Варо рӯҳи баланде парварад кӯҳ.

Ба ҳангоми сафар, ман нимрӯзӣ,
Гузаштам аз мазори як деҳи рус.
Нигаҳ медошт онро мардуми деҳ
Муқаддас чун шараф, чун нангу номус.

Бихондам лавҳаҳои содаеро,
Ки буд он ҷо мазори партизанҳо.
Зи кӯҳистони ман, дур аз бари кӯҳ
Шаҳиди навҷавоне хуфта он ҷо.

Агарчи рехт ӯро, дур аз ин деҳ,
Ба хоки кӯҳсорон хуни нофаш.
Дар ин ҷо аз сари мардонагӣ рехт
Ба пойи як санавбар хуни софаш.

Бидидам дар сари он пуштаи сабз
Ватанро, номбардори ватанро.
Ба зери он мазори хоксоре
Баландиҳои кухсори ватанро.

* * *

Шаҳидони ҷавони бистсола,
Зи худ растеду аз мурдан нарастед.
Чу модарҳоятон ҳастанд зинда,
Шумо дар қалби онон зинда ҳастед.

Ҳанӯз ин модарони чашма дар чашм
Ба ёди баччаҳошон ашк боранд.
Сияҳхатро агарчи муҳру имзост,
Вале бар ними хат бовар надоранд.

«…Бишуд дар ҷангҳои ҳифзи кишвар
Ба марги қаҳрамонона ҳалок ӯ...».
Бале, ӯ қаҳрамон бояд ки бошад,
Валекин нест ҳаргиз зери хок ӯ.

Ба дунё омада рӯзе надидаст,
Зи сад гул як гулаш буд ношукуфта.

Ба зери ток хуфтан дӯст медошт,
Магар акнун ба зери хок хуфта?!

Ба рӯйи оламаш оварда будам,
Ба роҳи охирам бояд ки мебурд.
Ба хоке модаре ҳаргиз наосуд,
Ки фарзандаш варо бар хок наспурд.

Пайи ҳам бигзаранд ин модарон ҳам
Кунун бо дод аз бедоди дунё.
Ба болошон кашӣ ҳам хоки олам,
Бимонад дасташон аз хок боло.

Шаҳидони ҷавони бистсола,
Ки модарҳоятон миранд дилреш,
Вале уммеди баргашти шуморо
Аз ин дунё намегиранд бо хеш.

## МУРҒАКОНИ САФАРӢ

Абр хиргаҳ бизанад бар гардун,
Осмон паст фурояд ба замин.
Мурғакони сафарӣ бол зананд
Сӯйи ховар ба навоҳои ҳазин.

Ба замин аз пару боли мурғон
Гарди борони хазон мерезад.
Ҳар замон аз пайи мурғони ҳаво
Аз дилам савти ҳазин мехезад.

Мурғакони сафарӣ вақти ғуруб
Сӯйи иқлими дигар, боғи дигар
Гӯйи аз синаи ман мехезанд,
Бираванд аз дили зорам ба сафар.

Шомгаҳ ё саҳаре чун бирасанд
Ба диёри дигари тозабаҳор.
Бирасад бӯйи биҳишт аз ҳама ҷо,
Булбулон масти наво дар гулзор.

Мурғакони ватанам лек он ҷо

Хонишу чаҳ-чаҳу ово накунанд.
Дар диёри дигарон ҳеҷ гаҳе
Чӯҷаю лонаю маъво накунанд.

Села бо села ҷудо мегарданд
Аз дигар селаи мурғон ба канор.
Ҳар шабу рӯз дар он кишвари дур
Зинда доранд ба дил меҳри диёр.

Сардии рӯзи зимистон гузарад,
Бивазад боди баҳорон ба чаман,
Аз ҳамон дурии дурӣ шунаванд
Мурғакон бӯйи баҳорони ватан.

Ҳама парвозкунон сӯйи диёр
Боз аз қуллаю дарё гузаранд.
Аз сари қуллаю дарё гузарон –
Мурғакон аз сари дунё гузаранд.

Гузаранд аз сари дунёю даме
Нагзаранд аз ватану меҳри диёр.
Мурғакони сафарӣ бол зананд,
Ба раҳи омадашон чашмам чор.

## УҚОБ

Мекушоям болҳои хешро,
Давр дар чархи мудаввар мезанам.
Чун манам аз доначинӣ бениёз
Дар фарози осмон пар мезанам.

Авҷ мегирам чу дар парвозҳо,
То ба авҷи чарх месояд сарам.
Лек мегӯям зи сайёди қазо,
Ҷони худро чун саломат мебарам?!

Нестам аз мурғҳои хонагӣ,
То кунам уммеди меҳри мурғбон.
Кас парастори ман ин ҷо нест, нест,
З-ин ҳама аҳли замину осмон.

Дар зимистон мурғҳои хоназод
Дар катакҳо гарм мехобанду сер.
Маст мегарданду кур-кур мекунанд,
Дар катакҳоянд нотарсу далер.

Ҷонашон дар хона эмин аз балост,
Ҷони ман аммост дар хавфу хатар.
Дар само дар чашми сайёдам, вале
Кай тавонам рафт дар зову камар?!

Рӯзу рӯзии ман аз парвозҳост,
Медиҳам шояд, ки дар парвоз ҷон.
Он касе ин бахт медонад, ки чист,
Зистан дар остон ё осмон.

То замоне зиндаам, чархи кабуд
Мефазояд ҷони болафшони ман.
Гарчи рӯзе мехурад бар санги кӯҳ
Осмон дар шишаи чашмони ман.

**ШИТОБ**

Рӯзҳо бошитоб мегузаранд,
Бо гуноҳу савоб мегузаранд.
Мо ҳама дар ҳисоби насяву нақд,
Рӯзҳо беҳисоб мегузаранд.

Мешитобем, то ба кас бирасем,
Бехабар з-он ки худ чӣ гуна касем.
Саргарон дар талоши дунёем,
Худ ба дунё валек як нафасем.

Мо саросемаему дил шиканем,
Ҷони худ дар азобҳо фиканем.
Эй басо бошитоб дил баста,
Эй басо бошитоб дил биканем.

Тифли уммед бе падар монад,
Чун ятиме ба пушти дар монад.
Синаро боди сарсаре рӯбад,
Пас шитоби ту беасар монад.

Эй шитобии бесару сомон,
Бин, сари роҳ тифл мемӯяд,
Модараш дар шитоб гум кардаст,
Модарашро ба гиря меҷӯяд.

Лаҳзае, лаҳзае макун ту шитоб,
То насозӣ бинои хеш хароб.
Худ, ки ҳоло нагаштаӣ гумном,
Бираву тифли хешро дарёб!

* * *

Ҳар саҳар хуршеди дунёдидаи деринарӯз
Ҳамчу навдомоди ҳаждаҳсола механдад ба ман,
Гӯиё гӯяд зи ман омӯз ҳар субҳе ту ҳам
Тозатар гаштан зи хешу тозатар афрӯхтан.

Мерасад чун ҳар дарахте аз зимистон бар баҳор,
Ҳамчу духтар бишкуфад аз бӯсаҳои офтоб.
Дар танаш нақши мудаввар мениҳад ҳар соли умр,
Метавонӣ кард аз он ту соли умрашро ҳисоб.

Решаи имрӯзи ман рафтаст дар хоки куҳан,
Лек аз ин пайвастагӣ фардо чӣ ояд ҳосилам.
Чун баҳору тирамоҳон аз сари ман бигзаранд,
Монда нақши хешро ё дар гилам, ё дар дилам.

Бингарам бар рӯзгорону наёбам, к-ин замон
То куҷо дирӯзиву имрӯзиву фардоиям.
Пойбасти хонаам аз аҳди Овасто бувад,
Дар миёни асри хеш онҷоиям, инҷоиям?

Бо навою нағмаи ҷаз, бо ҳавои эстрад
Менамоям дар кафею рестаранҳо ҷастухез,
Лек дар қаъри дилам савту навои «Шашмақом»
Ҳамчу рӯди ҷорӣ аз зери замин ҷорист низ.

Духтарони ҷинсипӯши зулф болои ҷабин
Чун камар бо ноз ҷунбонанд, дил шайдо шавад.
Лаҳзае пӯшам ду чашми хешро пеши назар
Ёсаминбарге зи шеъри Рӯдакӣ пайдо шавад.

Ҳар гаҳе бо дӯстон ҷоми мае гирам ба шавқ

Гӯиё ҳамрози Ҷамшедам, ба дастам Ҷоми Ҷам.
Чун ба ин давлат тавонам бандаи ёре шавам,
Бандагиҳои ман аз шоҳаншаҳӣ ҳам нест кам!

* * *

Гар фитад сояи замин бар моҳ,
Лаҳзае моҳтоб месӯзад.
Сояи маҳ ба офтоб афтад,
Чеҳраи офтоб месӯзад.

Гар бимонад ниҳол дар соя
Заъфаронӣ шавад, самар накунад.
Гули садбарг мешавад якмарг,
Офтобаш агар назар накунад.

Зери хуршед сояе доранд
Ҳама чизе ба хоку дар афлок.
Як худи офтоб бесоя-ст,
Манбаи бефанои шӯълаи пок.

Чун ба хуршеду моҳ андешам,
Кори маҳ дар тааҷҷубам созад,
Шӯъла аз офтоб бигрифта,
Соя бар офтоб андозад.

## ПИРИ КАЙҲОНКУШО

***Ба Тсиолковский***

Бо ҳазорон чашми ахтар кард пири дидавар
Ҳар шабе бар осмону бар замин, бар худ назар,
То чу аз ақли амиқе ё зи эҳсоси баланд
Ин заминро хонд ӯ гаҳвораи насли башар.

Он, ки медид осмонро бо нигоҳи шӯълавар,
Будаш аз вазъи Замин, аз вусъати инсон хабар.
Ё ки ӯ шаҳроҳи инсонро зи кайҳон ҷуста буд,
То шавад ин хоксори раҳгузар кайҳонгузар.

Шаб ба шаб мехонд инсонро ба сӯйи Каҳкашон,
То барад аз ёди ӯ ҳам ҷанг, ҳам тиру камон.
Сабзаҳои ин заминро ғарқаи хун дида буд,
Сӯз бар дил дошт баҳри сабзаҳои осмон.

Гарчи гӯшаш ҳеҷ нашнидӣ нидоҳои замин[3],
Дар замин бишнид ӯ ҷунбидани чархи барин.
Дар раҳи гардун мубарро буд бояд аз гуноҳ,
Осмон то бошад эмин аз балоҳои замин.

Эй ту, инсони фалакрав, додҷӯю додхоҳ,
Додбахшӣ кард бояд бесилоҳу бесипоҳ.
Ё магар шабҳои худро кардаӣ равшан чу рӯз,
То кунӣ имрӯз рӯзи равшани худро сиёҳ.

Чун нигоҳи пири кайҳон бар маҳу истора шуд,
Ин заминаш бештар ҳам соҳати наззора шуд.
Осмонро кашф кард ӯ аз барои ин замин,
Ончунон кашфе, ки худ сайёраи сайёра шуд.

## АРОБАИ КӮҲНА

Ҳамчу бори куҳан ба пуштаи деҳ
Мондааст ин аробаи вайрон.
Чархҳояш ба хок рафта фурӯ,
Соғу афтода як тараф ҳайрон.

Тахтаҳои нагуну бишкаста
Дар таҳи шӯраҳо забун монда,
Сари шоту шикаста дар хок аст,
Дасти аз хокдон бурун монда.

Рафта аз хотири аробакашон,
Гашта асбоби бозии тифлон.
Бо ҳаёҳу давида дар гирдаш
Ба замин меҷаҳанд аз сари он.

Рӯзҳои дароз бо шодӣ
Бачаҳо бо ароба машғуланд.
Шаб расад, дар хаёл меафтад,

[3] Тсиолковский аз 14-солагӣ маҳруми шунавоӣ шуда буд.

Мешавад он ба лойи часпак банд.

Роҳҳои дароз ёд оянд,
Аспҳои давони ёлафшон.
Ёд ояд нақораи сумҳо,
Зери лаб хондани аробакашон.

Хоҳад аз ҷой барканад, бидавад,
Лойи раҳро кунад пароканда.
Лек ку, аспи роҳворе, ку,
Тир бишкаста, чарххо канда…

Ман чу мошинсавор меоям,
Мекашам ин аробаро дар ёд.
Чарххои шикастааш хомӯш
Мекунад дар ниҳоди ман фарёд.

* * *

Найсаворем ба мисли кӯдак
Андар ин размгаҳи шеъру сухан.
Найи худ Рахши дамон пиндорем,
Вой бар шеъру сухан,
вой ба ман!

Аспрезе набувад чун моро
Ҷуз дили тангу ҳавасҳои париш,
Навҳаю нолакунон менозем
Бо ғаму ғуссаи тифлонаи хеш.

Дар пайи ёр сарандозӣ ҳам
Он қадар машғалаи бозӣ нест.
Набувад ор сарандозии мо,
Гар сарандозии мо сарбозист.

Офарин бод ба соҳибсухане,
Ки ба хун мисрааш оғушта шавад,
Дар пайи ишқ чу дар пойи Ватан
Юсуфивор агар кушта шавад.

Накунам бовари маҷнунии дил,
Накунад гарки биёбонмаргаш.

Гар натаркад дили ошиқ, чӣ дил аст,
Чун кунад ёри ягона таркаш.

Ин ҳавасбозии тифлона бас аст
В-он ҳама нолаи бехуни ҷигар.
Набвад ар куштаи Рустам Сӯҳроб,
Накунад нолаи Таҳмина асар.

## ТИФЛ МЕРӮЯД…

Тифл мерӯяд зи раҳми модараш,
Мекашад модар чу дунё дар бараш.
Баъд инсон хешро меофарад
Борҳо бо ранҷ дар умри сараш.

Менавозад хокро ҳар деҳқон,
К-ӯ ҳаёти тоза меёбад аз он.
Дигар аз кайҳонкушоӣ чашми хеш
Мекушояд бар замину осмон.

Ростии қомати деворҳо
Рост дорад қомати меъморро.
Зиндагии тоза мебахшад шабе
Мисраи тар шоири бедорро.

То шавад ҳар одамизод одаме,
Бояд аз худ сохт одам ҳар даме.
Хешро аз нав бубояд офарид
Ё зи шодӣ, ё ки аз дарду ғаме!

## РУҶӮИ СЕВАК

***Навиштае ба зери сурати рассоми арман Мартирос Сарян ва Паруйр Севак, ки дар он шоир дасти рассоми 90-соларо бо эҳтиром мебӯсад.***

Магар гулҳо ба рӯйи бому дарҳо
Барои хотири булбул шукуфта.
Ба девору ба гулдону ба саҳро
Надонам доғи ту ё гул шукуфта.

Гули рухсораҳо дар расми ту беш
Зи гулҳои гулистон дилрабоянд.
Ва ё гулҳо зи хандоханди лабҳо
Сари шохи дарахтон мекушоянд?

Магар дунё ба чашмони ту боғ аст,
Ки сар то сар кунӣ гулофаринӣ
Ва ё гулҳои ту гулҳои доғ аст?
Ба пирӣ дарду доғеро набинӣ!

Агарчи расмҳоят сӯхт дар об,[4]
Зи нав тасвир кардӣ сурати мо.
Туро бинему мо худро шиносем,
Кашӣ дар сурати мо сирати мо.

Зи амри осмонҳо сар кашам ман,
Ки шоирвор бар гардун кашам сар.
Само фармоядам гар дастбӯсӣ,
Набӯсам даст, ҷуз дасти ҳунарвар!

* * *

Дар миёни неку бад марди ҳунар
Ҳар қадар бо ҷони худ бозӣ кунад,
Қотилаш набвад ҷуз истеъдоди ӯ,
Ӯ вале бо қотилаш нозе кунад.

Парварад онро ба ҷони хештан,
Хешро созад фидои санъаташ.
Пас чаро ҳар беҳунар дар қасди ӯст,
Ӯ, ки худ мирад барои санъаташ.

Беҳунарро нест раҳми пурҳунар,
Чун ҳунар бар ҷони ӯ նаштар занад.
Гар замонро зери фармон оварад,
Ҷумлаи соҳибҳунарро сар занад.

---

[4] Соли 1928 дар Порис намоиши расмҳои Сарян барпо мешавад ва ҳангоми сӯхтор дар киштӣ ҳамаи он расмҳо нобуд мешаванд.

Зинда бошӣ, эй рақиби пурҳунар,
Зинда бошад то ба ту марди сухан.
Баски ҳаргиз ҳамқирони хешро
Аз пасаш ту корд натвонӣ задан.

*   *   *

Эй раҳгузар, як дам биист,
Бар рӯйи ӯ бинмо назар.
Ҳоло, ки мебинӣ варо,
Дигар дучор ойӣ магар?

Биштоб ту, биштоб ту,
Дар чашми ӯ худро шинос.
Бин, эй басо меҳре дар ӯст,
Ӯ нест ҳаргиз ношинос.

Дар шӯълаи чашмаш бубин
Ту шӯълаи чашмони хеш.
Дар дидаи равшан биҷӯ
Ту равшании ҷони хеш.

Эй раҳгузар, беғам марав,
Бе ӯ ба ту ғам мерасад.
Кай мерасад кӯҳе ба кӯҳ,
Одам ба одам мерасад.

*   *   *

Агар як шоири бодафтаре буд,
Ҳазоронро набуд девону дафтар.
Намонда байте аз онон нишона
На дар тоқу равоқу санги мармар.

Нишаста дар лаби рӯди равоне
Суханро ҳамчу зар шустанду рафтанд.
Дубайтиро чу хирман бод карданд,
Ғазалҳоро ба оби ҷӯй гуфтанд.

Ба рӯйи дафтарам маштоб, хома,
Макун дар бегуноҳӣ пургуноҳам.
Равад ҳарфи хато дар дафтари шеър,
Кунад барги сафедаш рӯсиёҳам.

**МАРДЕ АЗ БАЛКОН...**

Марде аз балкон саҳарҳо мекунад фарёд,
Марде аз балкон писарро мекунад фарёд.
Ӯ басо маъюсу маҳзун мекунад фарёд,
Як вуҷуди решу дилхун мекунад фарёд.

Мешавад дар шаҳри сангин пахш овозаш,
Хонаҳою кӯчаҳои сангӣ аммо нашнавад розаш.
Бачааш дар кӯча бозӣ мекунад дилшод,
Ӯ падарро нашнавад, –
Ӯ нашнавад фарёд.

Мерасад ҳар дам ба гӯши ҷонам ин овоз,
Бигзарад ҳар бор аз сутхонам ин овоз.
Мо ба ӯ ҳамсояву ҳамҷон шавем акнун,
Мо ба дарди ҳамдигар дармон шавем акнун.

Ӯ вале танҳост,
Биншинад тани танҳо,
Рӯйи ҳавлӣ дуртар аз суҳбати занҳо.
Гӯиё мегӯяд ӯ дилгир:
Ҳамсари ман нестед,
охир,
Рӯзи сахтам дар сари ман нестед,
охир.

Бар ҳаво сар медиҳад ӯ дуди сигораш,
Ҳамчунон дарду ғубори ҷони афгораш.
Дуд гирдаш ҳалқа андар ҳалқа мепечад,
Гардани хамгаштааш бар ҳалқа мепечад.

Кас намедонад чаро рафта зани ин мард,
Дар сари пирӣ насибаш шуд
чаро ин дард…

Мерасад дар гӯши ман шому саҳар фарёд,
Мекашад ҳамсояи пиронасар фарёд-
Кӯдакашро мекунад ӯ аз ҷигар фарёд.

Дарди ҷони ӯ ба ин овоз омезад,
Аз забонаш гарчи як фарёд мехезад-
Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,
Ҳам писарро,
Ҳам занашро,
Ҳам худашро ӯ.

## МАСХАРАБОЗ

Хуб донам, ки ба даври айём
На ба ҳар тоифа ҳайкал созанд.
Лек бояд, ки ба иззу икром
Ҳайкали масхарабоз афрозанд.

Оқибат пайкара бояд афрошт
Ба ҳамон масхарабози айёр,
Ки вай аз ҷони худ андеша надошт,
Зада писханд ба аҳли дарбор.

«– Шоҳи ман, ҳеҷ шунидӣ гапи рост,
Ки шуд аз бенамакӣ санг намак?
Андар ин маҳфили мо бекаму кост
Хар шуд аз беамакӣ ҷойи амак».

«– Як шабе карда либосаш тағйир
Мири ман рафт ба шаҳр аз дарбор.
Лек бишнохт варо шаҳнаи пир,
Дуздро дузд шиносад шаби тор».

«– Ҳокими шаҳр аҷаб марде буд,
Пилтан, говҷигар, шери жаён.
Писараш лек ба андому намуд
Аз чӣ бо шоҳ чу себи дукафон?»

«– Ман ба соҳибкулаҳе додам панд:
Сар чӣ даркор, чу соҳибкулаҳӣ.
Каллаи бекулаҳаш ёфтаанд
Пас ба пушти ҳарами подшаҳӣ…»

«– Аҷабо, давраи каҷ дору марез,
Ин ҳама ростталаб каҷнигаҳанд.
Каҷдилу каҷраву каҷшин, каҷхез
Ҳар куҷо бинӣ агар, каҷкулаҳанд».

З-аҳли дарбор намехост касе
Ҳеҷ сар бар сари девона задан.
Бас намекард вале ӯ нафасе
Аз таги шонаи худ фона задан.

Гарчи ӯ бо ҳама аҳли дарбор
Боиси дилхушию ханда нишаст,
Байни аъёни ҳақиқатбезор
Аз ҳақиқат даҳани хеш набаст.

Ҳар гаҳе кори ҷаҳон носара буд,
Бурда буд масхараро рӯйи ниёз.
Дар замоне, ки ҳама масхара буд,
Дошт бозӣ ба сараш масхарабоз.

* * *

Шохе шикаста дар боғ аз бод,
Аз боғбонаш меҷӯяд имдод,
Аз шохи умре меоядам ёд,
Магзар аз ин сӯ, эй бод, эй бод!

Барқе намояд гардун шарарбор,
Ларзад саропо бар худ сафедор.
Дар баргҳои ин барқгардон,
Ларзидани ҷон бинед, зинҳор!

Бинӣ, ки даште хушкида бе об,
Шабҳо нигоҳаш бар ҷӯйи маҳтоб,
Бар дашти хушки армонии об,
Эй абри борон, биштоб, биштоб!

Харсангҳои дар тарма хуфта
Аз боду борон гул-гул шукуфта,
Нашкуфт агарки гулҳои бустон,
Садҳо дареғи ин ғунчахуспон.

Гар сард созад об оташеро,
Оташ қавӣ бод озарвашеро.
Ғамкаш бипурсад аҳволи хушдил,
Хушдил бипурсад дил ғамкашеро?

## АКСИ САДО

Дар хамӯшии деҳи орому сабз,
Дур аз ғавғои шаҳри пурмағал,
Мекунам якчанд рӯзе зиндагӣ
Беталошу баҳсу беҷангу ҷадал.

Субҳ бедорам намесозад зи хоб
Ғурраси мошинаҳои раҳгузар.
Хондани бедонаю бонги хурӯс
Медиҳанд ин ҷой пайғоми саҳар.

Аз фараҳ лабрез мегардад дилам,
Дона мепошам ба кафтарҳои деҳ.
Дар сари пайроҳа месозам нигоҳ
Бо харидорӣ ба духтарҳои деҳ.

Шеър мегӯям ба оҳанги насим,
Мекунам бар қумриён тақлидҳо.
Ҳамчу ин мурғон маро ҳам нест кор
Ҳеҷ бар таҳсину бар танқидҳо.

Чанд рӯзе гӯиё аҳли деҳам,
Ман зи шаҳри пурмағал бигрехта.
Лек занҷири дарозе гӯиё
Мебарам дар пойи худ овехта.

Ман намедонам, ки он занҷир чист
Дарди ман ё кини ман, ё меҳри ман.
Лек бардорам қалам, акси садош

Мерасад дар шеъри ман аз ҳар сухан.

*   *   *

Домани кӯҳи Бадахшон
Осмони осмонҳост.
Гар замине осмон аст,
Он замини пок он ҷост.

Шаб чароғи хона аз дур
Медурахшад ҳамчу кавкаб.
Кавкаб аз ҳар хона рахшон
Аз сари шаб то дили шаб.

Дар ҷабини кӯҳсорон
Моҳи нав қоши заринест.
Дар сари ангушти қулла
Ҳарситора чун нигинест.

Он қадар аз худ баландам
Дар сари ин кӯҳпора,
К-оташи сигори равшан
Мешавад ҷуфти ситора.

Кӯҳ бардорад диламро,
Дил куҷо, аммо надонам,
Чун ба ҷони хеш бинам,
Бинамат дар ҷойи ҷонам.

## ЛОЛАИ СӮЗОН

Лаби ҷӯ барги зуф зор асту сархам,
Зи хотирҳо бувад қоқу фаромӯш.
Дар ин ҷо навбаҳорон ҳам нагардад
Сияҳгӯше дигар зеби баногӯш.

Нишинад сӯзанак бар рӯйи ҳавзе,
Чу як тайёра дар майдони парвоз.
Гаҳе ҳамчун хаёли мардуми деҳ

Кунад дар гирди худ оҳиста пар боз.

Шукуфад ғунчаи гулҳои худрӯй
Канори чашмаю болои санге.
Ба гесӯ духтари ҳамшаҳрии мо
Ба ҷойи гул занад атри фарангӣ.

Ҷавононро сару савдои шаҳр аст,
Равад аз ёд ин боғи биҳиштӣ.
Ба ёди кӯчиён гӯё бисӯзад
Чу шамъе лолаи урдибиҳиштӣ.

## ДАР САЙР

Эй мурғ, мазан зинҳор,
Бар захми дилам минқор,
К-аз реши равони он
Хун мечакад аз озор.

Эй бод, макун бозӣ
Бо мӯйи парешонам,
К-аз рӯзи азал худ ман
Бо хӯйи парешонам.

Эй рӯд, махон дигар
Афсонаи соҳилро,
К-андар шикани мавҷат
Сад қисса бувад дилро.

Эй сабза, чӣ мехоҳӣ
Аз буду набуди ман,
Фардо, ки равам, бархез
Аз хоки вуҷуди ман.

Эй ин ҳама, ки рустед
Як раста канори ман,
Эй ин ҳама, ки ҳастед
Дар ҷони низори ман,

Бар дард чӣ механдед,

Бедард шумо чандед?
Аз хеш кунед озод,
Бо хеш маро бандед!

## АШКИ ИШҚ

Як зани бегуноҳ мегиряд,
Сар ниҳода сари тавора чаро?
Як зани бепаноҳ мегиряд
Байни шаҳри пуродаму ғавғо.

Аз ду чашмаш ба ғусса мерезад
Ашкҳояш ба оҳану бетон.
Магар аз санг нола мехезад,
Магар оҳан ба ӯ шавад гирён.

Бегумон ашкҳои ишқ аст ин,
Соати тарки ишқ мегирянд.
Ошиқон дар ҳама канори замин
Бобати марги ишқ мегирянд.

Мекунад гиря зан ба як оҳанг,
Танг мегардадаш ҷаҳони фарох.
Ашки ишқ аст мечакад дар санг,
Мекунад қалби сангро сӯрох.

## БО БАҲОРИ САБЗУ МУРҒОНИ САФЕД

Ханда мекардӣ ту дар оғӯши ман
Бо ҳавасҳою ҷавониҳои хеш.
Мӯйҳоят дар бару дар дӯши ман
Мавҷ мезад чун хаёли ман пареш.

Ошёни тирае буд хонаам,
Лаҳзае пур гашт аз бӯйи баҳор.
Даштҳо гул кард дар кошонаам,
Даштҳои беғубори лолазор.

Сурати баҳре, ки дар девор буд,

Шуд раҳо аз қобу шуд амвоҷи об.
Селаи ёғу баногаҳ пар кушуд,
Аз дили дарё баромад офтоб.

Лолаҳои сурху мурғони сафед
Бо садои ханда дар парвоз шуд.
Хонаам шуд хонаи ишқу умед,
Ҷони ман бо шавқу шӯр анбоз шуд.

Чини дарё дошт зулфи тобдор,
Қоматат ларзони мавҷи ханда буд.
Бӯйи ту, бо бӯйи дарёву баҳор
Дар ман амвоҷи шарар афканда буд.

Ханда зан, эй ҷони ман, дар хонаам
Овар аз ишқу ҷавониҳо навид.
То ҳақиқат созӣ ин афсонаам
Бо баҳори сабзу мурғони сафед.

* * *

Бо ишқу орзуҳо
Ҷуфте ба шомҳангом
Дастобагардан омад
Дар зери нахли бодом.

Шуд аз канору оғӯш
Бодоми хуфта бедор.
Шаббода кард бозӣ
Бо миллаҳои дилдор.

Як бӯсае шукуфонд
Гулғунчаҳои лабро.
Нури ситора афрӯхт
Чашми сиёҳи шабро.

Аз бӯйи ишқи инсон
Бишнида накҳати ҷон,
Ларзиду пардадар шуд,

Бодом гулбасар шуд.

…Мерафт ҷуфти ҳамдил
Аз байни шаҳри хуфта,
Сар то ба по ситора,
Сар то ба по шукуфта…

* * *

Нигаҳҳои ту гарму меҳрубон аст,
Дилу ҷонат бувад доғи ҳавасҳо.
Лабони бӯсахоҳат лоласон аст
Зи гармии таболуди нафасҳо.

Ба кӯю кӯчаи шаҳри шамолон
Шамоли тундгарде найкашон аст.
Дилат аммо дар ин сардии сардӣ
Чу наврӯзи баҳорон гулфишон аст.

Агарчи боду боронҳои даймоҳ
Зи гулшан мурғаконро мекунад дур,
Даруни чашми ту мурғони ошиқ
Ба ёди ишқ мехонанд масрур.

Зимистон асту дар шохи дили ман
Кунун як лонаи ду мурғи зебост.
Паноҳонам варо аз боду борон,
Даруни синаам маъвои онҳост.

Ду мурғ аз лонаи чашми ту ҳар дам
Ба ман дорад нигоҳи ошиқона.
Диҳам аз чашмаи дил, хирмани ҷон
Ба онҳо бо лабонам обу дона.

## БА ТУ ИМШАБИ БАҲОРОН…

Ба ту имшаби баҳорон ҳама сабзу гулфишонам,
Ки ту чун баҳор созӣ тару тоза ҷисму ҷонам.
Ту ба шаҳри тираруйе, ки бувад ғуборолуд,

Бикушойӣ аз рухи худ рухи ҳафт осмонам.

Бикунӣ пур аз муҳаббат ту заминаву замонам,
Бикунӣ пур аз муҳаббат ту ҳам ину он ҷаҳонам.
Ту зи чашмаи лабонат ҳама шаб ба ман диҳӣ об,
Дами субҳ боз бинӣ лаби хушки ташнаҷонам.

Дилу ҷону ҳастии ман ҳама умр ташнаи туст,
Бувадаш агар такопӯ, ба раҳи ту дар такопӯст.
Зи хумори чашмҳоят шиканад хумори ҷонам,
Чу манам зи чашми ту дур, ғами дил ҳама тагорӯст.

Ту на дилбари ман астӣ, дили дар бари ман астӣ,
Ту на ҳамсари ман астӣ, сару сарвари ман астӣ.
Сари ман агар ту бошӣ, сару бар дигар нахоҳам,
Ба самои бахту толеъ маҳу ахтари ман астӣ.

Ту агар ба хилвати дил ғами ман нуҳуфта бошӣ,
Ту кунун чу шохаи гул ҳама тан шукуфта бошӣ.
Ман агар зи шавқи рӯят ду ҳазор шеър гӯям,
Ту вале ба дафтари ман ғазали нагуфта бошӣ.

Мани бе ту бенишонам, чу ту худ нишонам астӣ,
Ту агарчи бахти сабзӣ, ғами ҷовидонам астӣ.
Ва агар ки ошиқӣ худ чу атову чун бақо аст,
Ту атои ҷонам астӣ, ту бақои ҷонам астӣ…

* * *

Нури маҳтоб метаровад нарм
Ба сари гесувони хурмоӣ.
Осмону замин зарандуд аст,
Домани даштҳост тиллоӣ.

Ғарами беда дар бари саҳро
Гӯиё кӯҳи каҳрабо бошад.
Охири тасмароҳи домани дашт
Дар уфуқ васл бо само бошад.

Дар шаби моҳтоби ороме
Аз ту мастам ману ту маст аз ман.
То ки танҳо шавем мо ҳар ду,
Меравад моҳ аз сари хирман.

Мепарад як ситора дар гардун,
Фоли бахт аз ситора меҷӯйӣ.
Мефаройӣ аз осмон ба замин,
Дар бари ман ба ғусса мегӯйӣ:

«Гар насибам набуд канораи ту,
Ман зи дунё канора мерафтам.
Магар аз осмони ишқи ту ман
Як шабе чун ситора меафтам?»

Меравад моҳ аз сари хирман,
Мешавад доманат раҳо аз каф.
Бар сари зулфҳот печида
Каҳгулу торҳои хушки алаф.

## ДИГАР КАЙ МЕРАСАД ДИДА БА ДИДОР?!

Чу берун меравам з-ин остона,
Дигар ин остону осмона
Маро бо ту нахоҳад дид, эй ёр,
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

Ба назди дар ту мемонӣ хаёлӣ,
Лабат меларзад аз ранҷу малоле,
Бигирад осмонро абри озор,
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

Ба рӯйи барги гулҳо ашки шабнам,
Зи ашки дил бувад барги рухат нам.
Ба дунё бошад аз хуршед осор,
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

Баҳори дигаре мо дар куҷоем,
Агар бо гардиши гардун биёем,

Ба ин дунёи нотакрор такрор
Магар боре расад дида ба дидор?!

Туро дар хобҳои худ навозам,
Туро дар шеърҳои худ бисозам.
Зи байни дафтари армону ашъор
Магар боре расад дида ба дидор?!

Ҳамон, к-ӯ сарварӣ хоҳад сарамро,
Кушояд бо муҳаббат дафтарамро,
Ба зимни ҳар сухан хонад ба зинҳор,
Дигар кай мерасад дида ба дидор,

Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

## АЗ НАВБАҲОРИ РӮЯТ…

Аз навбаҳори рӯят ман навбаҳор ёбам,
Дар рӯзҳои абрӣ муштоқи офтобам.
Даргоҳи дил бигардад то офтобрӯя,
Аз офтоби рӯят як лаҳза рӯ натобам.

Сӯйе само сиёҳ аст, сӯйе само сафед аст,
Аз абрҳои найсон борандагӣ умед аст.
Дар осмони хотир ҷуз мисраи таре нест,
Бар дидаи тари ман аз байти тар навид аст.

Байтам чӣ байт бошад бе байти абрувонат,
Бенакҳат аст шеърам бе атри гесувонат.
Бо сад фиолу ҷоду шеъру сухан бигӯям,
Ҷодуияш набошад бе чашми ҷодувонат.

Гар дахр дардманд аст, аз дарди дилҷудоист,
Дилро рабоӣ аз ман, ҳангоми дилрабоист.
Бе ҳалқаҳои зулфат умре дилам гирифта,
Бикшой қуфли дилро, ишқат, ки дилкушоист…

* * *

Ту будию ману ин обшорон,
Суруди навбаҳору резаборон,
Насими раҳгузар шӯху парешон
Парафшон мегузашт аз шохсорон.

Ба роҳат сабзаю себарга тар буд,
Ба рӯйи майсаҳо дурру гуҳар буд,
Ба поят барги тар часпиду бӯсид,
Ҳар он ҷойе туро роҳи гузар буд.

Чу аз абри гузар борид борон,
Раҳораҳ сими тар борид борон.
Лабони ман вале парсинг баста,
Зи рӯйю мӯйи ту шорид борон.

Маро буд оламу одам фаромӯш,
Маро буд одаму олам дар оғӯш.
Дамодам шир-шири борони найсон
Суруди ишқи ту мехонд дар гӯш.

Саропо тар будӣ дар зери борон,
Ту симинбар будӣ дар зери борон.
Раҳорах аз сари мӯйи ту мерехт
Гулу борон чу аз боғи баҳорон.

* * *

Меравад офтоб сӯйи ғуруб –
Олами зарнисор рӯйи ғуруб.
Шохаҳои дарахтҳо рангин,
Хирмани лолавор рӯйи ғуруб.

Сабзаҳо аз насим меларзад,
Мавҷ ҳам сим-сим меларзад.
Ҳамчу марҷон ҳамели гунҷишкон
Дар ҳаво рӯйи сим меларзад.

Ҷуфти ёғу ба об мешинад,–

Рӯйи дарё саҳоб мешинад.
Ҳамчу рӯҳи сафед дар дарё,
Он Худоро дар об мебинад.

Ман туро дар хаёл меҷӯям,
Дар нишоту малол меҷӯям.
Дар канори ғуруб соҳили баҳр
Аз хаёли висол меҷӯям.

То замоне канори ман бошӣ,
Уфуқи беғубори ман бошӣ.
Бо шафаққоюю рангҳои ғуруб
Хирмани лолавори ман бошӣ…

Офтоби даҳони танги ғуруб
Мезанад ташти зар ба санги ғуруб.
Лаби соҳил ба ёди чеҳраи ту
Санги зар мешавам ба ранги ғуруб.

**АФСОНАИ ШАБ**

Духтар аз пайроҳа бар соҳил фуромад,
Пораи маҳтоб дар дарё даромад.
Мӯйҳояшро ба рӯйи мавҷҳо партофт,
Мавҷро бо мӯйҳояш тофт.

Ҳалқаҳои мавҷ гирдаш ҳола мезад,
Оташе дар мавҷҳо ҷаввола мезад.
Бахр зери шӯълаи маҳтоб зар мешуд,
Аз миёни он сутуни нур сар мешуд.

То хаёлам бо сутуни нур мерафт,
Ғуссаи ман аз дили ман дур мерафт.
Чашми ман дар рӯйи дарё роҳ медид,
Қасри зебо, дилбаре чун моҳ медид.

…Мебаромад духтар аз оғӯши дарё –
Моҳпора дар шаби хомӯши дарё.
Чашми ман буд дар замин маҳви нигоҳ.

…Моҳвора мефуромад рӯйи моҳ.

*  *  *

Хонаи ту миёни бешаи сабз
Дар хамӯшии коҷзорон монд.
Пайраҳи морпечи ноҳамвор
Дар таҳи барф то баҳорон монд.

Барф пӯшид рӯйи бому дарат,
Новаи хона шӯшазоре шуд.
Чашми софи тирезаат ях баст,
Об дар ҷӯй шишакорӣ шуд.

Коҷ аз сими барфҳо бигзошт
Ба сари сабзи хеш тоҷи дигар.
Бебақо буд тоҷи барфии коҷ,
Мешуд аз дасти бод зеру забар.

Рӯйи барфи баланд баски намонд
З-он ҳама рафтуо пайи пое,
Ҳеҷ кас нақши хештан нашинохт,
Ки куҷо рафт, то куҷоҳое…

Шохаи коҷҳои пушти дарат
Аз гаронии барф бишкаста,
Рӯйи барфи сафед чун пайи ту
Зоғҳои сиёҳ биншаста…

## АТРИ МУҲАББАТ

Атри муҳаббат медиҳад шабҳои хушбӯйи баҳор,
Бе ту насибам чун бувад шабҳои хушрӯйи баҳор,
То ман намонам бенасиб, эй ту насиби ман биё!

Субҳ аз хумори гесуят мебӯсам аз гесӯйи бед,

Шабҳо зи боди шабраве пурсам ҳаме бӯйи умед,
Эй ту хумори рӯзу шаб, дар субҳу шоми ман биё!

Дар рӯзи тори ман биё, рангин шавад дунёи ман,
Дар рӯзгори ман биё, ширин шавад ғамҳои ман,
Дунёи рангинам биё, ғамҳои ширинам биё!

Аз ту агар дил кандаам, дилро ман аз худ кандаам,
Ман аз замин ҳам кандаам в-аз осмон афкандаам,
Пайванди ҷонам бо замин, бо осмони ман биё!

Ҳарчанд мебошам кунун бехоби шабҳои дигар,
Ҳарчанд месӯзад дилам бо тобу табҳои дигар,
Эй сӯзиши рӯзи азал, эй ҷовидони ман биё!

Ҳамчун гунаҳкоре, ки ӯ бошад дар уммеди видод
Аз ҳарфҳои охирин назди вакили адлу дод,
Ин аст ҳарфи охирин, эй аввалини ман биё!

**ДУ ТАШНАЛАБ**

Ба лаби чашмаи кӯҳӣ омад
Ташналаб духтараки чилкокул.
Сари сарчашмаи сероб нишаст,
Об то нӯшад об аз он чашмаи гул.

Рӯйи худ дид дар ойинаи об,
Чашмаро дид ба ӯ менигарад.
Чашм бар чашма даме ҳайрон монд,
Лаб ба он чашма барад ё набарад.

Кокулонашро партофт ба пушт,
Хам шуду лаб ба лаби чашма бибурд.
Духтарак об бихӯрд аз чашма,
Чашма ё аз лаби ӯ об бихӯрд?!

* * *

Хоҳам ин лаҳза, ки аз хеш фаромӯш кунам,
То дами субҳ туро танг дар оғӯш кунам.

Баски дунёст пур аз валвалаи беҳуда,
Кош танҳо нафасу набзи туро гӯш кунам.

Чун бупечанд нафасҳои ману ту нафасе,
Ишқи печон бишавем аз табу тоби ҳавасе.
Сари гесӯйи ту бошад зи ҷаҳон дастрасам,
Набувад дар ду ҷаҳон хуштар аз ин дастрасе.

Нафаси зиндагиям бе ту нафас нест, ки нест,
Ҳаваси зиндагиям бе ту ҳавас нест, ки нест.
Зиндагонӣ, ки ба ёди ту равад, хуш умрест,
Ин насибест, ки бахши ҳама кас нест, ки нест.

* * *

Дар лаби дарёи сабзе
Бо ғамат биншаста будам.
Дар шикасти мавҷи дарё
Орзу бишкаста будам.

Ман ба реги нарми соҳил
Номи ширинат навиштам.
Нақшро кардам навозиш
Ҳамчу хатти сарнавиштам.

Нақши номатро ман аз рег
Бар дилам кӯчондам охир.
Гаштаву баргашта рӯят
Дар хаёлам гашт зоҳир.

Ҳоли ман фаҳмид дарё,
Мавҷ дар дарё барошуфт.
Ҳар чӣ гуфтам, мавҷи дарё
Сар ба сар бар бодҳо гуфт.

Орзуям буд, ки фардо
Мебиёӣ назди дарё,
Нақши дилро мешиносӣ,
Мешавам хушбахти дунё.

Мехӯрам аз бахт афсӯс,
Буд рӯзи навбаҳорон,
Мерасид аз осмонҳо
Бӯйи борон, бӯйи борон…

* * *

Дар дили худ киштгардон кардаам,
То расад дар дашти дил кишти дигар.
Сабз шуд аммо баҳорон марзи дил
Аз гулу аз сабзаҳои ишқасар.

Бедро сар зад чу марди боғбон,
Сар буридам нахли ишқи дилбарам.
Боз зулфаш сабз шуд рӯзи баҳор,
Боз ҳам афшонд гесӯ бар сарам.

Гӯр кардам чашмаи ҷӯшони дил
Бо умеде, к-он равад ҷойи дигар,
Як замон дидам вале бо шавқу шӯр
Ҷӯш мезад чашма сад ҷойи дигар.

Дарзадам бар санг ноямро, шикаст.
Гуфтам акнун нест ною нест дард.
Хонд аммо дар кафам ҳар чӯби хушк,
Аз муҳаббат нолаю фарёд кард.

Хун шудам аз хешу аз савдои хеш,
Гар дар ин савдо диҳам ҷону саре,
Баъди ман хонад зи ишқи нотамом
Аскари ошиқшиори дигаре.

* * *

Ман чу оҳанги ғазал ёд кунам
Имшаб оҳанги қадамҳойи туро.
Дастаи мӯйи ту бӯсад ба ҳавас

Дар сари ҳар қадаме пойи туро.

Аз чароғи қади раҳ қад-қади раҳ
Соя резад ба замин шохи дарахт.
Ҳар гаҳ аз бод биларзад гулу барг,
Чун гули соя дилам ларзад сахт,

Ки мабодо ҳама ин рӯъёест,
Ки ба як ларза шавад нопайдо,
Ки дигар суд набошад пас аз ин
На зи фарёду на аз вовайло.

Ту надонӣ, ки дар ин шоми баҳор
Бештар масти ҷавонии худӣ.
Гарчи гарм аст туро оғӯшам,
Гарм аз сӯзи ниҳонии худӣ.

Чун ҷавонии ман аз ман бигузашт
Бе ту дар беҳавасӣ, бехабарӣ.
Аз ҷавонии ту ман метарсам,
Ки зи ман ҳамчу ҷавонӣ гузарӣ.

* * *

Яке гӯяд, ки асри мо ҷавон аст,
Дигар гӯяд, ки пир асту ба тадбир.
Замони донишу донишварон аст,
Вале аз чист ин нуқсону тақсир?!

Ба мактаб кӯдаки бечора хонад
Ба суръат илми даҳсола ба як сол.
Шавад олим, вале олам надонад,
Хирадманде бувад оё ба ин ҳол?

Дар ин асри хирадмандии олам,
Чаро тухми хирадмандон бувад кам?!

* * *

Ин бод магар ки дар ситез аст,
Ё бо чаманаш ба гуфтугӯест.
Ин рӯдаки шӯхи мавҷхез аст,
Ё духтараки фатиламӯест.

Ин чашма, ки тоза мекунад ҷон,
На чашма, ки оби ҷовидон аст.
Кӯл аст фарози ин куҳистон,
Ё чашми кабуди осмон аст.

Ин шеъри табиат асту олист,
Чун шоири хеш безаволест.

*  *  *

Шавам аз нашъаи лабҳои ту маст,
Мастӣ аз сар барад андешаи ном.
Ҳамчунон бар дили ҳар бодапараст
Ҷоми лабрез диҳад шӯру қиём.

Лаби соғар – лаби ёри гулрӯ,
Бинам аз рӯйи ту ман рӯйи баҳор.
Ларзад аз ларзиши тан куртаи ту,
Ояд аз домани ту бӯйи баҳор.

Ин туӣ, аввалу анҷоми манӣ,
Ҷуръаи охирини ҷоми манӣ.

*  *  *

Нест беҳ аз ишқу вафо матлабе,
Бандаи ишқ аст саросар ҷаҳон.
Дар ҳаваси ишқи замин ҳар шабе
Тоза шукуфад чамани осмон.

«Ишқ баҳорест баҳор оварад»,
Шохи ҷавонро бикунад гулбасар.
Пири куҳанро бари ёр оварад,

Гул бизанад, гул ба сафедии сар.

Лек дарахти куҳан аз шавқи ҷон
Гул бикунад, зуд бигардад хазон.

*   *   *

Буд умедам, ки мекунӣ обод
Ҳамчу ободгар вуҷуди маро.
Лек бинам, ки медиҳӣ бар бод
Ҳамчу бедодгар ту буди маро.

Хонаи дил хароб мекуниям,
Ҷони ман, ин ҷафо чӣ даркор аст.
Шаҳри моро ҳанӯз бе ин ҳам
Хонаҳои хароб бисёр аст.

Ҳар куҷое хароба бошад агар,
Чист лозим харобаи дигар?!

*   *   *

Агарчи дасти оҳангар дурушт аст,
Вале пӯлоду оҳанро кунад нарм.
Яке бо об оташро бикуштаст,
Дигар карда дар оташ обро гарм.

Раҳи хайру адолатро сипардам,
Биҳиште сохтан мақсуди ман буд.
Ба бадхоҳам бадӣ ҳаргиз накардам,
Биҳиштам дӯзахи бадхоҳи ман шуд.

Бадиро бо бадӣ ҳаргиз накуштанд,
Бадиҳо бо накӯӣ кушта гаштанд.

*   *   *

Ба бад анҷомад айёми бадоғоз,
Вагарна ҳоли некоғоз танг аст.
Кулӯхе сӯйи кас ҳаргиз маандоз,
Ки подоши кулӯхандоз санг аст.

Касеро рои хуш дар дил набошад,
Ба нафрат туф кунад бар ройи дигар.
Касеро пойи раҳ қобил набошад,
Кашад бо сад фиреб аз пойи дигар.

Надорам хавфи санги роҳ зинҳор,
Маро аз хавфи позанҳо нигаҳ дор.

* * *

Зи пасте сохт бояд марди воло,
Накӯкоре – зи бадқасди ғаразнок,
Ки чун резанд нопокӣ ба дарё,
Варо полуда дарё мекунад пок.

Ҳамебояд зи неше сохтан нӯш
Ва аз зоғу заған ҳам сору булбул.
Нашояд лаҳзае кардан фаромӯш,
Ки хок аз чӣ биёрад сунбулу гул.

Гиле он ҷо, ки гардад сабзу сунбул,
Чаро зоғе нагардад сору булбул?!

* * *

Гарчи шаб аз шуълаи маҳ равшан аст,
Чашмаи хуршед фаромӯш нест.
Ҳаст азалӣ фарқи баландею паст,
Маснади шер аздари[5] харгӯш нест.

[5] аздари – муносиби

Умр ба мардию сутургӣ хуш аст,
Кай каси бегурда кунад кори гурд.
Хурд кунад азми бузургӣ, хуш аст,
Войи бузурге, ки кунад азми хурд.

Кори ҷаҳон то ки ба сомон бувад,
Ҷойи бузургон ба бузургон бувад.

* * *

Ҳар пагоҳӣ тифлаке дар саҳни боғ
Мефишонад дона баҳри кафтарон.
Мӯсафеде менишинад бо фароғ
Зери нури офтоби ховарон.

Даст афшонад чу тифли шӯхсар,
Фавҷи кафтар мепарад бар осмон.
Пир дасти хешро карда лапар,
Бингарад парвози дури кафтарон.

Кошки, фардо ба ин тифли ҳабиб
Давлати ин пирасар гардад насиб.

* * *

Яке гӯяд, ки аз партови фабрик
Шавад оби зулоли рӯд чиркин.
Набошад ҳеҷ инро оқибат нек,
Агар бинӣ ба чашми оқибатбин.

Дигар гӯяд, ки мошину гази он
Ҳаворо мекунад ифлосу бадбӯ.
Хулоса, ҳар касе дорад дучандон
Пайи ҳифзи муҳит акнун такопӯ.

Маро дорад вале ин кор ғамнок:
Чӣ сон полидани дилҳои нопок.

*   *   *

Ба пойи ҳамлавар бозингари бад
Занад дар айни гармиҳои футбол.
Вале ӯ пеш аз он, к-аз по биафтад,
Зи болои сараш тӯбе занад. Хол!

Агарки мезанад зарби паёпай
Барои имтиҳонат зиндагонӣ,
Ту ҳам бояд занӣ ҳар дафъа бар вай
Муаллақ хӯрда зарби ногаҳонӣ.

Вагарна меравӣ аз арса ё на,
Ту ношоду ҳарифон шодмона.

*   *   *

Парешон мекунад шаббода имшаб
Ба шӯхӣ чанбари гесӯйи шабро.
Ба гардун медурахшад фавҷи кавкаб,
Ки созад партавафшон рӯйи шабро.

Равам бар осмони беканора,
Шавам дамсози гардун зуд ё дер.
Агар умрам сар ояд, чун ситора
Ман аз боми фалак гардам сарозер.

Насиби кас агар номи баланд аст,
Ҳамон номаш беҳ аз боми баланд аст.

*   *   *

Намедонад гаҳе фарзанди одам
Муханнасро тафовут аз муқаддас.
Забон ёбад гаҳе бо халқи олам,
Намеёбад забон гоҳе ба як кас.

Ниҳоли бо ҳавас парвардаи хеш
Гаҳе бошад, ки бо санге занад вай.
Гаҳе аз шохаи хамкардаи хеш
Ба ҷойи пухта хомеро канад вай.

Ҳама умр ӯ тамоми нотамом аст,
Аҷоиб пухтае хом аст, хом аст.

* * *

Нест ҳаргиз з-ин ҷазои сахттар,
Гар туро дар даҳр шоир зодаанд,
Баски ҷойи роҳати шому саҳар
Дарду ранҷи бешуморат додаанд.

Чорасози чораҷӯёнӣ басе,
Ғамшарикӣ бо ҳама ҷамъи башар.
Дар илоҷи дарди хеш аммо касе
Нест дар олам зи ту дармондатар.

Гарчи шоир зоданат айни ҷазост,
Лек хуштар з-ин мукофоте куҷост?!

* * *

Шамъ ҳаргиз набувад беҳ зи чароғ,
Сифр чизест ба ҳамроҳи адад.
Чун ниҳоле, ки бари хуррами боғ
Як ниҳолак набувад, боғ бувад.

Агар аз домани шаххҳои баланд
Чашма бар рӯд расад, рӯд шавад.
Гарки дар ҳавзаи худ гардад банд,
Як замон хушкаду нобуд шавад.

Кас чу дар баҳри башар гум бишавад,
Хешро ёбаду мардум бишавад.

*  *  *

Ба қавли мардуми мо ҷома ҳар гоҳ
Бувад бомаслиҳат, кӯтаҳ наояд.
Агарчи маслиҳат хуб аст, аммо
Ба ишқу ошиқӣ асло нашояд.

Агар ту маслиҳат хоҳӣ дар ин кор,
Шавад пайдо басе ҳам маслиҳатгар.
Вале ногоҳ мегардӣ хабардор,
Ки ту вомондаву бурданд дилбар.

Шавӣ аз маслиҳатҳо маслиҳаткор,
Туро аммо нагардад маслиҳат ёр.

*  *  *

Ба зери осмон як осмони дигаре хоҳам,
Фазои синаҳоро Каҳкашони дигаре хоҳам.
Ба инсони фалакгарде, ки тасхири малак кардаст,
Ба тасхири худӣ акнун тавони дигаре хоҳам.
Чу мебинам баҳори осмонҳои ту беранг аст,
Ба ту рангинкамон, абрӯкамони дигаре хоҳам.
Агар ҷони ҷавони хешро дар ишқ месӯзӣ,
Ба ту ҷони ҷавони ҷовидони дигаре хоҳам.
Агар гардун ҷабин бар остони ту намесояд,
Ба ту як ошёну остони дигаре хоҳам.
Касе ҳаргиз нашуд дар зодбуми хеш пайғамбар,
Ба ту тамкину таскину ҷаҳони дигаре хоҳам.

Чу дар чашми ҷаҳонбинат ҳама рози ҷаҳон пайдост,
Ба ту як олами дар худ ниҳони дигаре хоҳам.
Агар дар рӯзгорон вақт доим қаҳрамон будаст,
Барои вақт акнун қаҳрамони дигаре хоҳам.

* * *

Ҳамраҳе аз мо равад як лаҳза ҳамроҳи дигар,
Мекашам бо рафтанаш аз синаам оҳи дигар.
Ӯ ҳавои мо надорад, лек моро нест, нест,
Ҷуз ҳавояш дар сару дар сина дилхоҳи дигар.
Гарчи охир мешавад ҳар роҳ дар бероҳае,
Гоҳ аз бероҳае сар мешавад роҳи дигар.
То ҷаҳонро ёд бошад шеваи огаҳдилӣ,
Ҳар дилогаҳро бубояд як дилогоҳи дигар.
Гар ба давронат сари сабзу ҷавоне орзуст,
Бар замин мерез чун дон ҳини дилхоҳи дигар.
Гар ту рӯҳи хештанро шод хоҳию ризо,
Шод бояд кард арвоҳи дуохоҳи дигар.
Бо умеде рӯ ба даргоҳи сухан меоварем,
Нест моро дар ду олам баски даргоҳи дигар.

* * *

То ба ҳар байте ба мазмуне ишорат кардаам,
Ман ба шуғли шеър ҷонамро иморат кардаам.
Гарчи шоир бардаи шеъри худ аст, аммо чӣ хуш,
Баҳри озодии дил кори асорат кардаам.
Гар зи байти норавоне бишнавидам бӯйи дил,
Шоири дилро умед аз он башорат кардаам.
Дар замонҳое, ки тахту тоҷҳо дар ҳам шикаст,
Дар дили дилбастагони ишқ аморат кардаам.
Пеши мардум дардро иқрор кардан мушкил аст,
То кунам онро даво, бо он ҷасорат кардаам.
Талх бошад баски дар коми замон доруи шеър,
Ман варо бо ҳарфи ширине иборат кардаам.
То шиносам манзалат инсони бахшояндаро,
Хобгоҳи хокпошонро зиёрат кардаам.
Лаҳзае гар зистам танҳо ба суди хештан,
Хештанро ман ба дасти хеш ғорат кардаам.

**Аз**

**«ТАРОЗУИ ОФТОБ»**

(с. 1983 – 1987)

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,
Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.
Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,
Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.
Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,
Ӯ на гарди хоки покат, балки сар гум мекунад.

То забон бикшоям аз ишқат, маро бикшо забон,
То ба деҳқон чун замини пахта бахшоям сурур.
То ситоям кӯҳу водият чу дарёи равон,
Карда гардон парраҳоро, к-он шавад дарёи нур.
Ишқи ман ҳаргиз набошад дар забону дар сухан,
Баски ишқи ту дамида ҷои ҷонам дар бадан.

Бодҳо дар пуштаҳо аз меҳри ман хонад суруд,
Мавҷҳо дар рӯдҳо аз ишқи ман хонад ғазал,
Офтоб аз қуллаҳо аз сидқи ман гӯяд дуруд,
Тоҷикистон, баҳри ту, ишқи азизи бебадал.
Ман баландам аз само, то зери гардуни туам,
Дар рагу шарёни ту як қатраи хуни туам.

Достони нусрати ту дар замину осмон,
Ахтарон бар парчами ту карда аз гардун нузул.
Гарчи ҳамчун Тоҷикистон арзу тӯли ту аён,
Лек ҳамчун хоки тоҷикон надорӣ арзу тӯл.
Решаи тоҷик равад аз хиттае бар хиттае,
Бо ҳама илму фанаш аз қитъае бар қитъае.

Аз азал ин кӯҳсорон ҳамчу боми тоҷик аст,
Боми ҳар як тоҷике бошад ба гардун ҳамҷавор.
Аз ниёгон ёдгори мо чу номи тоҷик аст,
Тоҷикистони ҷавонбахт аст аз мо ёдгор.
Сабз бошӣ, хоки тоҷик, ҳамҷавори осмон,
То зиям андар канорат ҳамканори осмон.

## ШОХОБ

Дилам аз ёди ту дарёи сухан шуд, дарё,
Ҳамчу оғӯши ту, к-аз мавҷи равон шуд лабрез.
То бигӯям ғазали мавҷи сухангӯйи туро,
Рӯди Сайҳун, ту ба дарёи дили ман омез.

Пеш аз оне, ки шиносам Ватану меҳри Ватан,
Ман ба ин обу ба ин хок назар мекардам.
Оби ту баски даромехт дар обу гили ман,
Меҳри ту дар дилу ёди ту ба сар мекардам.

Дар куҷо дида будам рӯйи само бори нахуст,
Тори сар ё ки дар ойинаи бозигари ту?
Ту бидонӣ, ки чӣ гул буд маро ёри нахуст,
Хоби дилдодагии хеш бигуфтам бари ту.

Модарам, то ки бувад ҷони ҷавонам ба амон,
Манъ мекард, ки бо ту биравам мавҷсавор.
Модари мушфиқи ман кай хабаре дошт аз он,
Ки тапад қалби ман аз ишқи чу дарёи нигор.

Ту ба соле ду карат мешудӣ аз хеш бадар,
Шуста дар соҳили худ боғу чаманзорон беш.
Гарчи будам ҳама дам собиту сокит ба назар,
Бештар аз ту бадар рафтаам аз соҳили хеш.

Рӯди ҳамрозу ҳамовоз бигаштӣ ту ба ман,
Бо ту ошиқ шудаму шоири озодасухан.
Ту ба Омӯя бирафтӣ ба суйи баҳри Арал,
Ман пайи ҳарду бирафтам ба суйи баҳри ғазал.

Ман бирафтам ба муроде, ки ба дарё бирасам,
Рӯди Сир, мавҷи диламро бирасон бар дарё.
То ба ин дил, ки бувад мӯҷиби ҳар як нафасам,
Ҳамчу шохоби равони ту зиям дар дунё.

*   *   *

Ҳар рӯз камтар мешавад
Эҳсоси шӯрафшони мо.
Гармии сӯзиш меравад
Аз қалби мо, аз ҷони мо.

Гармем дар савдои хеш,
Хунсарди ғамҳои дигар.
Аз ин сару савдо магар
Гӯем боре алҳазар.

Ё зиндагӣ дунёхӯрист,
Дунёхӯру худпарварем.
Мо дар ғами дунё гаҳе
Бошад, ки худро ҳам хӯрем.

Дар хоби ғафлат меравад
Чун сеяки умри башар,
Ҳайф аст хобидан ба рӯз
Аз дарди олам бехабар.

Сайёраи сабзи замин
Сабз аст аз сарҷӯйи дил.
Хуршед гардад зарра ҳам
Дар ҷустуҷӯйи кӯйи дил.

Дил меҳвари ҳастии мост,
То ғамкашу ғамхораем.
Мо бо дили дардошно
Сайёра дар сайёраем.

## ТАКЯИ ВАТАН

***Ба Воҳид Асрорӣ***

Дӯш дидам, дар таҳи пироҳанат
Ин тани маҷрӯҳ ними тан будаст.
Пас бидонистам, ки рӯзи равшанат
Бо чӣ сон ранҷи гарон равшан будаст.

Пурҷароҳат буд аъзои бадан,
Сад нишон аз ҷабҳаю пайкор буд.
Гӯиё пайкар набуд дар чашми ман,
Сурати киште буду шудгор буд.

Ту ҳамон шаб то саҳар паҳлу задӣ
Гаҳ зи як паҳлу ба паҳлуйи дигар.
Гӯиё ту боз дар ҷанг омадӣ,
Сангарат гӯё бишуд зеру забар.

Дастаи ту гӯйӣ он шаб фатҳ кард,
Як баландирову аз он шуд баланд.
Дар баландиҳо набуд сарпаст мард,
Баски мекардаш чу худ фирӯзманд.

Дӯст бахри дӯст дар рӯзи набард
Мегузашт аз бахри ҷон бе ҳайфи ҷон.
Лек ҳоло зумрае бо номи мард
Бигзаранд аз дӯст баҳри ними нон.

Захми деринат сабурӣ бурда буд,
Гар набуд подорият дар обу гил.
Захми танро вақт дармоне намуд,
Чорае пайдо набуд бар захми дил.

То Ватан дил доду гуфтат, эй писар,
Ҷумла фарзандони ман марданду мард.
Ту, ки бишкастӣ адӯвонро камар,
Даврро бояд камарбандӣ бикард.

Даъвати халқу Ватан бардоштат,
Хестӣ бо ними ҷону ними тан.
Қисмати халқу Ватан водоштат,
Нимтан будӣ, шудӣ ту таҳмтан.

Бори ҳамсафҳо ба дӯш истодаӣ,
Зиндагият шуд давоми он зафар.
Гар ту андак такя бар мо додаӣ,
Мо ба ту дорем такя бештар.

## САНОИ ДЕҲҚОН

Ман дар ин шеър аз сано гӯям сухан,
Шеър гарчи кай санохонӣ бувад.
Кам бувад гарчи сито дар шеъри ман,
Ин ғазал таҳсини деҳқонӣ бувад.

Меситоям ман туро, эй обдор,
К-ин заминро мекунӣ ту обёр.
Оби рӯятро дучандон мекунӣ
Дар палакзори фароху беканор.

Пахтаро гӯянд тиллои сафед,
Ту, ки зар меофарӣ, худ ҳам зарӣ.
Бо ҳама армону покии умед
Аз зари холис басе холистарӣ.

Об меронӣ чу сӯйи киштаҳо,
Об меронӣ ту бар ҷӯйи ҷигар.
Монад ар беоб ҷӯйи киштаҳо,
Хушк гардад ҷӯяи ризқи башар.

Кишти сабзатро ситоям шодмон,
Киштае, ки сабз чун иқболи туст.
Рӯзи ту хуш бод зери осмон,
Рӯзии мо баски дар пайколи туст.

То наафтад дар ҷабини ту гиреҳ,
Дур бод аз киштаат офоти сел.
Ту зи оби кишти хеш обе бидеҳ,
То бисабзад кишти шеърам хел-хел.

Чоши гандумҳои ту зардӣ кунад,
Асли рӯйи сурху чашми сери мост.
Дар замин чун ту касе мардӣ кунад,
Курсии ҳафт осмонаш зери пост.

Хоки ту ҳаргиз набошад хоки паст,

Хоки ҳамворат бувад гардуннишон.
Гарчи гандумпояи ту як газ аст,
Лек пайвандад замин бо осмон.

Гар бувад сайёраи сабзе Замин,
Сабз он аз пинаҳои дасти туст.
Зинда бош, эй холиқи боофарин,
К-он чӣ руст аз хок, аз дасти ту руст!

## ҲУЗНИ ШИРИН

Ҳар гаҳ аз кӯчаҳои шаҳри калон -
Кӯчаҳои фароху ҳамворе,
Бо дили танг, вазъи ноҳамвор
Роҳ гирам ба сӯйи куҳсоре,

То бубинам баландии қулла,
Пастии зумрае барам аз ёд,
Устувории кӯҳро бинам,
Шавам аз бесуботҳо озод.

Шеваи якзабони рӯд ба гӯш,
Барам аз ёд садзабононро.
Кафи обаш ба сина пошида,
Бикунам сард сӯзиши ҷонро.

Чун бубинам, ки бодҳо гузаранд
Аз бари қулла беасар ҳар дам,
Бодсарҳою бодсанҷонро
Бингарам бенишона дар олам.

Чун бубинам шаҳомати куҳсор
Фақат аз як ғурури холӣ нест,
Ман наранҷам зи кибри мағрурон,
К-он ҳама аз мақоми олӣ нест.

Як дам, эй мурғаки ғазалпардоз,
Дар ҳавои сарам садо бардор.
Нағма пуршӯр кун, ки овозат
Аз дилу ҷони ман барад озор.

Бипар аз шохи боғи сабзоғӯш,
Ба сари шохи шеъри ман биншин.

Нағмаи тоза аз гулӯ сар деҳ,
Ҳузни шеъри маро бикун ширин.

## ПАДРУДИ ВАРЗОБ

Бор бандам зи ту, Варзобдара,
Хайр, то соли дигар.
Орад ин соли навинам самара,
Назанам фоли дигар.

Хайр, эй хонаяки чӯбиамон,
Ту кунӣ навҳаю нолиш дар бод.
Нолад ин сон ба ҳавои борон
Устухонҳои маризи тарбод.

Баргатон рехта, эй ар-арҳо,
Ҳамчу шамъе ҳама тан урёнед.
Худ ба худ сӯхтани шоирро
Шаб ба шаб дида аҷаб ҳайронед.

Хайр, эй хонаву эй ар-арҳо,
Сабзаи сӯхтаи пуштаи деҳ,
Кокули бед ба рӯйи дарё,
Ки занӣ дар хами гирдоб гиреҳ.

Хайр, эй рӯд, фақат бар ту равост
Роҳи мақсуд сипардан ба нишеб.
Роҳи инсон зи азал бар болост,
Кӣ равад паст, хӯрад сахт фиреб.

Хайр, эй кӯҳу раҳи болоям,
Маснаду мартабаи волоям,
Дар дили хеш туро шаҳр барам,
К-аз баландии ту бар худ нигарам.

Хайр, эй қуллаи сарманзили ман,
Шукри он барфи сафопарвари пок,
Назанад рӯ ба сиёҳӣ дили ман,
Ки туйӣ дар назарам – мазҳари пок.

Хайр, эй ҳикмати кӯҳу дараҳо,
Эй шубон, ҳар қадамат панди яқин,
Ғарқи андешаи ҳастӣ ба асо
Бизанӣ такя чу бар тири замин.

Хайр, хуш бош ту, эй марди расо,
Ман қаламро бикунам ҷойи асо.
На асое, ки барад лангонам,
Бал асое, ки барад сӯйи само.

То ба он рост кунам қомати хеш,
Нек бинам уфуқи дуродур,
Накушоям раҳ агар ҷониби пеш,
Ҳар касу пою гилемаш, маъзур.

Хайр, эй мизи хароби ларзон,
Фориғ аз ман шавию ранҷи қалам,
Баски н-орам сари ту бори ҷаҳон,
Накунам арсагаҳи шодию ғам.

Хайр, эй чашмаи симини равон,
Ки зи кас саргаҳи ту пинҳон аст,
Ҳамчу шеъре, ки биёяд ба забон,
Лек сарчашмаи он дар ҷон аст.

Хайр, эй чашмаи гул, чашмаи роз,
Об чун рафт ба ҷӯ, н-ояд боз,
Насли инсон, ки раҳии абад аст,
Боз ояд магар аз роҳи дароз.

Монад, эй чашма, зи ту хонаи об,
Пайраҳе баъди ман оё монад?
Чанде оё нашавад кӯру хароб,
Раҳрави дигар аз он по монад?

Хайр, Варзобдара, раҳ бубарам
Сӯйи пойин зи макони воло.
Во аҷаб, бар дави мошин нигарам,
Роҳ чун тир равад рӯболо…

* * *

Кӯ ба кӯ боди сарди пойизон
Оҳи пурдарди боғҳо гӯяд.
Резаборон чу оби чашми хазон
Гард аз рӯйи баргҳо шӯяд.

Ман зи қолу мақоли ин дунё
Мегурезам ба боғ як нафасе,
То ғами хештан ҳикоя кунам
Нафасе бо дарахт чун ба касе.

Зиндагӣ заҳр дораду позаҳр,
Ғаму шодию хандаю нола,
Барги яксоларо чӣ рӯзардист,
Дар дили ман ғамест сисола.

Ғами сисола нест, медонам,
Ғами пири расида бар ҳафтод.
То дарахте зи бод меларзад,
Навбун аз бех барканад, эй дод!

Гар дарахти тановарам ба назар,
Нест бокам зи ҳамлаи бӯрон,
Ҳар замон лек сахт меларзад
Решаам аз хиёнату бӯҳтон.

Дарду ҳасрат кунам ба танҳоӣ
Аз ғами худ ба баргу боронҳо.
Ман дигар ҳеҷ гаҳ нахоҳам кард
Ба касе шикваи гаронҷонҳо.

Ба ғами кас гиристан осон аст,
Шод будан зи бахти кас мушкил.
Гиряро оби чашм агар кофист,
Баҳри тақсими бахт бояд Дил.

Мо, ки қурбони мардиву мардем,
Хоки мардигарӣ кашад моро.
Кини душман ба назди мо саҳл аст,

Ҳасади дӯстон кушад моро…

Кӯ ба кӯ бодҳойи сарди хазон
Оҳи ошуфтаи дилу ҷон аст.
Дар сари мижжаи санавбари сабз
Оби борон чу ашк ларзон аст.

## ФИРОҚНОМАИ ПАДАР

Бо сактаи дил ту аз ҷаҳон бигзаштӣ,
Шуд ҳасрати мо, падар, ҷавон бигзаштӣ.
Гар зиндагият ба даҳр осон нагузашт,
Осон ту вале, фариштасон бигзаштӣ.

Ҳар гаҳ, падар, аз ту ба алам ёд кунем,
Дар олами хок рӯҳи ту шод кунем.
Гар сактаи дил бурд ҷавонат зи ҷаҳон,
Армони ҷавонии ту обод кунем.

Ҳоло, ки падар шудем, худ бепадарем,
Ӯ кулфати мо кашиду мо бехабарем.
Дунё, дунё, ба мо бигӯ, эй дунё,
Бо қарзи падар чӣ сон зи олам гузарем?!

Мехостӣ, эй падар, ки шоир бошам,
Аз табъи баланди хеш шокир бошам.
Ҳаргиз ба дилат набуд, к-аз ғуссаи дил
Ман марсиягӯйи рӯзи охир бошам.

## ДИЛАМ ГУМ МЕЗАНАД

Мерасӣ бар ёди ман ҳар гаҳ, дилам гум мезанад
В-ар зи ёдам меравӣ ногаҳ, дилам гум мезанад.
Ман ба ҷойи ҷони худ ҷони туро мепарварам,
Чун зи ҷонам мешавам огаҳ, дилам гум мезанад.

Шаб ба хобам медароӣ, баҳри таскини дилам,

Бо муҳаббат менавозӣ тифли ғамгини дилам.
Гар  сарат набвад саҳаргаҳ рӯйи болини дилам,
Дар хаёли он шаби кӯтаҳ дилам гум мезанад.

Ошиқон дастобагардан мераванду бар ба бар,
Бӯса мегиранд шодон аз лабони ҳамдигар.
Кош, сад соли дигар бошанд ҷуфти ҳамсафар,
Дар вафои ҳамдилу ҳамраҳ дилам гум мезанад.

Ман муроди хеш меҷӯям шабон аз моҳи нав,
Кӯҳна мегардад маҳу ман мекашам боз оҳи нав.
Сӯйи даргоҳи ту сад раҳ мекашам пайроҳи нав,
Боз назди он дару даргаҳ дилам гум мезанад.

Моҳтоб аз шӯъла гирди хеш хиргаҳ мезанад,
Дар дили ман дарди дуриҳои ту таҳ мезанад,
Моҳи рахшонат диламро ҳар шаб аз раҳ мезанад,
Шаб ба ёди моҳи бехиргаҳ дилам гум мезанад.

Мерасӣ бар ёди ман ҳар гаҳ, дилам гум мезанад
В-ар зи ёдам меравӣ ногаҳ, дилам гум мезанад.
Ман ба ҷойи ҷони худ ҷони туро мепарварам,
Чун зи ҷонам мешавам огаҳ, дилам гум мезанад.

## ИЛТИҶО

Гарчи гардам камбаҳо ман бе ту, ёри бебаҳо,
Гарчи бе ту нест истеъдодаму завқу даҳо,
Гарчи ҳар як ибтидоям бе ту бошад интиҳо,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Гарчи бе ту бар сари ман осмон ояд фурӯ,
Ҳам шавад шаш қитъаи олам ба чашмам зеру рӯ.
Гар туро бошад азизе, сад қасам бар ҷони ӯ,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Гарчи сӯйи ман нагардад боди гулгардон вазон,
Гарчи бе ту хушк гардад рӯду дарёи дамон,

Зулфи маҷнунбедҳо гарчи шавад хушку хазон,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Гарчи ҳаргиз бе ту нашкуфад баҳори дери ман,
Гирадам банди гиребон ишқи домангири ман,
Бахти лотақсири ман ё дарди лотасвири ман,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Баста бошад рӯйи олам чун дарат бар рӯйи ман,
Лек ногаҳ дар кушоию бигӯйӣ сӯйи ман:
«Тоқати дигар надорам, ҳамдили дилҷӯйи ман,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо!»

* * *

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ки чаро ман худу бехуд ҳама шаб мегардам
Ҳамчу раҳгумзада овораи раҳҳои дароз,
Ё чу сайёра, ки як шаб зи мадор афтода,
Натавонад ба мадор ояд боз.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Чун бубинӣ ба таҳи шохаи анбӯҳи дарахт,
Дур аз чашми чароғ,
Як нафар лаб ба лаб асту дигар ангушт ба лаб,
Як нафар дар бари ёру дигаре бо ғами ёр
Хилвате ёфта дар хилвати шаб.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ки чаро хандаи хуршед маро озорад,
Нағмаю чаҳ-чаҳи мурғон нарасад бар гӯшам,
Ки чаро ҳамраҳи мастон ҳама ҷо ҳушёрам,
Лек бо мардуми ҳушёр чаро мадҳушам.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Аз чӣ з-ин пайраҳа дигар натавонам бигузашт,
Рӯйи ин сабзаи наврас натавонам бинишаст
Ва ба ин селаи мурғон натавонам нигарист,
Аз чӣ з-инҳо натавонам на гусасту на бираст.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ки чаро кафтари танҳо наравад бар гардун,
Сина сойида ба абри гузарон,
Ки чаро дар лаби пориса нишинад маҳзун
Зору бе кур-куру дур аз дигарон.
Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ту маро ҳеҷ мапурс…

## САВОБИ ТУ, ГУНОҲИ МАН

Ҳамоғӯшии мо айни гуноҳ аст,
Но онӣ дигару ман ҳам на инам.
Ба чашмони ту гул танҳо гиёҳ аст,
Манаш чун қурсаи хуршед бинам.

Ту мегӯйӣ, сухан зарби садоҳост,
Ба гӯшам лек рози одам аст он.
Ту пиндорӣ, ки ишқ аз зебу орост,
Маро аммо сириштӣ олам аст он.

Бубинам ман, валекин ту набинӣ,
Бубинӣ ту, вале ман хира монам.
Савоби ту, ки дар рӯйи заминӣ,
Гуноҳи ман, ки дар ҳафт осмонам.

## ЧУ БӮЕ БАР МАШОМИ МАН БУВАД…

Чу бӯе бар машоми ман бувад, бӯйи туро ёбам,
Чу рӯе пеши чашми ман бувад, рӯйи туро ёбам.
Чу аз кӯе ба кӯе мекашонад кори дунёям,
Ба ҳар кӯе, ки роҳам мебарад, кӯйи туро ёбам.

Шабе, ки бо ту бошам, пурсафо чун рӯз хоҳад буд,
Вале бе ту шаби равшан шаби ҷонсӯз хоҳад буд.
Шабу рӯзам, ки бе ту мазҳари садҳо табу сӯз аст,
Агарчи ҷон бисӯзад, боз ишқомӯз хоҳад буд.

Хабар меҷӯям аз ту бехабар аз хештан умре,

Туро мехоҳад,

эй ҷону ҷаҳонам, ҷони ман умре.

Агарчи ишқи ман дар кӯйи ту як умр сарсон аст,

Бувад ишқи ту дар ҷону дилам соҳибватан умре.

Шабоне, к-аз худу аз зиндагии хеш дилгирам,

Хаёлам, чун ситора аз тулӯи субҳ мемирам.

Чу ёдам мерасад рӯзе, ки бе ёди ту хоҳам буд,

Ба ёдат зинда мемонам,

ҳаёти тоза мегирам.

Аз ин дунё ба ёди ман фақат ёди ту мемонад,

Чу таскини дили ман хотири шоди ту мемонад.

Намедонам, ки оё то саҳар мемонад ин дунё,

Агар монад,

ба ёди ҳусни ободи ту мемонад.

Дар ин дунёи безинҳор зинҳори манӣ, эй гул,

Ба ин ғамҳои сахтосор осори манӣ, эй гул,

Агарчи то абад аз ҳамдигар дурем, дур, эй гул,

Парасторӣ манӣ, эй гул, нигаҳдори манӣ, эй гул!

* * *

Ҳамчу тифле, ки кунад модар ёд,

Ман ба ту, ёр, дил андохтаам.

Дил бинолад ҳама шаб бефарёд,

Ки варо дар ғами ту бохтаам.

Ҳар дrepresentandoхта чун бемор аст,

Ҳеҷ дору накунад дармонаш.

Аз рухи ҳар ду ҷаҳон безор аст,

Ҳеҷ агар рӯ надиҳад армонаш.

Баски монд аз ту ба дил армоне,

Ман зи ҷон бӯйи туро мешунавам.

Зери лаб гар ту маро мехонӣ,

Аз куҷо то ба куҷо мешунавам.

Шаҳр то шаҳр барад боди сабо,
Қиссаи дил ба рухат бохтанам.
Мурғаке ҳеҷ нахондат оё,
Хабари дил ба ту андохтанам?!

* * *

Дидаӣ, бачаяки кафтарбоз
Биканад болу пари кафтари нав,
Ё бубандад ба канаб боли дароз,
То кунад унс ба бому дари нав.

Баъд аз ин кафтари одаткарда
Бипарад дур ба гардуни кабуд.
Ояд он мурғи ба каф парварда
Лек бар бому дараш боз фуруд.

Чӣ кунам болу пари бози туро,
Ки аҷаб мурғаки парвозии ту.
Дида озодии парвози туро,
Бишавам шефтаи бозии ту.

Ман магар боли туро мебандам,
Меканам ё пари парвози туро,
Гарчи дар ёди ту ман побандам,
Боли дигар диҳам оғози туро.

Гузар аз авҷи фазо болзанон,
Масти парвоз ба гардунҳо рав.
Бол афшон сари абри гузарон,
Ғарқ дар нилии гардунҳо шав.

Эй кабӯтарбачаи синасафед,
Мурғаки вахшии бозигари ман,
Дар ҷаҳон унси туро дорам умед,
Боз ойӣ сари бому дари ман?!

* * *

Дар лаби ҷӯ буд маҷнунбед сабз,
Зулфи худро рехт болойи сарам.
Дар дилам шуд шохаи уммед сабз,
Гӯиё аз дасти сабзи дилбарам.

Қоматаш чун мисраи ногуфта буд,
Мурғи дил дар шохаҳояш лона сохт.
Он навоеро, ки дар дил хуфта буд,
Торҳои гесуи сабзаш навохт.

Ёдаш омад нағмаи оби равон,
Шоми пурмаҳтобу маҳ дар ҷӯйи об.
Бӯса мезад моҳ бар гесӯйи он,
Зулфи ӯ мешуд парешон рӯйи об.

Ошиқе муштоқи бахти сабз буд,
Бофта зулфи варо бо зулфи ёр.
Тукмаи чоки гиребон мекушуд,
Қуфли дилро боз мекард он нигор.

Танг мешуд пайкари дилдодагон,
Рашъа меомад ба ҷисму ҷони ӯ.
Баски меларзид гесувони он,
Буд пайдо ларзаи пинҳони ӯ.

Гарчи байни шаҳри пурғавғо фитод,
Тозаву тар монд, ранги рӯ набохт.
Ҳар шаби ишқу баҳор ангушти бод
Зулфи сабзашро ба савти дил навохт.

## ИШҚУ ҲАВАС

Асли одам бувад аз ишқу ҳавас,
Ҳарфи дигар бувад афсонаву бас.
Розаш аз хоку сарои афлок
Кори беҳуда бувад ҷустани кас.

Аз сари зулфи парешони нигор
Дилпарешон бишавад ошиқи зор.

Он қадар ҷамъу парешон гардад,
То бигӯяд ғазали хотири ёр.

Шаб, ки вай печ занад, тоб занад,
Ба дили тафта магар об занад.
Ӯ барояд ба ҳавас бар гардун,
Ки шабе бӯса ба маҳтоб занад.

Ҳаваси ёри ҷавон кард ҷавон
Ҳӯтаро[6] дар дами пирию хазон.
То ки чун сафҳаи дил девонро
Пур бикард ӯ зи ғазалҳои равон.

Бошадам як нафаси гулҳавасӣ
Беҳ зи беишқии ҷовид басе.
З-ин дуо нест бароям хуштар:
Ҳавасат пир нагардад нафасе.

Ҳар киро шавқи ҷаҳонафрӯз аст,
Шаби ӯ шӯълафишон чун рӯз аст.
Гар ғами ёр хӯрад ӯ ба ҳавас,
Ба ҳама ғуссаву ғам пирӯз аст.

Нашавӣ пир ту аз ишқу ҳавас,
Накунӣ дер ту аз ишқу ҳавас.
Чашмат аз моли ҷаҳон сер шавад,
Нашавӣ сер ту аз ишқу ҳавас.

Ҳавасе мекушадат дар таҳи ор,
Ҳавасе мекашадат аз таҳи дор.
Зинда бошию зи дунё наравӣ,
Меравад то ҳавасат аз пайи ёр.

* * *

Магар ёд омадат даври ҷавонӣ,

---

[6] Ҳӯта, шоири дунявии немис, ки дар пиронсолӣ ошиқи духтари ҷавоне шуда буд.

Ки гуфтиям ба нози ошиқона:
«Маро аз рӯйи ҳавлӣ метавонӣ,
Барӣ дар даст чорӯм ошёна?»

Дамидам синаи худро чу Рустам,
Мушакҳоро таранҷидам чу оҳан.
Вале дидам қади «мавзуну» гуфтам:
«Бувад беҳтар, туро дар дил барам ман».

* * *

Дур бошӣ зи кӯйи навмедӣ,
Бахти камёбро кунӣ дарёб.
Рӯзҳои ту бод хуршедӣ,
Шомҳои ту бод пурмаҳтоб.

Дар шабоне, ки ахтаре манзур
Набувад дар самои беимдод,
Осмони ту бод нуронур,
Сари кӯят ситораборон бод.

Фасли сармову айни яхбандӣ,
Аз чаман рафт соҳири гулдӯз,
Лек сардӣ ту ҳеҷ мапсандӣ,
Ҳама рӯзи ту бод чун Наврӯз.

Дурӣ аз дидаву ба дил ту қариб,
Рӯйи бахтат ҳамора равшан бод,
Рӯзи пирӯз бо ту бод насиб,
Рӯзҳои ғами ту бо ман бод!

## БУБАХШОЙӢ…

Бубахшойӣ,
Ки боре хостам

бе ёди рӯят шеър гӯям ман,
Зи бӯйи бодҳо бе бӯйи мӯят шеър ҷӯям ман,
Ҳама шеъру сухан
аз ёд рафт он дам,
Ҳама ҳусни чаман
барбод рафт он дам.

Бубахшойӣ,
Ки натвонистаам историагонро ман
Якояк дар само
бо ёди чашмонат биафрӯзам,
Агарчи нест бе ту лаззати шабҳои ғамсӯзам.

Бубахшойӣ,
Ки сӯят чашми дилро дӯхтам ҳар шаб,
Ба танҳоиву дурӣ чун ситора сӯхтам ҳар шаб.
Чу дидам чашмҳоятро ба пеши чашми худ ногоҳ,
Шудам ман аз ҳазорон рози қалби хештан огоҳ.

Ба ёди барги зулфат барги зуфро ҳар кучо дидам,
Бибӯйидам,
бибӯсидам,
ба захми реши дил бастам
Ва барги тозарӯйи зуф, ки нози барги зулфат дошт,
Кунун як барг камтар шуд.

Ҳикоят аз ту гуфтам бодро,
гулбод гашт он бод,
Ба номат номи гулро ҷӯр кардам,
гул шукуфт аз шавқ,
Ба чӯби хушк гуфтам рози ту,
сабзу муаттар шуд.

Бубахшойӣ,
Ки бе ту гул шукуфту бод гардон гашт,
Ва рафт аз сирри номат гуфтугӯ
дар гулшану дар дашт.

Ҳамон як лаҳзаи бе ёди рӯят рафтаам ин буд,
Ҳамон як шеъри дур аз ёди рӯят гуфтаам ин буд.

* * *

Ин чӣ ҳол охир, Худоё, ин чӣ ҳол,
Оварам назди кӣ ин арзу ниёз,
Бекамол омӯзадам касби камол,
Мурдадил омӯзадам сӯзу гудоз.

То ҷаҳон бошад, баланде ҳасту паст,
Сахт ҳайронам вале з-ин шева ман:
Он, ки дар як ҷумлааш сад нуқс ҳаст,
Чун кунад аз мисраи мавзун сухан?!

## МАНУ ИН ОСМОНИ ТОЗАРӮ...

Ману ин осмони тозарӯ ҳамрангу ҳамсонем,
Гаҳе абриву гаҳ беабру ниливу дурахшонем,
Ки аз меҳри ту хандонем,
Ки аз ҳаҷри ту гирёнем.

Ману ин рӯди кӯҳӣ, ки баҳорон мешавад саршор,
Зимистон мешавад аммо камобу хурд чун ҷӯбор,
Зи меҳри ту дамем аз хеш,
Зи ҳаҷри ту камем аз хеш.

Ману ин кӯҳсорон бо ту сабзу кони ганҷ астем
Ва бе ту санги сардему тиҳиқалбу тиҳидастем.
Аҷаб зору низор астем,
Гаронсанги мазор астем.

Ману ин мурғакон,
к-аз нағмаҳои тоза саршорем,
Зи шаб то субҳ аз шавқат наво дорему бедорем,
Даме бе ту намехонем,
Навоеро намедонем.

Ману ин сабзаҳо сабзем дар зери қадамҳоят,
Ки сабзу тозарӯ бошад ба мисли ту қадамҷоят,

Агар ойӣ, ҷавон астем
В-агар н-ойӣ, хазон астем.

Ту бар гардуну рӯду сабзаву мурғон назар дорӣ,
Ту аз ин рози эъҷозе, ки меҷӯям хабар дорӣ?
Ман аз ин сир хабар дорам
В-аз гуфтан хатар дорам,
Ки бо сад ҷон
зи ҷонат дӯсттар дорам.

*   *   *

Ҳар тараф гар рӯй орад офтоб,
Он тараф рӯй оварад вартоҷ ҳам.
Гар равад хуршед дар зери саҳоб,
Кай шавад меҳри дили вартоҷ кам.

Чун гули хуршед бояд дошт меҳр,
К-аз паси ҳар абр бинӣ кӯйи ёр.
Нур бояд дар дилат чун нури меҳр,
То ба субҳу шом бинӣ рӯйи ёр.

Ишқи хуршед офтобат мекунад,
Офтоби беҳиҷобат мекунад.

*   *   *

Умри одамро, ки мегӯянд, як дам будааст,
Нек бинам, суҳбати ёрони ҳамдам будааст.
Рӯзи шодӣ, гарчи мегӯянд, бисёр аст ёр,
Он, ки аз шодии ту шодӣ кунад, кам будааст.
Ҳар чӣ аз одам расад, ноодамӣ ё одамӣ,
Лек одам боз ҳам муҳтоҷи одам будааст.
Гарчи дилро мекунад ғам сахт бемору хароб,
Чорасози ҷони беғам боз ҳам ғам будааст.
Гавҳари одам бубояд дид, в-арна ҳар даво
Бар яке нешу ба дигар нӯшу марҳам будааст.
Он ҷавонмаргон, ки рафта қарздору қарзхоҳ,
Қарзҳои умрашон бар қарзи мо зам будааст.

Бошад аз ин пас ба қадру қимати одам расем,
К-ин ҳаёти мо ба дунё одаму дам будааст.

* * *

Манзилорой чӣ кор ояд, дилорой бикун,
Аз худорой чӣ ҳосил, маҳфилорой бикун.
Аз зару симу булӯр равшан нагардад чашми кӯр,
Чашми дил з-инҳо бубанду чашмбиной бикун.
Танпарастон оқибат миранд зери бори тан,
То намирӣ чун таносо, рав дилосой бикун.
Дил агар бедор набвад, чашмводорист ҳеҷ,
Чашми дилро во намо в-аз сина овое бикун.
Аз ҷаҳонҷӯйӣ нахоҳӣ гашт дилҷӯйи ҷаҳон,
Баҳри таъмири ҷаҳон андешаву рое бикун.
То кушой қуллаҳои сарбаланде дар замин,
Кӯҳпаймой бимону рӯҳпаймой бикун.

* * *

Эй кош, агар шеърам дарёи сухан бошад,
Чун моҳии дарёям дар шеър ватан бошад.
Лаб мезанад ин дарё гар силсиламӯйи ман
Бо силсилаҷунбонӣ лаб бар лаби ман бошад.
Мавҷу шикани зулфаш дилро шиканад ҳар дам,
Он зулфшикан ёрам сахт аҳдшикан бошад.
Дарё биравад бехуд, дил ҳам биравад лобуд,
То бехудие бо ту қасди дил ман бошад.
Дар пойи ту афтам ман, то дарнафитам аз по,
К-ин латмаи соҳилҳо бас мардфикан бошад.
Ёғуи сафедандом бо мавҷ кунад бозӣ,
Ин мавҷсавориҳо кай бахши заған бошад.
Аз ғуссаи деринат сад шеъри наве гӯям,
Дармон бишавад оё дарде, ки куҳан бошад?!

* * *

Нақши ишқат менишинад дар дилу авзои ман,
Бӯйи ту меояд аз ҳар зарраву аъзои ман.
То шабе аз хештан лабрези ишқам мекунӣ,

Мерасад савдои ишқи ту ба ду дунёи ман.
Ҳамчу дарё мекушоӣ ту маро тангии дил,
Метапад дар тангно бе ту дили дарёи ман.
Бе ту шомам кӯрмаҳтобу шабам беахтар аст,
Хӯшаи Парвинию маҳтоб дар шабҳои ман.
Ёди лабҳоят зи ёдам мебарад ёди сухан,
Бо лабони худ сухан омӯз бар лабҳои ман.
Дар миёни ошиқонат гар якам аз сад ҳазор,
Дар миёни сад ҳазорӣ гавҳари яктои ман.
Ман ба дунё ҳамқаринам, гар қарини ман туӣ,
Беҳтарин пайдои ман, яктои ман, зебои ман…

* * *

Ниҳоли умри ту хоҳам, ки дар амал бошад,
Камоли бахти ту хоҳам, ки бебадал бошад.
Шавад насиби касе гар бағал гирифтани ту,
Тамоми давлати дунёш дар бағал бошад.
Ҷамеи кори ҷаҳон соату маҳал дорад,
Ягона ишқи ту ҳар лаҳза дармаҳал бошад.
Ба рӯзҳои зимистон баҳори рӯйи туро
Шукуфта бинаму гӯям, магар ҳамал бошад.
Ба умри тозаарӯсон маҳе маҳи асал аст,
Худо кунад, ҳама умрат маҳи асал бошад.
Ба ҷуз санои муҳаббат сухан нахоҳам ҳеҷ,
Ки ҷумла ҳарфи дигар қиссаву масал бошад.
Зи рози дилшудагон ҷуз ғазал чӣ хоҳам гуфт,
Ки шеъри нобтарини ҷаҳон ғазал бошад.

* * *

Бенуру хира метофт шабҳо ситораи ман,
То чун ситора кардӣ боре назораи ман.
Аз шуълаи нигоҳат барқе ба ҷони ман зад,
Сад Каҳкашон шукуфо  шуд ҳар канораи ман.
Чашмат чӣ муъҷизе дошт, ин хок осмон шуд,
Сӯйи ту рафт боло дил – моҳвораи ман.
Роҳе дигар набурдам ҷуз роҳи ишқ з-он шаб,
Бечорагии ин раҳ буд чизу чораи ман.

Умри дубораам дод ишқат, вале аҷаб буд,
Якбора шуд фидоят умри дубораи ман.
Ҳаргиз касе надонист, аз кай камол меёфт,
Тифли муҳаббати ту – ин ширхораи ман.
Гӯянд, чун маро баст бар гоҳвора момо,
Бӯйи муҳаббат омад аз гоҳвораи ман.

* * *

Бо туям танҳо ба танҳо маҳфил аст,
Бе туям бо ҳар ду дунё мушкил аст.
Гар ту хандонӣ ба рӯёрӯйи ман,
Зиндагонӣ хандарӯю муқбил аст.
Ишқ моро вобарад то осмон,
Войи оне, к-ӯ зи гардун нозил аст.
Дил тавонад бурд ноогаҳдиле,
Дил диҳад лек он, ки огоҳи дил аст.
Ҳоли моро бевуқуф осон магир,
Худ вуқуфи ту аз ин ҷо мушкил аст.
Дар заминат нест гар тухми азал,
Обдорӣ кӯшиши беҳосил аст.

* * *

Ҳар шабе аз дур ёдат мекунам,
Нохушу масрур ёдат мекунам.
Ишқи мо буд ошкорову кунун,
Чун ғами мастур ёдат мекунам.
Умр ширин буд зи талхи ишқи ту,
Рӯзи яъсу сур ёдат мекунам.
То шабе афрӯхтӣ ҷони маро,
Ҳамчу шохи нур ёдат мекунам.
Шод бодо, хотири ту, шод бод,
Гарчи ман ранҷур ёдат мекунам.
Мебарам ёди туро то дар лаҳад,
Ҳам даруни гӯр ёдат мекунам.

*    *    *

Обҳое бешу кам аз сар гузашт,
То ки қадри оби пеши дар гузашт.
Тарҷрибат омӯхт моро зиндагӣ,
Илмаш аз сад мактабу дафтар гузашт.
Дар замин зодему фикри мо кунун
Паркашон аз олами ахзар гузашт.
Ахтари наҳсончунон наҳсӣ накард,
Наҳси кас аз наҳсии ахтар гузашт.
Хаскашон бӯҳтон ба марди ҳақ заданд,
Ӯ вале дарёи пургавҳар гузашт.
Ҳар қадар бигзашт умрат, мард бош,
Бештар бигзашт ё камтар гузашт,
Ончунон дар фикри олам бош, чун
Бигзарӣ, гӯянд, олам даргузашт.

*    *    *

Шеър баски нест ҳаргиз ҷамъ ё ҷанги сухан,
Зинда бошад шоире, ки мирад аз нанги сухан.
Хотире аз пеши худ рангинсухан кай оварад,
Баски рангомезии даврон бувад ранги сухан.
Нуктадонро ҳоҷати шарҳу баёни беш нест,
Вазъи давронро шиносад ӯ зи оҳанги сухан.
Гарчи оҳан нест ҳеҷ эмин зи хӯрданҳои занг,
Ҷони одамро хӯрад то мунтаҳо занги сухан.
Тангрӯзу тангмайдон нест он шоир ба даҳр,
Гар фарохӣ ёбад ӯ аз хиттаи танги сухан.
Он сухангӯро набошад ҳоҷате бар санги гӯр,
Санги гӯрашро бимонад гар худ аз санги сухан.

**Аз**

**«РӮЗИ УМЕД»**

(с. 1987– 1990)

## СУРУДИ ФАРДО

Ман аз баҳори навангез бо шумо мардум,
Дуруд хоҳам гуфт,
Суруд хоҳам гуфт.

Дар ин баҳор ниҳолони тар  ҷавона кунанд,
Парандагон ба дарахтони сабз лона кунанд.
Дигар зи шохи шаҷар лонае нахоҳад рехт
Ва хоки решаи худро башар нахоҳад бехт!

Ҳамин ки мегӯям,
Хаёлу хобе нест!
Дигар зи мулк ба мулке даруни тайёра
Ҷанозаҳои шаҳидон нагардад овора.
Ба нола дар сари тобутҳои рӯҳандуд
Чу шохи тар накунад қалби модарон ҳам дуд.

Арӯсҳои вафодор
Бо сиришки қатор,
На рӯйи раддаи тобути сардеву хомӯш
Зи гармии бағали ёри ҷон раванд аз ҳуш.
Ба ҷойи мотами ҷонсӯзи ин ҷавонмаргон
Расад навиди арӯсии ин ҷавонбаргон.
Бихандад аз дили мардум шукуфаҳои умед,
Шукуфаҳои баҳорон ба рӯзгори сафед.

Туйи намонда ба ёд,
Ба ёди тифли худ, эй модари ҷавонмаргам,
Бихоб осуда,
Мабош ошуфта,
Ки даври баччагии баччаат чӣ сон бошад,
Ба ин ятимаки бекас кӣ меҳрубон бошад.
Ба ӯ арӯс кӣ ҷӯяд, кӣ хостгор шавад,
Шаби нахусти арӯсӣ, кӣ пардадор шавад.

Бихоб ором,
Эй модари ҷавонмаргам,
Ки ман, ниҳоли ту, акнун дарахти бобаргам

Ва шукри ҳақ,
ки гузаштаст нек умри сарам,
Ҳам аз ту ман ду баробар ба син бузургтарам.
Арӯси ман, ки туро ғоибона модар хонд,
Ҷавони беваву бепуштибон нахоҳад монд.
Заифаи дигареро наберагонат низ
Ба ашку нола нахонанд ҷойи моми азиз.
Наберагони ту умри дароз мебинанд
Ва боз мебинанд
Надидаҳои туро
Ва боз мечинанд
Начидаҳои туро.
Чу ман ба ашки алам рӯйи худ намешӯянд,
Ба дарду ғусса ба фарзанди худ намегӯянд,
Ки мо ба ёд надорем рӯйи модарро,
Ки мо ба ёд надорем бӯйи модарро.
Агарчи ҷисми ту худ хоки хуфтае кайҳост,
Валек дасти ту аз хоки марқадат болост.

Ту, рӯҳи модари берӯзии ҷавонрафта,
Мабош ошуфта.
Зи родио нарасад баъд аз ин хабар ин сон;
«Ки танкҳои адӯ кард деҳае вайрон.
Ба зери чарх фурӯ рехт хонаҳо аз ҳам,
Ба зери хок ниҳон гашт манзили одам.
На кас бимонд саломат, на ошёна бимонд,
Ба боғи булбули хушлаҳҷа чуғз лона бимонд!...»
Ва ӯ ки мешунавад ин хабар, намеболад,
Ба марги ғайр чу дар марги хеш менолад,
Ки рӯйи куштаи мардум насозад инсоне
Бинои ишқу амонӣ.
Ва хоки мурда куҷову куҷо гулистонҳо,
Дарахт сабз нагардад ба хуни инсонҳо.

Дигар ба гӯш наояд ғиреву ғурриши тир,
Садои мурғи чаман ояду суми нахчир,
Ки дар ҷаҳони башар мерасад баҳори дигар,
Ба ҷойи аҳди хатар рӯзу рӯзгори дигар.

Саҳар зи ҳим-ҳими баргу чакомаи мурғон
Ба гӯш мерасад армони дудаи инсон,
Ки бо бародари хеш ӯ бародарӣ бикунад,
Ба нобаробари худ ҳам баробарӣ бикунад.
Замин ба насли башар гоҳвора хоҳад монд,
Башар зи маҳд қадам бар ситора хоҳад монд.

Ту, рӯҳи модари бебахти ман, бихусб ором,
Ки аз баҳори наве ман ба мардуми айём
Дуруд хоҳам гуфт,
Суруд хоҳам гуфт.

## ТАЪНАИ ФАРИШТА

Ту, эй фариштае, ки аз баландии само,
Ба ҷониби замини паст бингарӣ,
Магар аз инат он фароғату сафо,
Ки аз башар ҷудоиву
зи насли дигарӣ
Ва бошадат само ватан,
Маро замини модарӣ.

Маро ту, эй фаришта, таъна мезанӣ,
Ки баҳри мансаби баланд одамон
Зи устухони ҳамдигар кунанд нардбон.
Ҳамон ки гӯяд ӯ, бувад қарину дӯстат,
Хабар шавӣ, ки ҷой карда каҳ ба пӯстат.
Ҳамон ки дар канори худ кашад туро чу ёр,
Агар ту ғойибӣ,
Зани туро ба ҷойи ту кашад канор.

Маро ту, эй фаришта, таъна мезанӣ,
Ки одамӣ ба зери остин
Барад ба ҷойи дасти меҳр – санги кин;
Ки дар лабони ӯ ба ҷойи нӯшханд
Саросар аст нешханд.
Набошад офаридае чун ӯ ба баҳру бар,
Ки фикри ӯ дигар,

Сухан дигар,
Амал дигар.

Аҷаб, ки дар назар намояд ӯ яке
Ва бо се гунае кунад зуҳур,
Ки ҳосилаш бувад футур.

Маро ту, эй фаришта, таъна мезанӣ,
Дигар куҷост одаме, ки нусхаи Худо бувад,
Зи макру ҳиллаву разолату бадӣ ҷудо бувад,
Дилаш ба равшанӣ чу чашмаи зиё бувад,
Ба роҳи ҳақ адо бувад.

Дигар куҷост одаме, ки гӯяд ӯ сафо барам,
Ба ҳар касе бародарам, ба ҳар касе баробарам.
Куҷост одаме чунин
Ба соҳати замин?

Ту, эй фариштаи самои пок,
Гузар бикун зи таънаҳои талх,
Гузар бикун зи ҳарфҳои дарднок,
Гузар бикун ту аз ситез,
Ки бо туям сари ситез нест.
Агар маро ситезаест,
Ба ҷуз ба хеш нест.

Фақат туро бигӯям, эй фариштаи фариштагон,
Ки бар замин фуруд о зи авҷи осмон.
Нагӯямат, ки байни одамон фаришта шав,
Тавонӣ, одаме бишав ту байни одамон,
Бигӯямат, ки офарин,
Туӣ фариштаи замин!

## АРМОН

Оҳ, ман бисёр мехоҳам, ки бошам
Шоири васфу дуруд,
Шоири базму суруд.

Ман, ки мехондам зи тифлӣ ҳар дам ин байти накӯ:
«Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам».
Санг баста дар дили ман то кунун ин орзу.

Баъд донистам, ки дар он рӯзгор
Буда машҳури замон дигар шиор:
Ҳар як инсон мурвате бар мошини аъзам бувад.

Мурвати мошин, ба қавле мехаке,
Қаҳрамон будан куҷою мехаке?
Баъд аз он дигар надонистам, ки бошам
Мехаке ё қаҳрамон,
Пас шудам на ин, на он.

Баъд, вақте ки қалам дар даст
                    ман рафтам ба майдони сухан,
Шоире,
             хондам, ки гуфта з-ифтихор
Дар санои рӯҳи халқи хештан:
(Шод бодо рӯҳи покаш,
Шоири бад ҳам набуд)
«Гар бисозӣ мех аз ин одамон,
Сахттар мехе набошад дар ҷаҳон».[7]

Ман сипас дарёфтам:
Мехсозӣ з-одамон
Буда оҳанги замон.
Сохтанд он қадр мехи бегазанд,
Ки ҳамехоҳанд акнун
                         дар дилат онро зананд.

Оҳ, ман бисёр мехоҳам, ки бошам
Шоири базму тарона,
Ҳамдами чангу чағона.

Лек бинам,

---

[7] Аз шоири рус Н.Тихонов.

Он даме деҳқони тоҷик аз саҳар то нимшаб
Пахтаашро парварад бо меҳру бо сӯзу тааб,
Хешро ту гӯяду онро Шумо,
Доимо чашмаш ба сӯйи осмон,
Бештар аз ҷони фарзандони хеш
Ӯ кунад обу ҳавои созгореро дуо;

Як шаб аммо
модари фарзанди ӯ,
Ки ҳаменӯшад пасоби захрии майдони дорудодааш,
Он писарро, ки барояш
ӯ бирезонад арақҳои ҷабин,
Афканад шашмоҳа маҷрӯҳу ҷанин.
Пағғаҳо ханданд байни пахтазор,
Осмон гиряд ба ҳоли моми зор.

Ё аз он ҳам талхтар,
Ҳамсари навзои ӯ ёбад писар,
Бошад ӯ ҳам қад кашад ҳамчун ниҳоли навбаре,
То расад рӯзе, ки ояд ӯ ба паҳлуйи падар.

Пахтаи хандони дорухӯрдааш дар пахтазор,
Ӯ вале тифли зи дору мурдааш
Мебарад сӯйи мазор.
Аввалин армони худро мекунад гӯр,
Охирин дармони худро мекунад гӯр.

Оҳ, ман бисёр мехоҳам, ки бошам
Шоири васфу дуруд,
Шоири базму суруд.

Лек, ёрон,
Ман чӣ сон фахрам, ки имрӯз
Нораки овозадорам
Мекунад сарчашмаи хуршедро ҳам хирасӯз;
Он гаҳе ки пушти пушта
норакии ГЭС-дор
Бо чароғи пилта чун дар асри даҳ
Шоми худро мекунад бо дуд рӯз.
Як қадам дур аз нишемангоҳи нур

Ӯ ба саргину ба таппиҳои гав
Мекунад бо пуф-пуфу муф-муф ба оташдон алав.

Ё ба Регар
Регариҳои алюминрези мо
Он қадар резанд маъдан, ки аз он
Метавон пӯшид боми осмон.
Мечакад аммо зимистон бомҳои хона-шон
Бар сари бечора фарзандонашон.

Оҳ, ман бисёр мехоҳам, ки бошам
Шоири базму тарона,
Ҳамдами чангу чағона.

Лек шаб дидам, ки дар дарвозаи ҳавлисаро,
Модаре бо тифли зораш посбонӣ менамуд.
Шояд ӯро кас набуд,
То бимонад назди ӯ фарзанди худ;
Тифлакаш дар рӯ ба рӯ рӯйи харак хобида буд.
Кард ин манзар тагу рӯ дардҳои хотирам;
Ман ба ҳоли он зани бегонаву он тифли зор
Шаб гиристам
на кам аз рӯзи азои модарам.

Оҳ, ман бисёр мехоҳам, ки бошам,
Шоири базму тарона,
Ҳамдами чангу чағона.
Лек метарсам, ки баъд
Модари тоҷик фарзандам нахонад,
Шоири ҷону ҷигарбандам надонад.

## ҒУССАИ ХУҶАНД[8]

[8] Ин шеър ва шеъри «Дуруд ба Фарзона» солҳои 80 асри гузашта навишта шуда буд, ки ба шаҳри Хуҷанд – Ленинободи онвақта номи қадимааш баргардонида нашуда, ҳайкали Камоли Хуҷандӣ ҳам вуҷуд надошт. Вақте ки ҳафтавори «Адабиёт ва санъат », ки банда сармуҳаррири он будам, масъалаи ба шаҳри Хуҷанд баргардонидани номи қадимаашро ба миён гузошт, аз номи вакилони халқи шаҳр ба идораҳои болоии ҷумҳурӣ мактуби норизоие

Эй шаҳри Хуҷанди бостонӣ,
Донӣ, ки маро ба ҷойи ҷонӣ.
Аммо ба ту шеъри ғам нависам,
Ҳарчанд ки хонию нахонӣ.
Мункиршудае зи номи хешӣ
Бо он ҳама шуҳрати ҷаҳонӣ.
Темурмалик магар набудат,
Санге чу ба ёди ӯ намонӣ.
Чун рафт Камол аз бари ту,
Ту қадри сухан дигар чӣ донӣ!
Аз Хоҷа нишонаат намонда,
Ҳарчанд варо ту худ нишонӣ.
Донам, ки ба дил ғами манат нест,
Аммо ба дилам чу ғам бимонӣ.

## ДУРУД БА ФАРЗОНА

Ин хоки куҳан қудрати худ кард ҳувайдо,
То фарди ту фарзонае овард ба пайдо.
Чун гӯямат охир, ки манам садқаат, эй ҷон,
Азбас натавон буд ба худ садқаву шайдо.

Бинам, ту яке мавҷи равониву маҳинӣ,
Донам, ба сухан муъҷизакориву матинӣ.
Ёбам, ки дилат софӣ аз ойинаи Сир бурд,
Бо ин дили софат асари доғ набинӣ!

Кай зодаи куҳсор ҳама кӯҳнаворд аст,
Кай чашмаи хуршед ба ҳар синаи сард аст.
Гар навъи башар зодаи ишқ асту гуноҳ аст,
Шоир зи азал зодаи дард аст, ки дард аст.

Эй хоҳари ширин, ту ба ман ҷони азизӣ,

---

омад, ки дар он сармуҳаррири ҳафтавор барои ин кораш ба «ватанфурӯшию хиёнаткорӣ» айбдор карда мешуд ва банда аз таъсири ин амал ин ду шеърро навишта будам. Ҳоло ба шаҳр номи қадимааш – Хуҷанд баргардонида ва ба Хоҷа Камол ҳам пайкара гузошта шудааст. – Муаллиф.

Бо нармии ин дил ба бадӣ чун бисситезӣ.
Бе банду камандеву ба ашъори баланде
Ҷойи ҳама мардони диёрам ту бихезӣ.

Дар ҷону дилат дарду ғами халқ дучанд аст,
К-имрӯз ба дунё на Камолу на Хуҷанд аст.
То ҳол ба шахраш ба чунин шоири якто
Як санг набошад, магар ин бахти баланд аст!?

Онон, ки ба овоздиҳиянд яковоз,
Овоз чӣ доранд, ки гунганд аз оғоз.
Ҳар ҳарф, ки гӯянд, бигӯ, баъд бигӯянд,
Бо ин ҳама бошанд магар мардумие боз?!

Онон, ки туро ҷойи ҳама мард надонанд,
Мардигарие худ ба ватан карда тавонанд?
Он лофу газофе, ки зананд, аз пайи нафс аст,
Виҷдон ба куҷо, дар ғами нону ғами ҷонанд.

Аз банди дили ман аламу дард бихезад,
Чун бе ғами фардои ватан фард бихезад.
З-ин хок, ки бархост чунин духтари бебок,
Бошад, ки пагаҳ боз яке мард бихезад.

* * *

Боз ҷое гулӯлае таркид!
Рафт тарке ба боми хонаи ман.
Дилам аз зарбааш тагорӯ шуд,
Хала зад дил ба зери шонаи ман.

Фавҷи мурғе, ки масти хониш буд,
Аз сари шохаҳо париду гурехт.
Гунг шуд боғи хушнавои баҳор,
Риштаи нағмаю тарона гусехт.

Тифли хобам даруни гаҳвора
Тарс хӯрду гирист зор ба зор.
Шукри ҷони саломаташ кардам
Бо дилу ҷони пурғаму афгор.

Шояд он ҷо, ки он гулӯла фитод,
Буд гаҳвораи чунин тифле.
Ҷойи он монд ҳавзае боқӣ,
Ҷо ба ҷо шуд таҳи замин тифле.

Модараш гоҳвора мекобад,
Асар аз тифли худ намеёбад,
Рӯ ба ханҷол меканад модар,
Сар ба девор мезанад модар.

Модаронро ба дил чунон дардест,
Дил куҷо – мушти ҳасрату армон,
Ки ба боқии умр насли башар
Натавонад кунад варо дармон.

Боз ҳоло гулӯлае таркид,
Гашт ноҷӯр набзи сайёра.
Он, ки бояд ба Каҳкашон мерафт,
Пора-пора бишуд ба гаҳвора.

Он, ки бояд зи дасти ӯ мешуд
Марг фардо забунсару кушта,
Ногаҳон пеши чашми модари худ
Шуд ба хуни дили худ оғушта.

Гар чунин аст азми аҳли башар,
Нашавад сабз решаи фардо,
Лонаҳо аз дарахтҳо афтанд,
Пушти гӯр аз само шавад боло.

**ОФТОБИ ХУНШОР**

Тираву пурбим буд паҳнои арк,
Рафта буд хуршед аз болои арк.

Лашкару дарбориён аз ду тараф,
Дар миёни аркмайдон баста саф.

Ҳукм мебурданд Айниро кашон,
Буд сараш бар мушти бадхоҳон нишон.

Хирагӣ мекард туф бар рӯйи нур,
То кунад чун хеш ӯро низ кӯр.

Лек Айнӣ бегумон медид дур,
Олами муздуру марги ин судур.

Чун фуромад боз муште бар сараш,
Рафт зӯри охирин аз пайкараш.

Ҳушаш омад, ки зи по афтондаанд,
Назди як ғӯле ба зону мондаанд.

Хост бар по рост гаштан устувор,
Ихтиёре кард, аммо ку мадор?

Қӯшбегӣ гуфт: «Ин Айнӣ бувад?»
«Ҳо, бале!» – гуфто гурӯҳе деву дад.

Ногаҳон омад садои синасӯз,
«Нест Айнӣ ин, Худоё, ин чӣ рӯз?»

Зери лаб мегуфт Айнӣ чорачӯй,
Балки ин мегуфт ҳар як тори мӯй:

«Эй дутории фақире аз авом,
Эй ту номуси азизу поки ом,

Як ҳамин овози ту омад ба гӯш,
Аз миёни шӯру ғавғо чун сурӯш.

Як ҳамин овози ту бас буд маро,
К-он сипар бар ҷону бар тан шуд маро.

Баъд аз ин оянда ҳам нобуд нест,
Ранҷи ман беҳудаву бесуд нест.

Эй фидои ин дурӯғи ту манам,
Ман ба роҳи ростин ҷон меканам».

Пас садои қӯшбегӣ шуд баланд,
Чун ба санге хӯрдани неши каланд:

Дурра мебояд задаш ҳафтоду панҷ,
То бидонад хуб озодӣ чӣ ганҷ.

Ғӯлае бигрифт дар пушташ варо,
Доманаш бурданд то гардан фаро.

Ду нафар аз дасту пояш доштанд,
Бо адоват дурраҳо бардоштанд.

Кард сар мири ғазаб: «бир, экки, уч…»
Мефуромад зарбаҳо бар пушти луч,

Канда ҳар як зарбааш як лахти гӯшт,
Кӯфт дарҳам пораҳои сахти гӯшт.

Дурра шуд аз хун чу шохи арғувон,
Аз лаби Айнӣ наомад як фиғон.

Баски дар пушташ намонд аз гӯшт ҳеч,
Устухон аз зарбаҳо мехӯрд печ.

Чун ҳисоби дурраҳо бишнид: Шаст,
Гӯиё ҷисмаш ба ҳавзи хун нишаст.

Як замоне шасту шаш омад ба гӯш,
Издиҳому миш-мишаш омад ба гӯш:

«Ин чӣ сагҷоне, ки ҳоло зинда аст,
Ғарқи хуну сар ба боло зинда аст…»

Боз нуҳ зарби дигар омад ба пушт,
Ӯ нигаҳ бар қӯшбегӣ кард, кушт.

Дид майдон, к-офтоби тозарӯ
Медамид аз шонаи хуншори ӯ!

## БУЛБУЛИ ДАШТӢ

Хест байни шоирон баҳси шадид,
Булбули даштӣ, агар бошад, кӣ дид?

З-он яке мегуфт, оё дашт чист,
Боз мурғаш… ин магар писханд нест?

Ҷойи булбул гулшан асту шохсор,
Бесабаб набвад, ки хонандаш ҳазор.

Ҳар куҷо гул ҳаст, он ҷо булбул аст,
З-ин сабаб булбул пасованди гул аст.

Гарчи ояд гулшану булбул хушам,
Хандаи гул, хонишу ғул-ғул хушам.

Лек гӯям, мурғи даштӣ, офарин,
Нағмахони дашт гаштӣ, офарин!

Чӯлро кардӣ ба лаҳнат бӯстон,
Саксавулро шохи гул, эй нағмахон.

В-арна ҳар мурғе ба гул хонад суруд,
Эй зиҳӣ мурғе, ки мурғи дашт буд.

## РЕШАИ ТАБАРХӮРДА

Мо кунун аз гузашта норозӣ,
Ним шодиву нимае дардем.
Расад акнун замони навсозӣ,
Лек худро куҷо дигар кардем?!

Рӯзгорон ниҳоли навбар буд,
Кӣ ба беху бунаш табар мезад,
Ба табар гар дарахт даста нашуд,
Кӣ табарро ба ин шаҷар мезад?!

Боғ бе мурғу мурғ бе лона,
Ҳарфи ҳақ буд дар гулӯ раҳбанд.
Шиква ноҷо зи қасди бегона,
Дасти мо решаҳои мо меканд.

Дар сухан бошитоб мерафтем,

По намешуд вале зи ҷо канда.
Мадҳи худ беҳисоб мегуфтем,
То дили ҷамъ шуд пароканда.

Бохтро вонамуда бахту зафар,
Бар ҳама фанд ёфтем имкон.
Чун сухан буд дигар, амал дигар,
Бар сухан, бар амал намонд имон.

Мо, ки имони нав ато кардем,
Бехабар худ шудем беимон.
Мо ба имони худ хато кардем,
З-ин сабаб шуд ҳаёт беимкон.

Гарчи моро фароғу роҳат нест
Аз шаҳидони бе зафар мурда.
Чун замин зери пои мо боқист,
Бидавад решаи табархӯрда.

* * *

Зиндагӣ бозтоби тақдир аст,
Тобишу ҷилва мекунад садранг.
Одамӣ дар ҳисоби тадбир аст,
То бувад ҳамнавою ҳамоҳанг.

Зиндагӣ шуғли номҷӯиҳост,
З-одамизод ном мемонад.
Номи ҳар кас баланд бошад, умр
Ба раҳаш беш дом мемонад.

То шавад ӯ ба зиндагӣ побанд,
Банди худро ба по набинад ҳеч,
Хештанро шуморад озода,
Гарчи дар банд хӯрда пояш печ.

Ҳар чӣ бошад, набояд истодан,
Пеши кас сар набоядат хам кард,
Ҳамчу бандӣ, ки бастапост, вале
Пой монад ба сарбаландии мард.

Пой – дар банд, роҳ – беохир,
Тӯли раҳро нигоҳ медонад.
Раҳраверо зи роҳ бардоранд,
Баъди ӯ тарҳи роҳ мемонад.

## ТУ МАРО МЕШУНАВӢ?

Ту маро мешунавӣ?
Саҳар ойӣ сари сарчашма ба об,
Нигарӣ ҳалқарави мавҷи маҳин,
Шунавӣ гӯшакии обу алаф,
Даме эҳсос кунӣ набзи замин,
Дар миёни ҳама ин муъҷизаи арзу само
Ту маро мешунавӣ?

Тавсане сум бизанад бар сари санг,
Кабки маст аз камари кӯҳ бихонад қаҳ-қаҳ,
Селаи мурғ фурояд аз кӯҳ,
Рама бар домани куҳ гирад раҳ,
Дар миёни ҳама ин савту садо
Ту маро мешунавӣ?

Пунбаи абр ба гӯши дара аст,
Лачаки лола сари синаи тал.
Ҷониби пушта равад духтараке,
Ки кашад ёри дилашро ба бағал.
Зимни ин манзараи ишқу умед
Ту маро мешунавӣ?

Ҷони ман,
Ман туро мешунавам шому саҳар
Аз нафасҳои таболудаи ошиқ бари ёр,
Аз тапишҳои гулу шохаву барг
Дар раҳи боди баҳор.
Рӯз аз хандаи хуршеду ба умқи шабҳо
Ман зи чашмакзании кавкабҳо,
Зи садоҳои замину зи навоҳои само,
Аз куҷо то ба куҷо
Ман туро мешунавам, мебинам,

Гул ба ёди рухи ту мечинам.

То зи ҳар барги гуле бӯса занам рӯйи туро,
Ғарқ дар кӯли ду чашми ту шавам.
Сари гесӯйи ту гирам сари даст,
Бо сари масти худ аз хеш равам.
Бубарам ҷумла ҷаҳонро
                                        аз ёд,
Ба лабам номи ту созам фарёд:

Ҷони ширин,
                    ту биё,
Боз ҷойи ҳама гулҳои чаман
Ту биханд.
Ҷойи мурғони хушилҳон
                              ба бари боғи ҷавон
Ту бихон.
Биравад кабки рав аз домани кӯҳ,
Лек дар домани дил
Ту бимон.

Аз миёни ҳама хандонлабу
                                        хушхону
                                                  равон
Ту биханду
                    ту бихону
                              ту бимон!
Ман дигар ҳеҷ нахоҳам зи ҷаҳон,
Ту маро боз бихоҳ.
Гар шавад ҳар ду ҷаҳон ҳам охир,
Ту вале ишқи маро
Аз нав оғоз бихоҳ!

## ИШҚИ ДУХТАРИ ҚАЗОҚ

Як шаби ишқ туро бахшидам,
Гуфтию шона задӣ мӯйи баланд.
Дида он шоназанӣ дар дили ман

Тапиши ишқи ту мешуд садчанд.

Гуфтиям: «Халқи маро расме ҳаст,
Авул ояд чу ҷавонмарди писанд,
Дили мардум ба ҳунар об кунад,
Беҳтарин духтарак ӯро бидиҳанд.

Хушам омад сухани дилҷӯят,
Ман ба он одати халқи ватанам
Як шаби ишқ туро бахшидам,
Як шаби ишқ чӣ, ин ҷону танам.

Кош будӣ алафи навруста,
Дашти ҳамвору самои нилӣ,
Ҳама шаб хӯшаи Парвин равшан
Ба сари ҳар дуи мо – қандиле.

Тавсани ишқи гурезонам, ёр,
То ба ин шаб ба чӣ даште, ки бигашт.
Кош, дар дашт туро ёфтаме,
То ту бишнохтиям, духтари дашт!

Ҳар чӣ шуд, хуб! Намонд армонам,
Дар бари шоири худ сӯхтаам.
Баъд аз ин рӯзам агар гашт сиёҳ,
Аз шаби ишқи ту афрӯхтаам.

Зодаи даштам агар будӣ ту,
Будӣ алҳақ йигити човандоз.
Ту, ки фарзанди куҳистон будаӣ,
Тую кӯҳу ману он дашти дароз…».

Лаб бубастӣ зи сухан, дар дастам
Домани дашти ҳавасҳои ту буд.
Зиҳӣ он мардуму он бахшоиш,
Ки туро доду дил аз ман бирабуд!

*   *   *

Ин ҳама байту сухан, к-аз дили ман мегузарад,
Як замоне зи даҳоне ба даҳан мегузарад.
Гар сабо дар бағали сабзи дарахтон биравад,
Он чу борон зи сари дашту даман мегузарад.
Дил ба рӯйи гули хандида супурдан саҳл аст,
Ҳушу ёдам ба сари хори ватан мегузарад.
Мард он аст, ки бо оби ҷабин дар чӯле,
То насозад чаман, аз бахри чаман мегузарад.
Ҳар кӣ лофе зи ғаюриву ҷавонмардӣ зад,
Дон, ки дар буздиливу тарс зи зан мегузарад.
Бо ҳама ҷинси халалкор сари корам нест,
Баски умрам ҳама дар кори сухан мегузарад.
Ҳеҷ гоҳе нашавад бори касе дар ду ҷаҳон
Он сухансоз, ки бо бори сухан мегузарад.

*   *   *

Чаман шукуфт, азизон, ба гул назора кунед,
Чу гил нахӯрда шуморо, ба гул канора кунед.
Чу бед дар лаби ҷӯ зулфи худ дар об андохт,
Зи бӯсаи лаби дилбар чӣ истихора кунед.
Агар баҳори табиат ба сол як бор аст,
Шумо баҳори дили хеш бешумора кунед.
Чу ошиқони хасак рози худ ниҳон доранд,
Шумо ба ҳар ду ҷаҳон ишқ ошкора кунед.
Чу кардаҳои шумо беҳ зи бурдаҳои шумост,
Ба нури дидаи фардо ба худ назора кунед.
Расад пиёдараве бар мақоми фарзинӣ,
Магар сазад, ки ҳасадҳо ба ҳар савора кунед.
Агар ситораи давлат нашуд насиби шумо,
Ба сина аз дили сӯзони худ ситора кунед.

*   *   *

Бимонад ёдгори ҷовидон – шеъру сухан аз ман,

Чу бо байту ғазал ёде кунад халқи ватан аз ман.
Зи бас майле набудам, к-аз судури анҷуман бошам,
Бимонад баъди анҷомам суруди анҷуман аз ман.
Маро аз ганҷи аҷдодам намонда ҷуз сухан мерос,
Бимонад ҳам ба авлодам фақат ганҷи сухан аз ман.
Ҳама он шаҳри дар хоку ҳама он қасри дар афлок
Шиносад даҳр бо таъхир чун таърихи ман аз ман.
Ба ин деринтизориҳо ба рағми мардуми пурфан
Ҷаҳон акнун пазирад, к-он ҷаҳони илму фан аз ман.
Зи шаъни тоҷдориҳо дар ин даҳрам ҳамин кофист,
Ки як байте ба тоҷикӣ бихонад марду зан аз ман.

## БАЙТҲО

Гар шавад ҳар рӯз ҷогардон дарахти борвар,
Ё зи реша хушк гардад, ё ки монад аз самар.

* * *

Панҷаи ман гарчи н-озорад яке мӯри ҳақир,
Лек ҳангоми зарурат тобад он бозуи шер.

* * *

Дер мебояд нуҳуфтан дарди ишқи беназир,
Май, ки дер истад ба хум, гардад шароби зудгир.

* * *

Ҳар қадар дил бурдани ту нодир аст,
Лек бедил рафтанам нодиртар аст.

* * *

Ҳарчанд ба ту гузаштаи дур аст ин,
Некӯ бинигар, гузаштаи нур аст ин.

* * *

Шояд ки ҳақиқат аст дар нӯги забон,
Аммо натавон кард варо ҳеҷ баён.

**Аз**

# «ШАҲРИ МЕҲОЛУД»

(с. 1990 – 1993)

## БАРГПАЙВАНД

Ниҳоли сабзи армонҳо,
Ту ҳар субҳе шароби ноби шабнамро,
Ба ҷоми баргҳои сабз менӯшӣ,
Ки сархуш дар ҳавои ишқ меҷунбӣ,
Ба нармӣ дар самои ишқ меҷунбӣ.

Дар ин ҷо ёде аз тафти биёбон нест,
Ба ҷуз атри нафасҳои хиёбон нест.
Ба рӯйи шохаҳоят мурғакон зангӯлаи субҳанд,
Ки ҷонро дар бадан бедор месозанд,
Хабар аз субҳи ишқи ёр месозанд.

Вале ман чун дарахти яккаву танҳостам дар дашт,
Чӣ медонам шароби шабнаму гулбонги мурғонро
Ва абреро, ки болои чаманҳо мешавад гирён,
Ки танҳо сарсар ин ҷо мекашад нӯла
Ва хок аз решаҳоям мекашад, то мекунад урён.

Ғубори нилии шабҳо бупечонад маро дар хеш,
Қабои сабзи баргамро бисӯзад тафси тобистон
Ва дар реги равон ҷуз рези кӯчокӯчи гардон нест.

Дар ин дӯзах, ки по дар хок сӯзад, бол дар афлок,
Тавонад гар ба ёдат сабз монад кист, ё худ чист?

Кунун ман решаҳоямро ба дасти худ канам аз қаър
Ва бо он хоки худ дар ормони хоки пайвандӣ
Кашонам хешро аз баҳру бар сӯйи замини ту,
Ки гардам ҳамнишини ту.

В-агар имрӯз вақти решапайвандии мо рафта,
Ба шохи ҷони ман барги рухи худро
бидеҳ пайванд,

Ки шояд баргпайванде бигирад андар ин озор
Ва сабзад аз тани ман шохаҳои ту,
Ва рӯяд шохсори тозаи ишқ аз тани хуншор.

## ЧӢ ЭҲСОНЕ?!

Чӣ сон печонамат дар парниён имрӯз,
Чӣ сон гӯям сухан аз гардани оҷу дуру марҷон,
Ки чашми кӯдакони гушна сӯйи нон занад су-су,
Ки ҷисми кӯдакони лухт ларзад дар таҳи борон.

Чу шабҳо барф меборад, паёпай барф меборад,
Ки мепӯшад раҳу пайроҳаи танги куҳистонро
Ва боми кулбаҳоро то пагоҳӣ мекунад он гӯр,
Маро на дар сафедӣ, дар сиёҳӣ мекунад он гӯр
Ва оташдони сармохез,
Ки кайҳо нест аз ангиштсангаш ёд,
Маро месӯзад аз бунёд.

Чӣ сон хонам ба ту афсонаи ширин,
Ки фардо аз талабгорони ту шаҳзода меояд,
Ки ин ҳусни туро лоиқ фақат шаҳзода мебояд
Ва шодат мебарад бо хештан дар аспи симинбол,
Ки худ шаҳзода ночор аст,
Ҳақиру зору нодор аст.

Чӣ сон гардонамат дар даштҳои сабзи махмалпӯш,
Чӣ сон гӯям, ки файзи боғҳо пайғоми хушҳолист,
Ки марди боғбон сад ҷӯ кашида аз ҷабини хеш,

Ба рӯяш оби заҳматро равон карда,
Вале умре ба дасту домани холист.
Чӣ сон хонам туро бар осмони орзуҳои гулобиранг,
Ки он ҷо кам нагардад партави уммеду армон
дар дили инсон,
Вале дар Хонаи пирони зори
рафта аз ёди писарҳошон
умеде нест,

Ба ҷуз уммеди осон гаштани мушкил –
Умеди мурдани осон.

Чӣ гӯям ман аз ину он,
Ки дар подоши он ранҷу машаққатҳо,
ки аз дунё кашад инсон,
Нахоҳад ҳеҷ чизе аз ҷаҳон ҷуз марги осоне,
Чӣ инсоне,
Чӣ эҳсоне?!

## ШАҲРИ МЕҲОЛУД

Ба шаҳрак мефурояд меҳ[9]…

Ту гӯйӣ бар сари бому дару кӯча
Дар ин дам садҳазорон даст дӯшад гови гардунро,
Ки дар як он
шавад шаҳрак ба сони хумраи шире,
Ки нашносӣ дигар аз ҳам ту дашту кӯҳу ҳомунро.

Ба шаҳрак мефарояд меҳ…

Саҳаргоҳи хазон аст,
Валекин чашми мошинҳо фурӯзон аст.
Агарчи чашми мошин роҳ ёбад дар шаби торик,
Вале бар синаи шаффофи меҳ роҳе наёбад ҳеч,
Ки ҳатто буқи[10] мошинҳо хурад андар гулӯшон печ.

[9] Меҳ – абр, туман.

[10] Буқ – садои ҳушёрбоши мошин, сигнал.

Ба шаҳрак мефарояд меҳ…

Раҳу бероҳаҳо аз чашм пинҳон аст,
Дару девор,
кӯҳу чар,
баланду паст.
Наояд дар назар сангу дарахту ҳотаву ҷӯбор
Ва гӯё ҳар тараф роҳ аст.
Кучҷо роҳ аст,
оҳиста, ки зери пойи ту на роҳ,
бал чоҳ аст.

Ба шаҳрак мефарояд меҳ…

Яке аз раҳ ба ҷӯ рафта,
Дигар дар байни раҳ ҳайрону ошуфта,
Севум кӯбида бар девор пешонӣ,
Чаҳорумро равон хун аст аст биннӣ.

Чӣ рӯзи бесару сомону ноҳамвор,
Ҳама бо ҳамдигар омехта бефарқ,
Ки ҳатто фоҳиша рафтаст дар оғӯши тақводор
Ва дуздафшор бепарво раиси собиқи ҷумҳурро доман
Гирифта талх механдад: Чӣ турӣ ошнои ман?!

Ба шаҳрак мефарояд меҳ…

Агар бо нур дар зулмат тавон раҳ ёфт,
Чӣ сон дар пардаи ғафси сафедиҳо тавон раҳ бурд,
Ки дар шаффофии ин субҳи меҳолуд,
Агар як зарра нуре буд, он ҳам мурд.

Вале кӯре ба имдоди асои раҳнамои хеш
Зи шаҳри ғарқи меҳ по пеш мемонад
Ва мегӯяд ба худ ҳайрону дар ташвиш:
– Худоё, ин чӣ ҳол,
имрӯз бо мардум
чӣ коре шуд,

Кӣ медонад?!

Ба шаҳрак мефарояд меҳ…
Ба шаҳрак мефарояд меҳ…

**ЧӢ КУНАМ?!**

Мо гиристем,
вале бар ғами мо хандиданд.
Уфтодем,
вале бар сари мо по монданд.
Мо ба онон ҳама аз хонаи худ ҷо додем,
Мардуми хонагадо хонахудоро ронданд.

Лек моро ба дари хонаи худ
Ҳеҷ кас роҳ надод.

Мекашиданд якеро чу ба дор,
Дигаре чӯбу расан овардем.
Амр шуд:
Гӯр канед
Ва дар он гӯр бимиред ҳама!
Гӯр кандему
ҳамоно мурдем.

Ба сари мурдаи мо ҳеҷ касе гиря накард,
Баски ҳар кас ба сари мурдаи худ мегиряд.

Чӣ кунам,
Боз ба домони сиришк овезам,
Ё дигар наъразанон бархезам?!

## МУАММОИ ВОРАСТАН

Бод мешӯрад,
Барф мепечад,

Дар замин мехобад анвои дарахти ҷангалу беша,
Ё нагун мегардад аз реша.
Дар забони буттаҳо лоҳавли ҷон аст,
Сахт бӯрон аст.

Лек медонед, к-оё, эй вуҳуши дашту ҷангалҳо,
Бими бӯрон бештар набвад зи хавфи рӯзи ороме,
Баски дар ташвири бӯронҳо,
ки ҳар дам бими ҷон дорад,
Ҳеҷ сайёде намегардад пайи сайде,
Балки меларзад тану ҷонаш, ки гӯё ними ҷон дорад.

Абр мегиряд,
Раъд меғуррад,
Бар сари сабзи дарахтон сангборон мезанад яксар,
Лонаҳои мурғакон аз шохсорон меканад яксар,
Дар заминҳо обҳо кӯланд,
Чӯҷаҳо дар лой меҷӯланд.

Ҷонатон, эй мурғакон, эмин вале аз доми бедод аст,
Гарчи ҳар дам ёдатон дар ёди сайёд аст.
Ӯ вале дар рӯзи борон боз доман тар нахоҳад кард,
Гарчи боре раҳми мушти пар нахоҳад кард.

Мавҷ бархезад,
Бахр бистезад,
Пушти дарё мешавад ҳар лаҳза гӯё пуштаву хандақ,
К-андар ин хезобҳо, пастобҳо
Дар назар ояд дар ин соат на моҳигиру на заврақ.

Пас шумо, эй сели моҳиҳои дарёбор,
Дар сари хезобҳо ҷавлон занед озод дигар бор,
Нест моҳигир сер аз ҷон,
К-ӯ равад дар баҳри пуртӯфон.

Бод мешӯрад…
Абр мегиряд…
Раъд меғуррад…
Метавон ворастан аз бӯрон,
Метавон ворастан аз борон,

Метавон ворастан аз тӯфон,
Гар зи инсон метавон вораст.

Аз худ оё мераҳад инсон?!

## ИМОН

Аз чист ки, эй халқи сухансозу хирадманд,
Дигар ҳавасу ҳавсалаи шеър надорӣ?
Чун шеъри асил аст зи эҷоди Худованд,
Гар шеваи Ӯ пос надорӣ, ба чӣ корӣ?

Қадри сухани поку худоёна намонда,
Буҳтон ба забон, фанд ба лаб, кизб навишта.
Ҳар дӯзахие, к-аз дари дӯзах шуда ронда,
Гӯяд сухан аз номи биҳиштию фаришта.

Як бехабари кунд кунун оқилу доност,
Яктои замон, илму ҳунар, мулку сиёсат.
Ӯ риши бузе дидаву пиндошт, ки муллост,
Акнун талабад давлату курсии раёсат.

Гаҳ ҳамчу вакилон занад ӯ ҳарф зи минбар,
То он ки намояндаш аз ойинаи нилӣ.
Ронанд зи минбар, нашавад сархаму музтар,
Ҳарчанд хӯрад қарсаки толор чу силӣ.

Эй халқ, ту ҳоло ҳама инро бидиҳӣ гӯш
Бисёртар аз шеър, ки ҳайфи тую ман нест?!
Шавқи ту физояд, кунӣ аз хеш фаромӯш,
Гарчи сухани беғаму берӯҳ сухан нест.

Ҳоло ҳама савдоии савдову сиёсат,
Савдою сиёсат, ки аз ин ҷост ҳама хом.
Шоир, ки ба онон набарад зарраи ҳоҷат,
Туф карда ба савдову сиёсат сари илҳом,

Ҷӯяд самари рӯзи азал аз ғазали хеш,
Эй халқ, зи рӯзи азали хеш машӯ даст.
Дар асли худу мояи оғоз биандеш,
Яздони ту шоир буду имони ту шеър аст.

**АРЗАДОШТ**

Ман намегунҷам ба маҳфилҳои танге,
Саҳнаи эҷоди шоир
саҳнаи дунёст.
Хешро дар кулли дунё
мекунам эҳсос чун дар хонаи хеш,
Хонаи ман – хонаи фардост.

Чун шавад ҷанги ватан оғоз аз ҷанги сухан,
Эҳтирозам аз суханбозу сиёсатбозҳост.
Чун суханбозе надонад, к-ин сиёсатгаҳ бувад,
Чун сухан оғози ҳар оғозҳост,
Нанги ман – нанги сухан.

Мепазирад ҳар кӣ маҳфил,
мешавад худ марги маҳфил,
Гар намесозад ба ишқи осмонҳо тарки маҳфил.
Ман, ки мехоҳам навозам сабзаҳоро чун насим,
Ё бирезам рӯйи сабзи даштҳо борони сим,
Ман, ки мехоҳам равам бар кӯҳсорон
Ҳамчу тундар,
Ё кушоям синаи худро ба киштиҳои дарё
Ҳамчу бандар,
Ман, ки шӯру шавкати дарё ба дил ҷо мекунам,
Хешро аз қалби сангину хамӯши кӯҳ ово мекунам,
Ман агар маҳфил кунам,
маҳфил кунам танҳо ба хеш,
Ё ба он дарёи пурҷӯш,
Ё ба ин кӯҳи хамӯш.

На ба маҳфил,
на ба маҷлис эътиқодам ҳаст,
На ба мансаб,
на ба матлаб,
На ба солу
на ба мол.
На ба фолу
на ба қилу

на ба қол.
Эътиқоди ман бувад танҳо ҳунар,
К-он диҳад бар осмонҳои баландат болу пар.

Гар шумо аз зиндагонӣ мол мехоҳед,
Ман паровар бол мехоҳам.

Баъд аз ин маъзури маҳфилҳою маҷлисҳоятон,
Бо шумо, маҳфилбузургон, хоҳаме дарди бузург.
Ончунон дарде, ки дар маҳфил нагунҷад,
Ончунон дарде, ки дар манзил нагунҷад,
То шумо дар хеш, дар олам нагунҷед,
Балки дар ман ҳам нагунҷед.

## ХОБИ САНГИН

Булаҷаб кӯҳи азиме рӯ ба рӯям буд,
К-андар он фарёд таҳ мерафт чун дар ғор.
Ҳар чӣ бонге мезадам саҳмӣ,
Заррае бонгам намешуд ҳеҷ гаҳ такрор.
Кӯҳ гӯё сабру тамкин дошт,
Балки хоби сахту сангин дошт.

Он қадар фарёд кардам,
То ки овозам гирифту шавқи бонгам мурд,
Рафт дар қаъри гулӯи ман садо ногоҳ,
Чун сатили бандканда
Меравад дар чоҳ.

Ку дигар банде, ки овозам кашад аз чоҳи танг,
Ку дигар гурзе, ки санге бишканад аз хоби санг!?

## ИМОНИ САГ

Дошт сайёде саги тозии пир,
Зери девори фано буд гӯшагир.

Як сабад ҷойе гирифта хоб буд,

Қудрати сайдаш набуд, нотоб буд.

Кард шукри соҳибашро, ҳар чӣ дод,
Аз насиби худ ба юндӣ* буд шод.

Соҳибаш гуфто, ки нодаркор ӯст,
Чун надорад хидмате, сарбор ӯст.

Кард фарёду бибурдаш сӯйи дашт,
Саг аз ин рафтори соҳиб шод гашт,

То тавонад охирин хидмат барад,
Назди соҳиб нони беминнат хурад.

Гӯшҳояш сих сӯйи бонги тир,
Рост шуд омодаи дав - сайдгир,

То ки орад зуд сайди соҳибаш,
То ки бошад боз соҳиб толибаш.

Шуд баланд овози тиру он ҷаҳид,
Гуфт: «– Оваҳ, сайди сайёдам раҳид.

Тири соҳиб хӯрд дар ман аз хато,
Ӯ маро аз пой афканд аз қазо.

Наҳси кайвон бар сарам омад фуруд,
Гарчи ҳамчун ман вафодоре набуд.

Гарчи пушти остон буд ҷойи ман,
Ҷойи соҳиб буд дили шайдои ман.

Меҳри ӯро ман ба фасли қаҳратун
Гарм чун ҷон парваридам дар дарун.

То мабодо, сард бошад як дамаш,
Ман ба гарму сард будам ҳамдамаш.

Ман сипар кардам ба ӯ ин ҷону тан,
Эй фалак, аммо чӣ кардӣ ту ба ман.

Гар бимонад ҷони соҳиб дар хатар,
Баъди ман акнун кӣ бошад чорагар?!...”

Пас биомад хунчакон бар пойи ӯ,
То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ.

Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,
Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.

Бори дигар тир зад бар синааш,
Тир зад бар дӯсти деринааш.

Монд дашту монд имону шаке,
Монд тиру монд инсону саге.

*Обе, ки бо он дегу косаву табақи хӯрок шуста шудааст.

## ОСМОН БОШАДУ ПАҲНОИ ДИГАР

Қафаси синаи ман боз кунед,
Ки дар он мурғи дилам побанд аст.
Ҷуфти ҳамболу парам дур равад,
Чӣ кунам, дил, ки варо пайванд аст.

Мурғи ҳамболи ман, эй мурғи ҳаво,
Во шавад пеши ту афлоки дигар,
Мани дар рӯйи замин по дар банд,
Бикашам бар сари худ хоки дигар,

Ки надорам ҳаваси бишкастан,
Балки хӯ карда ба ин банд дилам.
Дили ман буд чу шоҳин озод
То шуд омӯхта, ҷон канд дилам.

Лек ёдаш бирасад гоҳе боз,
Ки бувад манзилу маъвои дигар,
Ки ба ғайр аз қафаси зарринаш
Осмон бошаду паҳнои дигар.

## МЕРОС

Деҳаи мо сабз буд дар пойи кӯҳ,
То варо созанд дигар,
Аввалаш карданд хокистар.

Боз он тире, ки бояд бар тани бобом мерафт,
Аз хато бархӯрд бар кӯҳ,
Пай бишуд дар санг пайдо.

Гар шумо аз санги мармаркӯҳ
Қасри олишон бисозед,
Ҳамчу нақши гул нигаҳ доред он пайро.

Боз тире буд, ки бар ҷисми падарҳо
Бесадо чун бар ҷуволи каҳ фурӯ мерафт.

Бар ман аз бобои ман мерос монд
Тори он кӯҳе, ки ҳангоми паридани ҳои тир
Буд чашмаш сӯйи он.

Ҳар шаб акнун хоб мебинам, ки ман
Мепарам аз тори кӯҳ,
                    то тори кӯҳ,
                              то тори кӯҳ.
То ба гӯшам мерасад афсонаи бибӣ:

– Гар аз ин кӯҳи фалаксо бигзарӣ,
Пеш меояд туро кӯҳи баланди дигаре
Дар раҳи ту ҳамчу банди дигаре.

Мақсади ту ҳаст пинҳон
Пушти он кӯҳи дигар,
Пушти он кӯҳи дигар,
Пушти он кӯҳи дигар…

То ки дорӣ як нафас аз умр,
                              эй ҷони писар!

## САФАР

Роҳи ин қулла баланд аст,баланд,
Кунад аз паҳлуи гардун гузаре.
Ҷуз уқобе, ки занад чарх ба арш,
Ку дар ин роҳи фаро ҳамсафаре?

Дар паси пардаи нилии само
Ошёне ба ҳавасҳои ман аст.
Пари абре, ки парешон гузарад,
Гарде аз ранги нафасҳои ман аст.

Ҳар касе раҳ бибарад бар қулла,
Бикашад бори варо низ ба ҷон.
Ҳар қадар қулла баланд аст, баланд,
Бори он низ гарон аст, гарон.

Гарчи бор аст ба дӯшам қулла,
Сабук аз рӯҳи баланд аст танам.
Боли ман бори танам бардорад,
То барад сӯйи нахустин ватанам.

Шавад озори раҳи қулла тамом,
Дар тамомии раҳ оғоз шавам.
Баҳри гардун бишавад баҳри дилам,
Аз раҳи омадаам боз равам…

## ПИНДОР

Розҳо дорам ба ту,
Бо туи ҳозир, ки шаб аз чашмҳо пинҳон
Бо мани танҳо сухан мегӯию
                    бо панҷаҳоям хома меронӣ,
То маро аз ман раҳо карда,
                    ба ҷойи ман ту мемонӣ.

Ё ту мурғ астӣ, ки мехонӣ тарона,
Ё ту рӯд астӣ, ки андар қолаби ман мекунӣ туғён,
Ё насим астӣ, ки месозӣ маро ту бекарона,
Чистӣ,
          ё кистӣ дар ҷои ман,
Мешавӣ монои ман?

Ту маро бар ман намо

Ҳамчу акси моҳтоб аз чоҳ дар шабҳои маҳтобӣ -
Тозаву жарфу пурасрор,
Ҳамчу аксе, к-аз туву гӯё набошад боз аз ту,
Рӯз пинҳон, шаб намудор,
Дар ҷаҳони хоб бедор.

## ДАР РОҲ

Тифлаке афтону хезон мегузорад по…

Лек шоҳин мепарад озод дар гардун,
Лек моҳӣ меравад чолок дар дарё,
Лек ҳатто мор печон мехазад дар рег,
Тифлаке афтону хезон мегузорад по…

Бо қадамҳои нахусти тифли навроҳ
Боз сар мегардад он роҳи ҳазоронсолаи инсон,
Меравад то як қадам бар пеш,
Меравад то як қадам бар хеш.

Тифлаке афтону хезон мегузорад по…

То шавад худ роҳи беанҷому поёне,
То шавад худ қаср ё майдони гул,
То шавад як рӯз шаҳреву хиёбоне,
То шавад як рӯз бар дарёи ҷӯшон пул.

Ҳар чӣ хоҳад роҳ, месозад аз ӯ,
Баски мо танҳо намесозем раҳро
Роҳ моро низ месозад.

Мо фақат дар байни роҳем,
Аввали раҳ буда роҳи Ҳазрати Одам,
Охири раҳ низ роҳи ӯст.
З-аввалу анҷоми ин раҳ мо кай огоҳем.

Тифлаке афтону хезон мегузорад по…

Гарчи медорад вай аз домони модар,
Лек дар роҳаш тани танҳост.
Аз раҳи ӯ ҳеҷ кас ҷуз ӯ намеёрад равад,
Гарчи сад кас раҳнамои ӯ шавад.

Дигаре ҳаргиз намедонад, ки ӯ
Дар раҳ охир раҳ шавад,
ё қаср, ё майдони гул,
Ё ки шаҳреву хиёбоне,
Ё ба дарёи бузурге пул.

Тифлаке афтону хезон мегузорад по…

Бо ҳама мақсуди имдоду умеди хайрият
Ман намеёрам, ки гирам дасти ӯ.
Баски ӯро ҷуз худи ӯ дастгиру роҳбар нест,
Баски ӯро, ки кушояд роҳи тақдираш
Эҳтиёҷи ҳамсафар нест.

Тифлаке афтону хезон мегузорад по…

## МЕТАВОН ОЁ ФАРО РАФТ…

Метавон оё фаро рафт аз сари тиру камон?
Метавон.

Гар бисабзад дар нигоҳат симчӯби хушк,
Чун санавбар боз ояд дар канори бешазораш,
Мурғакон хонанд рӯйи шохсораш.

Гар хиёбони ба сони сангпуште сангпӯши шаҳр,
Гардад озод аз фишори сахти сангин,
Чун замини зинда гардад сабзу рангин.

Гар зи девори дуконҳо сурати мурғу маҳӣ,
Бар само гардад паровар,
Рӯйи дарёҳо шиновар.

Гар ба ҷойи лӯлаҳои оби кӯча
Чашмаҳо рӯянд.
Дар лаби сарчашмаҳои сабз
Духтарон гесӯи худ шӯянд.

Метавон оё фаро рафт аз сари тиру камон?
Метавон.

Гар дилат дарёи гардун асту чашм ойинаи безанг,
К-андар он ранге аз ин рангинкамони ҳафтранг
Мешавад ҳафтод ранг.
Рӯйи дори рангаи тиру камон
Дилпурона по бимон,
Рав ба сӯйи осмон!

## ХАЗОНИ УМР

Пирзан бо қомати хамгашта мерӯбад хазон
Аз азоне то азон.
Кӯчаҳоро мекунад аммо пур аз барги хазон
Боз ҳам боди вазон.
Баски ӯро нест парвое дигар,
К-ин зани ҷорӯбкаш
Мекашад дарди камар.

Пирзан, эй пирзан,
Маъзарат мехоҳам аз ту, эй азизи ҷони ман,
К-аз сари дарду ғам аз шуғли ту мегӯям сухан.
Лек узри бештар дорам аз он,
Ки нагуфтам то кунун
Ҳарфе аз ҳоли забун.

Ҳеҷ ёдат мерасад,
К-он ниҳоли қомати ту орзуи навҷавонии кӣ буд,
Дар сари шохи ҷавоният чӣ гулҳое,
ки бояд мешукуфт.
Як нафас биншину ёд овар зи худ,

Аз ҷавоние, ки шуд.

Инқилобат, к-аз қафас озод кард,
Ё магар танҳо барои кӯчарӯбӣ кард озод?
Аз сарат чодар гирифту дод ҷорӯбат ба даст,
То ниҳоли қоматат дар кӯча хам гашту шикаст.

Ё зи ҳабси чордевори нафасгире бурун кардат,
К-аз нафасгирӣ раҳо гашта, шавӣ з-озодагӣ дилгир,
Бе ҷавонӣ пир.
Чун барорӣ ту ғубори дил дар ин аҳволи зор,
Балки гирад рӯю мӯят ҳам ғубор.

Ин магар буд орзуи инқилоб,
Инқилоберо, ки медидӣ ба хоб.
Ёд кун аз хоби хеш,
Аз ҷавонӣ, орзуҳои шаби маҳтоби хеш.

Гарчи ёди умри барбоди ту мебошад гарон,
Ёд нокардан аз он,
Ҳаст даҳчандон гарон,
Баски ҳоло аз раҳи ту
духтари навроҳи ту бошад равон.

Пирзан, эй пирзан,
Кӯчаҳоро он қадарҳо рӯфтӣ дар умри хеш,
Ҷони худро он қадарҳо кӯфтӣ дар умри хеш,
Аз вуҷуди хеш акнун ҳасрати худро бирӯб
Ҳам ғубори ғафлати худро бирӯб…

## ЧАРОҒИ ДУР

Ҳаво на он қадар абрӣ, ки гӯямаш абрист,
На равшан асту на торик, нимторик аст.
Дар ин замона ба ҷонам на раҳм, на ҷабрест
Ва ҳолате, ки ба барзах шабеҳу наздик аст.

На як муҳаббати комил, ки ҷон фидо созам,

На як адовати қотил, ки қотилаш гардам.
Куҷост пири ҳашивор, то бад-ӯ нозам,
Куҷост анҷумане, шамъи маҳфилаш гардам?!

Ба боғу гулшани айём гарди рӯзардист,
Фақат гулест бинозад, ки хеш гулшанҳост.
Вале ба соҳати кишвар вабои бедардист
Ва он ки дарди замон мекашад, тани танҳост.

Маро ба синаи пурдард оҳ мепечад,
Чу нест дудкаши дарду ғам, илоҷам чист?
Касе, ки оҳ кашад, бар гунаҳ мепечад,
Чӣ гуна оҳи диле нокашида бояд зист?!

Кунун, ки меравад ором об аз таги коҳ,
Ғиреву ҳамҳамаи рӯдро чӣ бошад суд?
Ситезу шӯриши дарё, вале кунад огоҳ,
Дигар ба ин хасу хошок амон нахоҳад буд.

Насим мегузарад аз саросари дунё
Ва оби мурдаи рокид базӯр меҷунбад.
Умед сабз шавад з-оби зиндаи дарё,
Чароғи баҳрнавардон ба дур меҷунбад.

## АСПИ КИШАНБАНД

Аспе дар марғзори хурраму сарсабз
Чун ҳайкал истодаву хомӯш аст.
Он ба алафҳо намезанад даҳане ҳеҷ,
Сар боло кардаву саропо гӯш аст.

Гарчи ҳавои чаҳорхезаш бошад,
Лек куҷо чорае, ду пояш банд аст.
Ёбад рӯзе агар зи банд раҳоӣ,
Сумби ваю дашти осмони баланд аст.

Гарчи ба гардаш ба пойгаҳ нарасад кас,
Пой гузорад чу пошикастае акнун.
Мавҷ занад уфқи сабз пеши нигоҳаш,
Дашти дили ӯст лек хун андар хун.

Ёли шафақранги ӯ ба зер овезон,
Пур шуда чашмаш зи оби ҳасрату андӯҳ.
Гашта чу сандуқи ғусса синаи паҳнаш,
Мезанад аз по варо гаронии сад кӯҳ.

Домани сабзи уфуқ бихонадаш аз дур,
Чун расад он ҷо, ки хира бинад бо чашм.
Чун натавонад касе кунад озодаш,
Аспи кишанбастае ба ман гирад хашм.

Ғуссаи дилро физояд аспи кишанбанд,
К-асп натозад, шавад хари бекоре.
Домани ин дашт пойгоҳи умед аст,
Банд аст аспу куҷост шоҳсаворе?!

## ГУРГИ ОШИҚ

***Дар боғи ҳайвоноти яке аз фароғатгоҳҳои Истравшан гурге, ки бо саге ҷуфт шудааст, дар қафас нигоҳ дош-та мешавад.***

Мезанад ҳамвора худро гург бар девор,
Бо ду дасташ бар қади он рост мехезад.
Гӯиё ҳоло раҳо ёбад аз ин маҳбас,
Ҳамчу боде сӯйи саҳро мегурезад.

То куҷо аммо аз ин ҷо метавонад ӯ гурехт,
Ё пайи худро аз ин ҷо метавонад ӯ гусехт.
Баски бандаш ҳеҷ одӣ нест,
Банди модӣ нест.

Дар бараш як модасаг ором мехобад,
Ҷони ӯ з-ин модасаг ором меёбад.

Гург бо саг ҳамнишин дар як қафас?
Ин сухан то ҳол нашнидаст гӯши кас.

Шояд,
аммо муъҷизи ишқ аст ин ҷо,
Гурги ваҳшӣ ихтиёрӣ дар қафас шуд ҷо.

Баски натвонист з-ин саг дил канад як дам,
Баски натвонист ғайри ӯ ба ҷонаш ёбад ӯ ҳамдам.
Гарчи аз гургон ҷудо гаштасту маҳҷур аст,
Гарчи ӯ дар чашми ҷинси гург манфур аст,
Чун кунад аммо, ки ҷонаш дар бадан бе ӯ нахоҳад буд,
Дар тамоми дашти бопаҳно ватан бе ӯ нахоҳад буд.

Гарчи худро мезанад ҳар рӯзу шаб бар тӯр,
Лек натвонад равад аз тӯр бе саг дур.
Чун кунанд озод, гирди тӯр мегардад,
Ҷонаш аз озодагӣ ранҷур мегардад,
То ба пойи худ дарояд ноилоҷ андар қафас,
То шавад бо ёри якто ҳамнафас.

Мезанад ҳамвора худро гург бар девор,
Мекашад озор.
Ҳар нафас мехонадаш бар сӯйи саҳро
ҷони озодипараст,
Лек байни ишқу озодӣ ҳамин сон, то ки ҳаст,
Мезанад ҳамвора худро гург бар девор,
Мезанад ҳамвора худро гург бар девор…

Гурги ваҳшӣ ҳеҷ натвонад, ки бошад
Байни девор,
Гурги ошиқ ҳеҷ натвонад, ки бошад
Дур аз ёр.

## ТАНҲОВУ ОХИРИН

Дар боғи ман туӣ гули танҳову охирин,
Танҳову охирин гули ман, хуш шукуфтанат.
Гарчи хуш аст хандаи ту, боз хуштар аст,
Дар ман шукуфта рози худ аз ман нуҳуфтанат.

Шабҳо дили ман об шавад дар хаёли ту,
Шабнам ба барги рӯйи ту оби дили ман аст.
Чун офтоби рӯйи ту хандад ба субҳи ман,
Дигар наёбиям, ки куҷо ҷон, куҷо тан аст.

Дасти дуои ишқ кашам ҳар саҳар ба рӯй,
То дасти сабзи шохи умедам ба сӯйи туст.
Ҳоло агар ба гулшани ман рангу бӯй ҳаст,
Ин рангу бӯйи тоза фақат рангу бӯйи туст.

Эй охирин гуле, ки ба боғам шукуфтаӣ,
Як гул баҳор нест магар қалби зорро?
Эй хуш, ту он гулӣ, ки на танҳост худ баҳор,
Ҳатто ба тирамоҳ биёрад баҳорро.

## ИНТИЗОР

Омадам дар назди маҷнунбеду донистам,
Дигар ин ҷо ту намеоӣ.
Зери зулфони дарозаш бо умеди васли кӯтоҳе
Шарфаи поро намепоӣ.
Беди маҷнун ҳам зи бори интизорӣ зору сархам буд.

Чир-чиракҳои алафзорон, ки дар раҳ дӯш
Бо ман аз дурӣ хабар аз омаданҳои ту медоданд,
Баста кӯч аз ин маҳал буданд ё хомӯш.

Ман назар кардам чу бар атроф,
Менамуд атроф чун аъроф.

Ҳамчу мурғе, ки ба хона медарояд зуд,
Баъд бо азми раҳидан пешу пас худро
Мезанад бар шишаҳои софу шаффофи тиреза,
К-он тараф дунёи озод аст;
Ман ба доми шишаи шаффофи гардолуд
Мезадам худро,
                              вале бесуд.
Баски доми шиша ҳар ҷо буд.

Дидам акнун авҷи гардун бар сари ман паст меомад,
Дар сари сабзи алафзорон намелағзид дасти бод,
Абрҳо аз гӯшаҳои осмон буданд овезон.

Мурғи танҳое ба рӯйи шохае якпоя меистод…

## ТАНҲОӢ

Барф будам сари як кӯҳи баланд,
Барф будӣ ба сари кӯҳи дигар.
Об гаштем зи гармии ҳавас,
Рафта аз қулла, нагаштем хабар.

Ман ҳамоҳанги ту рӯде гаштам,
То ҳамоғӯши ту бошам ба сафар.
Чун ба водӣ бирасидам, дидам,
Ту даромехта бо рӯди дигар…

## ДУ НАФАР ДАР ЛАБИ ДАРЁ

Ду нафар ташна лаби дарё буд,
Ду нафар дар талаби дарё буд.
Ду нафар дошт ҳавову ҳаваси дарёе,
Ки шавад дар бари он дунёе.

Буд чашмони само
Ғарқ чун шуъла дар оби дарё.
Аз дили тозаи он менигарист
Бо шигифтӣ ба шитоби дарё.

Зери дарёи самову бари дарёи замин
Ду нафар дошт ба дил хоҳиши дарёи дигар,
К-авалу охири он бошад ишқ
Аз уфуқ то ба уфуқҳои дигар.

Дар саропойи раҳи худ дилро
Бикунад тозаву лабрез аз ишқ.
Мурғи хунёгари он шаб хонад
Хуштар аз мурғи шабовез аз ишқ.

Ҳаргиз ин рӯд нахушкад ба биёбони дароз,
Бирасад бар дарё.
Боз ояд сари сарчашмаи хеш
Дар пари абри пареш.

Ду нафар ташна лаби дарё буд,
Ду нафар дар талаби дарё буд.
Мавҷи ошуфтадили он мегуфт:
Ҳар кӣ дилро ба дили дарё зад,
дарё шуд.

**Аз**

**«БАРГПАЙВАНД»**

(с. 1990 – 1993)

## ЁРОН…

Ёрон, маро чӣ гуна тавонед вошинохт,
К-аз авҷи осмони шумо, чун ситорае
Як лаҳза даргирифта сарозер меравам
Аз беканорае ба дигар беканорае.

Он дам, ки аз саросари кайҳон парон равам,
Аз ман хати шуои дурахшон нишона аст.
Ҷонам ба ҷуз шарораи ишқу умед нест,
Роҳам ба ҷониби ватани ҷовидона аст.

Ояд садо зи хок: «Ба гардун назар кунед,
Ҳо, як ситора канда шуд аз сақфи осмон.
Ҳайфо, ба хок риштаи умре гусаст боз,
Оне, ки буд нишони вафо, гашт бенишон».

Ёрон, чӣ ҷои ҳасрати умри шарори ман,
Чун тори сар шаҳомати гардуни тозарӯст.
Он ҷо набошад аз дили сарду сияҳ асар,
Бо нур байни ошиқу маъшуқ гуфтугӯст.

## ГУЛПАРАК ВА МӮР

Гулпарак дар гирди гул пар мезанад,–
Нағмаҳои ошиқӣ сар мезанад.

Чун бувад буди вай аз лабҳои гул,
Ҷони масъуди вай аз лабҳои гул,

Аз гуле бар гул ҳаво гирад ҳаме,
Ҷонаш аз гулҳо наво гирад ҳаме.

Мӯр аммо мехазад шаб то ба рӯз,
Қути худро мекашад бар дӯши кӯз.

Бори дӯшаш – достони ошиқӣ,
Кӯзаи пушташ – нишони ошиқӣ.

Гарчи з-ӯ вазнин пари коҳе бувад,
Бори дӯшаш сад карат сангин равад.

Гулпарак шеър аст дар барги чаман,

Дил диҳам ман лек бар мӯри сухан.

## ИЛТИҶО АЗ СИМУРҒ

Маро бибар ба ҷаҳони муназзаҳу равшан,
Ки покро сари парвоз ҷониби покист.
Зи арши нур бигирад фурӯғ синаи ман,
Агарчи покдилеро замин ҳам афлокест.

Маро бибар ба сипеҳри баланду нуронур,
Ки рафтанам ба ту бо худ расидан аст имрӯз.
Аз ин насибаи мушкил намешавам маъзур,
Ки мекунӣ ту маро бар муҳоли ман пирӯз.

Туро ки ҳеҷ гарон нест сайри олами роз,
Чаҳор гӯшаи офоқ бо ту манзур аст.
Маро бидеҳ ту паёме аз осмони фароз,
Маро бибар ба диёре, ки зулматаш нур аст.

## ХАМИ ХАМЁЗАИ МО…

Эй, ки бадаслию бадном ҳама,
Шаъну овозаи мо мекушадат.

Чун туро пеши касон қадре нест,
Қадру андозаи мо мекушадат.

Ту ки гандида саропо зи ҳасад,
Мисраи тозаи мо мекушадат.

Бо ҳама даъвии донишмандит
Хами хамёзаи мо мекушадат...

## ДАРЁ, МАРО БИГИР…

Ман меравам зи соҳили дарёи мавҷхез

Дар сангбанди соҳили худ лолу бесадо.
Дарё пур аз сухан,
Дарё пур аз наво.

Мавҷе баногаҳ аз бари дарё гурехта,
Бо ҷасту хез пойи маро бехабар кашад.
Дарё вале чу модари ғамхору меҳрубон
Бозаш ба бар кашад.

Гар зиндагист модари ғамхору мушфиқам,
Охир чаро зи хеш маро тард мекунад.
Ҷонам бо сад азоб гирифтор мекунад,
Ҳам лоф мезанад, ки маро мард мекунад.

Дарё шитоб дораду амвоҷ дар бараш
Ҳамрозу ҳамдам аст.
З-ин умри даргузар ба ман оне, ки мерасад,
Танҳо даму ғам аст.

Дарёи дардам аз бари сарҷӯйи осмон
Оғоз мешавад.
Чун мерасам ба саргаҳи ғамҳои худ, маро
Дамсоз мешавад.

Ҳоло агарчи хонаи дарё зи ман ҷудост,
Дарёям ибтидост,
Дарёям интиҳост.

Дарё, маро бибахш,
Дарё, маро бибахш, агар модарам туӣ,
В-ар на бигӯй, модари ман аз тобори кист?
Ман мавҷи рондаам, ки зи ту дур мондаам,
Дарё, маро бигир,
Дарё, маро бибар,
Ин шоири ғариб писар-андари ту нест.

## ПИЁДАГОН

Пиёдагон, ки аз азал замин ба дӯш меравед,
Даме ки хаста мешавед дар масири ҷовидон,
Чаро барои такяи шумо
Намерасад замон?

Пиёдагон, ки мерасед
аз он канораи уфуқ,
Шумо ба офтоб меравед бар гузаргаҳи ғуруб,
Шумо ба офтоб мерасед бар нишемани тулӯъ,
Чаро сухан намекунед аз маҳалли офтоб?

Шумо, ки мебаред раҳ ба сӯйи Каҳкашон
Ба азми ҳамнишинии ситорагони пок,
Дар ин раҳи фарози нур
Магар ба ғайри хеш дидаед
Ситорае, ки бошад он фаротар аз фариштагон?

Пиёдагони роҳи дур,
Саворае, ки меравад ба дӯши дигарон,
Магар тавонад ин раҳи шумо қарибтар кунад?

## ШОИСТАТАРИН

Дар дилам чашмаи хуршед биҷӯшад ҳама рӯз,
Дар ҳама ҳолу ҳаво нийяти ман хуршедист.
Дар шаби тортарини дили ман маҳтоб аст,
Шоми навмедии ман субҳдами уммедест.

Сояи ман каҷу хамхӯрда нарезад ҳаргиз,
Офтоби сари ман баски дурахшад ба қиём.
Нуқтаи абри сияҳ нест ба гардуни дилам,
Тирагӣ нест дар он ҷо, ҳама нур аст мудом.

Эй ҳамоне, ки маро шӯълафишон медорӣ,

Рӯйи пурнури туро рӯйи ҷаҳон меҷӯям.
Ҳамчунон гавҳари тобон, ки ба дарёи самост,
Худ нишони туаму аз ту нишон меҷӯям.

Аз ту шоистатаре нест дигар ишқи маро,
Аз ту боистатаре нест ба ин арзу суҷуд.
Ту, ки ҳастӣ ҳама нуру ҳама сидқу ҳама ишқ,
Ишқи мастури диламро ба кӣ хоҳӣ бахшуд?!

## ДОСТОНИ ИШҚИ МАН

Рӯ ба рӯйи сафҳаи шоҳии рухсорат
Бо қаламчӯби сиёҳи шоирии хеш ҳайронам,
К-ин сапедиҳои симинро чӣ сон бо ранг омезам
В-он сиёҳиҳои шоми қиргуни гесувонатро
Дар сапедиҳои субҳи сафҳа чун резам.
Гарчи шабро бо умеди субҳи рӯят мебарам то рӯз,
Рӯзро бо ёди гесӯйи сияҳ то шоми рӯзафрӯз.

Ман ба он лабҳои нарму нозуки ту чун назар дӯзам,
К-аз ҳаё чун ғӯл мехоҳам равам дар ғор.
Лек медонам яқин акнун,
К-андар ин олам агар ҳайвоне инсон шуд,
Аз ҳаёи он лабони зиндагибахшой ин сон шуд.
Гар ба ҳайвон медиҳад шарми лабонат файзи инсонӣ,
Медиҳад бар насли инсон фарри яздонӣ.

Эй саропо дафтари шеъри худоёна,
Бо мани муштоқи шеър аз байти абрӯят худойӣ кун,
Ташнаро аз чашмаи нӯши лабонат оби ҳайвон деҳ
В-ин хаёли бепарамро болу пар деҳ,
шавқи ҷавлон деҳ.
Сатрҳоямро ба мавҷи обшори мӯйи афшонат
Аз ҳама қайди тааллуқ яксара озод кун,
То абад банди ту бошад,
Бахтпайванди ту бошад.

То ҷаҳонро тоза бинам хонаи ишқу муҳаббатҳо,
Сар ба сар лабрез аз афсонаи ишқу муҳаббатҳо.
То ҷаҳонро заррае холӣ набинам аз ҳавои ишқ,
Баски пур бошад фазои бекарон ҳам аз ҳавои ишқ.

Гар ҷаҳон ҷойе барои зиндагӣ дорад,
фақат оғӯши ишқ аст,
Гар чаҳон ҷойе барои бандагӣ дорад,
фақат оғӯши ишқ аст.

Эй, ки бе оғӯши ҷонбахшат муҳаббат нест ҷовидон,
Лаҳзае ишқи ту хоҳам, то бидонам чист ҷовидон.
То бидонам аз чӣ Маҷнун худ,
ки кайҳо рафтаву хок аст,
Пур вале аз достони ишқи ӯ ин хоку афлок аст,
Ё бувад он қиссаи пуршӯри Қайсу ишқи домангир,
К-ӯ намеёрад бисозад як қалам ҳусни туро
бо сад қалам тасвир,
Ё бувад он достони ман,
Чун туӣ дар ҷисму ҷони ман.

## ШОХИ ШИКАСТА

Дар шохсори хотирам имшаб наво бизан,
Эй мурғаки чаман, чамани ёдҳои ман.
Дарде, ки ҳаст дар дилам аз талхии фироқ,
Ширин бикун ба шеваи ҷонбахши хештан.

Донӣ, ки дил ба савти ниҳонат супурдаам,
Гарчи зи нағмаат аламам тоза мешавад.
Ёдам чу мерасад қалами қоши сабзи ӯ,
Дар шоирӣ сари қаламам тоза мешавад.

Шеъри маро чу қофия бандад ду кокулаш,
Шоҳини абрувонаш бар мекашад сухан.
Сурат, ки тоза мекунам аз шири рӯйи ӯ,
Субҳи рухаш сафед кунад шеърҳои ман.

Аз ҷӯйи хома меравад оби ҳаёти шеър,
То чашмаи лабони варо нӯш мекунам.
Бандам ду гӯш аз ҳама ҳангомаҳои даҳр,
То розҳои қалби варо гӯш мекунам.

Сар мениҳам ба синаи табдори беғашаш,
То ҳафт осмони сафо мерасад сарам.
Нозукниҳоли қоматаш оғӯш мекашам,
Гул мекунад ба боди сабо боғ дар барам.

Эй мурғи хушқареҳаи ман, тоза кун гулӯ,
Ҳарчанд хун шавад диламу хотирам пареш.
То шохаи шикаста нагардад хазону хушк,
Дар шохаи шикаста бихон нағмаҳои хеш.

## ТУ СУРУДИ ДИЛИ МАН

Ту суруди дили ман,
Ту сурудӣ, ки ҳама рӯзу шабӣ дар дили ман.
Ту дуруди дили ман,
Ту дурудӣ, ки сириштӣ ҳама обу гили ман.

Ту ҳамонӣ, ки ба ҳар ҷузви ту бошад ватане,
Ватани ишқи ман аст.
Ту ҳамонӣ, ки туро васф кунад ҳар сухане,
Сухани ишқи ман аст.

Биравӣ ту зи гузаргоҳи дил озодаву шод,
Ба сари мӯйи ту ларзон дилам аст.
Бидиҳӣ ишқи самовӣ ба мани хокниҳод,
Ба раҳат хок шавам, хок, кам аст.

Шавқи дидори рухат медиҳадам шаҳпари ишқ,
То фаро оям аз ин суду зиёни башарӣ,
То биёбам, ки дар ин кишвари беохири ишқ,
Ҷуз муҳаббат ба ҷаҳон нест нишони дигаре.

Ту самоӣ, ки фарозат ҳама ишқ асту сафо,
Мавҷи ахтар занад он синаи пурнуру шарор.
Сари шаб ҳамчу маҳи нав кашам оғӯш туро,

То диҳад ишқ камолам  ба шаби бӯсу канор.

Ончунонам бисиришт Эзади ин ҷону ҷаҳон,
Ки ба ҳар зарраи ман оламе аз ишқи ту аст.
Ғайри ширинии дарди ту чӣ орам ба забон,
Ки шаби бозпасин
Ман ба шукри ғами ишқи ту забон хоҳам баст.

Ту ки ҳоло зи манӣ,
Ман ки ҳоло зи туям,
Ту ҳама рози манӣ,
Ман ҳама рози туям.

Шодмони дами ишқем, чӣ бошад ғами ишқ,
Дили мо дар бағали ишқ ҷавон хоҳад монд.
Дили беишқ равад беасар аз олами ишқ,
Аз ману ту ғазали ишқ нишон хоҳад монд.

Ту суруди дили ман,
Ту сурудӣ, ки ҳама рӯзу шабӣ дар дили ман.
Ту дуруди дили ман,
Ту дурудӣ, ки сириштӣ ҳама обу гили ман.

## НОЗИ ГУЛ

Булбуле кай донад охир рози гул,
Хоб дорад ӯ ба вақти нози гул.

Субҳ бандад чашми булбулро ба хоб,
Чун шавад пурханда чашми бози гул.

Фориғ аз алҳони булбул мешавад,
Ҳар кӣ боре бишнавад овози гул.

Гул ба гул зебад, валекин, ҳасрато,
Нест ғайри хор ҳеҷ анбози гул.

Хор хоҳам шуд, ки гирам дар барат,
Нози гул, эй нози гул, эй нози гул.

## ШЕЪРИ ЗАНИ МАҲБУБ

Эй зане, ки дӯстат дорам,
Пайкари ту хирмани заррини пурбор аст,
Хирмане, к-аз баҳри як донаш
Дод Бобоям биҳишти ҷовидон аз даст.
Лек он хирман дар оғӯши ман аст имрӯз,
Ман кучою ёди он афсӯс.

Обшоре аз бару дӯши ту мерезад,
Мепаранд аз байни он гӯё парастуҳои абрӯят.
Чашмҳои беғуборат чашмаҳои тозаву софанд,
Дар хами гесӯят ангуштони шаббода
Қиссаҳои ишқ мебофанд.

Доимо пар мезананд атрофи зулфат сӯзанакҳо.

Мебарам бар чашмаи шодоби лабҳоят
Ташнагиҳои лабонамро.
Ҳам ба рӯйи хомаҳои моҳтобии бағалҳоят
Рӯз месозам шабонамро.
Аз камаргоҳи ту мелағжанд дастонам ба ҳамворӣ,
Хешро ворафта меёбам миёни хобу бедорӣ.

Меравам беёд дар дунёи оғӯшат,
Мебарӣ бо худ маро пайваста чун дарё –
Сар ба сар лабрези хоҳишҳо,
Бехабар аз ранҷу коҳишҳо.
То ба ҳар мавҷу тапиш мегардӣ имшаб
тозатар аз хеш,
То ба ҳар мавҷу тапиш мегардам имшаб
тозатар аз пеш.

Рӯйи дарё бол бикшоянд ёғуҳои ишқи мо.

Байни мо лоинтиҳои ишқу армонҳост,
Меравем имшаб чу дар оғӯши ҳамдигар,
Меравад лоинтиҳо дар қалби мо яксар,

Мешавем он гуна беанҷом,
Мешавем он гуна беохир.

Эй зане, ки дӯстат дорам,
Ман чунин меёбам имшаб, ки
паёми зиндагӣ дар туст,
Ман чунин меёбам имшаб, ки
қиёми зиндагӣ дар туст,
Ман чунин меёбам имшаб, ки дари беинтиҳоиҳо
дар оғӯши ту гардад боз,
Меравам з-ин дар даруну хештанро медиҳам овоз,
Мерасад овози ман аз бекарон бар гӯш,
Мешавад овози ман
дар ҷовидони ишқ аксандоз.

## ФАЛСАФАИ КАМОЛОТ

Ман чӣ дарёям,
Дар таҳам ҷорӣ набошад боз як дарё
Ҳамчунин пуршӯр,
Ҳамчунин пурнур.

Ман чӣ кӯҳастам,
Гар набошад кӯҳи дигар пойбасти ман
Ҳамсари афлок,
Ҳамчунин дар хок.

Ман чӣ гардунам,
Бар сарам гар ҳафт гардуни дигар набвад
Ҳамчунин боло,
Ҳамчунин воло.

Ман чӣ инсонам,
Гар набошад боз дар ман сад чунин инсон
Ҳамчунин хандон,
Ҳамчунин гирён.

# ОҲАНГИ ШАБ

Имшаб зи шаҳри хоб
Дурам, ки дури дур.
Офоқро фариштаи шаб дар бараш гирифт,
Бар чашмҳои боз, ки хобаш набурда буд,
Гесӯйи мушкбӯйи сияҳфоми худ кушуд.
Шаҳрак ба хоб рафт, шакархоби боҳузур.

Дар ин ҷаҳони хоб,
Мурғони шаб ба шохаи бедор хуфтаанд,
Ҳамчун наво ба мисраи ашъор хуфтаанд.

Нақше аён набуду садое намерасид
Дар инҳисори шаб.
Чашми ситора буд дурахшон
Дар гӯшвори шаб.

Мурғе баногаҳ аз сари шохе ҳаво гирифт,
Дар шохи орзуи ҷавонии ман нишаст.
Минқор зад ба навдаи сабзи шукуфтарӯ
Сармасту гулпараст.
Пас нағмаҳои ишқи маро рехт аз гулӯ,
Ҷони маро ба ишқ саропо фаро гирифт,
Олам наво гирифт.

Эй ибтидои хоҳиши беинтиҳои ман,
Дар ин шаби хамӯшу гарондил садои ман,
Дунёи ман, ки бе ту ҳавою наво надошт,
Аз нағмаҳои мурғи шабоҳанг гашт пур,
Дасте, ки аз гулӯи дилам сахт баста буд,
Ногаҳ гиреҳ кушуд.

Шаб пуртарона шуд,
Шаб пурфасона шуд.
Ҷунбид гӯшвори тилои шаби баҳор,
Шуд осмони шаб ба сари ман ситорабор.

Он шаб, ки ман ба ёди ту бехоб будаам,

Аз чашмҳои хоби ту шеъре рабудаам.

**МАН ДАРАХТИ ОШИҚАМ**

Ман ба пушта як дарахти сершоху сербаргам,
Решаҳои сабзи ишқам рафта дар жарфову дар санг аст.
Шохаҳоям дар ҳавои ёди атрии ту меҷунбанд,
Ларзаҳои баргҳои ман ба набзи ту ҳамоҳанг аст.

Дар баҳорон шохаҳоям лонаи ишқанд,
Чӯҷаҳое ки ба зери шохи ман чинанд дона,
Як замон бинӣ, ба гардун пар кашанд,
То бичинанд ахтарони дона-дона.

Офтоби гарми тобистон
Чун наёбад ҷойи серуни дигар,
Мешавад дар соясори баргҳои ман ниҳон,
То даме осояд аз гармии ҷонфарсойи хеш.
Ишқ ҳам аз сӯзи худ хоҳад амон.

Селаи мурғони кӯчӣ дар хазонрез
Номаҳои вопасин хонанд рӯйи шохсорам,
Ман ба ёди чӯҷаи навболи ишқ аммо
Лонаҳоро боз то соли дигар обод дорам.

Дай кушояд кӯлборашро ба рӯйи шохаҳоям,
Мешавам пурбарфу симин.
Баски умре зери борам,
                    ман намепурсам, чаро
Бори гардун бар сари ман,
                    бори ман рӯйи замин.

Ман дарахти ошиқам,
Шираи ишқе, ки фардо мешавад дар шохаам ғунча,
Дар зимистон гарм медорад танамро.
Ман зи бемеҳрии сармо фориғам,
Дар раги ҳар шохаам бин офтоби равшанамро.

Ишқи инсон хоби роҳат,
                    ҳаҷр бедорист.

Ҳаҷри ман хоб асту бедорист ишқи ман.
Ҳаҷр агар гулбаргҳоямро ба дасти бод мечинад,
Навбаҳорон
дар сари ҳар шоха гулзор аст ишқи ман.

Дар машоми баргҳоям бӯйи ишқ аст,
Дар раги ҳар решаи ман шираи хуршед,
Мекушоям дар фазои меҳр ман оғӯши сабзамро,
То зи ишқи тоза меорам навид.
Ишқи ман айёми гулборист,
Хоби ман пайғоми бедорист.

## КАМАРБАНДИ КУҲИСТОН

Ман ҳамон сангам, ки аз ҷавфи куҳистон аст,
Ман ҳамон мавҷам, ки меҷунбад ба дарёяш.
Ман ҳамон рангам, ки дар рангинкамони
осмонхез аст,
К-он ҳамебандад камар ҳафт осмонро
Бо камарбанди дарози ҳафтранг аз ҳафт ҷояш,
То баҳоронро диҳад ранги наве,
То ки гардунро камар дорад қавӣ.

Зумрае хоҳанд аммо
Тори рангамро кашанд аз парчами рангинкамон,
Мавҷро аз хонаи дарё ҷудо созанд,
Сангро ҳам дур андозанд аз оғӯши кӯҳистон.

Санги олам бар сари эшон!

Чашмҳоям ҳамчу чашми кӯли Искандар пуроб аст,
Гӯйӣ ин толоби сангистон
Андаруни косаи сангини чашм ашки азоб аст.

Ман, ки будам асрҳо Хатлону Дарвоз,
Ё Хуҷанду Панҷакат,
Ё Бадахшону Ҳисору Ғарму Файзобод,
То шавам як мулк, як миллат,
Кӯҳҳоро аз камар бо тасмаи водӣ ба ҳам бастам,
То миёни кӯҳу кӯҳистон мабодо бишканад,

То мабодо корвони кӯҳсорон барканад,
То ки чашми чашмаҳояш соф бошад,
Соф чун инсоф бошад.

Лек ҳоло дар ду чашми ман хас афтода-ст,
Об меояд ба чашму чашм мемолам ба даст.

То бубинам, ман ҳамон сангам,
ки аз ҷавфи куҳистон аст,
То бубинам, ман ҳамон мавҷам,
ки меҷунбад ба дарёяш,
То бубинам, ман ҳамон рангам,
ки дар рангинкамони осмонхез аст аст,

К-он ҳамебандад камар ҳафт осмонро
Бо камарбанди дарози ҳафтранг аз ҳафт ҷояш…

## САРВИ САБЗУ ТУТИ ХУШК

Ту маро маъзур дор, эй сарви озод,
Сарви озоде, ки месабзӣ ба назди кохи обод.
Гарчи пиндорам, ки баҳри решаҳоят нест фарқе
Дар кадомин марз сабзидан,
Лек месабзӣ фақат ё дар чаман,
Ё дар бари дарборҳо,
Ё бар дари сардорҳо.

Шоирон арчи чу маъшуқи саҳиқомат туро оғӯш карда
Зери пойи ту ба девонҳои худ садсолаҳо хобанд,
Аз фироқи ёр мемӯянд,
Сарви қадди ёр меҷӯянд.

З-он ки дар ҳавлии деҳқон ту намесабзӣ,
касе чизе намегӯяд.

Дар бари ҳавлии деҳқон тут мерӯяд.
То ба гармо мекунад бар кӯдаконаш сояреӣ,
То ба сармо мешавад бар кӯдаконаш ризқу рӯзӣ.

Меваи он бар тани тифлони хушкаш мешавад шира,
Кундаи он сандалиашро зимистон гарм медорад.
Лек вақте барги тут ӯ мехуронад кирмакашро,
Рӯзгори марди деҳқон мешавад тира.

Кирми пила мехурад барги вуҷуди кӯдакашро.
Мехурад чил рӯз, то месозад аз он парниён,
Парниён месозад, аммо меравад тифл аз миён.

Зиндагӣ, эй сарви озодон, бувад ранҷи фаровоне,
Баски ту дар ҳавлии мардум намесабзӣ, намедонӣ.
Тути деҳқон аст аз ғам гурмдор,
Гарчи набвад заррае ҳам ҷурмдор.

Дил гарон аз ман мадор, эй сарви озод,
Гар туро аз зиндагии мардум орам ёд.
Чист чора,
Зиндагонӣ пуртазод аст,
Гар якеро сабз медорад барои дилхушиҳо,
Дигареро сар бибуррад,
ку нишони адлу дод?!

Ҳам ту, эй тути азизи гурмдор,
Бо сари сабзи бурида зинда бошӣ то баҳор.
Шохаи хушки туро дар даст гирам ман,
Шаб ба зери пойи сарви сабз мирам ман.

**Аз**

**«ИЛТИҶО**
**АЗ УҚОБ»**

(с. 1993 – 1998)

## ШОИРЕ ОЯД…

Дар замоне, ки башар дар хобҳои коҳилӣ хуфта,
Баъди хӯрданҳои барги оламе чун кирми абрешим,
Нест гӯё хоҳиши бедорияш то рӯзи растохез,
Бо садои бартар аз тундар
Ё салои сури Исрофил дар маҳшар
Шоире бояд,
Шоире ояд…

## ИНТИХОБ

Сипарда ними роҳамро,
Расидам бар сари роҳе, ки дар санг
ин сухан ҳак буд:
«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,
«Равию барнагардӣ, лек бомақсуд».
Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.

Синони тирхатҳо дар дилам даррафт,
Ду поям монд аз рафтор, биншастам
Ва кардам тоза гарди сангро бо охирин уммед,
Ки шояд чашми ман дар санг ҳарфи дигаре бинад.
Вале ҳар қадр медидам,
ҳамон медид:
«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,
«Равию барнагардӣ, лек бомақсуд».
Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.

Гарон мондам,
Гаронам буд зи ҷо бархостан,
рафтан,
Гаронтар буд биншастан.
На тобу тоқати хомӯш мондан буд,
на ёрои сухан гуфтан,
Фақат оҳе даруни сина мепечиду мепечид бефарёд
Ва аз сӯйе набуд имдод.

Ду роҳе, к-он на нафрин дошт, на таҳсин,
Фақат огоҳ мекард он, ки дар фарҷом ҳосил буд,
Якеро мақсади беумр,
Дигарро умри бемақсуд
Ва қурси офтоб аз гӯшаи гардун ҳамоил буд.

Агар умр аст ширин раҳ ба ҷуз роҳи нахустин нест,
В-агар ширин бувад мақсуд, роҳи ту раҳи сонист.
Чӣ кор ояд, валекин мақсади беумр,
Ки гар ёреву дидорест, бо умр аст,
Ки гар ишқеву дилдорест, бо умр аст.

Вале бардоштам гом аз раҳи сонӣ,
Гузаштам аз бисоти зиндагиву умри нотакрор,
Куҷоӣ лек, эй мақсуд,
эй мақсуди безинҳор?!

## БА КАМОН ЧӢ ГУНА ХӮ ГИРАМ…

Зи рафоқати камондорон ба дили рамида ғамгинам,
Ба камон чӣ гуна хӯ гирам,
ба камин чӣ гуна биншинам.
Ба камаршикастагон ҳаргиз набувад маро забардастӣ,
Ки адолат аст талқинам, ки муҳаббат аст ойинам.
Худ агарчи гушна мемирад таги осмони безинҳор,
Зи кабӯтарону гунҷишкон накунад шикор шоҳинам.

Ба дилам чӣ мезанӣ дашна,
ту ҳаме ба хуни ман ташна,
Ки даво нагашта то имрӯз асароти захми поринам.
Ба забони мардуми пойин ҳама пурсише дурусту рост,
Ба забони мардуми боло ҳама посухе дурӯғинам.
Агар аз тариқи каҷгардӣ шуда
ҳамнишини шаҳ фарзин,
Набувад ҳавои шоҳонам, набувад хисоли фарзинам.
Саярони боди наврӯзӣ зи чаман наоварад бӯе,
Ба баҳор ғунча хас гардад,
чӣ кунам ба табъи гулчинам.
Дили содаро диҳам таскин ба ҷаҳон агарчи медонам,
Бирасад замони рангинам, наравад ғамони деринам.

## ШЕЪРИ ХУНДОРИ МАН ГИРЯД…

Абр хушкид аз гиря, то чӣ бар тори ман гиряд,
Боми афлок нам гирад, абри озори ман гиряд.
Рӯҳи бедор – афсурда, дилҳашивор – дилмурда,
Наъш бар хок наспурда, ҷони бемори ман гиряд.
Аз баландии кӯҳистон он қадар лофҳо гуфтем,
К-ин замон дашт бар ҳоли зори кухсори ман гиряд.
Субҳ хуршед хунолуд, шом хуршед хунполо,
Деви хунхори шаб хандад, ҳури хуншори ман гиряд.
Дил нахоҳад дафу карнай, ғулғулу шӯр дам дарбанд,
Ғижжаку най бикаш нола, то дили зори ман гиряд.
Ман, ки дар ҳаҷр мегирям, дурам аз ёру мемирам,
Гар насибам шавад дидор, ӯ ба дидори ман гиряд.
Шохи умри ҷавон машкан, бишканӣ,
кай шавад сарсабз,
Гар зи шохеканад барге, решаи хори ман гиряд.
Чун кунад пуштибониям, пуштибоне, ки ҷӯёнам,
Чун ниҳам пушт бар девор, пушти девори ман гиряд.
Баъд аз ин лаб фурӯ бандам,
к-ин чунин гиря то чандам,

Лек ҳар гаҳ, ки ман хандам,
шеъри хундори ман гиряд.

## ЭЙ УҚОБИ ГАРДУНСАЙР!

Эй уқоби гардунсайр, аз чӣ ҷони ту хаста-ст,
Ё ки осмон паст аст, ё ки боли ту баста-ст.
Ё ки хоҷаи парвоз ришта баста дар поят,
Бар ҳаво сарат дода нӯги ришта дар даст аст?!
Ин чӣ гуна озодӣ, сарбаландиву шодӣ,
Ин чӣ ҳафт гардуне, к-авҷаш аз замин паст аст.
Кай ба марзи бедодӣ руста нахли озодӣ,
Баски ҳар табардасте андар он забардаст аст.
Ҳар кӣ гӯяд озодам, ман аҷаб аз он дорам,
Чун ба пой завлона ношикаста, вораста-ст.
Мурғ пар занад бояд, сина бар само compоyд,
То шиносадаш гардун ҳеҷ нест ё ҳаст аст.
Дар само чӣ хоҳад кард раҳрави заминпаймо,
Гар уқоби гардунсайр сархамида, побаста-ст?!

* * *

Қимати коло баланду ҳиммати воло шикаст,
Дар ҷаҳони пастроён қомати боло шикаст.
Чун фузун шуд эътибори роҳбанд аз раҳкушо,
Муътабар шуд санги роҳу пойи раҳпаймо шикаст.
Ҳар касе бар санг зад гар шишаи номусро,
Шишаҳои нанги мо дар олами дилҳо шикаст.
Ёрро ҷоми мае додам, ки дил саршори туст,
Зад ба санги нӯшхандаш, ҳар дуро якҷо шикаст.
Дар ду олам гарди роҳеро наозурдему лек
Ҳар кӣ чӯбе дошт, аз «ҳиммат» ба фарқи мо шикаст.
Дар масофи даҳр агар бишкаст хоро шишаро,
Бемасоф ин ҷо вале ҳам шиша ҳам хоро шикаст.
Иддае гар бори имрӯзаш намеёрад кашид,
Қомати мо зери бори заҳмати фардо шикаст.

## ПАЁМ АЗ ИШҚ МЕХОҲАД…

Паём аз ишқ мехоҳад дили шайдои ман имшаб,
На танҳо дил, ки мехоҳад ҳама аъзои ман имшаб.
Дилу ҷонам ҷудо мехоҳаду ҳам даст, ҳам бозу,
Ки худ пайдо чӣ мехоҳад зи нопайдои ман имшаб.
Кунад сад шоми зулматро шаби ёдаш чароғистон,
Чароғон гардад аз ёдаш на як дунёи ман имшаб.
Ду дарё дар уфуқ пайвандаду маҳтоби завраҚрон
Равон ояд зи гардун дар дили дарёи ман имшаб.
Манам зинда ҳамин ҳоло, вале уммеди фардо ӯст,
Агар меояд имшаб, мерасад фардои ман имшаб.
Чу матлаб матлаби ишқ аст ҷонҳою ҷаҳонҳоро,
Ҷаҳон ошиқ намеёбад яке ҳамтои ман имшаб.
Зи бас умре ба шукри ишқ сар дар пойи дил мондам,
Ҳамин дил мениҳад аз ишқ сар дар пойи ман имшаб.

## ШАБИ ҒУССА

Чӣ кунам ба номи ҷовид, ки зи худ нишон гузорам,
Ки ман аз ҷаҳони ҷовид ғами ҷовидона дорам.
Чӣ ҷаҳон, ки ормонаш сари дор дидани мост
Ва хуш аст, агар чу Ҳаллоҷ бикашад ба ҳалқа корам.
На табиби ҳушёре, на ҳабиби ғамгусоре,
На давои ҷисми бемор, на илоҷи ҷони зорам.
На маҷоли зуд рафтан, на тавони дер мондан,
Ба кӣ бори тан гузорам, ба кӣ накди ҷон супорам.
Ба масал агар дарахтам зи барои кирми айём
Бизананд шоху баргам, ки чу тути гурмдорам.
Бирасад баҳори гулшан, бишавад хазон гули ман,
Ба баҳори бехазонӣ чу хазони бебаҳорам.
Надамад сапедаи субҳ ба сипеҳри тирарӯзон,
На ситорае дурахшад ба шаби дарози торам.
«Ба тавофи Каъба рафтам», ки Худо ба хона ёбам,
Чу Худо зи хона рафта, манат аз чӣ хонадорам.
Чу Худоям офарида ба замин вакили мутлақ,

Зи Худо ба ин ваколат, бахудо, ки шармсорам.
Сухане зи рози Одам чӣ сареҳу фош гӯям,
Ба чӣ узр худ ба айём ҳама ҳарфи мустаорам.
Сари сабзи ҳар суханвар ба нишони сад нишонзан,
Чу суханварон шикоранд, ба суханварӣ шикорам.
Нафаси фароғате нест, ки туро нафас набанданд,
Магар ин чӣ зиндагонӣ, ки ҳама нафас шуморам.
Набувад зи рӯзи шодӣ асаре ба сафҳаи умр,
Ғазалест, балки монад шаби ғусса ёдгорам.

**Аз**

## «…БОЗ МЕРАСАД ХУРШЕД»

(с. 1998 – 2002)

## ФАРЁД

Фарёд зи дил хезаду фарёдрасе нест,
Ҷон дар тани мо коҳаду парвои касе нест.
Дирӯз агар буд умеди дами Исо,
Имрӯз Масеҳою масеҳонафасе нест.

Мо дилхӯру аҳволи дили зор ба танг аст,
Авзои дили мову замон шишаву санг аст.
Моем чу якрӯяву якранг, чӣ созем,
Ҳар дам, ки ливо бар сари мо ранг ба ранг аст.

Дигар зи ҳама рангу ливо дуру ҷудоем,

Донем худ акнун, ки раҳӣ то ба куҷоем.
Ҳаргиз наравем аз пайи кас, ҷуз зи пайи хеш,
Гар раҳгуму вомонда в-агар роҳнамоем.

Аз сар, ки гузаштем, дигар худ сари хешем,
Аз худ, ки гузаштем, дигар худ бари хешем.
Моро нафиребад дигар он дасти ишорат,
Ин раҳ, ки наваштем, дигар раҳбари хешем.

Аз кинаи дерина дигар ҷойи сухан нест,
Чун хоки ватан сӯхта, ҷойи тую ман нест.
Дирӯз агар бе туйи бедард ватан буд,
Имрӯз вале бе мани пурдард ватан нест.

## ПАРАНДАГОНИ САФАРКАРДА

Парандагони сафаркарда омаданд аз дур,
Ба шохаҳои дарахтон қатор биншастанд.
Зи атри тозаи гулҳо димоғ пур карданд,
Ба бӯйи лонаи порӣ хумор бишкастанд.

Ба шавқу нағмаю чаҳ-чаҳ таронаҳо хонданд,
Ки рафта сарди зимистон, расида вақти чаман.
Вале баҳои баҳорон шинохтанд, алҳақ,
Парандагони накӯчида аз канори ватан.

## ТАРҲИ СИЁҲ

Рӯз равшан буд, аммо хонаи мо тор буд,
Ҳар чӣ берун буд, гӯё бар дарун роҳе надошт.
Бори чун кӯҳи замон бар дӯши оне бор буд,
К-ӯ зи даври каҷкулаҳ ҳатто пари коҳе надошт.

Боз чанде хостгори роҳу дастоварди мо,
Эй аҷаб, шавҳаргадоӣ доштанд аз бевазан.
Пилта бурдем аз чароғи хираи ӯ беибо,
Боз ҳам гуфтем аз инсофу адолатҳо сухан.

Ҳар куҷое пойи роҳе буд, домаш буд ҷуфт,
Дар пайи як чашмбино буд сад чашми ниҳон.
З-ин ҳама дарду ғаму олом агар кас лом гуфт,
Лозабон шуд, аз ватан шуд рондаву шуд ломакон.

Эй ватан, фарзандҳои бенишонатро кӣ ёфт,
Дардҳои ҷоншикори модаронатро кӣ гуфт?
Офтоби гарми меҳрат бар сари сабзи кӣ тофт,
То кӣ савти ҷонфазои обшоратро шунуфт?

Нон ба нондону ба ҳафтӯм осмон будаш калид,
Бар кишоварзе, ки нон медод бар халқи ватан.
Кӯҳкан аз лаъли худ ҷуз ранҷи пайконаш надид,
Ёфт деҳқон аз либоси пахтагӣ танҳо кафан.

Ҳарфи ҳақ дармонда дар роҳи нафас чун қулти об,
То намурдӣ, кай тавонистӣ варо бурдан фурӯ.
Гӯиё будем дар парвоз мо рашки уқоб,
Ботлоқ аммо фурӯмон бурд то бехи гулӯ.

Дар ҳавои синаҳо бӯе намонда аз ҳаво,
Орзу дар шохи ҳасрат хешро овехта.
Зери чашм ашки надомат баста симон аз қазо,
Баски обаш буд ба гарди семзавод омехта.

Бегуноҳеро ба гардан чун тавон айбе ниҳод,
Муҷриме аммо нашуд беайб аз шарҳи гуноҳ.
Кай битобад бар сари мо офтоби адлу дод,
То ҷудо созем асли хеш аз тарҳи сиёҳ.

* * *

Хандидаам аз дарду ғам,
Рақсидаам аз хастагӣ,
Худро раҳо донистаам
Ноогаҳ аз ворастагӣ.

Чун ғусса донистам, ки чист,
Чун хаста донистам, ки кист,
Чун ёфтам ворастагӣ,
Дидам яке вораста нест.

## НАҶОТИ ХАЙР

Лангари киштӣ ба зери об рафт
Байни баҳри беҳудуд.
Рост андар ҳалқаи гирдоб рафт,
Гӯиё буду набуд.

Монд киштӣ дар миёни мавҷхез,
То каме ором шуд.
Баски тӯфон дошт дарё дар ситез,
Кай тавон ором буд.

Бори киштӣ буд мурғу мурғхор,
Ҷинси ҳайвону набот.
Дошт аз паҳнои дарёҳо гузор
Аз мамоте то ҳаёт.

Соҳате хушкӣ намонда аз замин,
Рӯйи олам об буд.
Ғайри аҷносе, ки буд киштинишин,
Ҷумла дар гирдоб буд.

Буд он тӯфони Нӯҳ амри Худо –
Даҳр дар оби азоб.
Оби борон шуд баланд аз қуллаҳо,
Кард чун Эзид итоб.

То расид он гаҳ, ки хушкӣ шуд падид,
Монд киштӣ аз сафар.

Он ҳама ҷонвар, ки хушкиро бидид,
Рафт аз киштӣ бадар.

То замин аз нав макони зист гашт,
Насли Одам шуд зиёд.
Лолаҳо рӯид дар паҳнои дашт
Рафт он даҳшат зи ёд.

Бори дигар бар ҷамеъи зишту бад,
Гар ғазаб гирад Худо,
То кӣ чун Нӯҳе ба хайри худ диҳад
Насли Одамро раҳо?!

## ДАР СИЁҲДАРА

Аз байни дара, ки медавад рӯд,
Аспест парону кафк-олуд.
Ҳаргиз нарасад ба гарди хеш он,
То домани дашт даррасад зуд.

Аз байни дара фаро равам ман,
Болои сарам само равам ман.
Ҳарчанд раҳам барад ба гардун,
Бе халқи Худо куҷо равам ман?!

## ДУХТАРИ РӮД

Тапад ин рӯд бари синаи кӯҳ
Чун дили духтараки ошуфта.
Зуд поин давад аз зинаи кӯҳ,
Рози пинҳони дилаш ногуфта.

Бинад аз паҳлуи кух бар водӣ,
Гӯиё рам кунад аз вусъати дашт.
Ӯ надонад, чӣ кунад озодӣ,
Ба биёбон барадаш ё гулгашт?

Даме оҳиста шавад, маҳви нигоҳ,

Сар дарорад ба гиребони дара.
Во шавад гӯйи гиребон ногоҳ,
Аз бари кӯҳ рамад – оҳубара.

Ман варо дораму гирам дар бар,
Тарсаду печ хурад, тоб хӯрад.
Дигар он рӯд кучӯову духтар,
То дили ташнаи ман об хӯрад?!

## ОХИРИН НИЙЯТ

Соҳили рӯди хурӯшон сангин,
Ғами рӯд аст ба начвои дилам.
То абад шӯришу ғавғо дорад,
Сахраи соҳилу дарёи дилам.

Сабзае нест дар ин сангистон,
Қоби санг аст ҳама хонаи рӯд.
Торами сабз кунад ҷилвагарӣ
Гоҳ аз ойинаи ин рӯди кабуд.

Нақши пое набувад дар соҳил,
Гӯиё одамиён бенақшанд.
Дил ба дарё назанӣ, чун бошӣ,
Бишавӣ дар қафаси худ побанд.

Бибарад нақши нигоҳамро об,
Нақш дар об бувад ҳосили ман.
Мазрае сабз насозӣ ҳаргиз,
То ҳама об нагардӣ, дили ман.

Рӯзгорест занад рӯди дилам
Хештанро ба чапу рост ба шаст.
Баски санг аст тани соҳили ман,
Охирин нийяти ман аз мавҷ аст.

## ИШТИЁҚ

Гиёҳе сар кашад бар сӯйи хуршед,
Ки атрогин шавад аз бӯйи хуршед.
Агарчи сӯйи дигар рӯ наорад,
Ҷаҳонро бинад он аз рӯйи хуршед.

Барад бар осмон дастони сабзаш
Чу як барги нисор ин ҷони сабзаш.
Гули сурхе бихандад бомдодон
Сари паймонаи паймони сабзаш.

Гиёҳе, ошиқи як худфурӯзе,
Ки бе рӯяш нахоҳад ҳеҷ рӯзе.
Ту, эй хуршеди оламҳо, мабодо,
Варо дар ишқи сӯзонат бисӯзӣ.

## ҲАСРАТ

Ман нагӯям, ки тифлиям ба ҷаҳон
Ҷаннате буд беғаму ғусса.
З-ин сабаб нест дар дилам армон,
Ки шавам тифлу нав кунам қисса.

Мани кӯдак на аз ҳавою ҳавас
Даст бар коғазу қалам бурдам.
Чун набуд шахси меҳрубонам кас,
Ин дуро ёри хеш бишмурдам.

Хонаи мо, ки дашт буд як сӯ,
Будам он ҷой кунҷи танҳоӣ.
Қаламу коғазам сари зону,
Менавиштам зи ранҷи танҳоӣ.

Чун нагунҷад ба ҷону дил дардам,
Як тараф монда хомаву дафтар,
Ман ба домони дашт мекардам
Гиря дар ёди домани модар.

Рафтам аз хонаи падар маҳзун,

Нест он ҷо дигар нишонаи ман.
Пушти ҳавлӣ намондааст акнун
Даштаки сабзи шоиронаи ман.

Паси ҳавлӣ деҳотиён имрӯз
Хонаҳои қатор сохтаанд,
Шеърҳои маро нахонда ҳанӯз,
Шоири хеш ношинохтаанд…

## АРӮСИИ ХУРШЕД

Бегаҳ.
Шукуфта сад чамани лола дар уфуқ.
Хуршедро ба дил набувад хоҳиши сафар.
Гар шоҳи осмон наравад дар канори шом,
Оё шавад арӯси шаб
обистани саҳар?!

## ХАЁЛ

Хаёлам бол афшонад,
Ки аз дунёи пурташвиши бесомон фаро оям,
Ба мисли ламъаи нуре, ки дар зарфаш нагунҷад ҳеҷ,
Дарунӣ сӯзаду берун кунад равшан,
Ба зарфи худ нагунҷам ман, ки бар сӯйи само оям.

Дар ин ҷо рангу ангори фиребе нест,
Ҳама сӯ аз азал нур аст.
Ба гӯши ман садо ояд зи дуродури ҷовидон,
Ки ҳар кас дар қариби зулмат аст, аз ҷовидон дур аст.

Хаёлам бол афшонад,
Чу оташ дар ҳавои тираи серун,
Ки аз зулмат равам берун.

## САДАФИ ДИЛ

Кош, эй кош, ки бошам танҳо
Ҳамчу гавҳар ба садаф ман рӯзе.
Нарасад шӯри ҷаҳон бар гӯшам,
Ба дили хеш кунам дилсӯзӣ.

Занги тилфони сабил аз саҳарӣ
Наканад риштаи пайванди дилам.
Гӯшак овезаи гӯшам нашавад,
Сими печидаи он – банди дилам.

Ҳамдаму ҳамдили дарё бошам,
Бистари об кунад пинҳонам.
Мавҷи пуршӯр саропо бибарад
Шӯру ғавғои ҷаҳон аз ҷонам.

В-арна мавҷе, ки барад чашми маро
Камтар аз мавҷи сароб аст, сароб.
Гар ба дарёи диле пай назанӣ,
Ростӣ, ин ҳама нақшест дар об.

Дари худро ба ҷаҳоне бандам,
То кушоям ба ду олам дари дил.
Сари худ гираму бигрезам ман,
То биёбам ба ҷаҳон ҳамсари дил.

Чашм бандам чу даме, пеши назар
Мавҷи беохири баҳр аст равон.
Дили худро чу садаф гӯш кунам,
Во аҷаб, ғул-ғули даҳр аст дар он.

## УМЕДИ ПАСИ ДЕВОР

Офтобе ба ғуруб
Гузар аз кӯйи дилогоҳ намуд,
Сари девор расид.
Сари девор чӣ хуршедӣ буд,
Паси девор чӣ уммеде буд?!

* * *

Эй канори биҳиштии дарё,
Аз биҳишти биҳишта ёдам деҳ.
Накҳати зодгоҳам овар ё
З-обҳои сиришта ёдам деҳ.

Гарчи рафтам зи ту ба рӯйи замин,
Мояи устухони ман обист.
Расад аз ман агарчи бӯйи замин,
Чашми ман бар туву ба маҳтобест.

Мавҷҳои маҳини пушти ҳамат
Ҳама дар мавҷи мӯйи ман монда.
Ҳам зи маҳ мадду ҷазри бешу камат
Нақш дар хулқу хӯйи ман монда.

Сахраи рӯйи хок бошад санг,
Сахраи зери об марҷон аст.
Дар замин ҳоли дил шавад гар танг,
Бари дарёш роҳати ҷон аст.

Ишқи дарё магар ба дил коҳад, –
Ишқи он зодбуми ноёбе.
Ба куҷо ин сафар сафар хоҳад
Дили дарёву рӯҳи маҳтобӣ…

## …БОЗ МЕРАСАД ХУРШЕД

Манам ба ҳавлии шаҳре, ниҳоли маҷнунбед,
Ба рӯзи сарди зимистон бараҳнаву урён.
Чу дар сипеҳри сияҳрӯ саҳоб мегузарад,
Ба ҳоли хеш ба сад чашм мешавам гирён.

Насими субҳ, ки мекард зулфи ман бозӣ,
Кунун ба ҷони низорам ҳамехалад чун тир.
Куҷост нағмаи пуршӯри сели гунҷишкон,
Ки шохаҳост тиҳӣ, лонаҳост зору ҳақир.

Кунун ба тори сари ман нишаста зоғи сиёҳ,
Ба ранги доғи сиёҳ.

Садои қар-қари ӯ (зор монад аз сари ӯ),
Кунад ба шаҳраги ман хушк хуни гарми маро.
Куҷост дасти маҷоле, ки ронамаш аз хеш,
Куҷост мурғи навое, ки хонамаш аз хеш.

Ба рӯзи сарди зимистон, шумо гумон доред,
Ки аз баҳор фаромӯш кардаву хобам.
Маро ба хоб надонед, вақти хобам нест,
Ки аз карахтии даврон ғамину бетобам.

Баҳор мерасаду боз мерасад хуршед
Ба сӯзи ошиқи бедордил ба тори сарам.
Калоғи шумнафасро ба дур меронад,
Саҳар ба шохаи нураш зи шохсори тарам.

## ДУРИ ДИЛХОҲ

Раҳнаварде роҳ мепӯяд тани танҳо,
То расад як рӯз ё як шаб
        ба он манзил,
                ки сӯяш гом мебардорад ӯ беист.
Лек ҳаст оё касе, к-ин роҳро пӯйиду дид он ҷо,
        ки чизе, к-он ба сӯяш раҳнавардеро
                        кашонад, чист?
Ё ки худ ин гуна кас ҳам нест.

Лек,
        кош инро намедониста будам,
                        кош,
То ки мепиндоштам фарҷом роҳи раҳгузореро
Дар фарозиҳо ба авҷи дури дилхоҳ аст,
На ба сӯйи дури бероҳ аст.

Кош,
        дар ин раҳ ба дӯши хештан медоштам боре,
К-он ба сангаш паллаи мизони фардоро
На ба сӯйи хокдон,

балки ба сӯйи осмон мебурд.[11]
Ҳар қадар озурдаи ин роҳ мешуд ҷон,
Лек гардеро ба роҳи худ намеозурд.
Ҳайф, раҳ дур асту
шаб торику
ҷон аз он на огоҳ аст.

Кош, дармеёфтам як бор,
К-андар ин раҳ ман чӣ хоҳам бохт,
Ман чӣ хоҳам бурд,
Аз ҳамон боре, ки умре мекашидам сӯйи он манзил;
Аз нишебиҳои зулматбор,
Бар фарозиҳои равшанкор.

Худ магар бори сари дӯшам,
ки мекард он арақшорам,
Доштаст оё баҳои як пашизе ҷуз ҳамин
як Дил.

Оҳ,
қомат бишканад бори гаронам,
истгоҳе ку,
То даме осоям аз ин роҳу аз ин бор,
Лек натвонам зи роҳ истоду
бор аз дӯш ҳам бигзошт як лаҳза.

Оҳ,
аз ин роҳи ҷонфарсои меҳнатбор,
Ку, ҳамон чашми саре, к-ин роҳро анҷом мебинад,
Оҳ,
ку,
чашми нигоҳе,
ку?!

---

[11] Ишора ба Қуръони маҷид, сураи Аъроф, ояҳои 8-9; «Дар он рӯз вазн кардан ба Ҳақ хоҳад буд. Онҳо, ки тарозуяшон сангин аст, растагоронанд. Онон, ки тарозуяшон сабук гашта аст, касоне ҳастанд, ки ба оёти мо имон наёварда буданд ва аз ин рӯ, ба худ зиён расонидаанд».

## ДУ ОҲАНГИ ЯК МАЪНО

Ин ҷаҳони гузаронро ду дар аст,
Як дари сабзи вуруд,
Як дари зарди хурӯҷ.

Лек дунёи абадрост даре –
Як дари обии дарвои[12] духул.
З-ин дари ҷовидон
Ман дарун рафтаму дарро бастам.

Ҳалқа бар дар назанед!

* * *

Ин ҷаҳони гузаронро ду дар аст –
Як дари сабзи вуруд,
Як дари зарди хурӯҷ.

Лек дунёи абадрост даре –
Як дари обии дарвои духул.
З-ин дари ҷовидон
Ман дарун рафтаму во мондам дар,

Ки ҳам ин ҷо накашам боз ғами танҳоӣ.

## АҚРАБА

Соате дар девор.
Ман ҳамон ақрабаам,

[12] Дарво - муаллақ, овезон

Ки занад давр ба гирди тираш
Рӯзу шабҳо бедор.

Баски як дам
Нашавам дур ман аз тири худӣ
Ва наистам бекор,
Ҳама олам бикунад бо равишам
Вақти худро меъёр.

## РАҚСИ КАМАРИ ИРОҚӢ*

Чӣ оҳанги диловезе, ки оромиш диҳад дилро,
Чу мурғи дастомӯзе ба дасти ту ниҳад дилро.
Ҷаҳон орому ту ором,
Надорад гардише айём.
Ба нозе аз ҳарими дил,
Бихезӣ чун насими дил,
Ки сад ҷони дигар бахшӣ ту муштоқони бисмилро.

Бубандӣ бар камар ту якбара локии шоҳиро,
Бубандӣ бар камар гӯё ҷаҳони мурғу моҳиро
Ва ҷунбонӣ ҷаҳон бо ҷунбиши нарми камаргоҳат,
Фидои ҷони огоҳат.

Ба шӯхӣ мавҷи рӯд аз мавҷи рафтори ту мешармад,
Ба нармӣ кабки рав аз гашти ҳамвори ту мешармад,
Ба ҷоду наргис аз чашмони хаммори ту мешармад,
Ба рақс ойӣ бағалафшону болафшон,
Ба хоки по-т ҷонафшон
шавад оне, ки дорад ҷон.

Куҷо дунёи дилҳоро дигар таскину ороме,
Куҷо, эй чашми сар, дигар шиносӣ субҳ аз шоме,
Ки омезад ба ҳам дигар лаёлиеву айёме.
Ба ҷон хоҳам, ки ин оғози ҷонпарвар
Наёбад ҳеҷ анҷоме.

Камар ҷунбонию гардад тамоми даҳр масту мот,

Зи ман гӯё ту меранҷӣ, аҷаб зебост ранҷишҳот,
Куҷо дорад дилам дигар тавону тоби санҷишҳот,
Маро аз мавҷи ҷунбишҳои худ сар деҳ,
Чӣ месӯзонӣ оҳиста,
Биё, якбора, яклахт оташам дар деҳ,

Ки ман дар кишвари ислом шавқу шӯру исёнам,
Зи ҷодуи камарраксат раҳидан нест имконам,
Биларзонӣ ба ларзишҳои худ ту бехи имонам,
Агар ҳаст ин мусалмонӣ,
Худоё, ман дигар танҳо барои ту мусалмонам!

*Дирӯз ман дар фейсбук ғазалтаронаи "Аҷаб ба ноз мерақсӣ"-ро гузошта будам, ки онро дӯстони бисёре хуш пазируфтанд ва ҳамин сабаб буд ва ё наздик расидани баҳор, ки инсон беихтиёр ба ёди дашту даману рақсу бозӣ ва суруду тарона меафтад, шеъри дигаре, ки оид ба рақсу суруд гуфтаам, ба ёдам расид. Дар адабиёти чандҳазорсолаи мо шеъри рақсу суруд фаровон аст, он шояд аз ин ҷиҳат дар байни халқҳои башар дар ҷойи аввал ҳам истад, зеро решаҳояш аз фалсафаи зиндагии мардуми ориётабор, ки аз шодиву ҳаётдӯстӣ об мехӯрад, сабз мебошад. Дар ин бора танҳо аз ашъори Дақиқиву Рӯдакӣ, Саъдиву Мавлоно, Ҳофизу Камол ёд овардан кофист, ки саршори суруду мусиқиву рақсу бозӣ ҳастанд, ки на танҳо мазмуни рамзиву ирфонӣ, балки на камтар мазмуни воқеиву ҳаётӣ ҳам доранд. Агар дар ин маврид аз ашъори шоирони қасидасаро, ки васфи базмҳои шоҳонро мекарданд, ёд оварем, ин теъдод як бар чанд меафзояд, аммо боз мегӯему боз хоҳанд гуфт, зеро дар шеъру шоирӣ бештар аз мавзӯъ тарзи нигоҳ бар мавзӯъ муҳимтар аст, ки онро наву кӯҳна мекунад, агар нигоҳ нав аст, ҳеҷ мавзӯъ кӯҳнагӣ надорад.

Баъзе аз дӯстон вобаста ба он ғазали банда шеъри машҳури устод Мирзо Турсунзода "Тара Чандрӣ"-ро ёд оварданд. Худи устод ҳам баъзан мегуфтанд, ки агар аз ман дар оянда шеъре монад, ҳамин "Тара Чандрӣ" хоҳад монд, ҳарчанд дар даҳсолаҳои охири умрашон шеърҳои мондагори дигар ҳам гуфта буданд. Шоирони дигари ҳамзамони мо ҳам шеърҳои рақсу суруд навиштаанд ва банда ҳам, ки якеи он "Рақси камари ироқӣ" ном дорад. Қиссаи эҷоди ин шеърро ман, мисли ин ки, дар "Гуфтор дар бораи худ" мухтасаран навишта будам. Он баъд аз сафаре, ки солҳои ҳаштоди асри гузашта ба Ироқ барои иштирок дар фестивали умиҷаҳонии шеър даъват шуда будам ва ироқиён ба меҳмонон консерти дилписанде дода буданд, ба қалам омадааст.

28.02.2020

## ИШҚИ НАСИБ

Ҷони ман, ишқи туро дод Худо ҳамчу насиб,
Ба мани бехабар аз баҳраи ишқи азалӣ.
Шукри ишқат, ки дилам шуд ба ғами ёр ҳабиб,
Дар ҷаҳони гузарон ёфт дами бебадале.

Шуд ҳавоят ба сарам ҳамчу ҳавои тоза,
Нафаси ишқи ту дар ҷони ҳаваснок дамид.
Гашт андозаи ин ишқ чу беандоза,
Кардам аз раҳмати он беҳаду андоза умед.

Мам чӣ донам, ки ба ин ҳусни худоёна туро
Он, ки барсохт, чунин поктан аз баҳри кӣ сохт.
Он, ки ҳастии маро кард пур аз ишқу вафо,
Буд умедам, ба дилат ишқи маро низ андохт.

В-арна аз омадани ман ба ҷаҳон суд набуд,
Фараҳе дод ба дилҳо нафаси шоириям.
Чашмаи ишқат агар чашм зи қалбам накушуд,
Ман куҷо будаму ҳарфу ҳаваси шоириям.

Ту, ки додӣ ба ман ин шоирию сеҳри сухан,
Ҷон ба фармуди азал дарди ғамони ту суруд.
Аз уфуқ то ба уфуқ гашта фарохо дили ман,
Шафақи меҳри туро бар сарам афрошта буд.

Офтоби рухат арчанд зи ман буд ниҳон,
Моҳтоби дили ман шоми сиёҳро афрӯхт.
Абри озории озори туям шуд борон,
Шуълаҳои шафақам дар гули рухсори ту сӯхт.

## ҲАСРАТИ ИШҚ

Духтароне, ки ба ман дил бастед,
Духтароне, ки будам ошиқатон,
Магар имрӯз ҷавондил ҳастед,
Магар имрӯз манам лоиқатон?

Чӣ ҳавасҳо, ки гузашт аз сари мо,
Чӣ ғаму ғусса, ки вомонд ба дил.
Ҳамчу дарё, ки бизад лаб бари мо,
Ки на таҳ доштаву на соҳил.

Дар ниҳон аз назари шавҳаратон
Хонда оё ғазали ошиқиям,
Шикваи хеш шунидед аён
Аз ғами бебадали ошиқиям?

Гарчи пурбачча шуда хонаатон,
Касрати ишқи ҷавонӣ монда,
Дар лаби хомушатон рози ниҳон
Ҳасрати ишқи ҷавонӣ монда…

## ОҒӮШ

Меравӣ,
Рафтани ту рафтани маҳ дар гардун.
Осмонат, ки манам,
Ҳар куҷое, ки равӣ,
Натавонӣ, равӣ аз ман берун.

## ҚИСМАТ

Ту зан астӣ, ки модарат Ҳаввост,
Падарам Одам асту ман мардам.
Дар сари ман ҳазору як ғавғост,
З-он даме дил ба раъйи ту кардам.

Ронда гаштам ба ту ман аз ҷаннат,
Дигар акнун намонда тадбире:
К-афканиям ба дӯзахи ҳаҷрат,
Ё ба оғӯши ҷаннатат гирӣ.

## ЛОИЛОҶ

Сар бимон рӯйи синаам як дам,
Дастро ҳалқа кун ба гардани ман,
Ки маро нест ҳалқаи ҳамдам,
Ки туро нест ҷойи сар мондан.

Гарчи атрофи ман пур аз мардум,
Гарчи болину бистарам пари қуст,
Бе ту бесарҳисобаму саргум,
Сари ту ҳам ба кундаи зонуст.

Натавонам зиям ба осонӣ,
Ба ҳаёҳуи мардум омезам.
Ту наёбӣ ба хеш ҳамсоне,
Ман наёрам зи хеш бигрезам.

Гузарад аз самои хотири ман
Ғози ёди ту чун нахи мизон.
Тани танҳо манам дар ин маскан
Ҳамчу сахра сари ҷар овезон.

## МАН БАҲОРИ ИШҚ,
## ТУ ИШҚИ БАҲОР

Бо баҳорон менависам шеъри худро,
Ӯ ба талҳо менависад, ман ба дафтар.
Ман сухан меоварам, ӯ сабзаи тар.

Шеъри ӯ сабз аст дар шохи гулистон,
Шеъри ман дар шохаи дил.
Ӯ ба мурғон менависад шеъри ҳассон,

Ман ба ёди ёри хушгил.

Гар яке аз ишқ гулзор аст,
Дигаре аз шеър саршор аст.

Эй арӯси ман, ки бо ту шеър мегӯям,
Худ ту як шеъри баҳоронӣ,
Дар ҳавои нам-нами борон
Тозатар аз баргу боронӣ.

Майсаи мижгони ту сабз аст,
Кӯли чашмони сафобахшои ту нилист.
Сурх бошад мармиҷонҳои лабони ту,
Шохае чун шохи болоят гулафшон нест.

Қомати сабзи туро чун мекашам дар бар,
Мармиҷонҳоят ба лаб,
Майсаат болои чашм,
Меравам яксар ба кӯли чашмҳои нилпарвар.

Бишкуфад дар шохаҳои ёсамин
Ғунчаи шеъри сафеди беғубор.
Бо баҳорон шеър мегӯям ба ту,
Ё баҳорон шеър мегӯяд ба ту.
Ман замини сабз,
                ту набзи замин,
Ман баҳори ишқ,
                ту ишқи баҳор.

## ТУ, ЭЙ САПЕДАИ СУБҲ!

Ту, эй сапедаи субҳ, эй шукуфта шохи чаман,
Садои мурғи дилат бар ҷаҳон дуруди ман аст.
Ту, эй ҷавонии ошиқ ба навҷавонии ман,
Ҷавонии дили ман сабз дар суруди ман аст.

Туӣ, ки боз биёрӣ ба ман ҷавонии ман

Ба хандаҳои шақоиқнамои лабҳоят.
Туӣ, ки боз ба ёди ту мешавад равшан
Тулӯи бахт маро дар канори шабҳоят.

Ту, эй азизи дилам, эй азизи ҷону дилам,
Маро зи аҳди ҷавонӣ паёми дигар деҳ.
Зи нав дар оташи ишқат бипаз ту обу гилам,
Маро ба ёди лабат фикри хоми дигар деҳ.

Биёву решаи ишқи маро дар об андоз,
Ки рӯям аз сари нав ҳамчу барг аз тани хеш.
Саҳар зи шохаи ман мурғакон диҳанд овоз,
Навои ишқ ниҳад марҳаме ба синаи реш.

Ду дасти меҳр чу шаҳбол рӯйи дӯшам неҳ,
Ки пар занам ба ҳама сангҳои по озод.
Ту баргҳои хазонро саросар оташ деҳ,
Ки вораҳам зи ғаму ғуссаҳои худ дилшод.

Биё, ки дар шаби торам сапедаи субҳӣ,
Бимон, ки дар лаби хомӯши ман сухан бошӣ.
Биё, ки дар дили зорам падидаи субҳӣ,
Бимон, ки ҳам шафақи шоми умри ман бошӣ.

## ЧАШМИ ОҲУ

Дар ин сармои яхбандӣ,
Ки неши сардаш аз болои сад ҷома
Ба ҷисму ҷони одам мезанад сӯзан,
Маро бӯест аз Наврӯз,
Маро ёди канорат гарм медорад фақат, эй зан!

Дар ин гармои тобистон,
Ки дур аз кӯраи хуршед меҷӯшад
ба конҳо маъдану моя,
Хаёлат пораи абрест,
Ки болои сари ман мекунад соя.

Дар ин саҳрои бесабза,

Ки ҳини гулшукуфтанҳо намерӯяд
ба ҷуз хору ба ҷуз явшон,
Ту ҳамтои дарахти пургулу сабзӣ,
Ки рӯйи шохаҳояш нағма мехонанд гунҷишкон.

Дар ин шабҳои зулмонӣ,
Ки ҳатто чашми рахшони ситора кӯру нобиност,
Фурӯғи хандаҳои ту, ки ногаҳ мерасад аз дур,
Диламро мекунад равшан,
Шабамро мекунад пурнур.

Дар ин дунёи дарбаста,
Ки шаҳрӣ пеш аз он ки мекунад
дарро ба рӯят боз,
Туро аз пушти дар бинад ба чашмандоз,
На танҳо боз медорам дари худро,
Ки қуфли синаро во кардаву сар медиҳам овоз:

Дар ин айёми беишқӣ
Ҳама он гуна ҳушёранду соҳибҳуш,
Ки ҳатто дар шигифт оянд аз Лайлову аз Маҷнун.

Ва ман акнун
Ба ёди чашми оҳуят,
Ғизоле ҳам намеёбам, ки бо ҳасрат кашам оғӯш.

## ФАРОТАР АЗ АРШ

Ҳайкали ёди ту ҳастам,
ҳастам,
Ба диёре, ки шабаш қаср зи рӯъё созад,
Лек ҳар субҳдам аз зилзилаи бедорӣ
Боз яклахт ба хок андозад.

Нигаронам, ки биёиву бубинӣ бар ман,
К-андар ин бум, ки созад ҳамаро зеру забар,
Ман чӣ сон зиндаву пояндаам аз як дидор

То ба дидори дигар.

Ларзаи кӯҳ хабар медиҳад аз вулқонҳо,
Ман, ки бигдохтаи маъдани кони ишқам,
Бимам аз оташи вулқонҳо нест,
Ки ман аз оташи дил
Ёфтаам мояи зист.

Ман дар ин бодияи зилзилахез
Ҳайкали ёди ту ҳастам,
ҳастам,
Ки агар нестам аз арш фаротар,
пастам!

## ТУ МАРО ЁД МАКУН

Ту маро ёд макун,
Ту маро ёд макун ҳеҷ гаҳе бори дигар,
Ки дилам хун шавад аз ёди ту, эй ёри дигар.

Ту маро ёд макун,
Ки чӣ сон ошиқи беёди ту будам ҳама умр,
Ёд аз ёди дигар ман нанамудам ҳама умр,

Ту маро ёд макун,
Ки гаҳе сидқи ту чун кӯҳ бишуд такяи дард,
Такяи кӯҳи ту кӯҳам мекард.

Ба ту марҷони ситора зи само мечидам,
Чӣ кунам лек кунун,
Такяи кӯҳи ғамам кӯҳ тавонад шуду бас,
Ки варо ҳам ту зи бемеҳрии худ карда нагун.
Такяи кӯҳи ғамам чист дигар,
Такяи кӯҳи ғамам нест дигар.

Ту маро ёд макун,
Ки дилам ғарқ ба худ чун дарёст,
Натавонад, ки шабе домани соҳил гирад,
Нолаи мавҷи варо бод фақат мешунавад, мегиряд.

Ту маро ёд макун,
Ки манам кӯҳи нагунгашта зи бун,
Ва наёрам, ки дигар рост шавам, кӯҳ шавам,
Ки халос аз ғаму андӯҳ шавам.

То зи нав сар бикашад кӯҳи сарам,
Боз бояд милион соли дигар
Сабзаму сабр кунам, ранҷ барам,
Гарчи ишқи ту расад баҳри чунин сабри каме,
Лек шояд нарасад умри сарам.

Ту маро ёд макун,
Ту маро ёд макун.

Аз нав обод макун.

## ЁДГОРИ ОХИРИН

Дашт урён буду домонат баҳористони сабз,
Сабз гаштам, то туро бигрифтам аз домони сабз.
Гарчи шохи ормонам дошт бӯйе аз хазон,
Шавқи сабзидан зи нав додӣ маро, эй ҷони сабз.

Сабз гаштам, то бидидам сабзаи абрӯйи ту,
Ҷони худро об додам ман зи оби рӯйи ту.
Шеърам аз лабҳои ширини ту ширин шуд ҳама,
Шуд ҳавои хотирам хушбӯй аз гесӯйи ту.

Дил ба дунё гарм кард оғӯши гарми ту маро,
Ҳалқаи дасти ту дод аз ҳалқи ғамҳоям раҳо.
Ҳар шаб аз бемеҳрии дунё дилам торик буд,
Кард онро меҳри рухсорат пур аз нуру зиё.

То дили обам нагардад аз ду чашмам обшор,
Он чӣ дар дил буд, кардам дар ғазалҳо ошкор.
Мерасид аз барги зарде бӯйи сарде аз хазон,
Ғунчаи лабҳои ту овард пайки навбаҳор.

Ошиқи танҳо қади сабзат набуд ин ҷони ман,
Гарчи будӣ ҳамчу дил дар синаву ҷон дар бадан.
Ман туро боло зи хоҳишҳои тан дарёфтам,
Дил супурда дар фаросӯҳои ҷисми хештан.

Аз фарозиҳои армон омадиям дар канор,
То барам ишқи туро аз ин ҷаҳон чун ёдгор.
Он, ки дорад ёдгори ишқ, оё меравад,
Ё ки гул меоварад ҳар фасл ҳамчун навбаҳор?!

## БА ДИДОРИ ТУ МЕОЯМ

Агар озоду хурсандам,
Ба дидори ту меоям.
Агар дар ғусса побандам,
Ба дидори ту меоям.
Агар рӯйи раҳи дурам,
Ба дидори ту меоям.
Агар аз роҳ маъзурам,
Ба дидори ту меоям.
Агар аз хеш бигрезам,
Ба дидори ту меоям.
Агар бо хеш бистезам,
Ба дидори ту меоям.
Агар аз хок бархезам,
Ба дидори ту меоям.
Зи хокам барнахезам ҳам,
Ба дидори ту меоям.

* * *

Пагоҳ офтобро нидо кунам,
Вале чӣ сон варо дар ин саро кунам,
Ки гӯшае барои офтоб нест,
Ба сад ҷаҳон агар сару садо кунам.
Ҳама ба соя з-офтоб даргурез,
Чӣ бо гурезагони безиё кунам.
Дуои ман, ки мустаҷоб мешавад,
Надонам ин замон киро дуо кунам.

Чу шарти сарварист донишу хирад,
Ба сарварони бехирад чико кунам.
Дар ин ҷаҳон, ки қарздори ман бувад,
Чӣ гуна боз қарзи худ адо кунам?!

## ТУРКТОЗИ ГӮСФАНДОН

Обҳо гаштанд хунин, хок з-оташ дар гудоз аст,
Гул нарӯяд з-оташу хун, оби раҳмат чорасоз аст.
Оштию раҳми гургон ҷуз вале гургоштӣ нест,
Мешҳоро инқироз аст, гургҳоро имтиёз аст.
Он, ки мелофад ба мардум з-оштӣ, аз меҳру аз ҳақ,
Барканӣ аз рӯ ниқобаш муҳрабозу ҳуққабоз аст.
На кабӯтар бо кабӯтар мекунад озод парвоз,
Ҳар кабӯтар пар кушояд, синааш дар чанги боз аст.
Ҷинси оҳу рафта аз дашт,
чашми чашма хоку хун гашт,
Чашмаю мижгони сабзаш тарту помоли гуроз аст.
Рӯзи майдон ошкоро медаридат гурги пешин,
Гурги акнун медарад хап, ҳар кучое гар нуҳоз аст.
Кушта ҳаст, аммо кафан нест,
кас вале бе мову ман нест,
Нест навбат баҳри мурдан,
бар кафан навбат дароз аст.
Ин чӣ гурги мешмоно в-он чӣ меши гургмоно,
Раммаҳои гӯсфандон аз ду ҷониб турктоз аст.

## КӮЧА ШОМГАҲОН ХОЛИСТ…

Ҳамчу ҷоми тиҳӣ аз май кӯча шомгаҳон холист,
Бешароб чӣ бошад ҷом, ҷоми кӯча ба ин ҳолест.
На суруд, на оҳанге, на садои дафу чанге,

На ғиреви сияҳмасте, к-ин чӣ майкаши муҳтолест.
На дуруд, на падруде, на ҷамоати масъуде,
Зиндагӣ магар аз ин шаҳр рахт баста дусад солест.
На канори хиёбон аст дар канори нигоре даст,
На лабе ба лабе пайваст, ишкро на пару болест.
Пар занад ба ҳаво мурғе, мезананд уқобонаш,
Сар кашад ба чаман сабза саршикаставу помолест.
Сатри шом дарад ногоҳ зарби сахти мусалсалҳо,
Дар ҳарос дили модар ларза дар тани атфолест.
Гоҳ номи ту «Озодӣ», гоҳ ном-т «Шаҳидон» аст,
На шаҳиду на озодӣ, ин чӣ кору чӣ аъмолест.
Кӯчаҳои Душанбешахр, пойтахти азизи ман,
Пойгоҳи ҳама баттол, дузду шабраву қаттолест.
Кӯча, ҳоли туро бинам, чун ту холиву ғамгинам,
Гар туро ғаму идборест, ку, касе, ки хушиқболест?!

## ДАР ПОЙИ ОЗОДӢ…

Дар пойи озодӣ аз пой уфтодем,
Озоди побандем, побанди озодем.
Мо куштаи зинда, мо зиндаи кушта,
Мо доди бедодем, бедодэҷодем.
Манзил намонд обод, як дил намонд обод,
Ободи вайронем, вайрони ободем.
Бар хасми зоти хеш ҷону ҳаёти хеш
Андар бисоти хеш мо ҳар чӣ буд, додем.
Дар гӯши бедардон кай мерасад фарёд,
Фарёди хомӯшем, хомӯшфарёдем.
Мо дар ватан мурдем, дур аз ватан мурдем,
Аз модари меҳан ё беватан зодем?!
Буду набуди хеш, хоки вуҷуди хеш
Барбод дода мо, аз хок барбодем.
Кун, эй Худо, шафқат моро, ки баъд аз ин
Малъуни аҷдодем, мардуди авлодем.

## ИН МАНАМ…

Ин манам, к-аз хештан пур кардаам кошонаро
В-аз муҳаббат қасри Доро кардаам вайронаро.
Чун ҳақиқатҷӯйҳо ҳақро ба кизб омехтанд,
Дилгарон аз ину он рӯ бурдаам афсонаро.
Мурғаки бедонаро бедона чун карданд ном,
Хоб дидаст ӯ ба зери дом дигар донаро.
Аз садои гови бешире ба худ гуфтам, ки: Ҳайф,
К-аз ду гӯши худ кашидам пунбаи пундонаро.
Шоҳ рафта дар мақоми моту гашта роҳбанд,
Кай тавонад баъд аз ин ӯ раҳ намудан донаро.
Ҳар касе дил кард бар ройи ҷаҳони ҳуққабоз,
Дар пайи роҳи ҷаҳон гум кард роҳи хонаро.

## ҲАҚИ ҲАҚВАР

Чӣ хатои даврон аст, ки туро забон дода,
Дили мо нишон дода, ба кафат синон дода.
Ту кунун занӣ ҳарчанд ба ситеза садҳо захм,
Дили хунчакон зинда, ки Худо-ш амон дода.
Нафасат ба ҳар хоке гулу реша хушконад,
Магарат зи чор айём нафаси хазон дода.
Ғами худ ба шодият надиҳам, ки медонам,
Ки ба ҳар кӣ ғам дода, диле армуғон дода.
Туву доди яздонӣ, ба ниҳоди шайтонӣ,
Самари ҳақ аст имон, ба ту ҳақ гумон дода.
Ва ҳамон ки парканда, ба заминат афканда,
Ба уруҷ шоҳинро дили парфишон дода.
Чӣ кунӣ ба он ҳақвар, ки ба адлу инсофаш
Ба ту остон дода, ба ман осмон дода.

## ҶУЗ ИШҚ МАРО НЕСТ…

Ҷуз ишқ маро нест ба дунё рақами дил,
Баски қаламе нест маро чуз қалами дил.
Сад гуна алам тори сари халқи ҷаҳон аст,
Тори сари ман нест ба ҷуз як алами дил.
Ҳаргиз ба касе ҷабру ҷафоро написандам,
Он ҳам написандам, накашад гар ситами дил.
Бисёр такопӯйи ҷаҳон кардаму бесуд,
Боре нарасидам чу ба имкони ками дил.
Аз хок ба афлок навоҳо бишунидам,
Дарёфтам инҳо ҳама аз зеру бами дил.
З-ин пеш маро гар ғами сад чуну чаро буд,
Озод зи ғамҳои дигар кард ғами дил.

## УМР АГАР ВАФО КУНАД…

Умр агар вафо кунад, ишқи туро ғазал кунам
В-он бағали пури туро, кош, шабе бағал кунам.
Гарчи занад ба ҷони ман ҳаҷри ту неши ҷонгудоз,
Ҳар нафаси висолро рашки маҳи асал кунам.
Гар асалам намедиҳад ғунчаи навшукуфтае,
Беасалии умри худ дар лаби ту масал кунам.
Баски ба ҷуз санои ту нест маро дигар ҳунар,
Пешаи шоирии худ бо чӣ дигар бадал кунам?
Гар амалу вазифае гашт маро ба дӯш бор,
Лек фақат ба амри дил ман ба ҷаҳон амал кунам.
Гар азалам ба ин ҷабин васли туро рақам накард,
Ман, бахудо, ки аз ҷабин пок хати азал кунам.

* * *

Эй бӯйи гули ба об рафта,
Гул омадаву гулоб рафта.
Чун меҳри рухат ба об уфтод,
Ҳар қатра ба офтоб рафта.
Зулфат чӣ суол дошт бар рух,
К-аз ёди лабат ҷавоб рафта.
Гуфтам зи лабат савоб гирам,
Лаб ҷустаму аз рух об рафта.

То доғи дилам зад аз лабат рӯй,
Дидем, ки моҳтоб рафта.
Дигар на маҷоли ҳарфу ҳолест,
К-аз ҷумла хабар, хитоб рафта.
Азбас зи манат дар ин такопӯй
Мондаст гунаҳ, савоб рафта,
Як шаб сари ту ба синаам, кош,
Бедор шавам, ки хоб рафта.

## ...ЯК ЛОЛА ХУН

То фитад аз дарди ҳиҷрон дар дили як лола хун,
Мешавад хун сад дили ошиқ ба рӯйи лолагун.
Боду бороне, ки қасдаш барги туст, эй кош, зуд
Бигзарад аз ту, дарандозад маро аз беху бун.
Дар диёре, ки чинорон сарнагун афтодаанд,
Сарбаландият чӣ арзад, то бувад як сарнагун.
Қимати якдонагиҳо мекунад дурат зи ҷамъ,
Қатра чун гавҳар шавад, меафтад аз дарё бурун.
Ҷилваҳои ҳар ду олам нусхаи якдигаранд,
Меравад аз кӯза берун, он чӣ бошад дар дарун.
Ишқи Ширини маро бо макри Хусрав кор нест,
Тешаи Фарҳоди ман ҷӯ меканад дар Бесутун.

## АҶАБ БА НОЗ МЕРАҚСӢ*
***(Тарона)***

Аҷаб ба ноз мерақсӣ, ба сӯзу соз мерақсӣ,
Адойи нозҳоят ман, ки ноз-ноз мерақсӣ.
Дилам чӣ гуна тоб орад ба он шикан-шиканҳоят,
Ки бишканию пайвандӣ, чӣ дилнавоз мерақсӣ.
Ҳама ниёзи ҷони хеш агар аз ин ҷаҳон ҷӯяд,
Ҷаҳон ниёзи ту дорад, ту бениёз мерақсӣ.
Гиреҳ бувад ғаме дар дил, дар ин ҳаво намемонад,
Вале ту худ муаммоӣ, – тилисми роз мерақсӣ.
Баҳо чӣ бошад ин сарро, ки назди ту бувад боло,
Ба пойи ту сар андозем, ки сарфароз мерақсӣ.
Дилам, ки мебарӣ бо ноз, фасона мешавад оғоз,
Фасонасоз мерақсӣ, шаби дароз мерақсӣ.
Аҷаб ба ноз мерақсӣ, ба сӯзу соз мерақсӣ,

Адойи нозҳоят ман, ки ноз-ноз мерақсӣ…

*Ман дар яке аз сафарҳоям ба Амрико, дар Нию-Йорк, бо Масъуди Риҷоии Бухорой, писари донишманди фарзона, Аҳмад Алии Риҷоии Бухорой, муаллифи “Фарҳанги ашъори Ҳофиз, ошно шудам, ки ҷавони фарҳехтаву соҳибкори муваффақе буд. Ӯ машҳадӣ буд ва мегуфт, ки аз авлоди Фирдавсист, зеро боғе, ки дар он шоир дафн шудааст, мулки меросии аҷдоди онҳост. Аз “Шоҳнома” хеле шеър медонист. Ман ӯро ба Тоҷикистон даъват кардам, омад ва як бегоҳ гуфт, ки: – Дилам суруду мусиқӣ мехоҳад. Гуфтам, бошад ва Мастона Эргашеваро даъват кардам, ки бо як раққосаи нозанине омад. Аз “Шашмақом” сурудҳое мехонд, ки касро ба фалак мебурд, махсусан ғазали Амир Хусрави Деҳлавӣ “Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ”-ро бо оҳанги шӯхе аҷаб зебо хонд, ки рақси раққоса онро ба як афсонаи самовӣ мубаддал мекард. Ин тарона маҳсули таассуроти он шаб аст.

27.02.2020

**Аз**

**«САНГИ МАН**
**– АЛМОС»**

(с. 2002– 2006)

## ГУФТУГӮ БО РӮҲИ ПАДАР

Эй падар,
афсӯс,

даврон бар муроди ту нагашт,
Навҷавон рафтиву акнун
синнам аз синнат гузашт.
Шукр
онеро, ки ҳастам
зинда дар рӯйи замин,
Гарчи дар ҳар гӯша
ҳар дам буд
маргам дар камин.
З-ин сабаб
як ҷӯраи дерини ноогаҳдилам
Бо тааҷҷуб гуфт ногаҳ,
дид чун дар маҳфилам:
– Эй аҷоиб,
зиндаӣ то ҳол,
корат ҳам ба ҷост!
Ман наранҷидам аз ӯ,
гарчи дағал,
мегуфт рост.
Зинда,
оре,
зиндаам,
осудаву пояндаам.
Боз рахшонтар намояд
гӯиёояндаам.
Дигарам аз зиндагӣ
гӯё ки армон нест, нест.
Дарди шоирро валекин
ҳеҷ дармон нест, нест.

Гарчи пар зад мурғи шеърам
зери гардун чун Ҳумо,
Аз Ироқу Ҳинду Чин
то Олмону Амрико.
Гарчи каф мезад ба шеърам
шоҳбонуи Кувайт,
Гарчи бо номам дар интернет
бикшоданд сайт.
Гарчи аз толорҳо
овози ман бардошт сақф,
Гарчи дар мизи раёсат

чойи хосам гашт вақф.
Шаъну шон омад маро
шояд ки осонтар ба даст,
Бин,
Худо шоҳид,
нагаштам лофиву шуҳратпараст.
Боз норозӣ зи хешам,
нестам ношукр лек,
Гуфта будӣ,
то нагӯйӣ бад,
наояд пеш нек.
Ман на танҳо аз туям
акнун калон дар син, падар,
Синнам аз Ҳайрат,
зи Пайрав,
Юсуфӣ шуд бештар.
Лек оё
бори онон аст
андар дӯши ман,
Ё ки ман худ гаштаам
имрӯз сарбори Ватан?

Ё забони халқ
онон будаву ман нестам,
Гар набошам ман забони халқ,
пас ман кистам?!
Ё муроди мо
зи асли шеър
дигар-дигар аст,
Ё маро аз ҳарфи ҳақ гуфтан
дурӯғ осонтар аст?
Ё шиорам
«гӯр сӯзад
– дег ҷӯшад», вассалом,
Ё чу аҳли хос гаштам,
зуд рафт аз ёд ом?
Ё намедонам, ки Носир[13]
ҳақталаб дар ғор рафт,

[13] Носири Хусрав.

Пахтакаш[14] дар ҳақталошӣ
сар ба тори дор рафт.
Кӣ кашид
он шоири фарзонаро
бар чашм нил,
Хост Фирдавсии Тӯсиро
кунад помоли фил.
Он кӣ буд,
хуни Ҳилолиро ба рух фаввора кард,
Пушти Айниро
ба зарби чӯб лахту пора кард.
Он, ки мегуфт,
ин манам,
барҳақ кафили адлу дод,
Лек акнун мекунад
бо лаънаташ таърих ёд.

Чун маро то ҳол навъе
зинда дорад рӯзгор,
Боз ман шояд
пайи коре ҳамеоям ба кор.
З-ин сабаб
зери сарам гарчи бувад
болишти қу,
То саҳар
сад бор гардонам варо ман
пушту рӯ.
Кист донад,
хилқати шоир,
ки дар зоти ту ҷост,
Ин
мукофот аст,
ё шояд,
муҷозоти Худост…

[14] Мансури Ҳаллоҷ дар назар аст.

**НИЁИШ БАР САРИ ТУРБАТИ ЛОИҚ**

Ассалом,
устод Лоиқ,
шоири ишқу маю ном,
Ассалом.
Ҷовидон рафтӣ чу рӯҳе дар калом,
Ассалом.
Ман ба хосу ом меорам паём
Аз сабоҳе, ки надорад ҳеҷ шом,
То ниёиш мекунам бо ёди ту,
эй чашмаи илҳом
В-аз Худо мехоҳамат инъом
Манзили пурнуру ором.
Ассалом,
оғози беанҷом,
Ассалом!

Ассалом,
эй нек, эй Зардушт,
эй Будову Исо,
Эй Муҳаммад,
эй расули охирин,
Офаринанда, ки одам офарид,
Дар ҳар одам боз олам офарид,
Гуфт,
моро рӯй бар сӯйи шумост,
Ҷилвагоҳи оламе рӯйи шумост.
Ассалом,
эй чилчароғи субҳу шом,
Ассалом!

Ассалом,
эй Бихадича,
ҷуфти меҳри тобнок,
Шукри он оғӯши имонпарваре,
К-андар он Аллоҳ бар чӯпони пок
Дод эъҷозу фари пайғамбарӣ.
Ассалом,
эй партави маҳтоби ислом,
Ассалом!

Ассалом, эй лавҳи таърих,
Чист дарси ту
ба ҷуз оне, ки донам аз нахуст,
Гар дарахти ростиро
барнамеорӣ зи бех,
Нек агар фарҷоми туст,
Дар ҳамон банди дарахт
Мекунандат чормех.

Ассалом,
эй бодапаймо,
дар миёни бодпаймоёни беш,
Чун зиёди бодапаймо ҷодапаймо нестанд,
Байни онон чун тавонӣ ёфтан шоёни хеш.
Ассалом,
эй бодапаймо, ҷодапаймо,
Ассалом!

Ассалом,
эй баҳр андар баҳр уқёнуспаймо,
Эй Калумб,
эй ақли лумб.
Бодбон афроштӣ бар сӯйи Ҳинд,
Бодбонат бод дигаргуна чинд.
Эй хуш, ин сон ганҷи бодовард
бар гумроҳи дарё.
Кош, гардам чун ту раҳгум,
Эй Калумб.

Бо ҳавоят омадам ман
аз раҳи софи ҳаво,
Шеър будам дар наво.
Ман надонам,
қитъаи дилро кушодам ё ки на,
Лек медидам, даҳонҳо буд во.

Ассалом,
эй Амрико,
эй гӯшу ҳуш,
Шеъри тоҷикӣ ниюш.

Ассалом,
эй қитъаи Лоиқ,
Қарздорони ту бисёранд,
Зумрае гарчи на иқроранд.
Чанд боре омадӣ дар хоби ман,
Лек н-аз баҳри ситондан,
боз ҳам додан.
То ман аз ту қарз дорам,
Шеър гуфтан арз дорам.

Ассалом,
эй ҳамдилу ҳамҷабҳаи шоистаам,
устод Лоиқ,
Гарчи ман гарди ту будам,
Низ ҳамдарди ту будам.

Донад оё,
он кӣ мегӯяд,
чӣ мешуд,
ҷон саломат гар ту мебурдӣ,
Лек донам ман,
чӣ мешуд,
шеър дар лаб
гар ту мемурдӣ.
Ман ба ҷойи
Ассалом,
мегуфтам аз ғам,
Шоирию ишқу риндӣ
шуд тамом,
Пас забон бастем мо ҳам
то қиёмат,
Вассалом!

## ТОҚИИ МИРЗОВУ ПОПОХИ РАСУЛ

Устоди шеъри ноби асри бист,
Шоири соҳибқирон Ҳамзат Расул,

Ҳайф дар ҷашнат, ки Турсунзода нест,
Чун ба ҷойи ӯ маро дорӣ қабул?

Бар сарат тоқии тоҷикӣ ниҳам,
Дар назар попохи қафқозӣ намуд.
Дар сари Мирзои Турсунзода ҳам
Ҳамчунон попох тоқӣ гашта буд.

Ҳар касе андеша дорад, ҳиммате,
Ин табодулро чӣ бошад ҳикмате?!

…Зери худ дар бар гирифт ин арзу тӯл
Тоқии Мирзову попохи Расул.

## ДАР ҶАШНИ РАСУЛ ҲАМЗАТОВ

Дар канори бахр, дар ҷашни Расул
Буд дарёи дамонам ҳамнафас.
Ман чӣ донам, ҳарфам оё шуд қабул,
Ё ки дарё бурд ҳамчун хору хас.

Дил набуд аз шӯриши дарё малул,
Мерасид овози ман шояд ба дашт.
Лек хомӯшии лабҳои Расул
Бегумон аз гӯши олам мегузашт...

## БИЛЕТИ РАФТУ ОМАД

Имрӯз маро сафар баромад,
Бояд бихарам билети худ зуд.
Зан гуфт, билети рафту омад
Пардохт бикун, ки мебарӣ суд.

Гуфтам, ки чаро, бигуфт, арзон
Нархаш бишавад ду каррат он дам.
Оё ба диёри умри инсон
Дорӣ ту чунин билет, гуфтам?

Бошад агар ин билет, хоҳар,
Қимат бихарам дусад баробар.

*   *   *

Ману даврон, чӣ ҳоҷате ба қиёс,
Ин яке сангу дигаре шиша-ст.
Ин як ихлосу дигаре ифлос,
Ин яке нӯшу дигаре неш аст.

Баъд аз инам аз он чӣ уммеде,
Мазҳари ноумедиясту мамот.
Чун бихоҳам зи шом хуршеде,
Дар биёбони тафта оби ҳаёт.

Чун бигӯям, ки рост бояд зист,
Мешавад сарви хушк боз асо.
Чораат ғайри гушна мурдан нест,
Агар ин панд мекунӣ иҷро.

Бо касе ҳарф гӯям аз имон,
К-аз пайи ҳаққу рост бояд гашт,
Бо кароҳат бигӯядам, э, мон,
Вақти ин гуна қиссаҳо бигзашт.

Давр – даври чапу каҷу качал аст,
Бо якешон шавӣ зи ҷонат сер.
Гар тағо дораду сари амал аст,
Муш аз хеш метарошад шер.

Баъд аз ин ман дигар чӣ хоҳам гуфт,
Натавонам, ки рост зӣ гӯям.
Ё бихандам ба ин ҳарому кулуфт,
Ё ба аҳволи зори худ мӯям.

Ҳеҷ ёбӣ, ки хашми яздонист
Дар навои ғами таронаи ман,
Муҷиби хандаҳои шайтонист
Ғуссаҳои паямбаронаи ман.

## ДАРОЗУ КӮТОҲ

Пири дарвеш,
Ки яқин буд навад солаш беш,
Менишаст охири роҳ,
Гӯиё дар сари роҳ.
Мекашид аз дили дилсӯхта оҳ:
Чӣ дароз аст, Худоё,
раҳи умри кӯтоҳ!

**ДУ ШОДӢ**

Ду нафар
Раҳ ба як чашмаи равшан овард,
Як нафар
Акси худ дид дар он,
бол заду шодӣ кард.
В-он дигар
Туф бар он чашмаи равшан андохт,
Низ болидаву шод,
Ки туфаш
рост
ба чашми тари
он чашма фитод.

**ЗАҲМАТИ БАРАБАС**

Одами аҳди куҳан
Сангро бар санг зад,
то оташе барҷаст рост.
Ман, ки кӯҳи санги дилҳоро
ба ҳам даркӯфтам,
Лек афсӯс,
Оташак ҳам барнахост.

**ДУ ТАКЯИ ТАКЯХОҲ**

Ман нишастам,
ки занам такя ба девор,
аммо
Буд девор чунон ҳам куҳану фарсуда,
Ки ҳамон лаҳза ба ман такя бизад.
Ва куҷо буд маро чора дигар,
Ҷуз нишастан нигарон
зери хатар.
Баски мехестам ар,
буд девор нагунсор шуда.
Менишинем кунун
такязани ҳамдигар
Ин мани такя ба девор
ва
девори ба ман такя зада.

**ҲАР КАСУ ҲАР ЧӢ…**

Буд дар навҳагарӣ,
Кабки дарӣ,
Карда об он ҳамаро ҷону ҷигар.

Яке аз шавқ бигуфто,
лаби худ лесида,
Гар садояш бувад ин сон ширин,
Гӯшташ
бошад аз он
ширинтар.

* * *

Аз чӣ, донӣ, ду чашм додандат
В-ин ду гӯшу ду дасту пойе ҳам.
Ин тавозун диҳад чунин пандат,
Ки бубин даҳру гӯш деҳ ба ҳикам.

Ёр дар бар бикаш ба меҳри дучанд,
Ҳар кучой, ба кӯйи ӯ баргард.
– Донӣ, аз чи-т як забон доданд?
– То набошӣ дуқавлаи номард.

## ПУРСИШ

Пурсише ҳаст маро,
Ки чаро:
                Гов агар хуб бувад ё набувад,
Гов хонанд варо.
Ва ҳамин сон ба масал,
Гӯсфанду бузу хар,
Гӯсфанду бузу хар бошаду
                                на чизи дигар.
Ва чаро Одам
                ҳайвон бувад,
                                ар зишт аст,
Ва агар нек, фаришта-ст?!

## ЭЪҶОЗИ БАҲОР

Абр мегиряду механдад гул,
Месарояд ғазали худ булбул.
Даҳани шиша, ки май мерезад,
Мекунад васфи лабонаш қулқул.

Дар чунин лаҳзаи эъҷози баҳор
Шиква бигзор, бикаш нози нигор.
Маю мутриб, ки ба кор оғозад,
Кори дунё ҳама гардад бекор.

## ДАР ОҒӮШАМ БИЁ…

Дар оғӯшам биё, як шаб дар оғӯш,

Ки аз лабҳои нӯшинат кунам нӯш.
Манат дарёву ту бошӣ ҷазира,
Дар оғӯшат кашам, кош, аз бару дӯш.

Миёнҷо хушкиву об аст ҳар сӯ,
Ки омезад тару хушки ману ту.
Шабу рӯзам шавад бо ҳам баробар,
Чу айни офтобеву тарозу.

Саҳар хандад ба мо хуршеди ховар,
Шукуфад дар само шаб боғи ахтар.
Чӣ бошад давру даврон, давр гардад
Ба гирди мо Замин чун гирди меҳвар.

Агар ниме ҷаҳон аз васл шод аст,
Дигар ниме зи маҳҷурӣ ба дод аст.
Вале дар олами ҷуфт офарида
Яке танҳо бувад, он ҳам зиёд аст.

Худоё, ҷони ҷуфти мо яке соз,
Висолат бешу ҳаҷрат андаке соз.
Ҳазорон бор то созам фидояш,
Ҳамин як ҷони якторо лаке соз.

Заминро арзу тӯл охир куҷо шуд,
Ба гардун ишқ хатти истиво шуд.
Ба мобайни замину осмон шаб
Намедонам чиҳо буду чиҳо шуд…

## АЗ ТУ РАҲМАТ, З-Ӯ МУҲАББАТ

Ало оне ки рӯёнӣ, ҳазорон дона аз як дон
Ва аз як хӯша сад хирман,
Ҳамин як дона ишқамро ба эҳсон хирмане гардон,
Ки бо сад шукр резам ман ба пойи зан.

Надорам ҳасрат аз ҷадди бузургам – Ҳазрати Одам,
Ки шуд аз арш бар фарши сияҳ бо айби зан партоб,
Ки гӯё дони гандум хӯрду шодиҳош шуд мотам,

Ки шуд дар зиндагиаш ҷаннат-ул-маъвои ӯ ноёб.

Надонад кас, чӣ ҷаннат буд ҷаддамро дар он боло,
Валекин зан биҳиштам шуд
зи раҳми Ҳақ дар ин пойин.
Куҷо ёбам зи оғӯшаш биҳиште хуштару авло,
Ки ӯро мазҳари меҳру муҳаббат кард ӯ ойин.

Кунун он дона гандумро ҳазорон донае месоз,
Ки садҳо бори дигар боз дар талқини зан афтам,
Ки садҳо бори дигар созам изҳори садоқат боз,
Ки ӯ дар арш боқӣ монаду бар фарш ман афтам.

Худоё, гар гунаҳкорам, чӣ чора, бандаи осӣ,
Маро гар иллате бошад, фақат ишқ аст он иллат.
Таваккал бар ту, эй поку ба зан кардам ман ихлосе,
Ки акнун чашм дорам,
Аз ту раҳмат,
З-ӯ муҳаббат.

## ХОТИРЕ, ХОТИРАЕ...

Умри ман баъди шаби ишқи ту як хотира аст,
Хотири як шаби пуртобу табу бӯсу канор.
Хотири сина ба ҳам судану печидани даст,
Хотири хеш даровехтан аз гардани ёр.

То ба болои баландаш диҳадат ҷони дигар,
То ба озодагии хеш кунад озода.
То ки бар муъҷизи ишқат диҳад имони дигар,
Ба лабат лаб ниҳаду маст кунад бебода.

Хотире, хотирае... ҳар чӣ маро буду набуд,
Дар ҳамон хоначае буд канори дарё.
Мавҷ мерафт ҷаҳон то камари чархи кабуд,
Ҳар чӣ буд рӯйи замин, ҳар чӣ савори дарё.

Ишқи дарёии мо хона ба дӯшаш мебурд,
Ё ки он хонаи мо лаб зада, дарё шуда буд.

Ё зи ишқи ту ҷаҳон гашт ҳамон кулбаи хурд,
Ё ки он ишқи ҷаҳонгир дар он ҷо шуда буд.

Хотире, хотирае… монд, ки мо ёри ҳамем,
Хонаи ишқ нишон монд канори дарё.
Гар кунад умр вафо, ёри вафодори ҳамем
В-арна он ишқи дилошӯб нисори дарё...

**ОМАДӢ…**

Омадӣ, омадӣ ба сарвақтам,
Ноаён, ногузир чун тақдир.
Ба ту оё расад дигар вақтам,
Омадӣ, бо муҳаббат, аммо дер.

Бегуноҳӣ, чу чашмаи покӣ,
Домани тумарост ҷойнамоз.
Ба само бо ту одами хокӣ
Мешавад чун фаришта ҳампарвоз.

Оре, оре, ба осмон бариям,
Осмон лек нест ҷои гуноҳ.
Бистари абру бо ту ҳамсариям
Аз само бар замин надорад роҳ…

**ОҲ, ЯК ШАБ…**

Оҳ, як шаб, оҳ, як шаб монд дар хотир маро,
Он шабе ки сохт аз нав аввалу охир маро.
Бурду дар хеш об карду оби оташсӯз дод,
Ман на он бошам, ки бинӣ дигар аз зоҳир маро.

Ман ҳамин дарёфтам, ки ишқро асрор чист,
Ҳар кӣ ёри худ нагардад, ошиқи он ёр нест.
Ҳар кӣ шабро дар бари ёре ба бедорӣ набурд,
Хоби ғафлат рафтаасту аз азал бедор нест.

Бо ту будам як шабу як умр пазмони туям,
Ҷамъ бошад хотират, ки дилпарешони туям.
Гар зи андомам барорад ҳар сари мӯйе забон,
Ҷони ман гӯяд, ки ман они туям, они туям!

Умр дигар меравад бо ёди як шаб ишқи ту,
Матлабе гар зиндагиямрост, матлаб ишқи ту.
Иддае шояд ҳавас доранд мансабҳои ман,
Буду ҳаст аммо маро мақсуду мансаб ишқи ту.

Умр дар панҷоҳ солам сохт, нав кардӣ маро,
Як шабе чун дар канори ишқ овардӣ маро.
Шеваи парвардигориҳо агар парвардан аст,
Ҷуз ту ку парвардигори ман, ки парвардӣ маро?!

## ОЙИНИ ИШҚ

Намедонам, чӣ мемонад аз ин шаб,
Намонад ҳеҷ агар, ман ҳам намонам.
Агар аз ин ҷаҳон ишқ аст матлаб,
Туйӣ маъшуқи ину он ҷаҳонам.

Канори баҳру нармак хомаи рег,
Бари ҳам рӯ ба гардунем хуфта.
Ба болои сар ахтарҳои наздик
Ба ҳам гӯянд рози мо шукуфта.

Ва ин гулхан, ки аз ишқаш забонҳост,
Саропойи туро афрӯзад аз нур.
Фурӯзонтар зи авҷи каҳкашонҳост,
Ки мехоҳад кашад оғӯшат аз дур.

Ва имшаб бар мани хокии ошиқ
Насиб афтода бахти осмонӣ,

Ки аз рӯйи ту бинам субҳи содиқ
Зи гесӯи ту шоми навҷавонӣ.

Агар ҳам имшабу шабҳои дигар
Ба ҳам моро бувад болину бистар,
Чунон ҳам дӯстат  медорам, эй ёр,
Ки гӯё аввалин бор, охирин бор.

Равон гардад чу реги рези соҳил,
Канори ҳамдигар лағжем пойин,
Ки то дар Каҳкашон гирем манзил,
Ки шоми ишқро ин аст ойин.

## ИН ЧӢ ЭЪҶОЗУ ИН ЧӢ ЭҶОДЕ?!

Ин чӣ кӯҳи баланду қуллаи барф,
Аз ду сӯяш ду хомаи ҳамвор.
Дар миёнаш якест водии жарф
Пургулу хурраму ҳамешабаҳор.

Мебаройӣ ба хомаҳои сафед,
Мефуройӣ ба водии намнок,
Тану ҷон шӯълазори сад хуршед,
Меравӣ боз бар сари афлок.

Андар ин соати фарозу фуруд
Худ ба авҷу ба мавҷҳо бинӣ.
Дар дили баҳру осмони кабуд
Гаҳ наҳангиву гоҳ шоҳинӣ.

Ин чӣ кӯҳест, кӯҳи поку фароз,
Сабздомону қулласимин аст.
Чашм бинӣ, сипанд дуд андоз,
Кӯҳи фирдавс гар бувад, ин аст.

Мебаройӣ чу бар сари ин кӯҳ,
Шӯълавар чун шиҳоб мегардӣ.
Гоҳ бар водӣ аз бари ин кӯҳ
Мефуроиву об мегардӣ…

Эй Худо, эй Худои ду дунё,
Ин чӣ эъҷозу ин чӣ эҷоде, –
Қуллаи кӯҳу жарфии дарё
Дар зане ту чӣ гуна ҷо додӣ?!

## ДОМАНИ ЁРУ ДОМАНИ ДАШТ

Ин дил аз ёр умеди ёрӣ дошт,
Он чӣ кард ӯ ба ман, чӣ коре буд.
Зиндагиям агар баҳоре дошт,
Хуштар аз он куҷо баҳоре буд.

Ҳама дар ҷӯш буду нооромм,
Ҳама ҳангомаи шукуфтан дошт.
Тахтасанги хамӯш ҳам он шом
Бо гулу сабза роз гуфтан дошт.

Дасти худро ба гарданам овехт,
Кард осон ҳазор мушкили ман.
Ончунон ҳам ба ҳастиям омехт,
Ки расад бӯйи ҷонаш аз гили ман.

Домани ёр буду домани дашт,
Аз чиям лек пой дар гил монд,
Агар он ишқ буд, аз чӣ гузашт,
Гар ҳавас буд, аз чӣ дар дил монд?!

## АДОЛАТИ ИШҚ

Яке омад ба назди шоиру гуфт:
Маро шеъре навис аз баҳри ёре,
Ки ишқи ӯ дилу ҷонам барошуфт,
Ки дигар нестам сабру қароре.

Зи ишқу ошиқӣ шоир сухан сохт,
Ки ҳатто санг мегашташ харидор

Ва ошиқ сӯйи ёри бехабар тохт,
Ки аз ишқаш кунад ӯро хабардор.

Нигори нозанин огаҳ шуд аз роз,
Бад-ӯ гуфто, ки ин ҳарфам пазирӣ,
Магар инсоф бошад, эй даҳанвоз,
Ки ӯ дил хун кунад, дилбар ту гирӣ.

Ба он ақли расову толиби шеър,
Варо монду гирифт ӯ соҳиби шеър…

## ЛУТФИ ШИРИН

Омадам аз маҳфиле берун, ки шуд
Хонуми сарводагӯ ҳамсуҳбатам.
Хонуме зебо чу шеъри ноб буд,
Гарчи ин ҳар ду кам ояд рӯйи ҳам.

Гуфтамаш, хонум, хушат буд анҷуман,
Нозханде кардаву лаб во намуд.
Хуш будам, гуфто, дар он толор ман,
Дар забонам баски ашъори ту буд.

На, на, буд ин лутф, к-инам дод суд,
Шеърам аз лабҳош ширин гашта буд.

## НАБУВАД БОВАРАМ…

Набувад боварам, ки мебинам
Шаби хоб он лабону рухсоре.
Сӯзад аз реша дину ойинам,
Рӯз агар бинамаш ба бедорӣ.

Чӣ шабе буд, он шаби пурнур,
Шаб набуд он, ки бомдодон буд.
Аз насиби заминиям манзур
Ҳар чӣ парвардигор дод, он буд.

Гар биҳишташ биҳиштам, ӯям дод
Як биҳишти дигар дар оғӯшам.
Лаби нӯшаш чу бар лабам бинҳод,
Чашмаи Хизр шуд фаромӯшам.

Ман дигар мавҷхези як ишқам,
Ишқи беинтиҳо чу уқёнус.
Аз самак рафта то фалак ишқам,
Хӯрд аз сардии малак афсӯс.

Эй Худои кариму муъҷизакор,
К-аз кафи хокам офаридӣ тан,
Ба чӣ дил сохтӣ, вале ин бор
Ҷони ҷонро ту аз қабурғаи ман?!

* * *

Эй насиби ҷавониям аз ишқ,
Дер кардӣ чаро ту то пойиз,
Ки гаҳи дилситониям аз ишқ
Рафтаву бурдааст дилро низ.

Омадию куҷост лек он дил,
Ки ба сад дил шавад фидои туе.
Ҳар ду олам, бигӯяд ӯ, мушкил,
Ки биарзад ба хоки пои туе.

Имшаб аммо дилам ба домани ту
Бо умеди баҳор овезад.
Субҳдам аз канори гулшани ту
Як чаман лолазор бархезад.

Ёри маҳбубу як шаби матлуб,
Печиши пойҳову бозуву даст,
Балки Қутби Шимолу Қутби Ҷануб
Андар оғӯши мо ба ҳам пайваст.

Эй канорат биҳишти нақди висол,
Эй маро хуби хуби хуби хуб,

Ту бирафтӣ баҳори Қутби Шимол,
Ман бимондам хазони Қутби Ҷануб…

## АВҶИ ИШҚ

Кош, умрам кунад вафову мадад,
Ки кашам бори дигар оғӯшат.
Ончунон гирамат ба бар, ки абад
Ҳар ду дунё шавад фаромӯшат.

Барфаротар зи арш биншонам,
Каҳкашонро ба пойи ту резам.
Садқаат карда шухрату шонам,
Даст дар гардани ту овезам.

Осмон ташнаи муҳаббати кист,
Ҷуз дили мо, ки нест махзани ишқ.
Малаке ишкро надонад чист,
Пас, чӣ сон арш гашта маскани ишқ.

Бишнавӣ, набзи дашту ҳомунро,
Ки фаро рафта ишқоҳанг аст.
Медиҳем авҷи ишқ гардунро,
Ки замин бахри ишқи мо танг аст.

## БИЁ, КИ БИЁ

Расад шамими баҳор аз ҳаво биё, ки биё,
Зи оби ҷӯй нав ояд наво биё, ки биё.
Суруди сабзи чаман ояи муҳаббати туст,
Ки ояд аз лаби баргаш сало биё, ки биё.
Ниҳам чу гӯш фаро бар ғиреви синаи хеш,
Ба ғайри ин нанишам садо биё, ки биё.
Дилам ба нисбати офоқ чист, як зарра,

Ки хезад аз ҳама олам нидо биё, ки биё.
Агарчи камтарам аз хок зери пояи арш,
Замин шавад таҳи поям само биё, ки биё.
Банӣ башар зи Худо ҳар чӣ илтиҷо дорад,
Ман аз Худо кунамат илтиҷо биё, ки биё!
Ба ҷойи ҷон натавонӣ, ки ҷо шавӣ ба танам,
Ба вақти додани ҷони Худо биё, ки биё.
Набошадам, чу набошӣ, ризои ҷон додан,
Равам ба додани ҷон дар бақо биё, ки биё.
Зи асли мавҳибати хеш то нишон ёбам,
Зи бенишон чу нишони Худо биё, ки биё.

## ОЙИНАИ НУР

Ин ойинаи нур кӣ будаст, кӣ будаст,
К-аз оби рухаш чашмаи хуршед намудаст.
Оҳ, ин чӣ гузаштан зи бари мо ба хамӯшӣ,
Хомӯш, ки хомӯшии ӯ авҷи суруд аст.
Дар ғунчаи лабҳош агар бӯйи баён нест,
Шаҳр ин хабари тозаи ишқ аз кӣ шунудаст.
Хуш мераваду рафтани ӯ нест видое,
Ӯро, ки ба ҳар мақдами падруд, дуруд аст.
Ӯ масҷиду дайреву куниште нашиносад,
Аммо ҳама афтода ба пояш ба суҷуд аст.
Гар дасти сахо мояи ноз аст башарро,
Ин ӯст, ки аъзои вуҷудаш ҳама ҷуд аст.
Ин банда, Худоё, чӣ Худоест, ки банда-ш
Будоиву тарсову мусалмону яҳуд аст.
Як бор, ки бар боми фалак рафт, дигар рафт,
Ойини ҷаҳон гарчи фароз асту фуруд аст.
Он аст, ки аз рӯзи азал нест сукуташ,
Роҳе, ки кунад азм, сууд асту сууд аст.
Моро ҳама ин дидаи ҳайрон зи қафояш
Бо шавқу хитобе, ки кӣ будаст, кӣ будаст?!

*   *   *

Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам,
Миёни ин ҳама бегона ошное ҳам.
Аз ин шабонгаҳи зулмат магар тавон раҳ бурд,
Ки нест чашми чароғею раҳнамое ҳам.
Чароғ дар сари роҳам зи даст бирбуданд,
Ки ҳеҷ кас нашиносам зи ростое ҳам.
Навои булбули ошиқ зи хок мехезад,
В-аз осмон нарасад бар замин садое ҳам.
Ба ҷон ҳидояти ӯро, ки нашнавӣ аз ғайб,
Ба гӯши ӯ расад оё зи ту нидое ҳам.
Туро, ки ҳар даме аз худ ҳазор ранҷе ҳаст,
Чӣ ҷойи шиквае аз бандаву Худое ҳам.
Нафас ба ойинаи субҳи мунҷамид ях баст,
К-ишоратест ба боми сапедазое ҳам.

*   *   *

Хушо, хушо, ки расад бар висол булбулу гул,
Ки доғи боғ бувад гул ба боғ бе булбул.
Фидои булбулеям, к-ӯ ҳазор ғулғуларо
Ҳамон хамӯш кунад бо танини як ғул-ғул.
Шамими атри гуле ҳам димоғ пур созад,
Ки ҳеҷ шишаи холӣ намекунад қул-қул.
Ҳазорҳо гиреҳ аз кори даҳр бикшояд,
Шабе, ки даст бупечад ба печи як кокул.
Бақо куҷост вале васли дӯстдоронро,
Ки ним дам бувад айёми сулсулу сунбул.
Набуда заррае озарм чархи гардунро,
Ки гул ба сар биравӣ ё ки дар ду поят ғул.
Зи дасту пой канад банди Аҳриман Рустам,
Чу Рахш мекашад ӯро ба ҷониби Зобул.
Забони аҳли башар кай ба дил шавад якто,
Ки бар фалак бирасад бурҷи нимаи Бобул.

**ВАКИЛИ МУБТАЗАЛ**

Ин чӣ ноз асту чӣ фахри бемаҳал,
Чун бародаркуштагонем аз азал.
Мо магар Қобилзода нестем,
Кушта ҳам Ҳобилро пеш аз аҷал.
Он, ки моро сохт, ҳамсонаш бисохт,
Чун вале кардем мо худро масал.
Мо шикамхорем, в-арна кас кунад,
Як биҳишти адн бо гандум бадал?!
Баъд аз ин моро раҳо кард он Худой,
Он, ки будаш ҷонишинсозӣ ҷадал.
Мо кунун дунёи ӯ барҳам занем
Бехабар бо худ ба сад макру ҳиял.
Носипосӣ шеваи мо будааст
Бо Худо, пайғамбаронаш дар амал.
Чун бувад аҳволи мо, Борӣ агар
Н-оварад ёд аз вакили мубтазал?!

## ҲАВСАЛАИ БЕКОРӢ

Ман дигар ҳавсалаи кор надорам, оре,
Ки маро кори бузургест кунун бекорӣ.
Кор, коридани чизест, агар дар марзе,
Марзи ман ҳеҷ намондаст, ки чизе корӣ.
Ҳар чӣ дар марзи дилам ҳаст, бурун андозам,
То ки боре ба дили худ бикунам дилдорӣ.
Дилу ман ё ману дил, ин ду мусофир чӣ кунад,
Баҳри растан накунад гар зи ҷаҳон ҳамёрӣ.
Растам аз ҳар ду ҷаҳон, то ки гузаштам зи яке,
Ёфтам ҳар ду ҷаҳонро ба ҷаҳони ҷорӣ.
Ҷустам онро, ки пайи ҷустани худ водорад,
Ҷуз ба дил лек набуд нақшу нишони Борӣ.
Дили ман, эй дили ман, хонахудоят, кӣ бувад,
Чист сирре, ки ту бо хонахудоят дорӣ.
Чун тавон гуфт, вале фош аз он роз, ки ҳаст,
Он, ки ҳарфе зад аз ин, рафт сараш бар доре.

Ману бекории ман сарфи ҳамин бедорист,
Кор дигар чӣ бувад назди чунин бекорӣ?!

## МАРО ТУ ХОР МЕХОҲӢ...

Маро ту хор мехоҳӣ, ҳазор бор хорам ман,
На пойи кас биозорам, ки хори гулнисорам ман.
Зи бас ба ту сарӣ дорам, ки ақлу ҳушу сар дорам,
Сарам ба дор мехоҳӣ, сари баланди дорам ман.
Аҷаб ту бовиқор астӣ, ки бар харе савор астӣ,
Бирав, бирав раҳат боз аст, ки осмонсаворам ман.
Аз он даме, ки додам ман ба дасташ ихтиёрамро,
Инони ихтиёрам нест, ки соҳибихтиёрам ман.
Ба кору корсози давр на зӯру зорие дорам,
Ба чашми ӯ, ки бекорам, ҳазор корзорам ман.
Вале ба назди он деҳқон, ки пинаҳош дар даст аст,
Ба пинаҳои худ дар дил ҳазину шармсорам ман,
Ки ӯ ба хокҳои сабз ҳазор тухм мекорад,
Вале ба сина тухме ҷуз санои Ҳақ надорам ман.
Сухан зи додаи Эзид гузини шоҳкоре буд,
Ба ман чу додаш аз он дам ба дурри шоҳворам ман.
Ба амри ӯ сухан гуфтам, чу дарди ин ватан гуфтам,
На як сухангузорам ман, ҳазору сад ҳазорам ман.

## АГАР ЗАМОНА ЧУНИН ШУД...

Агар замона чунин шуд, замон нахоҳад монд
Ва осмон, ки замин шуд, замон нахоҳад монд.
Ба адлу дод ҷаҳонро, ки поя бинҳоданд,

Чу адлу дод намонад, ҷаҳон нахоҳад монд.
Ба осмон, ки занад эдун остон таъна,
Зи шарми хоки сияҳ осмон нахоҳад монд.
Чу осиёи замон ос мекашад моро,
Бирав, ки дар тани мо устухон нахоҳад монд.
Нишони одамӣ одамгарист, то ӯро
Ҳамин нишон набувад, з-ӯ нишон нахоҳад монд.
Маро, ки ранҷи такопӯйи ошу нон коҳад,
Яке чакомазани ошён нахоҳад монд.
Забон, ки муъҷизи якто бувад, ба садқавлон
Ба як забон наситезад, забон нахоҳад монд.
Куҷост нақши абад дар работи бебунёд,
Ҳамин ки ҳол бигӯйӣ, ҳамон нахоҳад монд.

## ДИГАР НАВО НАМЕХЕЗАД…

Дигар наво намехезад зи шохсори урёнам,
Агар баҳори гул будам, кунун шаби зимистонам.
На мурғакони рангоранг, на монда нағмаю оҳанг,
Дилам зи ғусса бандад занг,
чӣ шуд ба шавқу илҳонам.
Зи гӯши бомҳои шаҳр кашида шӯшаҳои ях,
Зи сардӣ ар сухан гӯям кашанд гӯш дар онам.
Дигар куҷост гармие дар ин дилу дар ин дида,
Чӣ ҳарфи хона мегӯям, ки ях занад тану ҷонам.
Чӣ нахли орзуҳое ба сина сабз мекардам,
Кунад самуми навмедӣ ҷавонамарг армонам.
Чӣ сон ба ашки беҳосил фурӯ барам фиғони дил,
Ки ҷӯ кашида ашконам, ки лаб газида дандонам.
Ҳазор пурсишу посух зи довари замон дорам,
Дилам ба меҳри худ бикшо, ки сар ба муҳр мемонам.

## ҒАМ, К-ОШНОИ МО ШУД…

Ғам, к-ошнои мо шуд, танҳо нарафт ҳеҷ,
Бегона гашт шодӣ, бо мо нарафт ҳеҷ.
Садҳо садо зи олами боло ба мо расид,
Аз мо садо ба олами боло нарафт ҳеҷ.
Розу ниёзи даҳр, ки дар дил нуҳуфта буд,
Аз дил бурун ба сафҳаи иншо нарафт ҳеҷ.
Ҳайрони одамам, ки зи дунё ба сад дареғ
Худ рафту аз сараш ғами дунё нарафт ҳеҷ.
Онро, ки зист дар пайи суду зиён, баҳо
Аз як пашизи сӯхта боло нарафт ҳеҷ.
Аз бандагӣ ба ҳукми қазо вораҳид агар,
Озода аз ҳукумати коло нарафт ҳеҷ.
Мавло агарчи гашт ба молу маноли хеш,
Як раҳ қадам ба пояи авло нарафт ҳеҷ.
Ҳошо, ки даҳр наркушию модапарварӣ,
Парвардаат ба якпула савдо нарафт ҳеҷ.
Имрӯз агарчи дӯзахи ҷонҳост, кас вале
Бо майли худ ба ҷаннати фардо нарафт ҳеҷ.

## ТУӢ, ДАР ДИЛ НАМЕГУНҶӢ…

Туӣ, дар дил намегунҷӣ, ки дил ҳам дар ҷаҳон гунҷад,
Чу ту дар дил намегунҷӣ,
чӣ сон дил ҳам дар он гунҷад.
Чӣ дунёе туӣ дар дил, чӣ дунёе дилам дар туст,
Ки мӯйе ҳам наёрад худ миёни ину он гунҷад.
Чу ин даҳр аст бедарде, дилам пурдарду пур мардест,
Куҷо дидӣ, ки пурмарде ба зери осмон гунҷад.
Замон оё забон додат, ки гӯйӣ ҳарфи ибнулвақт,

Чунон бояд замон гуфтан, ки дар он сад замон гунҷад.
Кушо ин осмон дигар, ки ҷон аз он равад бартар,
Магар ҷоне зи худ бартар ба камтар зарфи ҷон гунҷад.
Зи шавқат ҷон ба ҷӯш омад, туро диду хамӯш омад,
Чӣ хомӯшӣ, ки ҳар онаш на дар сад достон гунҷад.
Яке хомӯш мегӯяд, дигар ногуфта мемӯяд,
Ки байни ошиқу маъшуқ фақат мисдоқи ҷон гунҷад.
Дило, саъят чӣ беҳудаст, ки дар хешаш бигунҷонӣ,
Ки оне пурнишон омад, фақат дар бенишон гунҷад.

* * *

То хабар гаштему дарси зиндагӣ омӯхтем,
Бехабар мондему байни обу оташ сӯхтем.
Он, ки моро офарид, аз хеш камтар н-офарид,
Оташаш ҷаввола кардем, оби он афрӯхтем.
Ӯ ба рӯи ин ҷаҳонаш чашми моро во намуд,
Мо вале чашми яқин бар он ҷаҳонаш дӯхтем.
Ӯ, ки худро дар ҳама зарроти олам нашр кард,
Дид, мояш зарра-зарра дар замир андӯхтем.
Буд, Бобомон, ки ҷаннатро ба як гандум фурӯхт,
Мо, ки донистем қадраш, бар ҷаве нафрӯхтем.
Рафта аз худ, то расем ӯро ба асли асл, лек
Сӯхтем – омӯхтем, омӯхтему сӯхтем.

## РУҶӮИ МАРДИ ДОНИШВАР

***Эҳдо ба Муҳаммадҷон Шакурӣ***

Агар ягона туӣ, ман ҳазор чандонам,
Туро ба ман чӣ қиёсест, ман намедонам.
Ману хазинаи маънӣ, тую ҳазинаи мол,
Ту молбандаиву ман азизи инсонам.
Ту он ки ғафлати мардум сариву ҷоҳаш дод,
Ман он ки нозиши фарзонагони давронам.
Дилам, ки ошиқи ишқ асту сина пур зи ҷигар,
Паланги бешааму булбули гулистонам.
Ту рӯбаҳӣ, ки ниҳӣ дом бар паланги ғаюр,
Магар ки доми фиребат канам ба дандонам.
Замонае ки маро дод умеди озодӣ,
Ҳазор банди дигар зад ба пою дастонам.
Чӣ сон зи шавқи гул акнун наво кашам ба чаман,

Ки хун гирифта гулӯи ҳазордастонам.
Зи шарми пучии зоғе, ки мезанад қар-қар,
Агар хамӯш шудам, дар дил аст илҳонам.
Биёву гӯш бинеҳ бар хурӯши синаи ман,
Ки гар як инсонам, сад ҳазор исёнам.

**Аз**

## «ЗАМИНИ САБЗИ БОВАРҲО»

(с. 2006-2012)

## ШУКРИ ХУДО

Гӯш додам саҳаре ман зи қазо
Ба дуое, ки ба ҳам аҳли ҷаҳон мекарданд
Бо таваллову таманно,
ҳама якбора ба даргоҳи Худо.

Барзгар дошт таваллo, ки Худо,
Раҳм кун, зуд фиристам борон,
Ки насӯзад ба заминат киштам,
Ки агар ман дорам,
Дорам аз панҷаи борон лаби нон.

Он тараф марди бинокор, аммо
Даст бардошта бар сӯйи само,
Илтиҷо дошт, ки борон нафирист,
Ками кам то як моҳ,

Ки тавонам бизанам то охир
Хишти девори бино.

Он, ки шаб меҳнати сангинаш буд,
Дошт боз омадани рӯз талаб.
Он, ки буд меҳнати сангинаш рӯз,
Зора мекард, ки зуд ояд шаб.

Аз Худо боди шимолӣ мехост
Баҳргарде, ки равон буд ҷануб.
Аз Худо боди ҷанубӣ мехост
Он, ки буд роҳи шимолаш матлуб.

Ҳама ҳоло, инак,
Зери як боми фалак.

Боз ин навъи ниёиш ҳам буд,
Пирмарде, ки лаби гӯр расида пояш,
Шонздаҳсола арӯсе мехост,
Шаби васлу лаби бӯсе мехост.

Ё ки ронанда дуо дошт: Зи роҳ
Ҷинси пулиса Худо бардорад.
Лек пулис ба даргоҳи Худо мезорид,
Ки Худо дар ҳама раҳ, дар ҳама ҷо
Тухми ронандаву мошин корад.

Дузду раҳзан шаби торе мехост,
Посбон маҳтобӣ.
Хуллас, андар арасоти ҳама ин арзу дуо,
Қанд зан, гар ту ҳисобат ёбӣ!

Ҳама инро чу шунидам якҷо,
Аҷабу ҳайратам афзуд, ки, эй Бор Худо,
Дар Замин ту чӣ Халифаллоҳе сохтаӣ,
Ҳама носер, тамаъҷӯй, гадо?!

Ки яке давлати дунё хоҳад,
Дигаре ҷаннату ҳуреву малак.
Он қадар арзи ниёзу садақа,
Ки нагунҷад ҳатто
зери як боми фалак.

Байни ин тоифа танҳо будам,
Байни ин тоифаи саҷдафурӯши кеҳу меҳ,
Ки накардам ба мукофоти дуо
Илтиҷо ҳеҷ, ки инам надеҳу онам деҳ.

Чун набудаст ниёзам ба ҷаҳон аз ту, на ҳаст,
Ҷуз ҳамин қалбу забон,
Ки шабу рӯз дам аз шукр занад,
Ки Худоиву маро шукри Худоит бас аст
Ва ҷуз ин бандагиям андар дил,
Бандагие, ки таваққӯъ зи Худо ҳам накунад.

**ШЕЪРИ МАН**

Қуллаи кӯҳу водии бетаҳ,
Пушти харсангу лолаи аҳмар,
Хирмани моҳу дар ҳаво пари каҳ,
Мурдаобу парии нилуфар…

Гоҳ дар чашми ман аён мешуд,
Ҳар чӣ мастур буд дар рагу пӯст.
Гоҳ аз чашми ман ниҳон мешуд
Кинаи душману муҳаббати дӯст.

Он, ки буд ӯ ба некувон душман,
Душмани ҷовидонии ман буд.
Аз баду нек ҳар чӣ гуфтам ман –
Шеъри ман, зиндагонии ман буд.

**НИЁИШ**

Саҳар пушти дарам бодом гул кард,
Ки булбулро кунад аз хоб бедор.
Ҳамин як шохи гулро аз дами сард

Худоё, дар панохи худ нигах дор!

Навохо пур кунад дашту даманро,
Занад чун пӯпишак бар соқа минқор.
Зи чанги боз чангии чаманро
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

Зи худ бори гаронтарро кашад мӯр,
Аз он рохе, ки ояд масту ҳушёр.
Варо дар ин рах аз бинову аз кӯр
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

Намонад, то зану фарзанд бекут,
Кирокоре равад Русия ночор.
Аз он, то барнаорандаш ба тобут,
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

Қалам ронам, набинам гарчи судаш,
Вале бинам ҷавонеро қаламдор,
Ба ҷон ларзам, ки аз чашми ҳасудаш,
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

Диле хохам, ки донад қимати дард,
Ки он осор бигзорад, на озор.
Нахонам сифлаеро то ҷавонмард,
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

Аз ин мардум, ки бесӯзу гудозанд,
Ба ҷон сӯзад яке, к-эй ёр, ёд ор!
Варо, то ин ҳама бар ӯ натозанд,
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

На ҳаргиз хешро якто шуморам,
Маро аммо яку яктост он ёр.
Варо, то ҷон ба дасти ӯ супорам,
Худоё, дар панохи худ нигах дор!

## ИМТИЁЗИ ОХИРИН

Бо чӣ қисмат овarданд дар даҳрат,
Ҷуз Худо касе дигар намедонист.
Дод зиндагонӣ заҳру позаҳрат,
Ҳеҷ зиндагонӣ нӯши танҳо нест.

Баски нестӣ акнун ба мансаб банд,
Дар канори узлат оламе бо туст.
Ҳар чӣ имтиёзат буд, бигрифтанд,
Лек имтиёзи одамӣ бо туст.

## ЭЪЛОМИЯИ МАН

Бомдод ойинаро мегӯям:
Субҳ ба хайр!
Ояд аммо аҷабам,
К-ин киву сурати кист?
Гӯйӣ аз мазҳари ойина ба ман
Чеҳрае менигарад,
к-аз ман нест.

Ин дамам беш аҷаб меояд,
Ин ҳама узви шиносе, ки маро дар назар аст,
Аз касони дигар аст,
Ки ман онҳоро ҷое дидам
Ҳам ба оғӯш кашидам шояд.

З-ин сабаб он чӣ зи худ медонам –
Хулқу атвору аломоти муҳим –
Сабт бинмуда ба рӯйи коғаз,
Субҳ дар тахтаи эълонҳо мечаспонам,

Ки суроғи худро аз дигарон баргирам,
То маро боз диҳанд он ҳайъат.
Дигарон ҳам, ки ба ман ҷо шудаанд,
Рафта аз ман,
Нашаванд абтару домангирам.

Инак он лоиҳа – эъломияи нотайёр:

Қад: Саду ҳафтоду панҷ,
аммо
Шодмон – ҳамқади шамшоду чинор,
Банди ғам – маҷнунбеди сархам.

Тарҳи рӯ: Хоси урупост, муғулӣ андак,
Осиёӣ, нақше ҳам дорад аз зангӣ.
Ҳамчу барге, ки дар анвои дарахт
Мешавад сабз, вале бо ҳар шаклу ранге.

Чашм: Мешиву сиёҳ,
Лек бо ишқу аҷобат нигарад бар гардун,
Мебарад ранг зи нилии само.

Феълу хӯ, лек муҳимтар з-инҳост,
К– аз он ҳам бояд гуфтан рост.

Шахси ман ҳеҷ надонам, чӣ касест,
Нек донам, ки наларзад таҳи дор,
Лек бинад, ки зану
тифле рӯйи зону
Дар зимистон шафати раҳрави шаҳр
Зор биншаста гадойӣ дорад,
Мешавад дидаи ӯ шолизор.

Мӯр агар рафт варо зери гиребону газид,
Накунад пахш ба даст
Ва агар нонхӯраке ҳам, ки кунун бисёр аст,
Ошпазхона дарояд, ки бувад номатлуб,
Назанад бо ҷорӯб,
Гирад онро ба газет,
Пушти дар сар диҳаду гӯяд, рав,
Ту ҳам аз зиндагият дорӣ умед.

Сифати ошиқияшро нарасонам бар ом,
Ошиқӣ, баски сифат нест варо,
ҳастии ӯст,
Ҷумла ишқ аст тамом.

Ба ҳама ҷинси латиф аз нигаҳе дил бандад,
Чун насиме, ки равад бо зани шаҳре сармаст,

Сари зулфони парешон дар даст
Ва хиёнат ба яке ҳам накунад.

Ин агар баъзе шавҳарҳоро
Бишавад боиси бадрашкии нобарҷое,
Пӯзиши мову қабули онҳо.

Номаи ин эълом
Шояд ин ҷой шавад кард тамом,
Ман равам сӯйи шумо, хоста аз хеш суроғ,
Ва шумо сӯйи ман оед – маро чашму чароғ!

## ХОТИМА

***ба достони «Санги ман – алмос»***

Қасри мармар… ҳайкали хоро…
Ман вале маҳзуну бетобам.
Бас ба ҷамъи маҳфили доро
Як дили доро намеёбам.

Он чӣ дил созад, насозад даст,
З-он чӣ созам худ, наҷӯям суд.
То забони тоҷикӣ зинда-ст,
Санги ман алмос хоҳад буд.

## ДУ ХОҲИШ

Ту рӯйи ба рӯ бо зани ман биншаста –
Як ойина зебоии бемислу ҷавон.
Гаҳ нарм занӣ хандаву гоҳе хаста
Оҳе кашӣ, аз чашми ману ӯ пинҳон.

Бинам, ба ҳавас менигарӣ ҷониби мо,
Чун баҳри нигаҳ нест на ҳаддеву на садд.
Хоҳӣ, ки ба ҷойи зани ман гирӣ ҷо,

Аммо зани ман ҷойи ту будан хоҳад.

## МАРО БАР ИШҚ БОВАР ДЕҲ!

Ба ман деҳ гӯш, як дам гӯш, эй зеботарин зебо,
Ки оҳанги ба ҳам печидани гулҳои печакро,
Суруди шохаҳоро бо насими шӯхи саҳрогард,
Навойи нохуни себаргаҳоро
дар ҳарири пардаҳои ҷӯй
Ба нимовоз дар гӯшат зи нав такрор хоҳам кард.

Ҳамин чашмони маъсум аз таҳи мижгони баргашта,
Агар бинам, ки сӯям як назар дӯзанд,
ҳатто сард,
Зулоли чашмаҳои софу симинро
Ман аз ойинадорӣ бар рухи гардуни ниликор,
Ба зери пойи ту хоҳам равон овард
Ва моту қарздори чашму мижгони ту хоҳам кард.

Агар майле кунӣ ногаҳ,
ки шоме сӯйи ман ойӣ,
Ба роҳи ту, ки чор атроф қирандуду асфалт аст,
Зи гулҳои дили хешу
гули сурху сафеду зард,
Зи қоқу,
наргису бобунаҳо шероза хоҳам баст
Ва дар роҳат
чароғи лолаҳо хоҳам фурӯзон кард,
Ки ту, шохи чаманорой, аз роҳи чаман ойӣ.

Агар ойӣ,
Ду зулфатро ба зулфи сабзи маҷнунбед хоҳам бофт,
Дилам дар банди зулфат,
дигар аз ҳар банд хоҳам раст.
Ту бо ман субҳи ҷовидонаи Наврӯз хоҳӣ ёфт.
Агар ойӣ,
чаро по бар замин монӣ,
маро чашме чу бар роҳ аст.
Агар ойӣ,

намози бому шомамро,
Ки дар як ҷонамози хурд,
Вале бо ояи ишқи ҷаҳонтоби ту мехонам,
Дигар дар пеши поҳои ту хоҳам хонд
Ва бо хешат шабе
то даргаҳи зеботарин ихлос хоҳам бурд.

Агар ойӣ… Агар ойӣ…
Агарчи дар дилам сад ормоне дорам аз ин беҳ,
Намедонам чӣ гӯям боз, шояд бас бувад, шояд.
– Нашояд бас, –- садо ояд,– кифоят нест, бозам гӯй,
Агарчи боварам бар ваъдаҳоят нест, бозам гӯй,

Маро бар ин дурӯғи дилфиребизхеш бовар деҳ!
Маро бар ишқ беш аз пеш бовар деҳ!

* * *

Рӯд меҷӯшид, ҷӯшидам чу рӯд,
Чун аз ӯ будам ҷавону тундтак.
Кай ду соҳил як даме ором буд
Аз ғиреви ман, ки бигзашт аз фалак?!

Лек дидам, ҳақталошиҳои ман
Ҷуз дурӯғи нокасон н-овард бор.
Аз адолат пас чӣ сон гӯям сухан,
Ҳақ пиёда, лек ноҳақ ҷипсавор.

Ман мадад ҷустам зи ҳар сӯ номурод,
Кӯҳ, пушти рӯд, дидам дар сукут.
Пас забон бастам зи ҳарфи адлу дод –
Аз насиби халқу қути лоямут.

Он қадар дар худ фурӯ рафтам, ки кӯҳ
Назди тамкинам чу коҳе дар ҳавост.
Кӯҳро тамкин сар ояд дар сутӯҳ,

Чора аз вулқонфишонияш кучост?!

## БУБАХШО, ЭЙ ВАТАН!

***Эҳдо ба Ҳасанбой Шарифов***

Бубахшо, эй Ватан – модар,
бар ин фарзанди худ, к-асло
Гадойӣ дар иваз бар хоки покат ҳам қабулам нест.
Агарчи донамат аз ҷону дил авло
Ва хоки ту маро хуштар зи тахти сад Сулаймонест.

Суруди «Аллаё»-и модари тоҷик бар гаҳвораи таърих
Ва бар гаҳвораи ман ҳам
Зи Ҷамшеду Фаридун будаву аз Рустаму Ҳотам
Ва дасти кам зи Экзупери буду аз Гагаринҳо…

Вагарна Рахшро аз нав таҳи зин чун тавон овард
Ва ё шони дигар бахшид шаъни Оли Сомонро
Ва ё шаб рози мо дар гӯши ахтарҳо кӣ хоҳад гуфт,
Кӣ ононро ба мо маҷзуб хоҳад кард?!

Бале, оре, ба ахтарҳо кӣ хоҳад гуфт,
Ки Яъқуббеки Ғозии Бадавлат сохт
Саду панҷоҳ соле пештар як давлати тоҷик,
Ки аз ту, эй Ватан, он даҳ баробар буд паҳновар
Ва тори Ҳафтшаҳраш парчами тоҷикро афрохт.
Чӣ дигар гӯямат боз аз шукӯҳу шавкати тоҷик?!

Ту донӣ, Кошғар суғдисту маънош кӯҳи яшм,
Ва садҳо вожаи дигар, ки аз тоҷикии Борист –
Чу Писканду Сари Кӯлу Хутан, дурдонаву дафтар –
Бубин, эй қуввати бозуву нури чашм,
Чу хуни ҷадди ту имрӯз ҳам дар он замин ҷорист.

Маро он номвар бобобузурги ҷисмию ҷонист,
Туро бобои рӯҳонист
Ва бо ин шавкату шон мо фаромӯшони таърихем
Ва ё берешаву бехем?!

Сарат бардор, к-аз тухми гадоён нестем асло,
Агарчи мо ба ин сустӣ
ба ҷадди хеш шоён нестем асло.

…Вале ҳоло…
Агар ман ҳам гадо бошам,
Агар ту ҳам гадо бошӣ,
Агар ӯ ҳам гадо бошад,
Пас охир ин Ватан бо мо чӣ хоҳад буд,
Ба ғайри он ки анбони гадо бошад?!

Бубахшо, эй бародар, аз гадоён гарчи орам нест,
Вале зӯре, ки худро бар гадойӣ дарбиёрам, нест.
Агарчи мо гадойи маънию дунёи болоем,
Валекин на гадойи даҳри колоем.

Бубахшо, эй Ватан, бар ман бубахшо боз,
Агарчи хоки ту чун тангаву тиллост барҷошам,
Вале ҳаргиз намеёрам гадо бошам.
Бубахшо, эй Ватан,
гарчи зи шоҳию гадоият наҷӯям суд,
Вале азбаски ҷовидон гадойи меҳри ту будам,
Абад шоҳаншаҳи хоки ту хоҳам буд.

* * *

Дили ман
Ташнаи дидори ту буд.
Ту вале аз кафи худ
Об додӣ дигареро лаби ҷӯ.
Эй Худо, ҷумла дуоҳои маро ботил соз,
Ки варо об намонад ба гулӯ.

## ФАРЁДУ СУКУТ

Мерасад фарёди сахт,

Ларза мегирад аз он шохи дарахт,
Лек мӯе меначунбад дар бадан.
Аз чӣ аммо з-ин сукут,
З-ин сукути сар ба поён чун ҳубут,
Мӯ чу сӯзан рост мехезад ба тан?!

## ЗАБОНИ СУРХУ САРИ САБЗ

Забони сурх сари сабз медиҳад бар бод,
Вале табар набурад ҳеҷ гардани хамро.
Забони сурх, ки доди-м, ҳар чӣ бодо бод,
Чаро надодиям гардани хаме ту, Худо?!

## НАВРӮЗИ ФАРВАРДИН

***Эҳдо ба Сайидалии Сайид***

Ба ҳар лаб мекушояд ғунчаи ҳарфи салом ин субҳ,
Лаболаб мешавад ҳар гӯш аз як обшор оҳанг.
Ба ҳар чашм орзу пар мезанад як осмон аз шавқ,
Ба ҳар дил мешукуфад як баҳор аз ишқ
бо сад ранг,
Ки Наврӯзи ҷаҳонафрӯз меояд,
Ки он ишқ асту онро ишқ мебояд.

Ҳаво аз бӯйи гулҳову шамими сабзаҳо атрист,
Ки гулбоди баҳораш мебарад ҳар сӯ
Ва чун бар шомаи мо мерасад ин бӯ,
Ту гӯйӣ аз шароби ноб моро чарх гардад сар,
Аҷаб бода, аҷаб соғар!

Аё Ҷамшед, ай шоҳаншаҳи пирӯз,
Дар обу дар ҳаво, бар шарру деву душманиву кин,
Алорағми ситези душманони мардуми озодаву беҳдин,
Ту бархезу бубин,
тахти Каён барҷост,
гирам даст,
Ки дар ин ман туро зинда-ст
он Наврӯз, он ойин.

Манам, ман рӯдҳои ояи ишқи биҳиштиро
Ба дашти синаҳои ташна меронам,

Ки дар ҳар ҷону дар ҳар дил
Бирӯяд як биҳишти ҷовидонтар
аз биҳишти адни обу гил.

Биё, эй ҷовидон Ҷамшед, то меҳмони ман бошӣ,
Ки ҳоло суҳбат аз ҳафт осмону абру борон аст
Ва ҷону ҷом лабрез аз шароби ёди ёрон аст.

Биё, к-ин Рӯзи Навро бартар аз Наврӯз бигзорем,
Ба ёди рафтагони зиндаёде
дар дили мову дили таърих,–

Ки аз чанги араб, банди муғул
озода бигзаштанд бо Наврӯз, –
Ҳазорон машъала аз сандалу
аз лолаҳои аҳмар афрӯзем
Ва ҷоми бодаро бо соғари хуршеди тобон
ҷанг андозем
Ва бо сад дил ба меҳройин ниёи хештан нозем,

Ки мо аз тухмаи пиндору гуфтору
накӯкирдори Зардуштем,
Накӯдину беҳинойин ба сад ҷадду ба сад пуштем,
Агарчи дар дами теғи аҷониб мо
ба хуни хеш оғуштем,
Валекин хештан ҳаргиз на мӯреро биёзурдем,
на куштем.
Зиҳӣ дину зиҳӣ ойин,
Фари яздонии Наврӯзи фарвардин!

Биё, то ин савоби ҳастии меҳрофарини хешро имрӯз
Чу абри навбаҳорон бар саропойи замин борем,
Ки он ҳам ташнаи лутф асту меҳру дӯстдориҳост,
Навозишҳову ёриҳост.

Биё, Бобойи Деҳқонро ба ҷон шукру сипос орем,
Ки тухми поки моро ҳамчу зарринтухмаи Наврӯз
Ба дасти чап, ба дасти рост,
чунонки Худо мехост,
Фаромарзи ҷаҳон пошад,
Ки фасли киштан асту рустану бастан,
Ба асли хеш пайвастан!

**ҲАДЯИ НАВРӮЗ**

Баҳори гул расидӣ, то баҳори дил биёрӣ ёд,
Ки сад боғи гул аз ёдат шукуфон доштам дар дил.
Чӣ гуфтам, доштам, маъзур аз ин ҳусну ҷамоли ту,
Шукуфтам сад чаман ҳоло, магар гул будам обу гил.

Чӣ шавқу шӯри ҷонафзо, вале, ҳайфо, сухан кӯҳна-ст,
Ҳамон ҳусну ҷамолу гул, ду ҳарфи тоза мебояд.
Худо ҳам гар гуле аз ту наёрад офаридан беҳ,
Зи дасти ман, мани банда-ш, бигӯ,охир чӣ меояд?!

Замину осмон то ҳаст, ҷони ошиқе ҳам ҳаст,
Ки бартар ояд аз ҳарфи қиёсу беқиёси кас.
Чӣ суд аз атласиҳои шақоиқҳои ишқангез,
Агар як шаб нагирам ман туро аз домани атлас.

Чӣ суд аз домани атлас, агар субҳе нагардад пур
Зи себи сурхи хубонӣ, зи ноку санҷиду гирду.
Чӣ суд аз гирдгаштанҳои чархи нобасомон аст,
Агар дар гирди ҳамдигар намегардем мо ҳар ду.

Биё, аз осмони гирдгардон бар замин оем,
Ки сӯят чун дарахте даст меёзам, агар ҳастам.
Бигир аз шохаи дастам, ки аз гулбоди домонат
Сарафшон, шох андар шох дар алвонҷаму мастам.

Биё, то муғчаҳо бо ту сухан гӯянду бикшоянд,
Бигирад шох домонат ба сабзу сурх ангушташ
Ва бар чашми гулаш молидаву бӯсад ҳазорон бор,
Биё, к-инро надида Лайливу Маҷнун ба сад пушташ.

Ва ё шояд, на шояд, бал яқин сад пушт қабл аз ин,
Ба ҳам омехт хоки мо, вале ҳар сӯй бурдаш бод.
Туро ин боди наврӯзӣ, ки меояд, ба ман овард,
Ба ту Наврӯзу бар ман ишқи навсӯзат муборак бод!

## ДОСТАК

Достак, омадӣ ин субҳ, биё,
Хуш биё, пайки баҳор овардӣ.
Ман, ки пазмони баҳорон будам,

ин ҳама дай,
Бе туям гарм намешуд маҳфил,
Чашм гашта ба раҳат, чашму чароғам,
Ҳама ҷону ҳама дил.

Гӯши ман ташнаи овози баҳоронаи туст,
Чиқ-чиқи сода ба ҷону дили ман мефорад,
Ки ба ин содагию ҳиммату бедаъвоӣ
Олами савту наво меорад.

Хуш биё,
айвонам,
Дер бар омаданат мунтазир аст,
Гарчи дар ҷону дилам чӯҷаяконатро боз
Лонаи гарму ҳавои дигар аст.

Дилам имрӯз, ки сармозадаи фасли
фиреб асту дурӯғ,
Натавонад, ки раҳад з-ин ҳама ранҷу озор.
Сахт бовар ба ту хоҳад кардан,
Ки навои ту наво,
Ки баҳори ту баҳор.

Достак, боз ба микрози пару боли баланд
Сар ба сар марзи диёрам пар зан
Ва бибур риштаи ҳар фанду фиреб,
Ғаразу ҳилаву макру тазвир.
Оқибат,
баҳри Худо,
хаста мабошу навмед,
Ва таги реги ҳаҷиру тафта
Сар фурӯ бурда намир!

Ҳол, к-оғози баҳор оварӣ,
эй дӯст, биё,
Гарчи сард аст дили ман шояд,
Лек шодам, ки маро дар хона –
Ҳамчу дар лонаи ту мебояд,
Панҷто чӯҷаяке ҳаст, ки дар дил лона, –
Ҳама гарму ҳама нарм,
Чашм бар роҳи ту дорад имрӯз,

Ки биёӣ ба зимистон пирӯз.

## ШАҲРИ ХОБ

Боз аз фикру хаёли беҳад
хаста шудам,
Монд фикр аз чараён,
Ҳамчу хун дар шараён,
Ки агар як дами дигар гузарад,
Мерасад назъи равон.

Рафтам аз хона бадар,
Сӯйи шаҳре, ки маро кард
зи даврони чавонӣ оғӯш
Ва диламро ҳам гӯш,
Монда дар рӯйи дили духтаракони зебош,
Балки мебурд аз ҳуш.

О, кучҷоед чинорони баланд,
Роздори шаби зебои муҳаббат,
ки дар он
Бо ҳавас духтараки содаи дилдода ба ман,
Ба тани ғафси шумо такязанон,
Зулфи худро ба сару гардани ман меовехт,
Ё ки бо ҷону дилам меомехт.

Шаҳр, эй шаҳри ҷавонию муҳаббатҳоям,
Кош, як умр ҷавон будаму
ҳамчун ту дилам
Шаҳри гулчӯши муҳаббат мебуд,
Чун заминат, ки баҳорон ҳама сабз,
Осмонат, ки баланд асту кабуд.

Бинам акнун, ки тарабхона туро беш шуда,
Рӯз дар пардаи тораш чу шабе дорад роз,
Ё шабе, ки ғаразаш ҳаст аён ҳамчун рӯз,
Ки гаронат бифурӯшад,
нашавад арзонтар
Тани ғоратшудаи рӯспии хушпардоз,

Ки варо гармии оғуш – коняк,
Ки варо ҷӯши муҳаббат – дуллар.

Шаҳр, эй шаҳри азиз,
Ман надонам, ки гурезам аз ту ё аз хеш
Ва чӣ марҳам ниҳам акнун
ба дили хастаи реш,
Ки фақире натавонад, ки ба ин гӯша туро
ҳеҷ гаҳе по монад.
Лек он зот, ки ишкам бувад
аз пойи качал то сари кал.
Субҳу шом ин ҷо охур дорад,
Даври худ меронад.

Рахт аз ин ҷо бикашам, лек чӣ сон,
Ёбам он маҳфили ишқу ишроқ,
Ки бувад мазраи он танҳо дил,
Ки бувад маншаи он танҳо ҷон.

Баски, эй шаҳри азиз,
Бо ҳама валвалаву ҳамҳамаи бозорат
Хоби хобӣ ту ҳанӯз
Ва манам хастаи ин фикру хаёл,
Ки касе ку, ки кунад бедорат.

## ЧӢ БОЯД КАРДАН?!

Дили ман гиряи боронӣ дошт,
Ки шудам обу бирафтам аз даст.
Ту маро шеъри дили ошиқ гӯй,
К-ошноям шавад он дилбари бегонапараст.

Бенавое, ки талаб дошт зи ман чанд дирам,
Бо забони хамушу зори гадоӣ мегуфт:
Ин замон, ки нигаҳи сад чу мане бар кафи туст,
То куҷо хайру савоб аст чунин гуфту шунуфт?!

Гаштам ойинаи ҳайратзадае,
Ки чӣ бояд бикунам дар талаби зории дил
Ва ҳамон нуктаи ҳоли сойил.

Узр орам ба дили хеш, ки ман
Рӯ ба рӯйи кафи холии гадо,
Чун бигӯям сухан аз нозу адои ӯям?!
Нашавад лек чунин узр даво,
Рӯй орам ба гадову гӯям,
Чун тавонам, ки ба ҷуз хоҳиши дил,
Роҳи дигар пӯям?!

Кист гӯяд бар ман,
Ки чӣ бояд кардан?!

**БА ДУХТАРИ ТОҶИК**

Чӣ маҳзунӣ ту, духтарҷон,
чӣ ашкат дар сари мижгон,
Чӣ дардат мефишорад дил,
чӣ сӯзат мегудозад ҷон.
Сарат бардор, мо, к-аз сарбадоронем,
як ҳарфат
Аз ин ҳафт осмон моро
фаротар барфарозад ҷон.

Ту аз насли ҳамон Гурдофаридӣ, гурдаҷдодӣ,
Ки гурдият ҳама ноз асту нозат бартар аз гурдист.
Агар як доман афшонӣ,
зи ҳар як чини домонат
Бубинӣ,
рехта чун гарди хоке ҷони сад мардест.

Ту худро кам мабин, эй ҷони ширин, духтари тоҷик,
Ки сад Рустам на кам аз ман ба роҳат хоки по гардад.
Чу бардорӣ, само гардад,
Набардорӣ, кафи хоки сиё гардад.

Ту шере бош,
то ҷуфти ту бошад шеру наслат шер,

Ки натвонад ғуломасле канизат ҳамчу худ созад.
Санойи он ҷавонмарде, ки гирад шерзодеро
Ва ё бар гардани озодкуе даст андозад,
Ки фардо ин Ватан набвад диёри бардаю банда,
Ки фардо ин Ватан нозад ба мардони барозанда.

Худо худ чанд Ҳавво дод Одамро, ки ту бошӣ,
Дар ин даврони номардон зани чандум ба як ношуд.
Агар марде фаро аз хештан ворафту дунё шуд,
Дар оғӯши яке чун ту ҷаҳонбахшой дунё шуд.

Чу Зардушт омад аз домони чун ту духтари одӣ,
Ки ҷовидона дунёяш сано хонад,
Худо пайғамбаре аз ҷинси ту ҳам оварад,
шояд,
Ту медонӣ, ки аз домони поки ӯ кӣ меояд,
Ки ман аз гуфтани ин ҳарф метарсам,
Ки инро, духтари ширини тоҷикам,
Дигар танҳо,
Ту донию Худо донад.

## ГАРАВИ ИШҚ

Ин чӣ лабҳо, даҳону ғунчаи боз,
Ин чӣ боло, хироми оламгир,
К-аз тамошои ҳуснат, эй гули ноз,
Нашавад чашми одам асло сер.

Шохи бодом – шохи қомати ту,
Сад баҳор аз қади ту гулрез аст.
Сад дил афтода дар қиёмати ту,
Боз чандин саде равад аз даст.

Ба манат як нигар, туро мирам,
Ҷону дилро кунам фидойи туе.
Ман чӣ мардам, чӣ ошиқ ар гирам
Ҳар ду олам ба хоки пойи туе.

Нест ҷоят ба ҷуз ба қалбу равон,
Байни ҷону дилам ту раҳ пӯйӣ.

Гӯямат шеъри ишқ сад девон,
Ту агар як раҳак дилам ҷӯйӣ.

– Хоҳӣ осон шавӣ ту ҳамбари ман,
Сад дулар бар ту нест қимат ку.
– Вой, сад вой, хок бар сари ман,
Ман чӣ хоҳам, вале чӣ хоҳӣ ту!

## МАРО БА ГИРЯ МАЁВАР…

***Тақдим ба Жолаи Исфаҳонӣ, ки гуфта:***
***Гиёҳи ваҳшии кӯҳам…***

Куҷоӣ, эй зани якто, ба зери ин гардун,
Гиёҳи ваҳшии кӯҳат, ки бурд дил аз ман.
Чу об гаштаму рафтам ба пойяаш акнун,
Манам зи дил хиҷилу дил ҳаме хиҷил аз ман,
Ки вомдори туему шукӯҳи мардият.

Зи зерсангии як рӯз сар задӣ берун,
Ки санги рӯзи сияхро чу орд безӣ ту.
Агар чу одамӣ имрӯз мешавӣ мадфун,
Пагоҳи рӯзи дигар чун фаришта хезӣ ту,
Ки ҷони тоза диҳад чомаи набардият.

Чӣ жолаӣ, ки накардӣ ба гулшану гул хӯ,
Маро муомала, гуфтӣ, ба путку сандон аст.
Ту дигарам зи ғами ҷонгазойи хеш магӯ,
Туро, ки мардию гурдӣ ҳазор чандон аст,
Маро ба гиря маёвар ба оҳи гурдият.

## РӮДИ СИТЕЗУ СУРУД

Сухан, инак, зи ту, эй рӯди шӯхи кӯҳсор, ин ҷост.

Агар рӯди суруд астӣ,
                                        чаро ваҳшистӣ, пурхашм
В-агар рӯди ситез астӣ,

чаро чӯшиданат ширину таскинбахш,
Чӣ розу роздор ин чост.

Вале бошад,
маро он сон, ки мебошӣ, ту хуш бошӣ,
Агар хашми ту як сон асту хобовар,
Валекин хашми ман гоҳисту таркандаву пуркин.
Ва гоҳе ҳам шавад таскин,
Бигирад чой чун бода,
Маро дар соғари саршори сарвода.

Чу ҳамроҳи ту берун меравам аз тангии мачро,
Сарам бар санг меояд.
Ман аз сангии соҳилҳо наменолам,
Маро ҳамвора аз тангии соҳил нанг меояд.

Сано мегӯямат,
бо ман, ки танҳо ту ҳамоҳангӣ,
На андар соҳили коҳил
дигар ҳамсанг мечӯям,
Ки танҳоям ту ҳамсангӣ.

Ту бабри вахшии хашмӣ,
вале аз ғурришу хашмат
Дилам чун барраоҳу мешавад ором.
Чу бо хезобу пастобат паропар мекунам оғоз,
Равад хуршед чораспа таҳи домони танги шом,
Ки гӯё рӯз оне буд,
Дар оне хешро паймуд.

Маро, эй рӯди ҳамрозам, беҳ аз ту ёру ёвар нест,
Ки дар ман мешавӣ чорию таскин мекунӣ дардам.
Агар ман бо ту мепечам, чу барқ аз мавч мехезам,
Вагарна бе шарори мавчи ту хомӯшу дилсардам.

## АВВАЛУ ОХИРИ ДУНЁ – НАВРӮЗ

Дар дилам шохаи Наврӯз шукуфт,
Ҳамчу гелос, ки пушти дарам аст.
Ду чаҳон аз нафаси боди сабо атрӣ шуд,

Ҳушёрони дами сарди зимистон гаштанд
Ҳама аз накҳати обу алафу гулҳо маст.

Рафтам аз хона бадар,
Чун насиме, ки равад аз бари дарё берун,
То кунад ҷумла ҷаҳонро як субҳ
Аз гулу сабза хабар.

Кӯфтам ман дари ҳамсояи дуру наздик,
Ки, биё, дар бикушо, шод бибошу мамнун.
Бас нишастан ҳама дар хонаи сарду торик,
Ки туро олами пурнур бихонад акнун.

Атри рагҳои ману хандаи лабҳои гулам
Боғ дар боғу чаман дар чаман аст
Дар диёри куҳии сабзаву борону суруд.
То ба Саҳрои Кабиру ба Биёбони Араб
Барам аз накҳати Варзобдара,
Абри боронии он пайку дуруд.

Хоҳам он ҷо, ки замину инсон
Ташнаи чашмаи меҳранду фароби найсон,
Меғ зорад ҳама шаб,
Меҳр борад ҳама рӯз.

Хоҳам имрӯз равам аввали дунё,
бинам,
Ки Худо торами атласро бармеафрӯхт,
Рӯҳи худро ба саропойи ҷаҳон дошт
ҳаме густардан,
Дар замин обу алафро месохт,
Ба наҳангу далфин
дарси шино меомӯхт
Ва хазидан ба хазанда,
ба паранда парвоз
Ва ба Одам ба ҳама ҷинс ҳукумат кардан.

Ҳафтаи аввали дунёи Худо буд он рӯз,
Ки сари мояи ҳастӣ ба адам шуд пирӯз.
Буд он рӯз нахустин Наврӯз.

Чун ҳама боз ба аслаш гардад,
Гул ба гул, хор ба хору булбул бар булбул,
Буд чун аввали ин даҳр ҳама савту садо,
нуру сафо, обу алаф,
Гар бувад охири дунё як рӯз,
Бувад он рӯз яқинан Наврӯз,
То ки ҳаргиз нашавад заҳмати он рӯз талаф!

## ЗАМИНИ САБЗИ БОВАРҲО

Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,
Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок
ҳарфи осмон ояд.
Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,
Дигаронро Каҳкашон ояд.

Чашми мо дар ҳар нигоҳе мехӯрад бар кӯҳ,
Чун ҷаҳони мо уфуқхат нест,
шоқулист.
Сарҳади марзаш на дар дарёву
на дар рубъи маскунест,
на дар дашту на кӯлест,
Дар савойи ҳафт гардунест.

Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ
осмониянд,
Гарчи рӯйи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд,
Онҷаҳониянд.

Хоки моро аз азал андозаи тангу фарохӣ нест,
Хоки моро то абад тафсиру андоза баландоист.

Дар чунин хоке, ки дар ҳар зарраи хеш
осмон дорад,
Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист.
Ман намедонам,
вале медонам ин ҷо хокпош ар ҳаст,
Дил саройи ишқи гардунаш набошад,
нест.

Аз пайи хеш ӯ барад бар авҷи гардунҳои гардонам,
К-аш наёрам бар замин дигар фуруд оям.
Шоирон
ҳарфи баланд аз моварои осмон ҷӯянд,

Ман вале бар хоки ин манзар фуруд оям.

То ба ҳарфи хомуши води-ш гӯшамро фаро орам,
Вожаҳойи рӯдҳоро бишнавам дар вежапардозӣ.
Гӯш бар хоки таҳаммулбор бигзорам,
Оядам аз Зардуҳишту Маздаку Мони-ш овозе,
Баски хоки покашон ин ҷост,
Саҷдагоҳу зинаи афлокашон ин ҷост.

То ҷаҳон боқӣ бувад,
фармудаи он некфар боқист,
Дар се дастураш:
накӯпиндору гуфтору накӯкирдори зардуштӣ.
Дар ду олам ҳам нахоҳӣ ёфт ҳамсонаш,
Бигзарад сад пушт агар ҳам баъди сад пуште.

Дигар он, к-ӯ
ҳар киро бо ӯ баробар буд,
databases бародар хонд,
То сухан аз маздакият ронд.
В-он дигар з-инсониву фарҳанг
Тоза нақши монавӣ овард дар Аржанг.
З-ин ҳама фарҳанги тоҷик ориёнфар монд.

Эй замини сабзи боварҳо,
Решаҳоят сабз бас дар оби имон асту кавсарҳо,
Чун ту ислом оваридӣ,
дидам ислом инчунин бояд,
К-аз мусалмонии ту имрӯз
худ Оли Муҳаммад ҳам ба ваҷд ояд.

Ҳамди исломат, ки ҷуз исломи некӣ нест,
Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист.
То расад насли башар бар ҳадди инсонӣ,
Боядаш омухт аз ин ҳар ду мусалмонӣ.
Чун тавон гуфтан варо наъту сано дигар,
Он, ки ӯро нек нек асту бадаш аз нек некӯтар.

Эй диёри кӯчаки аз чор укёнус паҳновар,
Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон
Кард гардуни баландахтар,
К-ин мани сарводагӯ дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёнат
Мезанам акнун
ба авҷи ҳафт гардун
сар*.

* Ҳар асар баъди эҷодаш ба зиндагии худ оғоз медиҳад, ки баъзан марғуб аст. Ҳоло мехоҳам аз се қиссае ҳикоя кунам, ки бо ин шеъри банда – “Замини сабзи боварҳо” рух дода буд. Қаблан аз хонандагони гиромӣ хоҳишмандам, ки онро як навъи зимнан худситоӣ напиндоранд, зеро нияти ман ин нест, ҳарчанд шуаро дар ҳар лаҳзаи муносиб аз он мехоҳанд истифода кунанд ва баъзан ҳақ ҳам доранд. Масалан, шоири бузурги рус Владимир Маяковский мегӯяд, ки: – Дар бораи худ ҳамеша ҳарфҳои хуб гӯед, бадашро дар бораи шумо душманонатон мегӯянд. Ман ин ҳарфро баъзан бо каме таҳрири шӯхиомез чунин мегӯям: –Дар бораи худ ҳамеша ҳарфҳои хуб гӯед, бадашро дар бораи шумо дӯстонатон мегӯянд. Хуб, ҳоло аз ин ҳарфҳо бигзарему ба сари манзури худ биёем. Ман одат дорам, ки дастаи шеърҳоямро ҳамеша пеш аз чоп ба чанд, баъзан ба чандин нафар диҳам, то хонанду фикрашонро гӯянд ва ҳеҷ вақт аз эродҳояшон намеранҷам, балки бо диққати тамом мулоҳиза мекунам, агар дуруст бошанд, ба инобат мегирам. Ҳамин тариқ, бегоҳе бо як даста шеърҳои навам ба хонаи устод Муҳаммадҷон Шакурӣ рафта будам ва баъд аз чою суҳбати мухтасар онҳоро ба хондан шуруъ кардам. Устод бо диққати тамом гӯш ва таассуроти худро баён мекарданд, дар охир шеъри “Замини сабзи боварҳо”-ро хондам, ки хеле хушашон омад, ва ин барои ман ғайричашмдошт ҳам набуд, зеро медонистам, ки ба эшон асаре, ки аз таърих, фарҳангу маънавиёт суҳбат мекунад, писанд меояд. Дар охир устод фикрашонро хулоса карда гуфтанд, ки агар ба ман мебуд, ман ин шеърро пас аз Суруди миллӣ дар ҳамаи китобҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ чоп мекардам, ки толибилмон онро хонда, ба таъриху фарҳанги худ шавқ пайдо кунанд. Ин ҳарфро дар яке аз маҳфилҳои шеърхониам ҳам такрор карда буданд. Устод маро ҳамеша ташвиқ мекарданд, нақди адабиро напартояму вақти бештарамро ба он сарф кунам, аз ин рӯ, ман мавридро муносиб ёфта, гуфтам, ки: – Баъд аз ҳамин гуна шеъру ҳамин гуна таъриф ҳам маро боз ба навиштани нақд ташвиқ мекунед? Ва интизор доштам, ки “на” мегӯянд, аммо устод гуфтанд, ки: – Бале, бо вуҷуди ин ҳам ман ҳамон ҳарфи пештараамро мегӯям. Пурсидам: – Чаро? Ҷавоб доданд, ки: –Шукр, мо шоирони хуб дорем – Қаноат, Лоиқ, Бозор, Фарзона..., аммо мунаққиди хуб надорем,бинобар ин ман баъд аз ин ҳам ҳамеша шуморо ба ин кор ташвиқ мекунам.

Баъд аз ин суҳбат рӯзе ба идораи ҳафтавори “Адабиёт ва санъат” ба хонаи кори сардабир Ҳабибулло Нозирӣ даромада, дар он ҷо Саидалӣ Саидро дидам. Ӯ, ки дар маҳзаб, фарҳангу маънавиёти халқамон вуруди амиқ дошт, аз ӯ хостам, ки ба ин шеър гӯш диҳад, то бихонам, мабодо лағзише дошта бошад. Хондам, гӯш карду гуфт: – Ҳамааш дурусту барҷост. Гуфтам: – Хуб гӯш кардӣ? Гуфт: – Агар хотиратон наосуд, як нусха ба ман диҳед, дар хона боз бо диққати тамом мехонам

ва агар фикре пайдо шуд, телефон зада ба шумо мегӯям. Додам, аз байн ду-се ҳафта гузашт, телефон, ки накард, хотири ман ҳам ҷамъ шуд. Як вақт дар хона шумораи навбатии ҳафтавори "Адабиёт ва санъат"-ро кушода, чашмам ба сарлавҳае афтод: "Шеъре баландтар аз Каҳкашон" ва ба худ гуфтам, ки мо ҳеҷ аз таърифу муболиға халос нашудем, боз ин чӣ гап, гӯён ба мақола чашм давонда номи муаллифро дидам, ки Саидалии Саид, ду-се ҷумлаи аввалашро хондам, ки дар бораи ҳамон шеъри банда аст. Давомашро нахонда, ба Нозирӣ занг зада, эътироз кардам: – Охир, ту чӣ кор кардӣ, шеърро чоп накарда, дар бораաш мақола чоп кардӣ, боз бо ин қадар номи дабдабанок? Ман шеърро барои чоп надода будам–ку. Ӯ ҳис кард, ки ман хеле дар ҳаяҷон ҳастам, гуфт, ки: – Аввал каме ором шавед, баъд мақоларо то охир хонед, ин шарҳест, ки Саидалӣ ба шеъри шумо навиштааст ва дар он ҳамаи шеър пора-пора оварда, шарҳ дода шудааст, яъне шеър бо шарҳ якҷоя пурра чоп шудааст. Гуфтам: –Хуб, агар ин тавр бошад, дуруст, вале чаро бо ин қадар номи дабдабанок? Гуфт: – Инашро аз муаллиф пурсед, Саидалии Саид барои мо ҳар рӯз мақола наменависад, бинобар ин мо онро чӣ хеле, ки буд, зуд чоп кардем.

Ба ҳамин тариқ, аз Саидалӣ Саиди азизи равоншод, ки яке аз камназиртарин донишмандони маънавиёти бостонии халқамон буд, ин шарҳномаи пурмуҳаббат ба мо ёдгор монд.

Қиссаи сеюм бо ин шеър дар Эрон рух дод. Банда дар ҳайати чанд нафар адиби тоҷик ба Эрон ба Ҷашнвораи якуми миллии "Шамс ва Мавлоно" даъват шуда будам, ки дар он аз кишварҳои бисёре донишмандону шуаро ширкат доштанд. Баъд аз ифтитоҳи ҷашн меҳмононро аз Теҳрон ба Табрез оварданд ва пеш аз маҳфили шеъру адаб, ки дар толори бузурги донишгоҳи Табрез баргузор мешуд, меҳмононро барои сарфи таом ба тарабхонае даъват карданд. Дар он ҷо банда бо як хонуми зебои эронӣ дар паси як миз ҷой гирифта, бо ҳам шинос шудем. Сару либоси ин хонум ҳама норанҷӣ буду аз дигар хонумҳо, ки сиёҳпӯш буданд, сахт фарқ мекард ва ҳамоно ба чашм мерасид. Хонум яке аз муҳаққиқони эҷодиёти Мавлоно Парии Риёҳӣ будаанд, ки аввал дар Урупо дар риштаи пизишкӣ хондаанд, пас онро раҳо карда, ба риштаи адабиёт ворид ва ба таҳқиқи осори Мавлоно машғул шуда, унвони дуктуриашонро аз ин соҳа гирифтаанд. Солҳое дар Амрико ҳам зиндагӣ кардаанд. Ман аввал аз ранги либосашон пурсон шудам, ки: – Танҳо шумо либоси ранги норинҷӣ доред, оё бароятон мушкиле эҷод намешавад? Гуфтанд: – На, ман ҳамаи фарзу суннати мазҳабро на камтар аз ин охундҳо медонам ва иҷро мекунам, ба ман дигар чӣ даъво карданашон мумкин аст? Азбаски ба шеъри Мавлоно машғул шуданашонро дониста будам, суол кардам, ки ба шеъри муосири Эрон чӣ назаре доранд, аз шоирон киҳоро меписанданд. Гуфтанд: – Аз он ҳангом ки бо Мавлоно машғул шудам, дигар

шоирони муосирро намехонам, ба назарам хеле сабук меоянд. Ман ба ҳайрат омада гуфтам, ки: – Нимо, Шомлу, Ахавон, Фурӯғ, Сипеҳрӣ, Оташӣ, Нодирпур... Гуфтанд: – Шумо гумон накунед, ки ман инҳоро нахондаам, ҳамаашонро хондаам, бо баъзе шиносову дӯст ҳам будам. Ман ҳарчанд ба ин андеша розӣ набудам, вале эътирозро ба худ муносиб надидаму суҳбатро ба тарафи дигар кашидам. Баъди сарфи таом вориди толор шудем ва ман аз хонум ҷудо шуда, ҳамроҳи ҳайъати худамон нишастам. Соҳибони ҷашнвора гуфтанд, ки дар ин маҳфил аз ҳар ҳайъат якнафарӣ шеър мехонанд ва бандаро муваззаф карданд. Чун навбати банда расид, аввал чанд сухани мухтасар дар бораи ҳамватаниамон бо Мавлоно гуфтаму пас шеъри "Замини сабзи боварҳо"-ро, ки дар он номи Мавлоно ҳам омадааст, хондам. Азбаски шеър пазироии гарме пайдо кард, маро лозим омад, ки боз як шеъри дигар хонам ва ғазали "Ойинаи нур"-ро хондам. Як вақт дидам, ки аз миёнаи толор зане аз ҷой баланд шуда қарс мезад, ки ҳамон хонум Риёҳӣ буданд, бисёре аз дигарон ҳам, ки дар қаторҳои пас аз ӯ менишастанд, низ ба пайравии ӯ аз ҷой бархоста каф мекӯфтанд. Ман ин гуна пазироии гарму ҷӯшонро чашм надоштам, ба гумонам, аз ҷой бархостани хонум ба он сабаб шуда буд. Баъди маҳфил, ҳангоми як пиёла чойи сарипоӣ, хонум назди банда омада, гуфтанд, ки: – Чаро ба ман нагуфтед, ки шоир ҳастед? Гуфтам: – Хонумҷон, маъзурам, вале вақте ки ашъори шоирони бузурги Эрон писанди шумо намеоянд, мани бечора чӣ гуна метавонистам худро ба шумо шоир гӯям? Чора надоштам. – На, – гуфтанд хонум, – аз ин навъ ашъор хушам меояд, маро дидед, ки бар пой истода каф мезадам? Гуфтам: – Бале, дидам шуморо, онро ҳам дидам, ними толор, ки пас аз шумо нишаста буданд, ба пайравиатон аз ҷой бархоста буданд. Гуфтанд : – Наход ин тавр буд? Агар ин тавр шуда бошад, кори хубе кардаам – ва хандиданд.

Пас мо ҳамроҳ аз бино берун шудем, то ба бинои дигар дигар равем ва дар роҳ ҷӯйчае буд, ки аз он бояд мегузаштем, ман аз он пештар гузашта беихтиёр даст ба хонум дароз кардам. Хонум ҳамоно: – На, дар ин ҷо ин тавр мумкин нест, – гӯён дасти маро нагирифтанду бо як навъ аз он гузаштанд. Ман ёдам омад, ки онҳо дасти марди бегонаро намегиранд, ба ханда гуфтам: – Хонумҷон, агар ҳоло, Худой накарда, ҳангоми гузаштан поятон тагу рӯ мешуд, пас чӣ мекардем, шумо маҷбур мешудед, ки на танҳо дасти маро бигиред, балки рӯи дастам бошед, ки шуморо то дармонгоҳ бибарам. Хандиданду гуфтанд: – Пас, чаро ин тур дуо накардед? Гуфтам: – Раҳмам омад, ба ман арзону ба шумо гарон меафтод.

10.01.2020

## ЭЙ КИ ГУЛ-ГУЛ МЕШУКУФӢ...

Эй, ки гул-гул мешукуфӣ чун дарахти себ,
Хандаҳоятро мабод осеб!

Баски дар он рӯзҳои сард,
Сӯхтан аз сардию аз дард,
Ташнаи гулхандаҳои гарми инсону дарахтам кард.
Ҳол гӯям, хандаҳоятро биханд,
Муғчаҳоятро шукуф.

Қарни нав аз роҳ меояд,
ба уммеди навиди тозаву оҳанг,
Чун дигар аз қарни ашрору туфангу банг,
Кину хашму душманиву ҷанг
дилгирем,
Ин касофатҳо раҳо созему аз домони дил гирем.

Домани дил
домани сабзи муҳаббатҳову боварҳост,
Бас бувад дигар варо бо чормағзи пуч пур кардан,
Чун дар ин дунё набошад бурдание
ғайри дил бурдан,
Ҷовидоние
ба ҷуз дар кӯйи дил мурдан.

Сабз бодо васли дил бо ҷовидон ҷовид,
То абад пиндору гуфтору накӯкирдор бошад сабз,
То тановар он дарахти пири равшанёр бошад сабз,
То салиби хушку хунине санавбарвор бошад сабз,
То ливои моҳи навдидор бошад сабз,
Ваҳдату озодиву ин давлати бедор бошад сабз.

Бар фаротар з-ин ҳама
пайванди ҷони мо
ба он Додор бошад сабз.

Эй, ки гул-гул мешукуфӣ чун дарахти себ,
Хандаҳоятро мабод осеб!

*   *   *

Ман аз дидор бо ту меҳаросам,
Ҳаросам бештар лек аз надидан,[15]
Ки дар чашмат ғами худ мешиносам,
Ки ин гулро тавон чидан, начидан?!

Манам, шояд, бароят дастхӯрда,
Туӣ, лек осмони дастнорас.
Чунон покӣ, зулол аз об бурда,
Ба дастат норасида дасти нокас.

Чу гардун тозарӯву беғубор аст,
Бубинад хешро дар қатраи об.
Агар софӣ маро як қатравор аст,
Дар он ту акс шав, он қатра дарёб.

Шаб асту хоб рав, хоби таманно,
Ки дар хобат биёям дер ё зуд.
Бигӯям дар миёни хобу рӯъё
Диламро, ҳамчунон бар гӯши маъбуд.

## НАРДБОНИ ХОС

Ин аҷаб бин,
ҳар касеро, к-ин замин парвард,
Чун мулоқоти самову нуру анҷум рафт,
Нардбонро низ бо худ бурд.

Балки медонист, бешак,
дигареро нардбони ӯ
З-осмон бар хок хоҳад
сарнагун овард.

## ДАР РАҲИ ШАББОДА ЁДАМ СОЗ

Эй, ки дар номат навову нағмаи шодист,

[15] Мазмуни ин байт аз А.Блок.

Ҳамчу номат сабзу шодам соз!

Чун суруди номи худро бишнавӣ аз чаҳ-чаҳи мурғон
В-аз шукуфтанҳои гулҳову
чаманҳои пур аз гулбонг
В-аз танини болҳои нарми шаббода,
К-он шабонгаҳ меравад,
то чун насими субҳ ояд боз,
Дар раҳи шаббода ёдам соз,
бо як ёд садчандон зиёдам соз!

Ин дарахтони тановарро ба паҳлуям бародар деҳ,
Чашмаҳои сабзро хоҳар.
Кӯҳҳоро пойгоҳе бар фаро рафтан,
Осмонро ҳамчу сайрони кабӯтарҳои чашмонат,
ки дар он бол хоҳам зад,
В-ин хати парвози худро бар фаросӯҳои қалби ту, –
То қирони ду ситора фол хоҳам зад,
Баски бо номат шавад анҷом ҳар шомам,
Субҳам оғозад.

Як сабад дидор мехоҳам ман аз ҳар субҳ
Бо сафойи савсани рӯят.
Як ҳарам оғӯш мехоҳам ман аз ҳар шом
Бо абирафшони гесӯят.

В-он чӣ дигар боз мехоҳам,
Бишнав аз боде, ки аввал менавозад
шохсоронро,
Пас чунонаш дар камар печад, ки натвон дид,
Ҷуз ба ҳам печидани пурҳавли шоху боду боронро,
Нутфабандии баҳоронро.

Эй, ки дар номат навову нағмаи шодист,
Ҳамчу номат сабзу шодам соз,
Дар раҳи шаббода ёдам соз,
бо як ёд сад чандон зиёдам соз!

## ЁРИ ЯККАҲО – ХУДО

Бигӯяндам, ки ҷуфти анҷуман бош,
Ки танҳоро гурез аз мову ман нест.
Макун беҳуда бо ин ҳарф пархош,
Ки як гул як баҳору як чаман нест.

Бигӯям, гар туӣ бо хеш масъуд,
Ҷудо аз тӯдаҳо мебошу анбӯҳ,
Ки як тан мерасад бар кӯйи мақсуд,
Ки як тан мезанад парчам сари кӯҳ.

## ҚИСМАТИ ШОИР

Шаби ялдо биҷӯйӣ субҳи макнун
Зи сардиҳойи дай урдибиҳиште.
Зи наҳси даҳри ифритони малъун
Биҷӯйӣ шаҳри ҳурони биҳиштӣ.

Зи хайли душманон ту дӯст ҷӯйӣ,
Баландиҳо бибахшӣ ту ба ҳар паст.
Хӯрӣ неш аз ҳаёту нӯш гӯйӣ,
Чӣ чора, қисмати шоир ҳамин аст.

## ТАМАННО

Донаеро мекашад бар дӯш мӯр,
Мурғе аз он мерабояд донаро.
Мурғро гирад вале бози ғаюр…
Зиндагӣ ном аст ин парвонаро.

Гоҳ ҳайронам ман аз ин моҷаро,
Гоҳ шояд бошад онам муштарак.
Меравад як нимаи даврон маро,
То ман аз маънош меёбам дарак.

Хаста гашта рӯзе аз афту дарафт,

Чун равам аз даҳри некию бадӣ,
Кош ин ҷо халқ гӯяд: Ҳайф, рафт!
Гӯядам он ҷо малак: Хуш омадӣ!

## НИМШӮХӢ, НИМҶИДДӢ

Наёрам зам кунам ҳарфе ба ҳарфе,
Нахоҳам кам кунам хуни ҷигарро.
Чу аз шеърам набошад дахлу сарфе,
Равам, гирам сари кори дигарро.

Бурам сарнавдаҳои тут ё бед,
Сабадбофӣ кунам аз субҳ то шом.
Бичинам дар сабад гулҳо ба уммед,
Нависам дар сабад бо гул варо ном.

Барам, пушти дараш монам саҳаргоҳ,
Набинад, то касе дар гирду атроф.
Аҷаб ёру аҷаб ошиқ, ки ногоҳ
Суханбофӣ бимонду шуд сабадбоф.

## ИН КАДОМИН БОҒ МЕОЯД?!

Ин кадомин боғ меояд,
Ин кадомин боғ атри хешро дар чанбари гесӯ-ш меорад,
Ин кадомин боғ бишкуфта ба парпарҳои домонаш
Чун ту меойӣ чамида, раҳ ба раҳ гулбарг меборад.
Ин кадомин боғ меояд.

Ин кадомин боғ меояд,
К-ин ҳама овойи гардунсайри мурғони биҳиштиро
Медиҳад аз арғунуни шохсори сабзи худ парвоз,
То замину осмон пур мешавад аз нағмаву овоз.
Ин кадомин боғ меояд.

Ин кадомин боғ меояд,
К-аз зулоли чашмаҳояш ҳар қадам ойинабандон аст,
Сабза дар оғӯши обу обҳо бо сабза дар оғӯш
Ҳамдигарро қиссаҳои ишқ мехонанд зери гӯш.

Ин кадомин боғ меояд.

Ин кадомин боғ меояд,
К-аз кадомин сӯяш ойӣ, сӯйи гул ойӣ
В-аз кадомаш ҳам равӣ, бо бӯйи гул ойӣ,
Ё магар ҳар чор сӯяшро ҳисоре бастаанд аз гул?
Ин кадомин боғ меояд.

Дар бувад ин боғро шояд?!

## ДАРАХТИ АРЧАИ КӮҲАМ...

Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,
Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест.
Набошадам ҳаваси нозу ишва кӯйи ба кӯй,
На боғ мераваму на хиром донам, чист.

Маро ба даргаҳи аъён касе ба ҷилва надид,
Ки оварам ба насиме ба сӯйи он таъзим.
Ману дуруштии харсангу бодҳои шадид,
Тагаргу селгаҳу хавфи тармаҳои азим.

Чу ҳар касе ба баландии қулла гирад роҳ,
Бигирам аз дасташ, то маро расо даст аст.
Манам баландравонро чу дастгиру паноҳ,
Ба назди қомати пастам ситеғи куҳ паст аст.

Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,
Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.
Зи тафси тобаи санг об ҷамъ карда манам,
Ки дар тамуз нагардад гиёҳу гул хасу хор.

Чу чашмаҳои куҳистон зи ман шаванд оғоз,
На бар карашмаи шамшоду сарв корам ҳаст,
На бар тағаззули сарводагӯйи қофиябоз,
Ки дид қадди маро назди сарву гуфто: Паст.

Агарчи нест баробар ба сарви боғ қадам,
Муқими хоки баландам, маро ту паст мадон.

Ба ҳар баландраве дастгири муътамадам,
Ба хоки паст махонам, маро ба паст махон!

**БИЁ БО МАН!**

Биё бо ман,
Агар дар осмони синаат хуршед пайдо нест,
Ҳавои хотират абристу буғзе ба дил дорад.
Вале боруги раъде нест, то тарконадаш як бор,
Ки чашмонат шавад равшан,
Ҳаво борад.

Биё бо ман,
агар дашти дилат аз лолаҳо холист,
Ва мавҷи нарми гандумзорҳо
аз ёди ту рафта,
Дигар ин дашт як саҳрои сӯзонест,
Ки хокаш регу регаш тобаи тафта,
На ёди ҷуйбораш мондаву обе,
На дар бедориву хобе.

Биё бо ман,
агар дар дашти ту оҳу ҷуз оҳе нест
Ва ё дар пеши чашми ошиқат оҳунигоҳе нест
Ва ё дар арсаи мардони размовар,
ки ҷойи пештозиҳост,
Далерию далератро
саманду пойгоҳе нест.

Биё бо ман, ки набвад ҳеҷ ҷойи шикваву афсӯс,
Ки ин як лаҳзае, онест,
Ки ҷовидон дурахшад бар сарат
як осмон хуршед,
Ки дашти лолаҳоят зери по қолии алвонест
Ва оҳуҳои чашми ошиқи Лайло
Ба ду паҳлуйи Маҷнуни хиёбонест.

Ту худ, к-аз Хоҷаи Ҳофиз наӣ

ҳаргиз ба ҳиммат кам,
Ба холи тоҷикии пушти лаб
ин ёри моро ҳам,
Чӣ мушкил,
гар бубахшӣ яксара Порису Ланданро,
Ки кайҳо рафтааст аз даст, сад ҳайфо,
Самарқанду Бухоро ҳам.
Биёву тоза ҷон бахшой расми ҳадя карданро.

Биё, к-ин курраи сабзи Замин
дар зери пойи туст,
(Чу он гирд аст чун гирду),
Ба ҳар ҷояш
қадам бардориву монӣ,
Ту андар маркази онӣ
Ва ё худ меҳвар астӣ ту.

Биё, як осмон исторaҳову моҳтоб аз туст,
Шабе зеботар аз ҳар шеъру афсона,
Ки ин шаб ғайри парвозат набошад
чорае дигар,
Ки кай гунҷад дили парвозият
дар сина, дар хона?!

Биё, к-имшаб туро ҷашни арӯсӣ асту домодӣ,
Агар шодӣ ҷаҳон дорад,
бигир аз туст ҳол ин як ҷаҳон шодӣ,
Ба юмни ишқу бедорӣ,
Ба юмни он ки дил дорӣ.

## ПАРВОЗИ БЕАНҶОМ

Куҷо табъи худододе, ки шоёнат ғазал гӯям,
Ки гардад як қалам ҳуснат ба рӯи сафҳаам зоҳир.
Туро ҷонофарин аз ҷони ширин офарид, алҳақ,
Мани ҳарфофарин аммо чӣ сонат офарам аз ҳарф,
Куҷо ҷонофарид асту куҷо ҳарфофарид, охир.

Набошад дар забон ҳарфе, ки ҳамранги лабат бошад,

Ки аз дил орамаш беруну бо лаб бар лабат монам.
Ба ҷонам ҷони нав бахшад лабони хандаомӯзат
В-агар бошад насибам сӯхтан хомӯш дар оташ,
Лабони шӯълаворат беҳ, ки дуриҳои ҷонсӯзат.

Чу дидам чеҳраат хандон, яқин шуд, нест ин сон гул,
На андар бӯстони ҷон, на дар бустони рангу бӯй.
Наёрад ҳеҷ шоир кард васфи ин гули худрӯй,
Ба сад санге занад сарро, шавад сад бор ҳам булбул,
Ки ин гул нест дар бустону ҳарфаш нест дар дастон.

Набошӣ ту ба гулшан гул,
манат ҳам дар чаман булбул,
Биё, дигар раҳо созем ҳарфи ҳини дақёнус,
Ки гул пеши рухат хор аст
Ва ошиқ ҳам набошад на ҳазоровову на қақнус,
Ки дастони чунин ишқе нагунҷад дар ягон ғулғул.

Ту шояд дар дилам рангинкамони баъди боронӣ,
Ки бандиям камар бо ҳафт ранги осмонияат
В-аз ин хокам раҳонию диҳӣ шаҳболи парвозам
Ба гардунҳои ишқу орзуҳои ҷавонияат,
Ки гар оғоз мехоҳӣ, ҳамин аст асли оғозам.

Бале, парвоз ҳам мехоҳаму оғоз ҳам аз нав,
Кунам парвоз бо номи туву бар сӯйи боми ту.
Бале, ишқи ту дар ҳар гоҳу ҷой оғози парвоз аст,
Ки аз қалби ман оғозад ба уммеди давоми ту,
Хуш он парвоз, к-онро интиҳо парвоз бошад боз!

## БОМДОДИ НУР

Бомдоди тоза меояд,
Мурғакон дар пардаҳои шохсорон мезананд оҳанг,
Баргҳо якрез мерақсанд.

Нағма мехезад на танҳо аз канори кӯҳ,
Нағма мехезад ба нармӣ аз дили ҳар санг.
Бомдоде, бомдоди нағмаву арғушт,
Бомдоде, к-омада моро пас аз сад пушт.

Бо ту, эй субҳи ҳумоюнфар,
Метавон бо навбаҳори сабзу атласпӯш
Пӯстинҳои зимистонро зи тан барканд
Ҳам ба дастон дастаҳои лолаи аҳмар
Ончунон рақсиду пое кӯфт сармастонаву мадҳуш,
К-аз шарори лолаҳову гармии дилҳо
Ҳар кучое ҳасрату дард аст дар таҳхонаи ҳастӣ,
Ҳамчу қуттиҳои пурборут якбора ҳама тарканд.

Метавон бо ту гиёҳи меҳрро дар синаҳо корид,
То шавад марзи дилу ҷонҳо саросар марғзори нур.
То ки дар водии имону умеду ишқ
Сахт набвад ин замин ҳаргиз
Осмон ҳам аз сари мо дур.

Рӯзҳо пурбор
Чун сипеҳри навбаҳор обистани борон,
Як тараф бар қомати гардун қабои нур,
Як тараф пироҳани борон,
Абрҳо ҳамчун сарандози арӯсӣ рахт нашкаста,
Осмон чун шаҳ камар бо фӯтаи рангинкамон баста,
Рӯз рӯзи васлу дидор аст,
То замину осмон ёр аст.

Метавон, эй бомдоди нур, бо ту низ
Дардро дармон бикарду ғуссаро ночиз.
Мардикори рафтаи тоҷикро аз кишвари ғурбат
Дар канори завҷаи армонияш овард,
То ки ин зан бошаду ӯ мард,
То нагиряд хун зани ноком танҳо бар сари турбат...

Бомдоди тоза меояд,
Гомҳояш гомҳои нағмаву шодӣ,
То ки моро шод дорад дар тулӯи субҳи озодӣ.

Бомдоди тоза меояд,
Дар дили мо ҳам умеди тоза мебояд,
К-аз шарофатҳову файзи бомдоди равшану масъуд
Метавон бехавф акнун рӯзро паймуд,
К-он нахоҳад гашт ногаҳ шоми ғамфарсуд.

* * *

– Чист сарчашмаи илҳоми Шумо?
– Гар наранҷед, ҳамегӯям рост:
Пурсиши булъаҷабу хоми Шумо.

## ШОҲРОҲИ НАНГ Ё ДЕВОРИ САНГ

***Эҳдо ба устод Муъмин Қаноат***

Хоб дидам ба машини хушранг
Бинишаста ману ту танготанг,
Боз аз ҷумлаи мо, як-ду нафар,
Банди номусу писархондаи нанг,
Он қадар тунду парон мерафтем,
Ҳар кӣ медид, ҳамекандаш ҳанг.
Сад карат тезтар аз суръати тир,
Аз камоне, ки кашиданд таранг.
Ҳар чӣ будӣ ду тараф, чархзанон
Чарх мерафт ҳамоно чун чанг.
Ҳама парвозу шитобу суръат,
Номе аз ист набудиву диранг.
Лек ногоҳ фуруд омад меҳ,
Пеши раҳ парда зада сад фарсанг.
Ғарқи худ сохт ҷаҳони равшан,
Баста шуд мадди назар, дилҳо танг.
Чашм дар қулзуми меҳ меғӯтид,
Гӯш мезад зи дави мошин занг.
Мепаридем вале мо чу садо,
Гаҳ ману гоҳ ту фармон дар чанг.
Ҷони бинанда ба мо меларзид,
Ҳар қадар буд инонтозу заранг.
Гуфтам, эй ҷон, дигар асло набувад,

Ки кунӣ суръати пасте оҳанг.
Ҳар чӣ пеш аст, ҳамон қисмати мост,
Суръат афзой, намебояд ланг.
Он чӣ мо хоста – шаҳроҳе нанг,
Он чӣ он хоста – деворе санг.

* * *

Маънии садди Чин –
Яке аз муъҷизаҳои аҷаби олам чист?
Адами ҳусни тафоҳум
Байни мардум.

* * *

Гарчи матлуби шумост,
Ё бувад номатлуб,
Ҳар ду бо ҳам чӣ қадарҳо моност,
Шафақи субҳдаму ранги ғуруб.

* * *

Чӣ аҷаб зиндагиест,
Ки ҷавони-м ба даъвии хирадмандӣ рафт,
Лек пиронасар акнун дорам
Дар саропардаи ишқ афту дарафт.

* * *

Байни соҳибҳунарон
Ба чӣ нозам, ки дар ин даври қамар,
Ҷуз зи ҷон дӯсттарат доштанам,
Дигарам нест ҳунар.

* * *

Гарчи дар кишвари мо
Ҳамчу дар Қутби Шимол
Нест шабҳои сафед,
Лек бошӣ огоҳ,
Ки шабам бо ту сафед,
Рӯзи ман бе ту сиёҳ!

## НОЗИ ЛАЙЛО

***Ба Ҳақназар Ғойиб***

Агар Кӯлоб мегӯям, дилам як баҳру бар меҳр аст,
Намедонам, вале ин меҳри Кӯлоб аст ё аз туст.
Дар он ҷо ҳар гули атрӣ ба чашмам Ҳақназарчеҳр аст,
Чу дар барги гули сурӣ ба ҳам печида рангу бӯст.

Ало, эй ошиқи гулҳо, чӣ мехонанд булбулҳо,
Ки гулҳоро дар ин сардӣ дигар майли шукуфтан нест.
Гулӯи булбулон афтода бозонро ба чангулҳо,
Чаман фарёди хомӯшист, аммо марди гуфтан нест.

Дилам дар меҳри ту доғу надорам ормони боғ,
Гулам дар сина пажмурду навоям дар гулӯ ях баст.
Ба ҷойи мову ту дар боғи сармохӯрда хонад зоғ,
Чӣ чора, бар сари мо осмони ҳафтум ояд паст.

Азизам, Ҳақназар, бо он дили пурдарду бедармон
Таги гардуни бедардию беишқӣ дигар чунӣ?!
Биё, дар хонаи ман шаб суруди нози Лайло хон[16],
Ки оташ дарзанам дар бешаи ақли фалотунӣ.

* * *

Эй куҷойӣ, ҷавонии бебок,
Он, ки рӯзе туро наҷӯяд, кист?!
Мешавам пуртаҳаммулу ғамнок,
Ин агарчи нишони пирӣ нест.

Орзуи маро, ки нест завол,
Ғами худро нишот мегӯям.
Гарчи мӯям сафед шуд, то ҳол
Маъние аз ҳаёт меҷӯям.

---

[16] Ишора ба сурудест, ки Ҳақназар Ғойиб хонданашро дӯст медорад ва дар суҳбате дар хонаи ман ҳам хонда буд:

Ба нозе, ки Лайло ба маҳмил нишинад,
Ғамаш дар ниҳонхонаи дил нишинад.

*    *    *

Эй, ки дар даст туфанг,
Дар шикорат набувад ҳеҷ даранг,
Дар қаровул* ту агар
Чашми оҳуии оҳу бинӣ,
Битавонӣ, ки кунӣ пахш куланг?!

*қаровулаки милтиқ, нишонагирӣ

*    *    *

Аҷабам ояд беш,
З-он кӣ аз ҳар ду ҷаҳон норозист,
Лек розист аз хеш.

## РӮ БА ХУРШЕД БИРАВ!

Ҳеҷ бинӣ,
Офтоби ту агар пушти сар аст,
Доимо соя зи ту пештар аст.
Сояат, то ки нагирад ба гарав,
Рӯ ба хуршед бирав!

## ОЙИНАВУ ҚАЙРОҚУ ШОНА

Меравад чобуксаворе тундтар аз бод,
Мепарад мавҷи шарор аз наъли сумҳои саманди ӯ,
Дар нигоҳаш ҷуз уфуқ манзар наояд ҳеҷ,
Дар буни гӯшаш ғиреви деву вижжоси каманди ӯ,
Ки сареъу тунд андозад,
ки афтад ин савор охир ба банди ӯ.

Меравад чобуксавор, аммо ба тундӣ тундтар аз бод,
Бодро, к-ӯ медарад сина,
ба нолиш мекашад фарёд.
Мепарад сӯйи уфуқ чобуксавори род.

Мебарад дар ҷайби худ тухми дарахти нуру бинойӣ,
К-аз таҳи болини деви хоби бадҳайбат рабудаст ӯ
Баҳри дармони ду чашми ҷадди нобино.

Охир аммо мерасад наздиктар, наздиктар он дев,
Мерасад то шаҳсавор алҳол партоби каманди ӯ,
Ваҳ, мабодо, к-ин дам афтад
шаҳсавори мо ба банди ӯ.

Шаҳсавор аз пушти сар дар пойи дев ойина андозад,
К-он шавад дарёи пуртӯфон.
Дев худро мезанад бар он.

Меравад чобуксавор аз нав ба тундӣ тундтар аз бод,
Бод мехонад ба гӯшаш қисса бо фарёд,
К-эй ҷавони род,  дар дахри кажойинон
Нест, к-асло арсаи шаъну ҷавонмардӣ,
Арса танҳо арсаи номардию фанд аст,
Мисли ту озодагонро пой дар банд аст.
З-ин сабаб тухми дарахти нуру бинойӣ
Дар таҳи болини санги деви кинманд аст.

Баски девонро ба инсон арсаи пайкори мардӣ нест,
Метавон онро фақат акнун гурезон оварӣ бар даст.
Даргурез аз дев ҳоло тундтар аз ман,
ба гӯши шаҳсавори род хонад бод.

Лек аз нав мерасад наздиктар, наздиктар он дев,
Шаҳсавор аз пушти сар қайроқ андозад ба пойи ӯ,
К-он шавад кӯҳи баланди осмонбӯсе.
Дев худро мезанад бар кӯҳ.

Меравад чобуксавор аз нав ба тундӣ тундтар аз бод,
Бод мехонад ба гӯшаш қисса бо фарёд,
К-эй ҷавони род, ҳоло давр даври рангу найранг аст,
Дев, к-аз пушти ту метозад,
Бурда аз аҳли замон тухми дарахти нуру бинойӣ,
Кӯр мехоҳад башарро, кӯри модарзод.

Баски бар кӯрон давое несту атроф зулмонист,
Ҳар куҷое шишаи қалби адолат хӯрда бар санг аст.
Даргурез аз дев ҳоло тундтар аз ман,
ба гӯши шаҳсавори род хонад бод.

Боз аз нав мерасад наздиктар, наздиктар он дев,
Мерасад бар шаҳсавор ин бор партоби каманди ӯ.
Банд аз сар мебарад паррон кулоҳашро,
Дастаи зулфи сияҳ
ошуфта меафтад ба дасти бод,
Эй Худойи пок,
агар дорӣ ту гӯше,
бишнав оҳашро:

Чун набуд дар марзу буми мо ҷавонмарде,
Боядам бо духтарӣ паймуд ойини ҷавонмардӣ
Ҳам рабуд аз деву дад
тухми дарахти нуру бинойӣ,
То шифо ёбад падарро чашми нобино.
Гар падарро дидаи бедору равшан нест,
Кист,
к-авлоди варо роҳе намояд
сӯйи фардо,
кист?!

Эй Худойи пок,
дар рӯйи раҳи фардо суботам деҳ,
Духтари покам,
зи дасти деви нопокат
наҷотам деҳ!

Боз аз нав мерасад наздиктар,
наздиктар он дев,
Шаҳсавор аз тораки худ
шона андозад ба пойи ӯ,
К-он шавад як ҷангали анбӯҳ.

Худ вале он дев
деви ҷангали анбӯҳи зулмонист,
З-он тавонад ки биёяд дарзамон берун.

Лек ҳайфо,
з-ин агар чобуксавори род огаҳ нест…

## ТАСАЛЛО БА ОЗОДМАРДЕ

Субҳи гармо медамад гарму ҷигарсӯз,
Чораспа мерасад хуршед, гӯё
Шаб нарафта, мешавад рӯз.

Пас чунон сӯзондаву воистад дер,
К-одамон гӯянд, эй кош, аз сари мо
Зудтар рафтӣ, ки кардимон нафасгир.

Чун гиронхез аст хуршеди зимистон,
Лаҳзае дар шишаи ях рух намуда,
Рӯйи сармохӯрда созад зуд пинҳон.

Мардумаш гӯянд, кош, аз пешу пасҳо,
Чашмаи бетоби хуршеди гурезон,
Об мекардӣ ту яхбанди нафасҳо…

Ҳамчунон то ҳол ҳеҷ озодмарде
Дар замони худ назода.
Чун Худои огаҳ ӯро
Зуд ё ки дер дода.

## МУЪҶИЗА

Ба замин Хизр асоро дарзад,
Чашмаи оби ҳаёте сар зад.
Пирае дар талаби умри абад
Рафт, аз он чашма, ки обе нӯшад.
Чун ҳамехост барад об фурӯ,
Об мондаш ба гулӯ,
                    ҷон дод ӯ.

## НОНИ ДУЗДӢ

Он яке бо ҳама макру тазвир
Ватану халқи варо ғорат кард,
Ҳаргиз аммо нашуд осудаву сер.

Дигаре бо араќи шӯри ҷабин
Ними нон ёфту бо обе хӯрд,
Буд қонеъи ҳамин.

Чӣ тазоде, чӣ тазод,
Чӣ тазоди сифати инсонӣ,
Ки яке гушна ба ними олам,
Дигаре сер ба ними ноне.

Гӯяд ин қисса, ки дар ёд бигир:
Нони duздӣ накунад асло сер.

## ҶАҲОНИ САҒИРУ КАБИР

Он Худое,  ки сохт оламро,
То диҳад шакл шодию ғамро,
Офарид одаме –
                                        ҷаҳони сағир,
Ки нагунҷид дар ҷаҳони кабир.

## ОФАРИНИШ

Шукуфад то арӯси шохаи себ,
Бувад гулбоди гулшанро талабгор.
Нигаҳ дорад Худояш аз ҳар осеб,
Ки дар шеърам гул афшонад дигар бор.

Ба дарё мезанад хуршед худро,
Мабодо, к-аз қиёми хеш сӯзад.
Диҳам таскин бад-ин уммед худро,
Ки хуршеде дар ашъорам фурӯзад.

Сиёҳӣ бурда аз чашми сияҳмаст,
Шавад дар хум шароби ноб ангур.

Ба он ангури шаҳло шеъри якдаст
Чунон гӯям, ки гардӣ масту махмур.

Самои барфрез ангезад эъҷоз,
Кунад рӯйи заминро нукраборӣ.
Наояд дар назар анҷому оғоз,
Ҳама толобу ҷӯй алмоскорӣ.

Чунин аксе ба шеъри хеш дидан,
Маро гӯ баҳраи ломунтаҳоист.
Валекин ҳар ду олам офаридан,
Варо як кори одии Худоист.

Ба ҷуз гуфтан Худову бандаат ман,
Чӣ кори дигарам меояд аз даст,
Ки то дунёст, натвонам ситудан
Ҳамонро, к-ӯ ба як дам офаридаст.

## ТАБДИЛ

Мор
Шояд аз мории худ шармида,
Пӯст мепартояд.
Лек дорам аҷабе,
Ки дар анҷоми кор
Боз дар сурати мор
Тоза дармеояд.

## АЗМИ АРХИМЕДӢ

Бошадам чун Архимеде азму рой,
К-ин Заминро якка бардорам зи ҷой.
Лек холияш кунед аввал каме
Аз гуноҳи одамӣ.

**ФАРЁДУ ХОМӮШӢ**

Ҳеҷ оё шунидаӣ, фарёд
Назди хомӯшие биёяд паст.
Гаҳ хамӯшии шоир аз фарёд
Гӯш деҳ, сад карат баландтар аст.

## ДАР ТАЗМИНИ РОБИНДРОНАТ ТҲАКУР

Сари гул таъна ба занбӯри асал
Мезад оруи газанда ба масал:
Натавонӣ, ки ба ман даргирӣ,
Ман, агар неш занам, мемирӣ.
Гул, ки ин даъвии ору бишунуфт,
Ҷойи занбӯр ба он ору гуфт:
Ҳосили умри ту гар неш шавад,
Ҳеҷ донӣ, ки варо нӯш бувад?!

## ХУД ЧАРОҒИ ХЕШ БОШ![1]

***Нигоҳе ба ҳайкали 14-метраи Будо, ки дар Аҷинатеппа пайдо карда шуда, дар осорхонаи бостоншиносии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешавад.***

Эй ту, Будое, ки дар тандис садҳо сол
Будаӣ дар нирвоно[2] зери ин хоки куҳанбунёд,
Чун биёбам, ки чӣ будат ҳол,
Ё чӣ гуфтӣ бо сукутат дар гулӯ фарёди бефарёд.

Ин Аҷиннатеппа донад, ки туӣ донандаи асрор[3],
Чун ту инҷоиву онҷойӣ[4],
                    Тасоготои[5] дар хилват,
Даст зери гӯш монда, хуфтаву бедор[6],
Рӯз ҳатто дар миёни маҳшари бозор
                    чун дар гӯшаи узлат.

Нирвонои ту медорад маро ҳушёр,

То бубинам инҷилои бомдоди ҳастии худро
Дар Нишобуру Хуҷанду Омулу Фарғонаву Фархор,
То канори Ҳинду дарёбор.

Омада – рафта[7], ту дар хоки ниёконӣ,
Ганҷ дар вайрона, эй шаҳзодаи яктои эронӣ,
Яъне аз таҳреша тоҷику хуросонӣ,
Карда тахту тоҷи шоҳиро раҳо
дар кӯйи инсонӣ.

То куҷо
ё нокуҷоҳо
мебарӣ худҷӯиям ин бор,

Бар чӣ рамзе мекушояд
дидаамро чашми дилбинат,
Дар чӣ ранҷеву чӣ ганҷе
мешиносонӣ маро осор,
Ё ки меёбам давоми хешро дар Чину Мочинат.

Шашҳазорон сол пеш аз ин ҳазора
ё аз он ҳам беш,
Чун Худойи якка бо Зардушти аввал
гуфтугӯ мекард,
То рисолат додашу ойини дини хеш,
К-ӯ бутону бутпарастонро
Бутшикан карду ба тамҷиди Худо овард.

Ё аз он ҳам пеш
дар хуршедии айёми митройӣ[8],
К-офтоб аз аввалин маъбуди равшанройи одам буд,
Одамиро равшанию меҳри олам буд,
То зи такрими каюмарсию зарвонӣ[9]
расид ӯ бар аҳуройиву маздойӣ[10].

Ҳар қадар меҷустӣ осоре Аҳуророву Маздоро[11],
Лек танҳо дар замири хештан дидию
додӣ панҷ дастурат[12],
Ки: макуш, кизбе магӯ, дуздию бадмастӣ макун,
ҳаргиз маҷӯ лаззат,

«Худ чароғи хеш бош!» - омӯхтӣ моро.

Кас нагардад дар диёри хеш пайғамбар,
надорад ин масал пирӣ,
Гарчи даъвият набуд пайғамбарӣ,
тақдиси инсон буд,

Аз ватан рафтию рафтӣ ту
фаротар аз ҳама мавҷуду номавҷуд,
На фақат аз банда,
ҳатто аз Худоёни ҳақиқиву асотирӣ.[13]

Баски бартар аз Худоён бурдаӣ ту иззати одам
Бо хамӯшиҳои гӯёеву гӯёйии хомӯшат,
Ман ба ними даҳр, ки ту
бо хамӯшӣ кардаӣ тасхир,
На, саҳеҳ ар гӯямат, танвир,
Аз баландии худодорӣ
ба зери пойи ту хомӯш меафтам,
К-аз ғиреви ин хамӯшиям
фиғон мехезад аз ҳар сӯву ҳар бесӯ
К-аз ҳама банду алоиқ
кандаму ворастам, озодам,
То расам бар хештан ё бар Худойи хеш, ё ҳар ду!

---

1 Аз таълимоти Будо
2 Ҳолати ба равшанзамирӣ расидани Будо
3 Аз сифатҳои Будо
4 Аз сифатҳои Будо
5 Тасогото – Тосогото номи хилвати Будо
6 Аз сифатҳои Будо
7 Аз сифатҳои Будо
8 Аввалин бовар ва ойини ҷаҳонгароии мардуми эронинажод
9 Ойинҳои пасазмитройӣ
10 Худоҳои тавоноӣ ва доноӣ, ки пасон дар ойини Зардушт якҷоя Аҳуромаздо номида шуданд.
11 Будо, ки дар қарни 5-6 пеш аз милод зистааст, таълимоти Зардушти аввалро, ки 5 ҳазор сол пеш аз милод ба дунё омадааст, дар назар доштааст.

[12] Аз дастуроти асосии ойини Будо
[13] Дар мазҳаби буддойӣ, аз Будо - инсони ба равшанзамирӣ расида мавҷуди болотаре нест.

**ИШҚУ ФАРВАРДИН**

Эй баҳори сабзи армонҳо, ки меойӣ,
Як чаман алвони гулҳо дар бағал дорӣ,
Бар сарат як осмон хандидани хуршед,
Шохсори мурғакон масти ғазал дорӣ.

Зиндагӣ зебост бо ту,
зиндагӣ зебост,
Зиндагӣ зебост он ҷое, ки гул хандад,
нагардад хор,
Чашмаҳо ҷорӣ ба оҳанги биҳиштии навозишҳо,
Осмон саршори хуршед аст,
Зиндагӣ ёр асту бар дӯшат нагардад бор.

Чун бувад дороият хуршеди гардунсайр,
Ҳоҷате набвад, ки пинҳонаш кунӣ дар оҳанин сандуқ,
Ё ки дар таҳхона,
ё бонки диёри ғайр.
Баски дорои-т дуздӣ нест,
Дар паяш ҳам ҳеҷ дузде нест.
Дузд гардад дар паси дороии дуздӣ.

Зиндагӣ зебост бо ту,
эй баҳори сабзи рӯйишҳо,
Руйиши сахте зи таҳти санг чун торон,
Рӯйиши софу сабук аз абр чун борон,
Баски макру ҳилаи аҳриманиии шум
Ҳеҷ натвонад, ки як дам боздорад хокат аз рустан,
Абрҳоятро зи боридан,
Шохсорони туро аз муғча барбастан.

Эй баҳорони аҳуроӣ,
шукуфоиву зебоӣ,
Чист хушбӯтар зи шохи сабзи наврӯзии фарвардин,

Чист хушрӯтар зи муйи майдабофи духтари тоҷик,
К-аз бару дӯшаш чу зулфи сабзи маҷнунбед мерезад,
К-ин дуро ман ин саҳар бо ҳамдигар
пайванд хоҳам зад,
То баҳору ишқ бо сад реша пайвандад,
Дил, ки худро баста буд бо ишқу фарвардин,
Боз сад бори дигар бандад.

* * *

Нигаҳи шефтаамро дида,
Гуфтиям хандида:
– Магар аз рӯйи манат маҳ дидӣ?
Ман зи рӯят оё маҳ дидам?
На,
ду оламро аз моҳӣ то маҳ дидам!

**ТОАТИ ИШҚ**

Гар набуд хилватнишинро ройи ин дунёияш,
Мепазируфтам ба ҷони хештан танҳоияш.
Гавҳари салсоли инсон дар азал аз ишқ буд,
Лек ваҳшиёна омад фитрати колоияш.
Чун аён дидам чӣ буда дар паси пайдои даҳр,
Сад пушаймон хӯрдам аз ин дидаву биноияш.
Дил гирифтам аз ду рӯйи порсо, тардомане
Хуштарам омад ба якрӯйиву бо якроияш.
То ба номи ишқ тоат кард шоме рӯспӣ,
Ҷонамози шукр кардам домани иброияш.
Гарчи шӯри ишқ Маҷнун кард садҳо Қайсро,
Ишқ оне кам накард аз шеваи лайлоияш.
Осмоно, чанд дорӣ боз қасди суданам,
Ҷонам, охир, нест фӯлод, ин қадар месоияш.
Нобаҷо менозӣ аз худ, к-ахтаронат равшананд,

Тор будӣ, гар набуд меҳри ману маздоияш.
Зулмати Табрез ҳам равшан нашуд аз ҳеҷ Шамс,
Гар Ҷалолиддин набуду фарри мавлоноияш.
Хилвате хоҳам ба ӯ, то рози ҷон ёбам, ки чист,
То нахонам баъд аз ин инҷоияш, онҷоияш.
Ақл кардам гарчи тасхири фалак, то ҳол лек
Гӯш бар афсуни дунё дораму лолоияш.

*   *   *

Эй сабзтар ба қомат аз шохаи баҳорон,
Аз сурхии лабонат гул бурдаанд анорон.
Гар сабзу сурхи гулшан урдибиҳиштгоҳ аст,
Гулрези чор фаслӣ дар дашти рӯзгорон.
Бар мо гузар, ки бӯсем поят в-агар биранҷӣ,
Узр оварему гардем бартар зи комгорон.
Бӯсидани лабу рух дар ваҳми мо нагунҷад,
Гар рух диҳад, нагардем аз хайли тавбакорон.
Поят зи бӯсаи мо гарде нагирад асло,
Чун покӣ аз пайи ту бурданд чашмасорон.
Аз мавҷи гесувонат, к-аз дӯши ту бирезанд,
Кас ҳеҷ дида оё мавзунтар обшорон.
Лабҳои лолаатро дидам, ки дил маро гуфт,
Гирам зи лолазорон, шодам ба лолаворон.
Субҳ ин тағаззули ишқ гуфтам, ки шояд ин шом
Дар гӯши ту бихонад оҳанги боду борон.

*   *   *

Эй баҳори боронҳо, муғчабанди наврӯзӣ,
Хандаи гулам омӯз, на ки гиря омӯзӣ.
Корвони абри ту бор дар уфуқ андохт,
Карда домани гардун лолазору гулдӯзӣ.
Ман, вале ба субҳам рӯй то ба соҳати олам

Дар диҳад чароғашро меҳри оламафрӯзе,
То ба чашми ҷон бинам ман фурӯғи он ойин—
Бар ниёзи худсозӣ имтиёзи худсӯзӣ.
Чун ниҳоят ин раҳро сарзамини хуршедист,
Шаб ба шаб ба ҷонсӯзӣ мерасам ба он рӯзе.
Ҳолиё баҳорам деҳ, сабз баргу борам деҳ,
Эй, ки аз ту сарсабз аст рӯзгору ҳам рӯзӣ.
Шохаи муҳаббатро дар ҳавои ҷон бишкуф,
Дар замини дилҳо сӯз тухми кину кинтӯзӣ.
Ҳайф бошаду сад ҳайф дар диле ба фарвардин
Ҷойи хор-хори гул хориву зуландӯзӣ.
Ошиқона хуш бошад сар ба пойи гул бозӣ,
Дар диҳӣ дилу ҷонро шавқе, оташе, сӯзе.
Дар сипеҳри армонҳо хоҳамат ба ҳар фасле
Моҳтоб ҳар шоме, офтоб ҳар рӯзе.

* * *

Эй бомдоди наврӯзӣ, эй ояи аҳуройӣ,
Ин худ биҳишт меояд ё ҳуриёна меойӣ?
Пайғоми анбаринатро аз мовароি ҳафт иқлим
Рақсону хушдимоғ орад атри насими саҳройӣ.
Гоҳе ки осмон рафта дар абрҳои андеша,
Нозад замин ба нози гул мафтуни чеҳраоройӣ.
Чун чашми чашмае бинад ҳафт осмони нилиро,
Хоҳам бадал шавад, эй кош, доноиям ба биноӣӣ.
Боду буди ду олам ҳам сирри вуҷуди одам ҳам
Дар ҷоми бодаи ҳумӣ* пайдост, бо гуворойӣ.
Сабзии ишқҳо дар туст, Лайло ба сабзият некӯст,
То даҳрро кунад Маҷнун он ёри сабзсимойе.
Наздат зи муъҷизи Исо шояд магар задан ҳарфе,
Азбас ба ҳар нафас дорӣ сад муъҷизи масеҳойӣ.
Ҳар дон, ки мераҳад бо неш аз ҳабси пӯст зери хок,
Дорад зи ту сари сабзаш оҳанги авҷу болойӣ.
Аз ҳар куҷо, ки меойӣ - аз қаъри хок ё з-афлок,
Бас бо шукӯҳу фар ойӣ, фармой, ҳар чӣ фармойӣ.

Фардо, ки мерасад пойиз наврӯзие зи ту хоҳам,
Бархезаму шавам помол чун сабза дар таҳи пойе…
Эй бомдоди наврӯзӣ, эй ояи аҳуройӣ,
Ин худ биҳишт меояд ё ҳуриёна меойӣ?

*     *     *

Агар аз баҳор имрӯз   натавон паём гуфтан,
Ба шукуфаҳои фардо  натавон салом гуфтан.
Агар аз чаман нахезад          саҳаре насими Наврӯз,
Даму накҳати гул ояд магар аз «калом» гуфтан.
Ба ҳазор  ҳарфи «ҳалво»      нашавад чу ком ширин,
Нарасад ба гӯш савте фақат аз «мақом» гуфтан.
Чу мақом булбулонро ба гулӯи хусравонист,
Чу калоғҳо нашояд              «қар»-и бенизом гуфтан.
Сухану ду гӯши сомеъ          ту агарчи боз ёбӣ,
Вале он чӣ ҳол гӯйӣ,   натавон мудом гуфтан.
Чӣ кунам, ки ин замона       ба ғиреви шерсонаш,
Надиҳад ба кас маҷоле        на алиф, на лом гуфтан.
Ту ки чун гули зимистон      шукуфӣ ба гармхона,
Назанад ба хона сардат       зи ҳавои бом гуфтан.
Чӣ кашанд мардуми кор       зи барои ними ноне,
Пас аз он чӣ гуна шояд       зи шаробу ҷом гуфтан.
Ҳама он чӣ метавонӣ, ки ба гӯши хос гӯйӣ,
Вале он калом ҳаргиз натавон ба ом гуфтан.
Мани шоир он надонам,       ки куҷост хосу оме,
Магарам илоҷ ин аст  на ҳама тамом гуфтан.
Агар аз баҳор имрӯз             натавон паём гуфтан,
Ба шукуфаҳои фардо   натавон салом гуфтан.

**Аз**

**«БА САЛОМИ ШУКУФАҲО»**

(с. 2012-2017)

## ЧАҲОР ФАСЛИ ШУКУФТАН

Мерасад фасли баҳор,
Ҳар дарахте,
                    на дарахтест,
                              ки фавворaи гул,
Набувад фарқ, ки пир аст,
                                        ҷавон.

Мерасад накҳати ёр,
Ишқ сар мезанад аз мазраи ҷон,
Ҳамаро дар ҳангом--
На ҷавонеро зуд
Ва на пиреро дер.
Дар нафасҳои баҳоронаи ишқ
Заррае фарқи шукуфтан
                              накунанд ин ҳар ду.

Рав, тавонӣ, бишинос,
Кӣ ҷавон асту кӣ пир.

## ҲАДИСИ ОДАМ ДАР ОФАРИНИШИ ҲАВВО

Қиссаи офариниши Одаму Ҳавво аввал дар Таврот ва баъдан дар Қуръон омадааст, ки дар онҳо, аз ҷумла, чунин гуфта мешавад: Вақте хилқати Одам тамом шуд ва Худованд ӯро ҳуллаҳои биҳишт дарпӯшонид, хоб бар Одам муставлӣ (ғолиб) шуд ва дар ин ҳангом Худованд аз паҳлу ё данда (қабурға) ва ё раги паҳлуи чапи вай Ҳавворо биёфарид ба сурати чун моҳ, то ба ӯ ором гирад (Сураи Аъроф: 189). Пасон ин достон дар адаби форсиву тоҷикӣ мабҳаси ашъори фаровоне қарор гирифтааст. Аз ин достон маро як замон маҳз аз кучои Ҳазрати Одам офарида шудани Умму-л-башар Ҳавво ба худ машғул медошт ва ман дар ин бора ба тафсири худ шеъре гуфтам. Аз дӯстон қаблан хоҳишмандам, ки барои ин тафсири тоза бар ман натозанд, зеро шоир дар баъзе ҳолатҳо ба ин амр ҳақ дорад, ки мисолаш фаровон аст. Масалан, Ҳофиз мегӯяд:

Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,
Нохалаф бошам агар ман ба ҷаве нафрӯшам. – ва ғайраҳу.

Акнун бубинем, ки банда офариниши Ҳазрати Ҳавворо чӣ гуна тафсир мекунам.

Чӣ хамӯшии гуворо буд баҳру барро
Хуштар аз  нолаи най.
Чӣ ҳаво буд, ки мекард аз субҳ
Сархушат бештар аз нашъаи май.

Осмон буд парафшон зи парешонии абр,
Чашмаҳо ойинадори хуршед.
Гаҳ-гаҳ ангушти насим
Шона мезад сари зулфони тари маҷнунбед.

Ҷӯйборони  қабопӯш зи пудинаву гул
Ҳама лабрези асал, ширу шарбат буданд.
Чӣ замину чӣ замон,
Ки замин нармтар аз махмалу пар буд таҳи по
Ва замон бо абадият пайванд.

Ман валекин тани танҳо будам,
З-ин сабаб мегаштам
ғамзада, маҳзун, бетоб.
Ногаҳон бар ҳоле уфтодам,
Ки на бедор будам, на дар хоб.
Ҳолате байни ду ин,
Ки на рӯъё буду на хоби яқин.

Дар ҳамин ҳоли аҷаб рафт ба сар чанд гаҳам,
Ки набудам зи худу ҳар ду ҷаҳон ёде ҳам.

Як замон чун ба худ омад ҳолам,
Сари болин халқе дидаму гуфтам, ки:
“ –Киӣ ё ки чиӣ,
Ки чунин бар сари ман метобӣ?!”
Гуфт: «Ҳаввоям,
к-аз баҳри туям сохт Худо,
Бин, зи паҳлуи чапат,
То ба ту бошаму таскин ёбӣ».

Дарзамон даст ба паҳлуи чапи худ бурдам,
То ҳама данда саҳеҳ бишмурдам:
Як, ду, се, чору панҷу шашу ҳафт,
Ҳашту нуҳ, боз сетои дигаре
Ҳама барҷо буданд.
З-ин сабаб он суханони Ҳавво
Ҳайратам афзуданд,
Ки агар ҷисми варо аз ман пардохтаанд,
Аз куҷою чии ман сохтаанд?

Лек чун даст ба паҳлуи чапам бурдам боз,
Оҳ, дидам, ки... дилам нест,
магар буд, набуд?!
Ман ҳамоно ба ғами ҷустани дил уфтодам,
Ҳар қадар меҷустам,
суд набуд.

Ин такопӯй, ки Ҳавво медид,
Зери лаб
ҳушрабо
механдид.

## ЭЙ ШУМО, ДАЪВИГАРОН!..

Эй шумо,
даъвигарони нангу номи

шоири даврон,
Ҳам шумо,
даъвигарони ҷуръату
шаъну ҷавонмардӣ,
То тавонам чун шумо
бо хеш нозидан
Аз ҷавонмардии худ
арзониям доред як гарде.

Баски ман ҳам
гар набошам
чун шумо бебок
Ҳам нагӯям ҳарфи ҳақро фош
ҳатто дар тахи сад дор,
Чун бувад фардо
баҳои ҳастии ман?
Хок, хоки хок.

Чун шумо, эй кош, дарёбам,
ки шеър аз бешуурӣ нест,
Худ агар дар роҳат астӣ,
аз азоби халқ дурӣ нест.
Бо ду чашми бози сар
бадтар зи кӯрӣ нест.

Кош, дарёбам ба монанди шумо
фарқи тамаллуқ
бар тааллукро,
То насозам ман шаҳиди як тамаллуқ
сад ҷаҳон меҳтар тааллукро.

Чун шумо, эй кош, дарёбам, ки
парвози башар
мансуби мансаб нест.
Чун агар мо дар қафас
бандему дар баста-ст,
Ончунон ҳам болу пар хоҳем зад
бо ғайрату тундӣ,
К-он қафасро ҳам барем
аз ҷой бо парвоз
Яксара бо шеваи таслиму побандӣ.

Чун шумо, эй кош, дарёбам,
ки «орифбозӣ» акнун
камтар аз бозист.
То ки худ дар қарни бисту як
барои хонақахшинҳои қарни даҳ
нагӯям шеър,
То гиребонам нагирад кас,
нагӯяд: «Ориф», ин бозист,
бас, боз ист,
Ё ба он рав ,
ё биёр ин ҷой эшонро,
ки дигар муштарият кист?!

Ё магар монанди ин «бозӣ»
дигар нақби гурезе нест,
Аз ҳақиқатҳои пинҳоне,
ки номаш «зоеъи вақт» аст,
На,
набояд,
чун шумо ҳам хуб медонед,
Руҷъат ин сон
то куҷо мардист,
ё билкулл дигар чизест.

Шеъри имрӯз
аз ҳақиқатҳои фардо
мекунад суҳбат,
Гар бигӯяд
аз ҳақиқатҳои имрӯзӣ.
Ҳамчунон Ҳофиз,
ки суҳбат мекунад бо мо,
кунун аз қарнҳои пеш.
Ҳарфи ҳақ
азбаски умре
нархи ҷон дорад,
Гаштааст ӯ ҳам,
ба қавле,
ғарқи хуни хеш.

«Шоир андар синаи миллат чу дил»,
ҳарчанд медонем сад дар сад,
Ҳамчунон донист бояд,
ҷойи дил холист.
На ба он маъно
ки шоир нест,
Бал ба он маъно,
ки бар як кас
агар сад шоир ояд рост,
кам бошад.

Чун ба чашми ҳар гуле
гул хор набвад,
гул бувад дар боғ,
Булбуле ҳам
баҳри булбул
булбуле бошад,
на ҳаргиз зоғ.
Пас, чаро одам
ба назди дигаре ҳеҷ аст,
на одам,
Ё ки аз хас кам?

Ҳаббазо,
шаъну ҷавонмардӣ,
Эй далерони
тааллуқҳои бедардӣ.

Маъние дар зиндагии мо,
агар бошад,
ҳамин бошад,
ки ҳар инсон
Шоири шоёни инсони дигар бошад.

Яъне ин маъно бувад равшан –
Ки ман астам шоири ту,
Ки ту ҳастӣ шоири ман.

## ГУФТУГӮ ДАР БОЗОР

– Як ароба хоҳаму ҳаммол,
То барад ин бор.
– Қарни бист аст ин,
на қарни даҳ,
Аз кадомин қитъа
ё сайёраӣ,
эй ҷинси ноогаҳ,
К-аз миёни мо бихоҳӣ
бандаву ҳаммол?!

…– Як ароба хоҳаму ҳаммол,
То барад ин бор.
Даҳ нафар ҳозир,
кашад ин бор
бар дӯшу ароба,
Карда бо ҳам каш-кашу ҷанҷол.

– Ҳо, бародар,
қарни бисту як бувад ҳоло,
на қарни бист,
Ин чӣ ғафлат,
ин чӣ нодонист?!

**ЧАШМИ КӮТАҲБИН**

Эй, ки чашми нигаҳат бар пастист
Ва фақат бинӣ
урёнии пои товус,
Чашм бардору бубин, зебиши чист,
Чаманистони пари чашмрабои товус?!

**ИМРӮЗ ДИЛ, ФАРДО ҶОН…**

Ин чӣ нозу хиромидан,
Ин чӣ қомат, чӣ қомат ин?!
Бедил, аз хок сар бар кун,
То бигӯйӣ, қиёмат ин!

Ман дигар моту мабҳутам,
Ҳайкале – дар миёни роҳ.
Ин зи худ рафтаро бар худ
Овараш боз, ё Аллоҳ!

То аз он хуш хиромидан
Ҳамчу дарё  наошӯбад.
Дил варо гарчи дар сина
Чаккуши садманӣ кӯбад.

Бори дигар дар ин дунё
Бо ваяш рӯ ба рӯ гардон.
Чун варо дод дил имрӯз,
То ки фардо-ш бахшад ҷон!

## ҚИСМАТАМ, КОШ, ФУРСАТЕ МЕДОД

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки шиносам баҳои «озодӣ».
Чун будам сарфарози даври рукуд,
Бинам аз ин замон ҳам ободӣ.

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки бинозам ба нури Нораки хеш.
Ҷойи шамъу фатилае бинам
Давраҷандилҳо ба тораки хеш.

Нур бо нур, кош, меомехт,
Ки шавад шоми тор нуронур.
Ман, ки ҳоло набинам ин наздик,
Кош, медидам он чӣ бошад дур.

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки ҳама қарзҳо бигардонам.
Ман, ки мардигарии занҳоро
Дидаам, узрхоҳи мардонам.

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки надида туро намемурдам.
Боз як - ду суруди тозаи хеш

Ба дарат чун дуруд мебурдам.

Даркушоӣ намуда, кош, аз даҳр
Бурда будам тариқи дарбандӣ.
Ин мани сарсафедро, эй кош,
Миллатам хонда буд ба фарзандӣ.

## РОҲ БУРДАМ...

Роҳ бурдам ман ба дуриҳои дур,
Шуд вале кӯйи муродам дуртар.
Ҳар қадар маҷзуб дидам арши нур,
Гашт аммо дуртар, мастуртар.

Ҳар қадар аз нав сириштам обу гил,
Нӯш нӯше монду заҳре монд заҳр.
Як тараф ганҷи бузургиҳои дил,
Як тараф ранҷи сабуксории даҳр...

## ДАР БАЛАНДИҲОИ АРШ

Дар баландиҳои аршам вогузор,
Дар баландиҳои гардунсойи кӯҳ.
То зи пастиҳои рӯзу рӯзгор
Вораҳад озода ҷони дар сутӯҳ.

Мерасад аз қуллаҳо мавҷи само,
Баҳру бар саршори пайғому дуруд,
Ё равад ин кӯҳ бар авҷи само,
Ё само бар пойи кӯҳ ояд фуруд...

## ҲАР ҚАДАР САХТ АСТ...

Ҳар қадар сахт аст роҳи раҳнавард,
Гардадаш азми сипардан бештар.
Меравад ҳар гоҳ сӯйи қулла мард,
Мешавад солору дурандештар.

Тарки роҳи сахт набвад ҷурми хурд,
Орадат  азми қавӣ шаъну шукӯҳ.
Он ки дар саҳро наёрад роҳ бурд,
Чун барад раҳ бар баландиҳои кӯҳ?!

## ҲАШТ МИЛЛИАРД ТАНҲОӢ

Ба кадомин гурӯҳ шавам доир,
То бубинам, ки дар канорам кист.
Дар замину замони беохир
Ҳар кӣ буд аҳли фаҳм, танҳо зист.

Дили ман, хун машав, азоб макаш,
Ки дар ин даҳр чун ту танҳо нест,
Ин ҷаҳон бо тамоми ҷамъияташ
Чанд  милл-ард беш танҳоист.

## ОВОЗА ВА ОВОЗ

Дар ҷавонӣ, ки хоҳӣ овоза,
Гоҳи пирӣ намонад овозат.
Ба ту хоҳам шаҳомати тоза,
То ки садчанд гардад оғозат.

## НОЗ

Кори ман нест фахру кибру ғурур,
Нӯги дастӣ салом кардан ҳам.
Сар ба гардун намекашам мағрур,

Хам насозам агарчи гардан ҳам.

Лек ҳар кас ба назди ман нозад,
Нози ман сад карат аз ӯст баланд.
Ҳар кӣ худро ба хок андозад,
Мешавам хоки пойи ӯ садчанд.

## ЧОРМЕХ

«Шоире – устод», бе осори шеър,
Як таконаш додаму кандам зи бех.
Бенишон то нагзарад аз дори шеър,
Кардамаш дар чор мисраъ чормех.

* * *

То кай мезорӣ,
Гӯё ки надорӣ,
Вақти сархорӣ.

То ту сар хорӣ,
Аввал бояд дид,
Оё сар дорӣ?!

* * *

Гӯиям, нестӣ ту боди бурут,
Ҳам таҳаммул туросту дарке.
Пас, чаро ҳамчу қуттии борут
Гоҳе  аз як шарора метаркӣ?!

* * *

Бе ту гаштаст маро дунё танг,

То шавад боз фарох,
Дар бари ман бидаро танготанг.

## ХУН Ё НОХУН?!

Дило,
дигар ба ёди ишқи Маҷнун кист?
Раҳо кун қиссаи лайливашон акнун.
Ҷаҳон танҳо ки Саҳрои араб ҳам нест,
Ки пур созӣ варо аз ҳасрати Маҷнун.
Вале аз дарди ишқ озод чун ойӣ,
Надонам нохун ой ё ки оӣ хун?!

## МУБОДИЛА

Дил зи ман бурдӣ,
фидоят бод.
Хуш тамошоест
бедил рафтанам акнун.
Худ валекин дар гулӯям
чун нафас мондӣ,
На дарун ойию на берун.

## ЧАШМИ БЕДОР

Чашми бедор талаб,
Ки ҷаҳонро ба нигаҳ ҳам
битавонӣ паймуд.
Лек агар чашми ту хоб асту
ду поят роҳӣ,
Ё сарат дакка ба девор хӯрад,
Меравӣ ё ки фурӯ дар чоҳе.

## ШОИРУ ШЕЪР ЧИСТ?

Шоиру шеър чист? Ғам хӯрдан,
Мехӯрад он гаҳе ки дигар май.
Дар садоқат ба дигаре мурдан,
Ба ту гарчи  кунад хиёнат вай.

Шоиру шеър чист? Худсӯзӣ,
Ки бувад гарм хонаи мардум.
Даршикастан камар,
шавад рӯзе
То сабук бори шонаи мардум.

Шоиру шеър чист? Бурдан пок
Хешро аз ҳаромии даврон.
Арса ҷустан ба зери ин афлок
Тан ба тан бо ғиромии даврон.

Набувад пок дар замину замон
Исмате ҳамчу исмати шоир.
Бод лаънат бар он замон, ки дар он
Хавф бошад ба қисмати шоир.

**ТУЛӮЪИ ҒУРУБ**

Ман бо ғуруб ҳеҷ мувофиқ набудаам,
На бо ғуруби хуршед,
На бо ғуруби анҷум.
Ин ҳар ду ҳам
агарчи ба ҳангоми худ накӯст.

Аммо ғуруб нест,
К-он чӣ ғуруб гӯйӣ
олитар аз тулӯъст.

Ин ҳар ду – офтобу табори ситорагон,
Тобандаанд дар фалаки хеш ҷовидон.
Танҳо замин, ки курраи сабзи дурӯ бувад,
Рӯ тобад аз ситораву хуршед як замон,

То сӯйи сояи дигараш хандарӯ шавад.

Ин аст он ғуруб, ки дар чашми мову туст,
Аҳсанти он ғуруб, ки бар дигарон тулӯъст.

## АКСУЛАМАЛ

Шеър
шояд
дурӯғ гуфтан нест,
Гарчи гӯйиш хубу шоирвор.
Гунаҳи ту,
валек шоир чист,
Хосу оманд агар зи ҳақ безор?!

Дасти афсӯс бар ҷабин ту мазан,
Ки харидоракони ту чӣ касанд.
Ин ҷаҳонро пур аз дурӯғ бикун,
То ки боре ба қадри ҳақ бирасанд.

## ДИЛ БА АМОНАТ

Чор тараф
кас нигарад,
Эълон аст:
Ҳар кӣ амонат
пул монад,
Суд барад.

Баъзе аммо
танҳо дил доранд,
Ҳеҷ касе ҳаст,
ки дилро
ба амонат гирад?!

## СИТОРАШАБ

Шом омад. Лӯлиёни осмон
Дар сарои Каҳкашон чодар заданд.
То арӯси моҳрӯйи хешро кобин диҳанд,
Ҳафт тоқи осмонро
сар ба сар миҷмар заданд.

## БЕ ТУ

Бод – дар ҳар ҷо,
Кӯҳ -- побарҷо.
Чун туро диданд,
Бод ҷо истод,
Кӯҳ роҳ уфтод.
Ман, ки натвонам,
Бе ту по монам,
Кӯҳаму дар бод
Меравам бар бод.

* * *

Эй Замини гирдгардон,
Гар нагардӣ бар муроди шермардон,
Дигарам бо худ магардон!

## СИПЕҲРОНИ СИПЕҲР

Дил супорӣ бар сипеҳрони сипеҳр[17]--
Уқёнуси сафойи ҷовидон.
То ки бардорад туро
он мениҳад
Зери поят

[17] сипеҳрони сипеҳр-- арши аъло, осмони ҳафтум

пиллаи рангинкамон.

## БЕДАРДӢ

Ашке, ки ба чашми гул
Шабнамвара мечӯшад,
Хуршед
вале субҳаш
Механдаду менӯшад.

* * *

Дар соҳати ҷаҳон
Сад гунаи раҳ аст.
Роҳе дурушту ҳамвор,
Роҳе баланду паст.
Роҳе қариб,
Роҳе ба дурдаст.
Роҳе, ки бар дарун набарад,
лек
Бероҳааст.

* * *

Ишқ аз ошиқ,
Гулшан аз гулдаст,
Меҳр аз содиқ,
Дӯст ҳам аз даст
Рафтаасту боз чун гӯйӣ,
ки ҳоло
Ихтиёри зиндагият ҳаст?!

## ҲОЛО БИГӮ

Эй офтоб,
субҳ
ту хандон дамию

шом
Дар хун равӣ фурӯ.

Ман шасту анд сол
муқаддам, ки рух задам,
Ҳоло бигӯ,
Дар шоми вопасин
чун
хандон равам фурӯ?!

## БЕГОНАИ СИЁҲӢ

Дар бомдод
Ман медамам
ситораи яктои субҳдам.
З-ин рӯй бо сиёҳии
шабҳои дилсиёҳ
Бегонаам.

## СИЁҲГӮШ

Ях баст олам
аз нафаси сарди деви дай
Ғафсу дурушт.
Нармак зи ях валекин
сар зад
сиёҳгӯш.

* * *

Магар биёяд он айём,
Ки ба ҷойи қабеҳтарин дашном,
Шавад ҷавоб «салом».
Ва ҷойи сахттарин зарбат,
ки мебарад аз ҳуш,
Кашанд оғӯш.

## ДИЛМАШҒУЛӢ

Шабҳои умри ман
шаби хобе набудаанд,
Ҳарчанд номи
ғафлати шабро шунидаам.
Чун риштае, ки дарҳаму
барҳам танидаам,
Онро ба ишқу армон
шаб ҳам танидаам.

Ҳам рӯзҳоям ин сон
ҳаргиз набуда рӯз.
Чун риштае, ки буда
фардо таниданӣ,
Шаб дар хаёли хеш
дамодам танидаам.

Шабҳои ман набуданд асло
Шабҳои моҳтоб,
Ҳарчанд моҳтобӣ буданд.
Марҳуни офтоб
набуданд рӯзҳо-м,
Ҳарчанд офтобӣ буданд.

Пас ёфтам, ки зиндагӣ
имкон надоштаст
Бе моҳтоб,
Бе офтоби хеш.

## МУБОРАКБОД Ё ҲАМДАРДӢ?

Шоиро,
дер замоне ба ту буд

Номёбӣ мушкил,
Гарчи ҳар мисраи ту
Ҷой мешуд дар дил.

Лек имрӯз туро,
Ки ба таҳсини замон
хӯ кардӣ,
Нонёбӣ шуда сад бор
гарону душвор
Бо ҳама
шуҳрату ному мардӣ.

Ман надонам, ки
муборакбодат
Бикунам акнун
ё
ҳамдардӣ?!

## ФАВВОРА ВА МУРДОБ

***Ба Муҳаммадалии Аҷамӣ***

Сар кашидан
он қадар бад нест.
Гар тавонӣ,
сар кашӣ бартар зи фаввора
Бар сипеҳр
аз маҳбаси хора.

Баски оне
дар само фаввораe будан,
Хештанро
дар заволи хеш афзудан,
Пас ба пойи хеш,
На ба пойи дигаре,
сарзер афтодан,--
Худ фурӯ овардану
бар дигаре фавворагӣ додан,
Бо ҳазорон қатра

дар алмосии хуршед
рахшидан,
Зулмат аз дилҳои тира бурдану
хуршед бахшидан,
То ки дар ту
лак ба лак
хуршедҳои тоза даргиранд,
Лаззате дорад,
ки дар армони он
мурдобҳо миранд.

## ХОНДАНИ МУРҒОН – ҚАТЪАН МАМНУЪ!

Хурраму зебо
боғе дидам
Бо дарахтони тановарда,
қашанг.
Лек сокит,
хапу дам.
Навдаҳо ҷумла хамида,
ба хушӯъ.

Буд овезон
дар шоха туфанг –
Хондани мурғон –
қатъан мамнӯъ!

## ҲАРФИ ҲАҚ – ШАМШЕР

Ҳарфи ҳақ шамшерест
Дудаму бедаста,
Ки надорад бозӣ.

Офарин,
гар битавонӣ онро
Даст гирию

ба кор андозӣ.

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ҲАҚ

Ҳама хоҳанд аз ман
Ҳарфи ҳақро.
Посдори ҳақ,
гӯё ки манам.

Ман нишони ҳақро
Дар куҷо дидаам охир,
ки аз он ҳарф занам?

Ҳақ агар дар арш аст,
Дар дусад парда
зи ман пинҳон аст
Ва агар рӯйи замин,
дар фарш аст,
Дар ҳазорони дигар,
пинҳонтар.

## ЭЪТИРОЗИ ЗАНҶИР

Мо ҳамон
донаҳои занҷирем,
Ки ба ҳам
даст дода,
пайвастем
Солҳо
дар талоши озодӣ.

Лек ҳаргиз
на бахри он ки зи мо
Ҳалқа дар ҳалқи адл
андозанд
Баҳри ворастагии бедодӣ.

## НАЙЗОРИИ МИЖГОН

Эй хуш, ин чашмони бодомӣ,
Бо нигоҳе гарму афсунгар
Аз паси найзории мижгон
Бешаи бодомҳои талхро
                    ҳатто
Аз шакар ҳам
          карда ширинтар.

## ФИЛСОЗӢ

Бар муроди пашша гардад даври дун,
Ояду биншинад андар пушти фил.
Ваҳ, чӣ фили беқиёс аз чанду чун,
Нест, гӯем, амри ӯро қолу қил.

Ҳаст ин сон фил ҳар ҷо беадад,
Сад касе  бар филиаш бошад кафил.
Пашшаро боде  вале аз ҷо барад,
Филсозиҳои мо монад сабил.

## САВДОИ БЕАРЗИШ

-- Марди оқилро чӣ бошад
                    арзиши шуҳрат?
-- Арзиши шуҳрат?
Куҷо арзиш, ки сардард аст!
Кист аз мо лек
               умри бебаҳои хеш
Сарфи
          ин савдои беарзиш
                    намекардаст?!

## ШАБҲОИ САФЕДИ ШОНАҲО

Мерасад бар ёд
шабҳои сафеди
шонаҳои ту
Зери зулфони парешон
аз бару дӯшат.
Меравад гунҷишки лабҳоям,
ки гирад ҷой
Дар ҳарими шонаву зулфат,
К-аз саҳар наҷво кунад
то шом бар гӯшат.

## ҶУДОӢ

--Ҳаётам бо ту маъное надорад.
--Ҳаётам бе ту маъное надорад.
Кӣ донад, к-андар ин ду зиндагонӣ,
Кадоме бемаонӣ,
Кадоме бомаонӣ?!

## ТИФЛОНИ ДАРЁ

Абр меборад ба дарё…
Тифлакони шӯху бесар
К-аз канори гарми модар
Як замон карданд бар гардун гурез,
Тоза меоянд ҳоло
Сарнишебу рез-рез.
Боз дар домони модар
Ҳай, чи ғавғо мекунанду часту хез!

## ҚОЛАБНИШИНҲО

Пой дар ҳадди гилем,
Даст андар остин

Ҳам забон дар ком чандон зистанд,
Кас надонисту надонад,
К-ин ҷамоат кистанд?!

## КИСТ ШОИР?

Кист шоир?
Он ки сад бор
    зи бадбахтии ту
        нохушу бадбахттар аст,
Он ки сад бор
    зи хушбахтии ту
        хушдилу хушвақттар аст.

## ШИКВА

Як сафҳаи сафедам,
На некаму на ҳам бад.
Аз ҳақ, ки мезанам дам,
Рӯям сиёҳ гардад.

## ТАВБА

Намедонам, чӣ бад кардам ба айём,
Ки аз ман ҳамчу душман меканад пӯст.
Агар аз шевани ман рафтат ором,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Нашояд аз ҳакимӣ бар надимӣ,
Чу мегӯям варо, чинаш ба абрӯст.
Ту шояд навҷиронӣ, ман қадимӣ,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Дар ин дунёи судандӯзкешон
Набудам гар ба нафъи хештан чуст,
Аз ин шояд шудат хотир парешон,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Бигӯяд ҳотифи ғайби ман аз пеш,
Куҷо сури ҷаҳон беҳ аз ғами ӯст.
Дигар ҳаргиз биҷӯям шодии хеш,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Агар пеш аз ту ё пас аз ту зодам,
Чу медонам, ки бад ҳам бо ту некӯст,
Надида рӯйи ту, дил бо ту додам,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Азал марҳуни ошиқпеша ҷонест,
Худо на дар пайи эҷоди бадхӯст.
Агар як бандаро бо ту гиронист,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Ҳамеша бо туям дилҳамнавоист,
Агар ин иззати ман ибрати туст,
Чӣ амр аст ин халифӣ ё худоист,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

## САРВАТУ ПАСТӢ

Пири дунёдидае бар наврасе медод панд:
Сарвату пастӣ ба ҳам, афсӯс, ҳар ҷо тавъаманд,
Об, охир, ҷамъ н-ояд дар заминҳои баланд.

## НА МАРО ҲАВОИ НОМЕ...

На маро ҳавои номе, на таҷаммуле, мақоме,
Суханам, ки пар фишонад зи даҳони хосу оме.
Ба ҳамон, ки бенасибам зи муҳаббати башар хост,
Бибар, эй чакомаи ман, ту саломи издиҳоме.
Зи тариқи ақл, гӯяш, ки равонаӣ ҳамеша,
Бирасӣ магар ту боре ба уруҷи фикри хоме.
Ба ҳавои дил раҳоям зи каманди ҳар тааллуқ,
Дигарам куҷо тавонад кашадам касе ба доме.
Дил агар санои бандат накунад дар ин раҳоӣ,

Ту ба як нигаҳ асираш бикуну каш интиқоме.
Чу шавад касеят анбоз ваю моварои афлок,
Чӣ дигар гарон нишастан ба хаёли кунҷи боме.
Ҳама ин мақол бигзор, ки ба ним ҷав наарзад,
Биситон тамоми нақдам, зи лабат бидеҳ ту воме.

## НА ДУРУДЕ, НА СУРУДЕ…

На дуруде, на суруде, на навои хуши уде,
Ду ҷаҳон маҳви сукут аст, на изҳори вуҷуде.
На ба дил шавқи каломе, на ба лаб ҳарфи паёме,
На ба сар фикри такопӯ, на ғами буду набуде.
На биҳишт аст, на дӯзах, ҳама ин мазҳари барзах
Бизан, эй Бор Худо, оташу буброр ту дуде.
Ба сазо дӯзахиёнро агар аъроф биҳишт аст,
Набувад ҷумлаи моро, ки аз он хайреву суде.
Сияри мо, ки сиришта ҳама аз сохтани мост,
Набувад шеваи мо бесамар ин гуфту шунуде.
Ба мусалмонӣ аз хештан инсоне созем,
Ки бибӯсад кафи моро ҳама тарсову яҳуде.
Магар эзид ба ҳама аҳли фалак ҳукм накардаст,
Ки ҳамин одами хокист сазовори суҷуде.
Дилат, эй ҷони азиз, ар бигирифт аз ҳама ин ҳарф,
Сухан аз ишқу самоъ овару бардор ту руде.

## ЭЙ КОШ, БОЛАФШОН...

Эй кош, болафшон сартосари олам
Болотар аз шоҳин гирам таҳи болам.
Мурғон зи ман эмин вақти саҳар хонанд
Дар шохаи пургул пайки сари солам.
Дил хонаи меҳр аст, к-аз гармии ин меҳр
Ҳатто ба хасми хеш дил додаву болам.
Дар дори даҳр аз ман ку шоду доротар,
К-аз моли даҳр ин сон як дил бувад молам.

Худро ба баҳри ишқ андохтам, бин чун
К-ояд бурун  аз об пурбор ғирболам.
Гар дафтари аъмол фардо-м мехонанд,
Ишқ асту танҳо ишқ тафсири аъмолам.
То ҳастаму ҳастӣ танҳо ба ту нозам,
К-аз роҳати олам ин аст иқболам,
Парвонатар, к-аз шамъ дар пойи ту сӯзам,
Булбултар аз ҳар гул дар пойи ту нолам.

**САКТАИ ДИЛ ИМТИЁЗИ ШОИР АСТ***

Одам озода тавонад зистан,
Дар замоне ки сиёсат қоҳир аст?!
Кас наёбад дар диёри худ ватан, –
Сактаи дил имтиёзи шоир аст.

Ин ҳамон даҳрест, к-аз рӯзи азал
Адл сусту ҷаҳл зӯру қодир аст.
Бар бадӣ чун мешавад некӣ бадал, -
Сактаи дил имтиёзи шоир аст.

Кай гулӯ вомераҳад аз дасти ғам,
Ғам ки аҷрик асту шодӣ нодир аст.
Дасти мо кӯтоҳ не, чун дасти кам –
Сактаи дил имтиёзи шоир аст.

Дар замоне ки сиёсат қоҳир аст,
Адл сусту ҷаҳл зӯру қодир аст,
Ғам ки аҷрик асту шодӣ нодир аст,
Сактаи дил имтиёзи шоир аст.
4.07.2011

*Ин шеър дар маҷмӯаи “Замини сабзи боварҳо” наомадааст, аммо дар ҳамон солҳо навишта шудааст.

**Аз “Маҷмӯаи осор”ҷ. 2**

**(с. 2012-2017)**

**ЭЪҶОЗИ ПАРВОЗ**

Зодае ҳаст ба номи Одам,
Ки худ аз оҳу дам аст,
Лек дар каф гардон
    ҷовид
        паймонаи шодиву ғам аст.
Ҷоми ғамро зад бояст ба санг,
Ҷоми шодӣ бардошт.

Баски он ҷом, ки шод аст маяш,
Хуштар аз ҷоми Ҷам аст.

Шодӣ
    асли ба зуҳур омадани эъҷоз аст,
Ҳастии сабзи замин
    тазмини парвоз аст.

Ҳар куҷо дому қафас ҳаст,
        шикастан бояст
Ва ҷаҳонро ба пару бол орост,
На, ки бепарво
    микроз задан
Атласи боли кабӯтарҳоро,
К-осмон шефтаи болу пар аст
Ва ба ҷон
    ошиқи парвози кабӯтарбачаҳост.

Баски дар муъҷизи эҷоди замину кайҳон
Осмон бошаду
    парвозе на,
Осмон бемаъност.

Маънии будани мо
    низ ҳамин парвоз аст
Ва агар ҳам
    ба пару парвоз имконе нест,

Кист, к-ӯро набувад
ишқи тамошои парвозе,
кист,
К-ӯ нахоҳад, ки бубинад
ба фарози сари хеш,
Осмон ҳасту
парвози кабӯтарҳо ҳаст
Ва хатар
бар пари ҷонҳои парафшоне
нест?!

## ШОД БОЯД БУД

Шод бояд буд
Дар радифи Жолаи гулбаргии хушнуд.[18]

Зиндагӣ зебост.
Осмон оё на шодон
чилчароғи субҳ афрӯзад,
Матлаи рӯз аст хандоханд,
Шом ҳам хандонтар аст аз бом,
Як назар бин
қуллаи рахшандаи Алванд.
Нуқравори бом,
Лолавори шом,
Бо забони ранг мегӯяд,
ки дил бар шодмонӣ банд.

Рақси амвоҷ аст дар оғӯши дарёҳо,
Нағмаи шаббодаҳо дар шохаҳои сабз,
Сурнои чир-чиракҳо дар алафзорон
Мо чӣ кам дорем, - мехонанд,
- аз алҳони булбулҳо,
Ё ки моро нест ҷое дар дили гулҳо,
Мо на танҳо сур мебахшем,
шабҳо боз мерахшем
бар хушбоши шангулҳо.

Зиндагӣ шанг аст,

---

[18] Жола Бадеъ гуфта:
Шод будан ҳунар аст,
Шод кардан ҳунаре волотар.

Зиндагӣ ранг аст,
Зиндагӣ нути ҳазорон савту оҳанг аст,
Чун муғаннӣ боядаш бинвохт,
Шод бояд буд,
Шод бояд сохт…

## ЭЙ ДӮСТ, ШОД БОШ…

Эй дӯст, шод бош, ки ғам несту набуд
Чизе, ки бардавом хурандаш.

Ҳарчанд халқи олам
ғам беҳисоб хӯрд,
Аммо нагашт ғам
Як зарра кам.
Акнун чӣ сон тамом хурандаш,
ки ту хурӣ?!

Пас, эй азиз, гир сари кори дигаре.

## ИН, КИ МЕҶӮШАД…

Ин, ки меҷӯшад,
хун аст,
на шир,
Ки дамад,
меравад аз дег бурун
Ва шумо ҷамъияти хомхаёл,
Бахри дарёфти худҷӯшии хун,
Ки занад дунёро бар дунё,
Макунед азми абас,
Ки муҳол аст, муҳол,
К-ин муаммо
бошад
қобили идроки шумо.

## СУОЛУ ҶАВОБ

«--Ту ҳам, эй Худо, ба лак сол,
Пас аз он ки офаридӣ
Ду ҷаҳон ба одамизод,
Магараш хабар гирифтӣ,
Ки чӣ гуна бошадаш ҳол»?

«--Ман агар хабар надорам,
Чӣ касат ба арза водошт»?

«--Ваҳ, агар иродати туст
Ҳама ҳарфу чуну чандам,
Пас аз ин чӣ гуна ёбам,
Ки чӣ вақт лаб кушоям,
Ки чӣ вақт лаб бубандам»?!

## СУУДИ МАСЕҲ

Масеҳ дар салиб –
Наҷоти дудаи башар!
Ягонае, ки дар қиболи одаму фариштагон
Зи ҳар фаришта буд фариштатар.

Худ аз салиб бар само
сууд ӯ накард.
Фариштагон ба зер
омаданд аз забар,
Баранд то варо
ба осмон
ба тори сар.

## БЕҲУДА

Бо саре пурбод,
Сохтӣ қасре, ки монад
то абад «ободҭ,

Пояаш аз бод,
Бомаш аз барбод.

## ШАБУ ФАРДО

Баски ҳар шаб
Менишинам то саҳар бедор,
Мерасад фардои ман дар шаб.
Чун биёбам,
Дар шабам фардост,
ё фардои ман дар шаб?!

## ИШҚИ ОЗОДӢ

Эй Шумо, моҳичаҳои банди моҳидон—
Қирмизу зарду сиёҳу бӯр,
Гарчи тангиҳои моҳидонатон дарёст,
Гарчи худро ҳам намедонед бе дарёи худ маҳҷур,
Ман намедонам, чаро аммо
Мехӯрам афсӯс, к-аз оғӯши дарёед
Дур,
аз оғӯши дарё,
дур.

## «ХУШБАХТӢ»

Ман забони ҳақам, чӣ хушбахтист,
Дар замоне, ки гӯши кар дорад.
Гӯши кар чист? Гӯш аслан нест,
Чун кадуе ба ҷойи сар дорад.

## БАЙТИ ҶОВИДОН

Ман зи хишти тилои шеъри аҷам
Сохтам байти умри ҷовидон.
Байти пояндатар зи маснади Ҷам,
Ки маро зинда дошт ҷовид он.

## НИГАҲИ ГАРМ

Барф
бо он ҳама сардӣ,
Ногаҳ аз як нигаҳи меҳр
Об гардад.
Ту нагардӣ?!

## ЗИМИСТОН

Бод
дар сӯги хазон
гирён аст,
Шохаҳо урён аст.

## НАВҲАИ ОФАТЗАДАГОНИ КӮЛОБ

Ба ҷойи абри раҳмат сел омад,
Ки халқу хонаҳо аз по даромад.
Чӣ сон одам кашад ин бори ғамро,
Ки сад кӯҳе ба як дӯше фуромад.

Фалак аз баҳри чӣ озурд моро,
Ба ҷойи сарварӣ сар хӯрд моро.
Магар кам бурд моро сели даврон,
Ки сели осмонӣ бурд моро.

Намонд аз ин бало на хона, на дар,
На хешу ақрабо, на зан, на шавҳар.
Агар мехостӣ ин бар сар орӣ,
Чаро моро, Худо, овардӣ аз сар.

Куҷо чашме, ки бар Кӯлоб гирям,

Ки ҳам бедору ҳам дар хоб гирям.
Чӣ абре дар дилам мотам гирифта,
Ки ҷойи ашк ман хуноб гирям.

Магар ҳар нахли ту Тӯбои ман нест,
Ки зери шохаҳояш ҷойи ман нест.
Агар нахли туро аз бун канад сел,
Умеди реша дар фардои ман нест.

Азизам, боз ҳам Кӯлоби ман бош,
Азизу дилбару ноёби ман бош.
Агар бегоҳи ту байтулҳазан шуд,
Илоҳо, ту пагаҳ байтулҳасан бош.

Худоё, дарди моро иззате кун,
Ғаму зории моро ибрате кун.
Туро борони раҳмат гар ҳамин аст,
Шаҳидонро, Худоё, раҳмате кун.
11.05.10

## ПАЙКИ ОЗОДӢ

***Бардоште аз воқеаҳои***
***кишварҳои арабӣ***

Чинорони тановар
Сабоҳе дар баландиҳои нилифом,
Ки гардунро ба нӯги
шохаҳои хеш месуфтанд,
Ба наҷвои хафифи баргҳои сабз
Зи мардоне, ки дур аз
соясори роҳати онону озодӣ,
Таги хуршеди пайкарсӯз
Миёни лою гил месӯхтанд
аз субҳдам то шом,
Ба ҳамдигар сухан гуфтанд.

Валекин чанд масъули хамӯшӣ
мурғакони шохаҳоро
як ба як карданд
ногаҳ тирборон,
Ки фардо аз чинорон бар чинорон,
байни шоху шохсорон

Нагардад пайки тоза
пахну овоза.

## БИЁ, ТУ, ЭЙ АЗИЗТАР ЗИ ҲАР АЗИЗ!

Биё, ту, эй азизтар зи ҳар азиз,
Ки дил зи ранҷи дурият
Ба ҳалқа танг мешавад,
Арӯси лолагуни навбаҳор
Ба чашми ҳасратам
Паридаранг мешавад,
Дурахши осмонии камони атласӣ
Ба шишаи шикастаи дилам
Асири занг мешавад,
Ҳамон ки мушти ишқу ошиқист,
Даруни синаам
Чӣ сард мешавад,
Чӣ санг мешавад.

Биё, ту, эй насими сабзазорҳо,
Ки меравӣ ба гӯшаву канорҳо,
Биё, ки гӯши ҷон ниҳам
Ба шарфае, ки мерасад
Зи домани фариштаворҳо.
Биё, ки дар канори ту шавам
Ман аз табори беканорҳо.
Шабе
ба боли ишқи ту
Зи Каҳкашон гузар кунам,
Кунам нисори ҷойи пойи ту
Ситораҳо,
ҳазорҳо, ҳазорҳо,
Ки аз ситораҳо фаротарӣ
Фақат на аз барои ман,
Ки аз барои ҷумла Кирдгорҳо.

Маро зи нармии замину гармии само
Хабар набуд бе вуҷуди ту.
Кунун зи ҳар канора гарму нарм
Ба гӯши ҷон расад дуруди ту.

Туӣ, ситеғи сабзи кӯҳсорҳо,
Манам, ки ҳастиам чу обшорҳо
Тамом пур шуд аз суруди ту.

Биё, ба сайри ҷон равем,
Аз остон ба осмон равем,
Ки боли ишқи ту маро
Сабуктар аз фариштаҳо
Ба арши ҷовидон барад.
Санои ишқи ман ба ту
Фариштагони  покро
Зи тоқи ҳафтуми само
Ба зери пойи ту
Ба саҷда оварад
Ва ҳар куҷову нокуҷо,
Ки ҳаст дар замину осмон
Ба марзи ишқи ту даровcopy.

Биё, ки, эй азизтар зи ҳар азиз,
Дигар уруҷи осмон
Раҳе ба Каҳкашони
                    ишқи шуълабори туст,
Ҳарири сабзаи замину
                    нуқравори обҳо
Ҳарими ишқи беғубори туст.
Биё, ки ман дар он
                    намози ишқ мекунам,
Ба номи ту салои ишқ мезанам
Ва бо ситораҳову
                    обҳову он гулу гиёҳ,
Ки оварам ба ишқи ту гувоҳ,
Дар оғуши ту мебарам паноҳ!

**КУНДААЛАВ**

Ту чӣ мағрур, ки ҳоло нафасе
Меравӣ шуълазанон сӯйи само
Ҳамчу як дарза хасе.

Шояд аз шуълаи бемояи ту
Каҳе оташ гирад, лек асло

Нашавад гарм касе.

Ҳамд бар сӯхтани кундаалав
Гӯйи ором бисӯзад, аммо
Бикунад гарм басе.

## ДУ СИТОРА

Аввали шаб – ситораи шом аст,
Охири шаб - ситораи бом аст.
Лек дар ҳайратам, ки аз чӣ сабаб
Ҳар дуро ҳам ситора – як ном аст,

Ки яке пайки рӯз меорад,
Дигаре ғарқи шом медорад.

## КӢ МЕДОНАД?!

Кӣ медонад,
Худо бо мост
ё бо туст,
ё бо кист,
Бувад ҳар сон, ки бошад,
лек бояд зист!

## ТУ ОМАДӢ…

Чӣ шод гашт дилам,
эй азиз, з-омаданат,
Ки омадию ту бо худ
баҳор овардӣ
Ва дод з-омаданат
боди шӯхшанг хабар,
Ки дар тамоми биёбон
Чу дар канори хиёбон
Ба пешвози ту гулҳо
ба ноз бишкуфтанд

Ва булбулон чу насиме
Таронаҳои самимӣ

Ба гӯши атрии гулҳои бӯстон
гуфтанд.
Ту омадию чаманро
пур аз наво кардӣ.

Ту омадию
ғазалҳои ноб ҷорӣ шуд
Ба ҷӯяҳои дил
аз ҷӯйбори ҳулбӯйӣ.
Ту омадӣ
Ба ишқи гулбӯйӣ
ё ба меҳри дилҷӯйӣ,
Ба ҳар чӣ азм, ки бошад,
чӣ хуб коре шуд.

Ту омадӣ,
Дигар касе
хабар аз рафтани баҳор нашуд…

## БОЗГАШТ

Гул дар лабат шукуфт,
Накҳат нисор гашт.
Печид атри накҳати гул
дар димоғи ман.
Оне, ки рафта буд,
боз омад суроғи ман.
Саршору маст кард,
Нобуду ҳаст кард…

## ДАЪВОИ НОАСЛ

Акси фарёди ту аз кӯҳ омад,
Ки баланд аз бами овози ту буд.

Дар шигифт омада,
фарёд задӣ бори дигар,
Ки кунӣ акси садоятро пахш,

Лек овоз дучандон баргашт.

Зӯри беҳуда мазан,
Ки шавӣ ғолиби он акси садо.
Баски ноасл ҳамеша аз асл
Зӯртар буду бувад дар даъво.

## ДӮСТИ «ОЛИҲИММАТ»

Доштаам дӯстат
Гарчи чу бодоми нағз,
То наканам пӯстат,
Кай диҳӣ аммо ту мағз?!

## ҲИКМАТИ ХУРШЕД

Дар сипеҳри субҳдам
чораспаи хуршед метозад
Ва ҳазорон машъали историҳоро
Як ба як хомӯш месозад.

Ин чӣ ҳикмат дорад, оё ҳеҷ медонед?

То шаби тори дигарро ахтарон як зарра афрӯзанд,
Ё зуҳури рӯзро хуршед аз худ бинаду нозад?!

## РАҲ БА КӮЙИ ДИЛ

***Ба дӯстам профессор Тавфиқ Қодирӣ***

Нимшаб буд,
ки фарёд задам,
То ҷаҳонро бикунам з-омадани хеш хабар,
Ки манаш пайки пагоҳ овардам
Ва дар он нимшабӣ
Аз ҳамон кулбаҳаки пастаки деҳ

Кардам оғози сафар.

Сафари ҳар нафаре
аз нафаси аввали ӯст,
То ба сарманзили дӯст.

Рӯди паҳновари Сир,
Ки зи поинтари деҳ буд равон,
Сар ба соҳил зада мегуфт, биё,
Аз раҳи ман ба раҳи дарё рав,
Ба сароғозии ин дунё рав.

Пайраҳи деҳ мегуфт,
Гарчи ман кач̧макач̧у тангаму лою гиллох,
Барамат рост ба дунёи фарох.

Осмони шаби болои сарам,
Ки варо Коҳкашон буд
чу майдони фуруд,
Бо назарбозии анч̧ум мегуфт,
Ту биё, к-аввали парвозгаҳат хоҳам буд,
То ба оғӯши фалакҳои дигар,
субҳдами равшангар.

Роҳи дарёву замин,
ту бисипар,
Ки кушоӣ раҳи моҳу ахтар.

То ки ҳастам ин сон
Аз табори инсон,
Манаму даъвати се роҳ бувад
Аз азал то ба абад,

Ки ниҳоят рӯзе
Ин мусофир
Раҳ ба кӯйи дили инсон бибарад!

**ДУ ОРЗУ**

Ҳар файласуфро, ки бубинам ҳавои шеър
Дорад ба сар, ки рӯзе шеъре бигӯяд ӯ.
Як фикри фалсафӣ гуфтан дар қабои шеър
Умре вале мани шоир дорам орзу.

## ҲИКМАТИ ШЕЪР

Шеър ҳикмат набувад.
Лек ҳам  гуфтани шеъре,
ки надорад ҳикмат,
Ҳеҷ ҳоҷат набувад.

## УСТОД, ОФАРИНАТ БОД!

Ҳазор сол, бигӯянд, кӯри модарзод
Ту будаӣ, нашавад боварам ба ин, устод.
«Ба бӯса нақш кунам барги ёсамини туро»,
Нагуфтаӣ ту магар, баъд «ҳар чӣ бодо бод»!

Зи «мӯйи ғолиябӯ» дидаву димоғат шод,
Ҳамеша чашми туву «турки норпистон буд».
Ҳамеша чашми туву «моҳрӯи ҳурнажод»,
«Шикасти сунбули зулфу»  «бунафшаҳои…кабуд».

Ба чашми тира гар аз рӯйи ёр гул чидӣ,
Ва шод гуфтӣ «зӣ бо сиёҳчашмон шод»,
Буд ар ду чашми ту равшан, чиҳо, ки медидӣ,
В-агар ба тирагӣ ин дидӣ, офаринат бод!

## ИШҚ

Ишқ бо сарпанҷаи Фарҳод
Бехабар аз фитнаву бедод
Меканад дар Бесутун

Бар сари худ ҷӯйи хун.

Ишқ дар сармастии Ҳаллоҷ
То намояд хуфтагони рӯзро бедор
Хештанро огаҳу ҳушёр
Мекашад бар дор.

Ишқ дар ҳар сафҳаи шоир
Бо умеди нафҳаи гесӯи ёр
Қисмати ин ҳар дуро
дар қисмати ӯ
Мекунад такрор.

## «ҲИММАТ»

Фарди ту даъвии дарё дорад,
Лек инсоф бидеҳ, ҳиммати ҷӯят ҳам нест,
Ки ба он кӯчакию камзарфӣ
Ҷӯяи об ба дарё орад.

Лек ту бо ҳама он паҳноӣ
Ташнаро, то надиҳӣ қатраи об,
Ончунон талхию шӯрӣ, ки касе
лаб ба лабат нагзорад.

Ва канори дарё
ҷон ба аташ биспорад.

## АСПИ ЛАНГ

Шоире овард шеъру гуфт, оё
Дидаӣ шеъре бад-ин сон тозаву озод,
Ё тасаввур мекунӣ, фарде
Гар ҳамин гуна самандаш ҳаст,
Арсаеро бой хоҳад дод?

Шеъри ӯро дидаму гуфтам,
Оре, оре, ғолиб асло ҳам намегардад,
Ҳар кӣ бо ту
Арса мегирад,

Ё ки мечангад.

Лек бояд гӯямат рӯшод,
То наояд ногаҳон аз осмон лингат,
Наъл кун поҳои аспатро, ки мелангад.

## БИНӢ ШИКАСТ

Асл пасту ақл паст,
Он қадар ҳам буд, вале бини-ш боло,
Ки надида санги рахро
Пешпоӣ хӯрдаву уфтод,
то бинӣ шикаст.

## НОФИ ЗАМИН

Ҷойи мо ин ҷост, ё дар осмон?
Гарчи ҳам дорем реша дар замин.
Осмон сар мекашад аз остон,
Остони мост пас чархи барин.

Меҳвари сайёра мо буда мудом,
Нестем аз гирду атрофи Замин.
Гӯямат бо хоксории тамом,
Кист ҷуз мо аз азал нофи Замин?!

## ГАҲВОРАБАХШИ ЭҶОД

Гоҳ назму гоҳ насру гоҳ нақд
Менависам,
Баски аз гаҳвораам бастанд
Бо арӯси нозуи эҷод ақд.

Чист эҷод,
То ба ҳол аммо надонам.
Дар дили шабҳои хомӯши сукуташ

Ман чиям,
Кирми шабтобе,
ки кундовоз мерахшам,
Тундарам ё озарахшам,
Ҳар чӣ ҳам бошам,
вале донам, ки бо эҷод
Аз азал гаҳворабахшам.

## ХАРГӮШАК

Зи раҳ харгӯшаке ногаҳ баромад,
Ба одам дошт бехавф он назора.
Садои модараш ногоҳ омад,
Ки мекард огаҳаш аз як канора:

Гурез, эй бехабар, ҷойи нигаҳ нест,
Кулоҳашро намебинӣ, ки аз чист?!

## БАҲСИ ШЕЪР

Нест баҳси шеърро охир,
Ҳамчунонки нест аввал.

Ҳар гаҳе сар мезанад огоҳу ноогоҳ,
Ҳамчу рӯди шӯхи соҳилхез
Ҷо нагирад ҳеҷ дар ҷадвал.

Он яке дилбастаи сабки хуросонист,
Дигаре дил дода бар сабки ироқӣ.
Он яке меҷӯядаш рӯйи замин,
В-он дигар уммеди чашмаш осмонист.

Рост бояд гуфт,
кори ҳар ду ҳам
он қадр осон нест.

Баски аксар шоиронро
Кори шеър имрӯз гӯё

Кори осонест.

## АСЛИ ҶАҲОН

Ҳар саҳар чун чашм во созам,
Оварад дар ҳайрат ин розам,
К-ин навӣ дар даҳри дирӯзист?!

Дигарон шояд, ки мегӯянд дар ин боб,
Хестан ҳар субҳ ин айёми умр аз хоб,
Худ на камтар, ки зи пирӯзист.

Пас чӣ ҷойи ҳайрат аз бикри шабу рӯзест?!

Ҷуз ч**аҳиш** маънии дигар дар ч**аҳон** набвад,
Пас ҳар он чӣ сокит аст, аз ин ҷаҳон набвад.
Чашм агар дорӣ, навиҳо ҳам ниҳон набвад.

Пас чаро гӯянд зери осмонҳо тоза чизе нест?!

Он, ки ин асрор медонад, куҷову кист,
К-ин навӣ дар ман ниҳон аст,
Ё ки дар асли ҷаҳон аст?!

## ФОЛИ ҶӮГӢ

Ҷӯгие гуфто,
биё, фоли туро бинам.
Дасти ман бигрифту
хатҳои кафам омӯхт:
Ҷодаи ишқу муҳаббат,
Ҷодаи меҳру садоқат,
Ҷодаи авчу барор,
Ҷодаи нокомиву андӯҳбор.
Гоҳ мебурд ӯ ҳамин сон
рӯйи зину гаҳ таҳи зинам,

Гоҳ беғам шамъи бахтамро
хамуш мекард,
Гоҳ меафрӯхт.

Гуфтам охир,
то нагирӣ музд аз ман муфт,
Чанд соли дигарам аз зиндагӣ монда,
Баъд аз инҳо рост бояд гуфт.

Боз хатҳои кафам омӯхт,
Бар каҷиву ростиҳо чашми санҷиш дӯхт,
Гуфт, мегӯям,
агарчи ин на осонест,
Лек мебинам, аҷаб ин аст,
Соли мавлуди ту ин ҷо ҳаст,
Соли маргат нест!

## БӮҲТОНИ ОДАМ

Дар чаҳ афканда Юсуфи афгор
Даҳ бародар – дадони одамсор,
Бар падар ин дурӯғро гуфтанд,
Ки варо пок хӯрд гурге ҳор.

Гург хунхӯр набуду бо бӯҳтон
Гургро кард одам одамхор.

## ГУЛИ ХАНДОНУ ГИРЁН

Дар само печид раъду барқ,
Осмонро таҳ ба таҳ тарконд
ё аз бандҳо бигсехт,
Баъд оташ зад.

Хӯлаи абри сияҳро об карду рехт,
Чорсӯро кард
дар мавҷи таровaт ғарқ.

Мегузашт аз дашт,
ҳам гулгашт,
То ки ҳар ду
гирярӯву хандарӯ мегашт.

Шохи гул хандони борон буд,
Баски урён буд,
Аз ҳаё месӯхт,
гирён буд.

## ДАР МАҲФИЛ

Дар оғӯш омадӣ, аммо ба афсӯс,
Ки рӯзе ин муҳаббат сард гардад.
Лабе, к-он мекушояд ғунчаи бӯс,
Фишурда аз ғаму аз дард гардад.

На чашм обе хурад аз чашмаи чашм,
На дилҳо ҳам тапад дигар ба ҳам ҷӯр.
Магар тақдир мегирад ба мо хашм,
Ки дар оғӯшамон созад зи ҳам дур.

Дар оғӯш омадӣ, аммо на дар дил,
Миёни мову ту девори Чин буд.
Агарчи бе туям нагзашт маҳфил,
Гузаштан аз ҷаҳон аммо ҳамин буд…

## МАН КУҶО ҶӮЯМ ПАНОҲ?!

Духтари нозукниҳоли лолачеҳр,
Мекунӣ сеҳрам ба чашмони сиёҳ.
Ин чӣ чашмон, чашмаи саршори меҳр,
К-аз дили ҳар санг рӯёнад гиёҳ.

Ман, ки санге нестам, як шоирам,
Ҳар чӣ мерӯёнӣ аз ман, сабз бод!
На ба рустан лек дигар қодирам,
На ба додан хешро дигар ба бод.

Накҳати ишқат ба ҷонам мевазад,
Ман куҷо дар чорсӯ ҷӯям паноҳ?
Доштам як дил, ки он ҳам сакта зад,
Сад диле тарконад аммо ин нигоҳ.

## НА АЗ ТАНҚИД,
## НА АЗ ТАЪРИФ…

На аз таърифи беҳад меравам аз хеш,
Ки худро меситоям хеш аз ҳад беш.

Чӣ бо ман метавонӣ кардан акнун,
                                        ноқиди бузриш?!
Вале бошад…
                    давоми ҳарфи ман ин аст:
На аз танқиди бешак мешавам дилреш,
Ки худро мекунам худ нақд беш аз пеш.

Намедонам дигар чунам,
Дигарбора дигаргунам.
На аз таъриф мамнунам,
На аз танқид маҳзунам…

## БАҲР БОЯД БУД…

Бо чӣ мелофӣ,
                    заминро ё  магар нофӣ?!
Баҳр бояд буд,
То тамоми рӯдҳои лойоберо,
                                        ки мерезанд дар ту
Гирӣ оғӯшу кунӣ софӣ.

## ҶАВОБИ КӮҲ

Кӯҳ,
яъне ҳайкали сангӣ,
Бетафовут,
сард пеши рӯст.
Бо ҳама ишқу умеде, ки ба ту дорам,
Мезанам фарёд:
Дорам дӯст!
Дар ҷавобам медиҳад овоз:
До-ра-ам дӯ-ӯ-ст!
К-аз садои ман пуровотар садои ӯст.

Ҷони ширин,
ин ҷавоб аз санг сангин аст,
ё некӯст?!

## ТАНҲО

Бистари шабро,
К-он илоҷи чору ночорист,
Бар сари танҳои танҳоям
Мекашам маҳзун зи бехобӣ
мани бетоб.

Ман, ки ҳар шаб хастаи шабҳои ялдоям,
На ба чашмам хобу на дар хоб
бинам хоб.

Чун кунунам хоб ноёб аст,
Зиндагӣ
шабҳои бемаҳсули бедорист,
Рӯзҳоям пучу хобовартар аз хоб аст.

## СИТОРАҲОИ РӮЗ

Шабе,
сияҳтар аз намад,
Тамоми шаҳрро гирифта зери ҳукми хеш

Ва нест чора,
к- офтоби субҳдам дамад.

Зи шохае ба шохаи дарахтҳои роҳ
Чу зери чодари сиёҳ
Шамоли сард
ҳамчу рӯҳи пургуноҳ
Ба нола медавад
Ва аз садои хеш мерамад.

Ба пеши чашми ман
Сапедаи рухи ту мешавад аён,
Ки бо сухан наметавон
намуданаш баён.

Валек аз кучҷои дури шаб
Ба гӯш мерасад садои бум,
Агарчи нест наҳсу шум,
Давоми шомро ҳамекунад талаб.

Вале фариштаи саҳар
Якояки ситораҳои шомро
Ба каф гирифтаву
хамӯш мекунад.

Ва бомдоди шаҳри нимхоб
Чу дар садаф гуҳар,
Зи хоби хуш
дамидани ситораҳои рӯзро
Ба хонаҳои хеш
гӯш мекунад.

## ДИЛОБӢ Ё КИ ДИЛХУНӢ?!

Дилам бисёр мехоҳад,
Ки шеър аз дил чу оби ҷӯ шавад ҷорӣ,
Накарда дар сари ҳар вожааш дилхун.

Вале бинам,
ки то чун об ҷорӣ гаштани як шеър,

Маро худ об бояд шуд
Ва ман дар ҳайратам акнун,
Ки беҳтар бошадам дил об гардад,
ё ки гардад хун?!

## ШЕВАИ ҲАЙРАТ

Оварад дар ҳайратам он кори инсон,
Чун ба сӯяш бо рисолат омад Исо,
Аввал озурду ба қин
маслуб кардаш,
Баъд дар ҷойи Худо
матлуб кардаш.

## АФСӮСИ ҶАВОНӢ

Чу бинам дилбаре маҳрӯтар аз моҳ
Касеро дар хиёбон интизор аст,
Ба ҳеҷ андеша дарёбам, ки он гоҳ
Кашоли ӯ дилам беихтиёр аст.

Хаёлам меравад он сӯйи дунё,
Ки гӯё меравам дасташ ба дастам.
Чунонам мебарад бо хеш боло,
Ки ояд нуҳ фалак аз хок пастам.

Ба дур аз одамон, дар як ҷазира
Дуи мо гӯиё сайрон ба сайрон.
…Зи дастам мекашад ногаҳ набера,
Ки, бобоҷон, чаро мондӣ ту ҳайрон?

Равад он дилбарак бо ёри дерин,
Бигӯям зери лаб бо андаке сӯз:
Ба ҳоли мо маханд, эй ҷони ширин,
Ту ҳам шояд расӣ рӯзе ба ин рӯз.

## ДАЪВАТИ ИШҚ

Намедонам, чӣ кор ояд,
Агар ду қисмат аст инсон.
Манам ҳоло чунин шояд—
Ба як сӯ ҷисм, як сӯ ҷон.

Биёву ин дуро як соз,
Ба оташ зан, дар об андоз!

## ДАР ҶОЙИ БАҲОР

Ту омадӣ,
Ҳоҷат дигар ба омади фасли баҳор нест,
Зеро агар
Ҳар ҷо туӣ
                    баҳор касеро ба кор нест.

## ХАНДАИ ТУ

Ёр,
          як бор гаҳе хандидӣ,
Сад баҳор аз ту шукуфтан омӯхт.

Ту агар ханда занӣ боз се бор,
Пас хазону даю тобистон ҳам
Чун тавонад нашукуфад чу баҳор?!

## ДАРГУЗАШТИ РАВШАНГАР

Он, ки андар ин ҷаҳон мезист равшангар,
Меравад фардо аз ин дунёи равшан
                                                            гар,
Меравад…
                    ҳаққо, ба даҳри боз равшантар.

## КӮҲИ ДИЛҲО

Эй шумо бехабарон,
Ҳеҷ донед, ки Фарҳод,
он дилдодаи род,
Ин ҳама садҳо сол
Ба сад андӯҳу сутӯҳ
То кашад ҷуйи муҳаббат
ба таманнои висол,
Меканад синаи сангини чӣ кӯҳ?

Нек бинед, ки он
Кӯҳи дилҳои шумо нест агар,
Пас чӣ кӯҳест дигар?!

## ФОСИЛАИ ШАБУ РӮЗ

Аз шаби фармӯшии хоби сияҳборе
То сапедии пагоҳу зикри бедорӣ
Фосила чанд аст?
Як шаб нест?!
На, дареғо,
Гар набошад фикри бедоре,
Ин ҷудоиҳои
ҷовидест!

## ДАЪВОИ МАРДӢ

Далели мардият як мӯйи лаб бошад,
Туро аз гурба фарқе дар насаб бошад,
Ки дорад гурбаи мода ҳам аз ту беш
На танҳо муйи лаб, ҳатто дуто ҳам риш?!

* * *

Фасли омаданат

Фасли ошиқии гулҳо буд,
Дунё чӣ қадар зебо буд.
На,
балки
зебоӣ
дунё буд.
Ва ҳоло дилам
мутасалло хоҳад шуд,
Ки шояд касе ҳаст, ки барояш
Дунё
зебоист.
Вагарна
ин дунё
дунё
Ва зиндагӣ
зиндагӣ набуд.

## ПЕШОБАҒАЛИ НАҒЗ

Пешобағали нағз туро дар бар ҳаст,
Зебоғазали нағз маро дар сар ҳаст.
Пешобағалат, кош, бувад дар бағалам,
То пур шавад аз он бағалам, ҳам ғазалам!

## АЛЪАМОН

Ҳар чӣ мехонӣ, бихон,
Ҳар чӣ медонӣ, бидон.
Лек аз ин сон булфузул
Дар ду олам, алъамон!

## БА ЯК МУТТАОЛИМ

Ту куҷо, илм куҷо, эй даҳани ҳарзафурӯш,
Ки туро ақл чи кӯтоҳу дароз омад гӯш.
Ҳеҷ донӣ, ки чӣ гуфтаст Расули барҳақ,
Ҳар куҷо фарди дарозест, маҷӯед аҳмақ!

## ПАРВОЗИ НАХУСТИН

Ҳар чи парвози нахустинро,
агар партоб гӯям,
на хатост.
Баски он гунҷишкро, к-аз лонаи шохи дарахт
Мекунад оғоз парвози нахустин,
Осмонаш на ба торак,
Осмонаш зери пост,
Ки ба он худро кунад ӯ
зерсар партоб.

Ман, ки гунҷишке набудам,
Лона дар шохи дарахтам ҳам набуд.
Баски будам зодаи куҳ,
Дар бари кӯҳи баландам хона буд.

Ишқи парвозам, ки аз дил сар кашид,
Қабл аз ин – панҷоҳ сол,
Ҳар чи бодо бод,
Хешро кардам
ман аз қулла ба ҷар партоб.

Эй сипеҳри дури армонҳо,
маро дарёб!

* * *

Ватан, шояд, маро маъзур дорӣ,
Ки даъвои фидокорӣ накардам.
Нагуфтам, баҳри ту дар корзоре,
Агар қурбон накардам сар, на мардам.

Ман аз мардони даъво нестам ҳеч,
Агар ҳастам, кафилам нест ҷуз ишқ.
Ба ҳар шохи дарахтат печ дар печ
Бупечам, ки далелам нест ҷуз ишқ.

Туро дар орзуҳо парваридам,
Ки рӯзе рух намоӣ аз сурудам.
Ҳазорон ҳарф пушти ҳарф чидам,
Вале комил намеояд дурудам.

Зи дарди дурият дорӣ амонам,
Ки аз ин як сухан меларзадам ҷон.
Қадам з-он суйи деворат, ки монам,
Аз ин сӯ печамат чун ишқи печон.

* * *

Ба ман мегуфт имшаб духтари ман,
Маро, донӣ, падар, як дӯсте ҳаст,
Ки мехонад ҳамеша шеърҳоят,
Агар бошад ҳазин, ё шоду сармаст.

Бигуфт имрӯз, дигар нест тоқат,
Чу мехонам ҳама дард асту ранҷ аст.
Бигуфтам, духтарам, бар дӯстат гӯй,
Ба ҳар ҷое, ки ранҷе ҳаст, ганҷ аст…

* * *

Парвонаҳо куҷоед?!
Он қадр гирди шамъи шеъри форсӣ
Пар зaveragedу сӯхтед,
Ки шаб ҳама пурнур шуд.
Аммо соқаи мӯмиёии шамъ
Дар хокистари парҳои шумо
Гӯр шуд.

* * *

Дар ишқ
Шамъ об мешаваду
парвона месӯзад,
Аммо кӣ мегӯяд
кадоме аз инҳо
Ишқ аз дигаре бояд биомӯзад?!

**ТАЗМИН АЗ САЪДӢ**

Шамъ ба парвона гуфт,
Эй, ки маро гашта ҷуфт,
Таҷриба созӣ ба ишқ,
Хеш гудозӣ ба ишқ,
Ин ҳама пар сӯхтан,
Сӯхта афрӯхтан,
Гарчи муноҷоти ишқ
Бошаду исботи ишқ,
Об шудан сар ба сар
Дигару сӯзида пар.

## БУЗУРГТАР БАХТ

Ишқ
        ҳавас нест.
Ишқ чизест,
                    ки агар нест,
Дар гулӯгоҳи ҳаёт
Нафас нест.

Ишқ
        пеш аз кӯҳ --
                    азим сукут,
Ишқ
        пеш аз рӯд –
                    ғавғои саҳар,
Ишқ
        пеш аз бутта –
                    хаёли сабз,
Аз нилии осмон
Бар замин
                карда буд
                        ҳубут.
Ишқ
Рӯҳи Худо буд,
Ки бар замин мегустурд.

Аз он рӯз
То имрӯз

Ҳар касе ошиқ мурд,
Ин рӯҳро бо худ бурд.

Баски ҳарчанд
Аз ошиқ зистан
Бузургтар бахте нест,
Аммо боз ҳам
Ошиқ мурдан
Бузургтар бахтест.

* * *

Дуруст,
Дарахт
дар як ҷой
бор орад.
Агар
боғбонаш
Забони миннат
надорад.

* * *

Меравад умрам, ки мемонад маро
Ёдгор аз хеш дар дилҳои халқ.
Медиҳад ҳар ҷо, ки шеъри ман садо,
Мешавад пуршӯртар дилҳои халқ.

Шеъри ман ҳарбест, ҳарби неку бад,
Шеъри ман дардест, дарди адлу дод.
Гарчи донам ҷойи худро дар абад,
Шеърам ин дам дар забонҳо зинда бод!

Чист дар дунё каму бисёри ман,
Чун набошад аз каму бисёр суд.
Кай бувад бечоранолӣ кори ман,
Тундару барқе, чу дорам дар вуҷуд.

* * *

Мо каму бисёр дар гоҳи вуҷуд
Огаҳӣ аз хеш дорему ҳаёт.
Дасти мо гар нест дасти хайру ҷуд,
Пойи мо ҳам нест пое дар сабот.

Гарчи оромем гоҳу гаҳ париш,
Дастбаргӯшони ройи қисматем.
Бо ҳама ҷурму табаҳкории хеш
Ҷон ба қурбонии роҳи исматем.

Қомати мо росту дил дар рукӯъ,
Бартар ояд зишти мо гоҳе зи хуб.
Шарқ хунин аст аз ранҷи тулӯъ,
Ғарб рӯсурх аз шафакҳои ғуруб…

* * *

Мерасам шояд шабе бар ёди ту,
Ҳамчунонки мерасӣ бар ёди ман.
Мекунӣ бо ёди ман ту гуфтугӯ,
Ҳоли ту чун аст, эй Фарҳоди ман.

Гарчи Хусрав дар миёни мо набуд,
Даҳри каҷрав кардамон аз ҳам ҷудо.
З-он аҷузи даҳрро буда чӣ суд,
Ман намедонам, надонад гар Худо.

Лампаи камнури болои сарат
Ҳамчу ёди хотироти хирааст.
Лек дар дунёи армонпарварат
Ғуссаи кам ҳам ба шодӣ чирааст.

Ғам хӯрад дунёи каҷрав, мо чаро,
Бар маро аз ёду дар ёдам бимон.
То зи ҷабри даҳр дар ин моҷаро
Аз дуи мо як нафар бошад амон.

* * *

Ин қадар тарсат диҳад як номи марг,
Боядо тарсиданат аз доми зист.
Баски оне, ки ҷаҳонро кард тарк,
Фикри ин дунёи пурғавғош нест.

Он қадар бардоштем аз умр суд,
К-ин дил аз армони умри нав гузашт.
Марг пеши мо чӣ кори сода буд,
Гар набудаш дигар амри бозгашт.

*   *   *

Ман надонам, нек ё бад офаридам,
Он, ки аз ҳеҷ офаринад фарди моро.
Лек субҳе боз кардам чашму дидам
Сар ба авҷи осмон, дар хок поро.

Умре ин сон зистам, озодмарде,
Сар ба гардун суда, поям дар замин буд.
Дардам ар буд, доштам аз ишқ дарде,
Боз бар ин дард дармонам ҳамин буд.

Навҷавониям ҳазорон нақш бигзошт
Дар лабони ранг бурда аз шақоиқ.
Ҷони ман як ишқ чӣ, ишқи ҷаҳон дошт,
Ишқи ман ҳам шуъла зад дар ҷони шоиқ.

Ҳар парирӯе, ки пайдову ниҳонӣ
Хостам, бар ҷону дил меёфт марҳам.
Чун ҷавони бад набудам дар ҷавонӣ,
Кош дар пирӣ нагардам пири бад ҳам.

*   *   *

Шоирӣ қисмати Худодод аст,
Бо Худодода нест баҳсу талош.
Ҳар қадар додааст, ӯ додаст,
Беш агар додааст, гардад ош.

То ҷаҳонат бувад, бувад кеҳу меҳ,
Ҳамчунонки баланду паст бувад.
Шеъре аз шеъри худ чу дидам беҳ,
Ман ҳавас кардаам, набурда ҳасад.

* * *

Эй замони хоб то ҳангоми чошт,
Ҷаннате, ки баччагияш буд ном,
Ман, ки рафтам, монд дар деҳ он, ки дошт
Бом дар рӯю ба мавҷи мӯй шом.

Кӯчаҳои шаҳр оғӯшам намуд,
Боғҳояш ваъдаам медод ком.
Лек дар чашмам ба ғайри ӯ набуд,
Бом дар рӯю ба мавҷи мӯй шом.

Роҳҳоям бурд то ақсои даҳр,
Ишқ аз ҳар гӯша медодам паём.
Ҷой дар дил дошт дар ҳар ҷои даҳр,
Бом дар рӯю ба мавҷи мӯй шом.

Раҳрави роҳи дароз омад зи дур,
Боз овард, он чӣ мебурд ӯ мудом.
Бе ту шаб дилҷӯ набуд, субҳам ба нур,
Бом дар рӯю ба мавҷи мӯй шом.

* * *

Дар бари кӯҳ аст харсанги азим,
Умраш аз он кӯҳ камтар нест ҳеч.
Набвадаш аз боду борон тарсу бим,
З-офаташ ҳам хавф дигар нест ҳеч.

Лолае машъал фурӯзад рӯйи он,
Хандаи умраш баҳоре нест беш.
Умри харсанг аст гарчи ҷовидон,
Умри ин харсанг кай хоҳад ба хеш?!

**ИХТИЁРИ ДАРЁ**

Дасти рассоми баҳор
То зи ҳусни ту барад як нусха,
Дар замине шодоб
Чамани лолаву гул хоҳад кишт.
Атр, к-аз ҳошияи пираҳанат бархезад,
Бар машоми дили дил дода зи даст,
Оварад бӯйи биҳишт.

Эй азизи дили ман,
Ҳарфҳоят чӣ қадар хушбӯянд,
Чӣ қадар ширинанд.
Э, мани сода чиҳо мегӯям,
Чӣ шигифт аст, агар ҳарфи даҳони гул
атре пошад,
Суханаш ҳам тару ширин бошад?!

Ин чӣ ноёб нишот аст
туро доштанам,
На ки дар хотираҳо,
Балки дар ҳозираҳо.

Ҳарф гуфтан бо ту
Чун ҳаво хӯрдани баъд аз борон
Ҷисму ҷонро бидиҳад тоза вузӯ.

Ман, ки бо бӯса бигирам
дастатро бар даст,
– Чӣ қадар лаззатбахш аст, --
Ки равам хеш аз даст.

Ва дигар ҷойи сухан нест
зи барҷастатарин узви танат,
Ки ба оҳанги дилам меларзад
Дар таҳи пираҳанат.

Ин манам,
ташнатаринам,
ки дар армони туам,

Чун биёбон, ки дар армони канори дарёст.
Сари худро, ки ба оғӯшат меандозам,
Ҳар чӣ обам бидиҳӣ,
Ҳар чӣ тобам бидиҳӣ,
                деҳ, ки дигар,
Ихтиёри дарёст.

## САБРИ ХУДОЙӢ

Ба ту, эй Худойи Борӣ,
                ки ба адл мубтадоӣ,
Ба сипосу бо таҳайюр
                ба лаб орам иддиое,
Ки бигӯ, чӣ сон таҳаммул
                кунӣ ин фиребу найранг,
Дағалу касофату зишт
                ҳама ҳиллаву дағое?
Ки яке ба пули дуздӣ
                биравад ба хонаи ту,
Дигаре рабуда аз халқ
                бикунад ба ту худойӣ.
Се дигар, ки ришва хӯрда,
                бизияд тамом мурдор,
Ба яке ҳаром тавба-ш
                бишавад чу Мустафое?!
Ба чунин табори Иблис,
                ки надида ҳеҷ айём,
Ба Худову худфиребӣ
                чӣ бувад зи ту сазое?!

Шавад ин суоли банда
                зи ҳазор гӯша такрор,
Ту вале ҳама хамӯшӣ,--
                чӣ хамӯшии расое.
Чӣ сабурие ту дорӣ,
                ки надорад эч банда,
Чӣ тавонамат дигар гуфт,
                ки ба асл ту Худойӣ!

**БА «КАСАК»-ҲОВУ «ХАСАК»-ҲО**

Мо сина кушуда ба фалакҳои кабудем,
Бар олами он сӯи фалак дарби[19] вурудем.
Ин даҳр чу бедор зи бедории дилҳост,
Дар хоби гарон як мижа мо кай биғунудем?!
Гар хирасаронро сари афкандагии мост,
Мо ҳамсари тирожа[20] ба ҳар тори вуҷудем.
Шукронаи табъе, ки замингир набошем,
Умрест фалаксайр ба шаҳболи сурудем.
Мо бар дари ҳар нокасу кас ҷабҳа насоем,
Осуда аз онем, ки на дар пайи судем.
Он ҷо, ки шумо бандаи падруду ғурубед,
Мо шӯълаи субҳем, ки саршори дурудем.
Фардои шумо н-омада гаштаст парерӯз,
Ин ҳам сифати мост, ки дер омада зудем.
Мурдоб, ки ҳар ҷост, чӣ бадбӯву касиф аст,
Мо зинда ба ҳар мавҷ биоем, ки рӯдем.
Хокистарӣ омӯзадамон ойинаи даҳр,
В-арна ба гуҳар шӯълаи бедудаву дудем.

*  *  *

Ман бол мекушоям то бар фалак фазоям,
В-арна ба ин пару бол баҳри чиву чароям?!
Чун мерасам ба нуҳсар бар рағми тираҷонҳо,
Нуҳ осмони дигар он сӯй во намоям.
Тайёраи дилу ҷон сайёраи фалакҳост
В-ин нест интиҳоям, ин аст ибтидоям.
Чун хӯшаҳои ангур Парвин, ки шаб дурахшад,
Сармаст дорад он нур чун ҷӯши бодаҳоям.
Боғе шукуфад аз ман дар дашти осмонҳо,
Аҳлам ба дил бигуяд, ин аст муддаоям.
Шаб ҷилвагоҳи бум аст дар фарш, лек дар арш

[19] дарб – дарвоза

[20] тирожа – тиру камон, қавси қузаҳ

Қақнус пар кашад бум аз гарди шӯълазоям.
Андар ғуруби гулгун бо хандаҳои дилхун
Як офтобам ар рафт, сад офтоб оям.
Нур асту медурахшад дар мӯҳраҳои ҷонам,
З-ин рӯ ба асли хокӣ аз нуриён фароям.
Аз куфру дин чӣ дорад таслими осмонҳо,
Ин аст ҷустуҷӯям то ҷон ба он гароям.

*   *   *

Бо ту ҳар чӣ рӯзҳоям офтобӣ, офтобӣ,
Бо ту ҳар чӣ шомҳоям моҳтобӣ, моҳтобӣ.
Орзуи ошиқона зистан дар ман шукуфад
Тоза аз нилуфару сабзу тар аз гулҳои обӣ.
Обшори гесувонат атр безад дар хиёбон,
Ранги лабҳои ту гирад лолаҳо сурху гулобӣ.
Пушти найзории мижгонат чӣ токистони хамр аст,
Мастам аз ангурии чашмат, батар аз ҳар шаробе!
Гуфтам оию дилам ёбад қарор андар канорат,
Омадию дил зи пешин беш дорад изтиробе.
Шаҳрбонуи маниву ҳар чӣ дар иқлими дил ҳаст
Маҳри шири модарат, гар дорад он ҳадду ҳисобе.
Дил ниҳам ман ҷойи поят, ту вале бедил шитобӣ,
Кош н-афтад аз «шитобат» «шин», намонад як «итобе».
Ҳар чӣ нозе мекунӣ, нозат кашам, ки нозҳоят
Чун ғазал дар дафтари Ҳофиз надорад интихобе.
Чун наёзад даст сӯят ҳар чӣ дасте ҳаст, ман лек
Даст аз ту барнатобам, то наёбам дастёбӣ.
То мабодо хоби нӯшини туро ёдам бидуздад,
Посбонии шаби ёди ту дорам, то ту хобӣ.
Гарчиям бедори шабҳо, эй хушо, дигар нагӯям
Дод аз он бедорхобӣ, дод аз он беёрхобӣ.

*   *   *

…Ҳам аз ҷавонии ҷонам ҷавонтар астӣ ту,
Нагӯямат ҷон, аз ҷон, ки ҷонтар астӣ ту.
Чи нисбатат ба ғизоли давону сарви равон,
Ки аз тамоми равонҳо равонтар астӣ ту.
Чу они ишқи ту набвад ҳазору як шабро,
Ба ним оне аз он достонтар астӣ ту.
Агарчи дар ту ҳама розҳои дил пайдост,
Аҷаб, ки худ зи муаммо ниҳонтар астӣ ту.
Ту мавҷи шӯълаи сабзӣ ба шоху барги чаман,
Зи жола бар рухи гул хушнишонтар астӣ ту.
Ду ташнадил фақат аз нӯши ҳам шавад сероб,
Агарчи ташна ману ташнаҷонтар астӣ ту.
Чӣ сон нисор кунам дар вафои ту ду ҷаҳон,
Ки бевафо зи ҷаҳон ҳам ҷаҳонтар астӣ ту.

*   *   *

Агарчандам, иҷозат не аз ин сӯ, гуфт, онсӯтар,
Ба оҳанги раво бошад,  куҷо ҳарфест хушрӯтар.
Ба зери пойи булбул хор дорам сад чаман гулро,
Агар лахте забон дорад аз он гулғунча хушгӯтар.
Чу дар барфи зимистон арчасон болида меояд,
Куҷо  меояд аз ӯ навбаҳоре  сабзу хушбӯтар.
Намедонам, ҳақиқат ё  ки худ афсона меояд,
Вале он гуна меояд, ки аз ҳар ду-ст дилҷӯтар.
Чу метарсад, ки чашм обе хурад аз чашмаи чашмаш,
Кӣ аз чашмони оҳуяш тавонад гуфт тарсутар?!
Чӣ сон охир ғазал карданд чашмонро ба ҷодуӣ,
Надида дар азал чашме аз он ду чашм ҷодутар.
Саропойи ду оламро даво ҷӯйӣ ба тобу таб,

Наёбӣ ҳаб зи холи гӯшаи он лаб, ки дорутар.
Агар гаҳвораи ин нозхӯ аз осмон н-омад,
Чаро ҳар ҷо, ки по монад, шавад аз арш менӯтар.
Ҳама, эй дилбарони коғазӣ, истед яксӯтар,
Ҳамон ояд, к-иҷозат медиҳад з-ин сӯй онсӯтар.

* * *

Саҳар чун ёдат овардам, навозид ин садо гӯшам,
Ки сад булбул ғазал сурх аст дар барги баногӯшам.
Ҳазор ангушти тарзахма занад дар боғҳо оҳанг
Зи рӯйи нутаи қалбам, ман аммо бе ту хомӯшам.
Маро ҳар тори ҳастӣ обшори савту оҳанг аст,
Вале дур аз канорат обшорони фаромӯшам.
Ба пеши пойи ту ҷорист ҷӯе тозаву урён,
Намедонӣ, чаро бо сабзааш аз чашм мепӯшам?
Саҳар хуршед мебинад, ки дасте мезанам бар об,
Зи об ойина медорад ба симосо бару дӯшам.
Шаҳи гардуни шаб гирад арӯси моҳро дар бар,
Шароби орзуятро ба ҷоми лола менӯшам.
Қиёми бодаи лабҳот бар ин ташна мегӯяд,
Ки гар имрӯз менӯшӣ, хумоповартар аз дӯшам.
Хумори дишабат дар сар, хумори дил, биё, ин ҷост,
Ки беш аз сад ҳазору як шаб аст имшаб, як оғӯшам.

* * *

Хонаам, то ки дар он нақши қадамҳои ту ҷо буд,
Чун туам ёр будӣ, хонаи ёрони Худо буд.
Гарчи олам ҳама ҷо ҷодаву саҷҷодаи ишқ аст,
Ҷойи он хона вале то ту, ки буди-ш, ҷудо буд.
Он садо, ки зи варақ хӯрдани мусҳаф бармехост,
На садо, балки диловезтаринҳои адо буд.

Арш мешуд фарш аз замзамаҳои малакутӣ,
Ишқи моро, ки мақом аз малакутӣ боло буд.
Шамъи бетобии мо тобиши сад маҳтобе дошт,
Дар сарои фалак аз равзани мо нуру ҷило буд.
Мо, ки нуҳгонаи афлок ба дил гунҷонидем,
Нокуҷое, ки дар он хона нагунҷид, куҷо буд?!
Ҳар чи ово задем, аммо ба ҷавобе нарасидем,
Аз ҳузураш ҳама даҳр арчи саропо ово буд.
Аз чӣ гуфтанд садо айни фано буду дигар ҳеҷ,
Ҳар чӣ аз ҳастии мо монд, ҳамин лек садо буд.[21]

* * *

Дар дилам ёди лабат ханда зада, рӯъёӣ,
Кай, куҷо ғунча шукуфтаст бад-ин раъноӣ?!
Чун наояд ба талабгории ту боди баҳор,
Гул шавад сурх ба наздат, ки чаманоройӣ.
Равию ҳуш барӣ аз сари ман, хуш ҳолест,
Ойию ақл набозам, ки ту чун меойӣ?!
Аҳди лайлосифатӣ рафтаву бар даштам лек
Бикашонӣ маҷнунвор, магар саҳройӣ?!
Ман ба афсонаи ишқат чӣ тавонам афзуд,
Ки дар ин мӯъҷиза худ тозатарин дунёӣ.
Ту агар мурғи биҳиштӣ, ба чӣ доне ойӣ,
Зи чӣ даст об хӯриву зи чӣ дастонҳойӣ?!
Агарат ними назар ҳаст ба шайдоиҳо,
Худ бубинӣ, ки ба ношайдойӣ шайдойӣ.
На маро тоби дар оғӯши нигаҳ дидани ту,
На туро сӯйи ман оҳанги қадамфарсойӣ.
Майи чандоташа бинам ба лабонат лабрез,
Кӯр бошам, ки кашам миннате аз миное.
Бирав, эй ёр, ки  ёрои сабурим намонд,
Ману ин ташналабиву туву ин дарёӣ.

[21] Фурӯғ гуфта: «Танҳо садост, ки мемонад».

* * *

Ман аз табори хазонам, ту аз табори баҳор,
Биҳии зард манам, ту шукуфта шохи анор.
Туӣ баҳору ба ту кӯтаҳ аст дасти хазон,
В-агар ба ту расадаш даст, мешавад гулзор.
Агар ки шӯълаи субҳам гузашту шаб омад,
Дар ин зуломи шабонам биё ту соиқавор.
Бисӯзиям ту бисӯзу бисозиям ту бисоз,
Ки шукр, ҳар чӣ кунӣ, гӯямат ҳазор-ҳазор.
Агар ба сохтанам даст ёзӣ, инак ман
В-агар ба сӯхтанам даст ёзӣ, инак нор.
Ту чун баҳор расиву шаванд яххо об,
Ҳазор ҷӯяи хушке шавад чу дарёбор.
Ту рӯди тозадамида, туро канор куҷост,
Ки як дамат ба канор орему барем канор.
Аҷаб мадор, ки чун гӯям ин муҳол далер,
Ки як хаёли хаёлист ин ҳама гуфтор.

* * *

Хами гесӯи туро кард навозиш дастам,
Дар хами гесуят афтода ба зону ҳастам.
Дастам аз домани оғӯши ту чун кӯтаҳ буд,
Дигар уммеди дарозе ба чӣ ҳам мебастам.
Ҳама дар ишқ раҳи бастаи дил бикшоянд,
Ман вале рост гирифтам раҳу дар бунбастам.
Ҳама кӯшанд, ки аз банд раҳанд, аммо ман
Дар гулӯ ҳалқаи зулфат, гуфтам, ворастам.
Агар аз шаст гузаштем, нарафт аз мо шаст,
Хами гесӯи ту дар даст, магар дар шастам?!
Баски дар шасти худ акнун камакак мелофем,
Боварат нест, ки дар домани ҳафтодастам.
Халқ гӯянд, ки ҳафтоду афтод, эй кош,
Гӯяд ин мард ба ҳафтод, ки н-афтодастам.
Дилат, ар, ёр, гирифт аз гапи шасту ҳафтод,
Машканам шаст, ки гӯям: Ман аз ӯ нашкастам.
Пурсиям, к-ин ҳама аз мастӣ ё ҳушёрист,
Аҷаб аст ин ки на ҳушёраму на ҳам мастам.

Чун на ҳушёру на мастам, шояд сармастам,
Баски афтода хами гесуи ту дар дастам.

*   *   *

Эй сабзтарин сабз, зи Наврӯзи баҳорон,
Гулгунтарин аз лолаву аз лолаузорон,
Ин сабзиву сурхӣ ба ҳам омехт чӣ гуна,
Гар нестӣ аз тоифаи оташу борон.
Оташ ба дили мо заниву дашти шақоиқ,
Борониву дар санг бирӯӣ гулу торон.
Оҳанги ту дорад ба равиш чашмаи кӯҳӣ,
Бо лаҳни ту хонанд саҳар селаи сорон.
Аз хандаи ту шӯъла занад чашми чароғам
В-аз гесуи ту мавҷ равад дар найзорон.
Ҳаргиз ба майи сурхи лабонат ба ду олам
Миннат кашам аз бодаву аз бодагусорон.
Шаб номи ту дар маҳфили гулҳо бишунидам,
Мерафт чу он ҷо сухан аз хешу таборон.
Дидам, ки гули суриву наргис ба тароват
Ҳастанд ба ту аз шумули шукргузорон.
Чун кор бигирӣ ба чаманзор ту, эй ёр,
Кошам, ки бигирӣ яке аз дастбакорон,
Азбаски миёни ҳама дилбохтагонат
Донанд маро  бедили сарбохта ёрон.

*   *   *

Сабук, сабук ту биё, ҳамчу абр бар сари ман,
Ки гӯямат шавад абри баҳор ҳамсари ман.

Куҷо бувад пари абре  чу ту сабукпарвоз
Таҳи сипеҳр, паризодаи паровари ман?!
Ту дар фарози фарохо баланду болоӣ,
Ба он баландиву боло даро ту аз дари ман.
Биё,  ба болиши ман сар бимон, ки дар шаби васл
Ситора вом барад Каҳкашон зи бистари ман.
Зи Осмондара хоҳам  гузашт дар парвоз
Агар ту ҳампари ҷонам шавӣ, кабӯтари ман.
Ба куйи ман бигузар чун насим боре ту,
Ки рашки боғ шавад кӯчаи муанбари ман.
Қасам ба покии шири модарат, ки маро
Фақат барои ту овардааст модари ман.
Маро чу бинӣ, гӯйӣ, ки з-афсарони ишқ
Ҳазор мартаба ошиқтар аст аскари ман.

*     *     *

Агар ғазал, ки бигӯйӣ, бигӯ тару тоза,
Ки оварад сухани кӯҳна хобу хамёза.
Ба як-ду ҳарфи куҳанкола нав нагардад шеър,
Арӯс мешавад оё аҷуза бо ғоза?!
Чу нест сурату маънии тоза дар шеърат,
Куҷо қабул ояд бо ҳазор шероза.
Ду байт гуфтӣ ё на, валек даъвоят
Чу устоди ғазал беҳад асту андоза.
Дар он ду байти хасӣ гирифта овозат,
Валек ҳар нафасӣ дар талоши овоза.
Чу сар кашида ба гардун ҳазор кохи ғазал,
Чӣ ноз мекунӣ он ҷо ба ними як коза?!
Ту пеш з-он ки қадам бар ҳади ғазал монӣ,
Бубин, дараш ба куҷову куҷост дарвоза!

*   *   *

Дилхоста аз манзараҳоям рухи ёр аст,
Бе манзари ӯ манзараҳоям ба чӣ кор аст?!
Дар ҳанҷараҳо нест навое, агар ӯ нест,
Дар панҷараҳоям, агар ӯ ҳаст, баҳор аст.
На, на, ғалате рафт, дар ин ҳарф, ки гуфтам,
Худ панҷараҳо дар қадамаш боғи ҳазор аст.
Бо ӯ  шаҷари хушку таре  ғарқи шукуфтан,
Бо ӯ зи ҳама шохи чаман шеър нисор аст.
Дар раҳгузараш хор шавад сабз чу сунбул,
Хор аз  нафаси  ёр  арӯси  гули хор аст.
Андар қаду боло-ш, ки ин сурху сафед аст,
Садбарги сафед аст, ки дар шохи анор аст.
Аз сурху сафеди лабу рухсори  чу субҳаш
Дар ҷону дилам шӯълаи сад бӯсу канор аст.
Ҳарфи маю хамр  амри газоф аст ба пешаш,
Аз  хамр чӣ гӯйӣ ту ба чашме, ки хумор аст.
Чун нобтар аз чашму лабаш шеъри таре нест,
Дигар  ҳама ҳарфе, ки  бигӯянд, шиор аст.

*   *   *

Бичархон домани гулбаргиятро, то ба чарх оям,
Биларзон он ду себатро, ки бар ҷонам биафзоям.
Зи рақси шохаҳо дар бод рафтори ту рақсонтар,
Ба чарх ойӣ, аҷаб дорам, ки чун дар ҷой барҷоям.
Раҳо кун обшори гесувонатро, ки ҳар тораш
Ҳазорон савт ангезад ба ҳар як тори аъзоям.
Агар ором меойӣ, чу нилуфар дар об астӣ,
Занӣ аз раҳ мусалмонро, ки гӯяд маҳви Будоям.
Гули ман, месазад оё, ки дар айни шукуфтанҳо,

Ту байни боғу ман бо доғи ишқи ту шукуфоям?
Чӣ донам ҳадди ҳуснатро, вале бар гулшан ойӣ ту,
Куҷо гулро бувад ёрои даъвое, ки раъноям.
Чу даъвии чаманоройӣ аз гулҳо дигар н-ояд,
Чаманро бо ту н-ороям, чӣ сонаш дигар ороям?
Ба ин зебоии яктову бемонанд, медонӣ,
Ки чун зебоии яктои ту танҳои танҳоям.
Биёву ин ду танҳоӣ ба ҳам омез, то гӯям,
Мазан ҳарфе зи танҳоӣ, ки ман бо ёр манҳоям.

*     *     *

Чӣ лабе, лаболаби ҷон, ба лабат чӣ сон бигирам,
Ки агар ба лаб бигирам, лаби ту ба лаб бимирам.
Ба Худо, агар намирам, дигарам ба ҳар  ду олам
На зи ҳеҷ марг мирам, накушад шарангу тирам.
Ҳама тан ҳаёт гардам, ки ба шукри ту бигӯям,
Салавот бар лабонат, ки мамотнопазирам.
Дигарам ба чор ҳангом ба лаб ин сухан шукуфад,
Ки ман аз баҳору аз ишқ ба ҳамешагӣ сафирам.
Ту бибор бар сари ман чу зи новдон, аё абр,
Ки каме фуроям аз таб, манат арчи на кавирам.
Чӣ ниёз бар шақоиқ, ба ҷамоли сурху  сабзаш,
Ки ҳазор дашт лола бишукуфта дар замирам.
На ба кони ҳафт иқлим ба хулуси ту заре ҳаст,
Ба ҳама аёри холис ту зарию ман зарирам.
Азалу абад  надида ба ту дилсупурда чун ман ,
Ба ҷаҳони ишқ ҳарчанд на ҳам аввалу ахирам.
Ва ба сӯям арки суе бизанад ситораи ту,
Хиҷил офтоб гардад зи маҳу шаби мунирам.
Ба сипосу шукри ишқат гузарам зи хоксорӣ,
Ту, ки ишқи беназирӣ, ба ту ёри беназирам.

*     *     *

Ғазале агар нагӯям ба ғизоли хушхироме,
Магар аз сухансарой бирасам ба кому номе,
Ки ғизоли ман ба лаб ҳеҷ ба ҷуз аз ғазал нагирад,
Ба ғазал фақат диҳад нӯш зи лаби чу лола ҷоме.
Вай агарчи ёсаминбарг[22] расад аз қуруни вусто,
Ғазале биҳоҳад аммо ба тароватӣ тамоме.
Ғазале чу ишқ онӣ, ҳама лек абадзамонӣ,
Ки манаш чӣ гуна гӯям ғазале дар ин мақоме?!
Ман агарчи шеваи нав хушам ояд аз суханвар,
Сухане магар тавон гуфт ба чунин як эҳтишоме?
Ба фалак чунон баланд ӯст, ки ба хокиён-ш набвад,
На ҷавоб бар суоле, на алайк бар саломе.
На ба заррае писандад, ба ҷаҳон ҳар он чӣ ҳастист,
Ҳама дар ҳавои рӯъёст, ки надорад эч номе.
Ману хомаи сияҳкор ба саҳифаи сафеде,
Ки ба оташе зи бӯсаш бипазам хаёли хоме
Ва агар писанд н-ояд ғазале, ки навқадимист,
Бувадаш бароям, эй кош, чу паёмаде паёме,
Ки магар ғазал нагӯям ба ғизоли хушхироме
Ва дар ин сухансарой гузарам зи ному коме.

*     *     *

Чӣ мебинӣ ба мӯҳои сафеди ман, баҳор аст ин,
Зимистон дил диҳӣ бар шохи гул, фарҷоми кор аст ин.
Чу дил гарм аст, механдад ба сурхӣ лола дар чеҳра,
Агарчи шукри хуршедаш бувад, кони шарор аст ин.

[22] Рӯдакӣ гуфта: Ба бӯса нақш кунам барги ёсамини туро.

Чунон дастон ба ҳам печанду лабҳо ҳам ба лаб часпанд,
Ки гул гӯяд ба булбул, ки, бубин, бӯсу канор аст ин.
Чу мурғи субҳро дар шохи дил бинӣ ғазалпардоз,
Чӣ гӯйӣ аз ҳазоре ту, ки рашки сад ҳазор аст ин.
Шабе саршор оям аз майи ангурии чашмаш,
Дигар ҳаргиз ба худ н-оям, ки хамри дар хумор аст ин.
Ба дашти орзуҳо мепарад гулгуни зарринбол,
Чӣ сон аз ёли ӯ гирам, ки гӯйӣ шаҳсавор аст ин.
Чӣ меҷӯӣ, ту, эй дил, марказ ин дунёву уқборо,
Ки нақши пои ӯ гӯяд, ду дунёро мадор аст ин.
Ман акнун чун Замин дар гирди тири хеш мечархам,
Ки меҳру моҳ мегӯянд, моро ҳам қарор аст ин.
Чӣ мӯъҷиз боз дорад Кирдгори ман, вале ҳоло
Яқинан беҳтарин аз мӯъҷизоти Кирдгор аст ин.

* * *

Дигар ҷонам ба лаб омад, ки лаб дар лаб шавад бо ту,
Талаб бар толибон бигзораду матлаб шавад бо ту.
Чу ёрони Худо шабҳо ба лаб доранд « ё рабҳо»,
Чу номатро ба лаб орам, шабе « ё раб» шавад бо ту.
Тану ҷонам зи дурият ҳазорон тобу таб дорад,
Дар оташхези оғӯшат раҳо аз таб шавад бо ту.
Ҳама хоҳанд аз Яздон шавад, к-имрӯзашон фардо,
Манат хоҳам, ки пасфардои ман имшаб шавад бо ту.
Ту чун абри баҳоронӣ, ки пур аз атри боронӣ,
Чу бар ҳар дашт меойӣ, пур аз машраб шавад бо ту.
Фақат равшан шавад оё ба як наззораат гардун,
Ки ҳар санги сияҳ ҳам дар замин кавкаб шавад бо ту.
Агар дил бахра гирад аз саводи чашми ҷодуят,
Китоби ишқ во бигзораду мактаб шавад бо ту.
Ман аз тадриси чашмонат фақат як дарс мехоҳам,
Ки омӯзад, шаби ман рӯзу рӯзам шаб шавад бо ту.

*  *  *

Савора  омадаам, то пиёда созӣ ту,
Ба пойи ишқ равонам ба ҷода созӣ ту.
Агар ба  ҳарзасаворӣ зи хештан коҳам,
Маро ба бӯсу канорат зиёда созӣ ту.
Агар хумори ниҳонам ба шохи токистон,
Кашониям зи раги току бода созӣ ту.
Гадойи даргаҳи худро, агар дилат хоҳад,
Ба ҳафт иқлиме  шоҳзода созӣ ту.
Шабе, ки аз ғаму дарди ҷаҳон дилам гирад,
Ба як табассуми худ дилкушода созӣ ту.
Ҳазор мӯъҷиза бошад туро ба ҳар нафасе,
Вале  кучой  якеро  ирода  созӣ ту.
Чӣ беш банду гиреҳе ба кори ишқ уфтад,
Бувад, ки дар хами зулфат кушода созӣ ту.
Мураккабии раҳи ишқро, агар бо ман,
Чӣ мушкил аст, ба як бӯса сода созӣ ту?!

*  *  *

Биё, биё,  гули ман,  аз хаёл бар дида,
Чунонки меравӣ аз боғҳо ту гул чида.
Чароғи лолаи рӯят дилам чунон афрӯхт,
Ки гашт синаи ман пурзиётар аз дида.
Дар орзуи рухат гул шукуфт дар дили ман,
Баҳори нағма шудам, ҳарфе аз ту нашнида.
Лабат ба сурхтарин ғунчаҳо, ки ранг омӯхт,
Бигашт гул ба ду рӯ сурх аз ту шармида.
Ба навниҳоли қадат як баҳор ғунча шукуфт,

Як осмон ба паят буд ситора рахшида.
Чу рафт сайри забонҳо ҳикояти ишқам,
Дигар намонд дар ин шаҳр гӯши нашнида.
Ба васфи қомати сабзат забони ман шуд сабз,
Ситорабор бишуд ҳар саҳифа сурхида.
Чунон ба ёди ту лабрез шуд саропоям,
Ки рафтаам дигар аз худ, ба худ нагунҷида.

* * *

Касе чу ман натавонад суруди ишқи ту гуфт,
Ки офарида маро бо ту Кирдгорам ҷуфт.
Ба гулситон чу расид аз навои ман лаҳне,
Дигар гуле ғазал аз ҳеҷ булбуле нашнуфт.
Агарки булбули бедард ошиқи гул буд,
Магар хуроккашон айни нози гул мехуфт?!
Чӣ ошиқе, ки ба ҳар гул суруд яксон хонд,
Чӣ дилбаре, ки суруди куҳансаро пазруфт?!
Ба тор-тораи зулфат навин ғазал гӯям,
Гуҳар ба ҳар қадамат тоза-тоза хоҳам суфт.
Чу ҷилваҳои туро дид ҳар кӣ дар ғазалам,
Касе намонда, ки ӯ бо ҳазор дил н-ошуфт.
Ба бениҳояти ишқат куҷост уқёнус,
Ки ман ба ин дили танге тавонамаш бинҳуфт?
Агар ба зарраи лутфе зи ман ту ҷон хоҳӣ,
Чунин муомала, баҳри Худо, ки бошад муфт.
Вале ба ин ҳама дигар бас аст гуфту шунуфт,
Касе чу ман натавонад суруди ишқи ту гуфт.

* * *

Биё, эй дилбари якто, ки гӯям шеъри яктое,
Ки яктоӣ набошад бахра ҷуз танҳо ба танҳое.
Маҳу хуршед дигар – дигаранд, аммо ҳамонанданд,
Ба зебоии яктои ту аммо нест ҳамтое.
Ту як сӯ офтобу як су абрӣ, осмонастӣ,
Ки борону камони атласаш дорад тамошое.
Саробе мешавад аз гӯшаи чашмат шароби ноб,
Чунон мӯъҷиз куҷо меояд аз Исову Мӯсое?!
Ду оҳуи ту шери ҷангалиро мезанад занҷир,
Мусалмон мешавад аз чашми тарсуи ту тарсое.
Манам, ки гаштаам кайҳо ба нози ишқи ту таслим,
Дигар занҷирбандии туро дорам таманное.
Зи атри бомдодии баҳорам хушдимоғӣ нест,
Чу дар шомам напечад накҳати зулфи сумансое.
Ба оҳанги сабо гар мекушоӣ ғунчаи лабро,
Дигар чун мекунад булбул ба боғ оҳанги овое.
Чаман аз нахли сабзи қоматат мадюни сарсабзист,
Шукуфа-ст аз лаби сурхи ту мафтуни шукуфоӣ.
Ба боғи ошноият, чӣ бошад, раҳ диҳӣ як шаб,
Ки ман дар пушти дар дорам ҳамин танҳо таваллое.

**ҒАЗАЛИ БӮСА**

Шаб дар лабаш шукуфид як лолазор бӯса,
Шаб буду лолачинӣ, лаб буду кор бӯса.
Шаб буду хобу рӯъё саршори бӯсу оғӯш,
Субҳ омаду ҳақиқат ку он ҳазор бӯса?!
Эъҷози бӯсаи ӯ кай дошт навбаҳоре,
Ҷонро, ки сабзтар кард аз сад баҳор бӯса.
Эй торами гуҳарбор, бар ибрати лаби ёр
Чун офтобборон як бор бор бӯса.
То лолаи лабонаш гӯё кунад мани лол,
Садҳо забон, ки дорад дар ихтиёр бӯса.
Гунҷишки орзуям бошад, ки аз лабонаш
Рӯзе ба ҷойи дона чинад ҳазор бӯса.

Дармони ҳар чӣ тарёк чун нест ғайри тарёк,
Дармони бӯсабеҳуш бошад ба кор бӯса.
Ин ёри бӯсахоҳат, к-аз бӯсае зи ҳуш рафт,
Оё ба ҳуш н-ояд бо се - чаҳор бӯса.
Тадбири ҳушманди-ш дигар ба ҷуз ҳамин нест,
Тангаш гирифтан оғӯш додан ҳазор бӯса.

* * *

Эй кош, ки як шаб зи сари меҳр даройӣ
Дар оғушам он гуна, ки дар хоби ман ойӣ.
Нозуктарам аз ноз навозию надонам,
Ҷонро бирабойӣ зи танам ё бифазойӣ?!
Он лаззати оғӯши ту дар ҳеҷ зане нест,
Шояд ки паризодаи нуҳтуи самойӣ.
Рӯзе ба сарам соя кунад боли баландат,
Ояд таҳи боли ту ҳумое ба ҳумойӣ.
Як боғи пур аз хамр дар оғӯши ту сабз аст,
Кай ташнадилонро бирасад фасли чашойӣ?!
Аз накҳати гулбоди баҳорон ҳама мастанд,
Чун оҳуи симин сари кух ҷилва намойӣ.
Ёде ба сарат нест зи дилдодаи бехеш,
Бо ин ҳама беҳушии худ ҳушрабойӣ.
Донад касе оё, ки улуҳияти ин ишқ,
Ҳатто набувад ҳеҷ ба дастони худойӣ.
Олам ҳама ҳарф асту дар ин олами пурҳарф
Ишқи ту маро ҳарфи нахуст асту ниҳойӣ.

*   *   *

Ин чӣ чашму чӣ нигоҳу чӣ табассум, чӣ такаллум,
Ин чӣ оҳу, ки ба пушти дили уфтода занад сум.
Оҳуву шохаи гул, муъҷизи ҳусни ду ҷаҳон ӯ
Карда дар рафтану дар қомату рухсор таҷассум.
Байни он дашту гулистон, ки мақоми дилу ҷон аст,
Чӣ аҷобат, ки кунад ин дили дилсӯхта раҳ гум.
Кӣ тавонад, ки бигӯяд, чӣ тазодест дар он чашм,
Чашмаи ҷодуву сеҳр аст магар, ё ки тараҳҳум?!
Эй, ки масти майи хумбед, бидонед, ки ҳаргиз
Мастии чашми хумораш набувад ҳеҷ ба сад хум.
Мову уммеди хумори нигаҳе ҳаст аз он чашм,
Ин чӣ ҷуръат, чӣ ҷасорат, чӣ тақозо, чӣ таваҳҳум?!
Ҳар чӣ моро расад аз шохаи гул, роиҳа ё хор,
Мову сад узри тасаннову ташаккур, на тазаллум.
Беш аз ин, то ки нафас боқиву дар ҷон рамақе ҳаст,
Номи ширини варо замзама созему тараннум.

*   *   *

Навбаҳори ман куҷоӣ, тирамоҳи ман гузашт,
Аз дили ҳар чор фасли сол оҳи ман гузашт.

Роҳи як умр аст, гуфтӣ, дар миёни мову ту,
Оҳ, аз он бероҳа умре, ки зи роҳи ман гузашт.
Каҳкашон акнун ба чашмам каҳнишоне беш нест,
Чун зи тоқи осмон хуршеду моҳи ман гузашт.
Кош, метобид моҳи рӯйи ту бар ман шабе,
То бигӯям, фарри он шаб аз пагоҳи ман гузашт.
Чашми зоҳирбин, ки сурат диду сиратро надид,
Бо кӣ бояд гуфт он чӣ, к-аз нигоҳи ман гузашт.
Шиквае ҳам бар лабам аз додбахши даҳр нест,
Гарчи додамро надоду додхоҳи ман гузашт.
Ҷумлаи аҳли башарро устухон мешуд сафед,
З-он ситамҳое, ки бар мӯйи сиёҳи ман гузашт.
Пас Худое, ки баҳорам дода буд дар тирамоҳ,
Бо баҳораш ҳар чӣ кардам, аз гуноҳи ман гузашт.

*  *  *

Дигар сухан на ба кор ояду суханвар ҳам,
Ки гашта кори ҷаҳон соф дарҳаму барҳам.
Дили дунимаи шоир, ки хеш хунполост,
Магар ба реш тавонад ниҳодан ӯ марҳам.
Каломи ҳақ кӣ зи авзои вақт хоҳад гуфт,
Ки дар замона на дил монду на диловар ҳам.
Чу мурғакон шуда аз тарси ҷон хамӯш ба боғ,
Дигар ба гӯш хуш ояд садои қар-қар ҳам.
Чунин муомала адл аст агар, кӣ медонад,
Ки додбахш куҷо монду доду довар ҳам.
Дурӯғу рост даромехт ончунон бо ҳам,
Ки тафриқат натавон кард шакку бовар ҳам.
Чу оварӣ сухан аз ёру ёварӣ, аҷаб аст,
Гарат ба ханда нагиранд ёру ёвар ҳам.
Уқоби шоҳиву шоҳин зи бас замингиранд,
Намонда дар таҳи гардун яке паровар ҳам.
Чу дар замину само роҳҳо ба бунбастанд,

Ниёз чун барам акнун ба роҳу раҳбар ҳам?!

* * *

Танҳо зи ҳам ҷудову ҷудо ҷон набуду нест,
Танро ба ҷони шефта руҷҳон набуду нест.
Азбаски ман кам аз танаму ҷони ҷон туӣ,
Дур аз барат ба як нафас имкон набуду нест.
Дар ҳайратам, ки бе ту чӣ сон зинда будаам,
Бе ҷони ҷон, ки зистан осон набуду нест.
Аз ҳарфи ман, ки атр чаман дар чаман бирафт,
Дигар ҳавои тарфи ту пинҳон набуду нест.
Ҳар ғунчае агарчи шукуфт аз нигоҳи ту,
Наргис вале чу чашми ту ҳайрон набуду нест.
Дилро, ки дар биҳишти барин дил гирифтааст,
Ҷуз боғҳои ёди ту сайрон набуду нест.
Кас дид агар рухатро дар хоби нози шаб,
Аз рӯи даҳр рафта пушаймон набуду нест.
Ёдат, ки дар дилам бувад, аз марг эминам,
Бо хотират маро хатари ҷон набуду нест.
Сад ҷон агарки буд маро, мефишондамат,
Як ҷон, ки ҳеҷ қобили эҳсон набуду нест.
Ҳаргиз надошт қадри пашизе ба ман ду даҳр,
Инсон агар таронаи инсон набуду нест?!

## АШЪОРИ ТОЗА

(с. 2017 – 2020)

## ШОИРИ ИМРӮЗ*

Бениҳоят бошаду ғарқад вале дар оби чашми мӯр,
Зарраворе ҳасту дар ҳаждаҳ ҳазори даҳр кай гунҷад?!

Кист ё худ чист,
ин сон маҳраму маҳҷур,
К-ӯ ба ин хурдии хурдеву бузургии беандоза
На дар анвои адад гунҷад,
на дар абҷад?!

Бо чунин сабки куҳан сар мекунам гуфтор,
Ё ки шояд навтару тоза,
Аз ту, эй сайёраи худсӯз,
Шоири имрӯз.

Ҳарфи ман аз шоири воқеъан имрӯзист,
К-он чу хуршеде, ки имрӯзиву ҳаррӯзист.
Ё чу он дарё, ки бар васфи бузургӣ эҳтиёҷаш нест,
Ё чу он гардун, ки бартар аз сифат рахшандаву нилист.

Ҳарфи ман аз шоири воқеъан имрӯзист.

Н-аз гурӯҳе, к-ӯ ба по кафши фарангӣ
ҳамчу маймун ҷасту хезе мекунад – рақси замонӣ,
ё ба тан поҷомаи то зонувон кӯтаҳ,
Меравад "Ёҳу"-занон то хонақоҳи шайхи асри даҳ.
Баъд шуғли тортанро мекунад пеша,
То ба тораш хешро мепечад аз реша.

Асли шоир аз азал маҷмӯаи заъфу тавоноист,
Заъф дар номардиву
пурзӯр дар мардӣ.
Гарчи умре хонабанди ишқу зебоист,
Мекунад дар олами ишқ ӯ ҷаҳонгардӣ.

Ҷуз хаёли рӯи ёр аммо надорад сарват аз ҳастӣ.
Гар вай аз атри фарангии зане дармеравад аз ҳуш,
Дигарон маъшуқагонро лаб макида,
даст дар оғӯш,
Ин замину осмон дарҳам зананд
аз ғояти мастӣ...

На,
аз инҳо мекунам қисса,
Мехӯрам ҳарчанд аз ин ғусса.

Ҳарфи ман аз шоири воқеъан имрӯзист,
К-ӯ чу оҳу дар сари қулла,
миёни шаҳр,
Мекушояд синаро бар тундбоди даҳр,
То бидонад, к-ин ҳама ошӯби давронро ниҳоят чист?

Гарчи ин ҷо, хуб медонад, ки ӯро қисмати шӯрест,
Монад ин ҷо боз,
ё з-ин ҷо кашад рахташ,
Гарчи медонад, ки дар ҳар ҷо мароми зиндагӣ
зӯрист,
Гарчи медонад,
нишони тирзан бошад сари сахташ.
Ҳарфи ман з-ин шоири воқеъан имрӯзист,
Дар ҷаҳоне, ки дар он равшаншиносӣ
бадтар аз кӯрист.

Ҳарфаш акнун кай ба ширинӣ навозад гӯши болоро,
Баски болоро намонда ҳеҷ бар ҷо фарри волоӣ.
Тифли Золи Зар, ки кайҳо мард гашту Рустами Дастон,
Бар сари гаҳвораш дигар набояд хонд лолоӣ...

Шоири имрӯз бояд рӯ ба рӯ бо мо сухан гӯяд,
Ҳамчунон бо офтоби дар қиёми рӯз,
То варо бинем мо, на сояи ӯро,
Асли ӯро, мояи ӯро.

Шоири имрӯз бояд боз Роғуни сухан созад,
То намояд торами торики дил равшан.
Ё фулузи синаҳои сардро он гуна бигдозад,
К-он шавад бар ҷони мо ҷавшан.

Шоири имрӯз шояд ҳам ба ин сон кор қодир нест,
Лек мардумро аз ӯ андешаи дигар ба хотир нест...

Шоири имрӯз занбӯрест дар барги гули масмум,
К-ангубин гар оварад, худ мешавад нокораву маъдум.

Лек умре дар ҷаҳони ботину зоҳир,
Заҳрро дар даҳр позаҳр аст ҳар шоир,
Ҷовидон
бо ишқу худсӯзӣ,
То бувад ӯ
шоири
воқеъан имрӯзӣ.

27.08.2018

*Ин шеър ба хотири барномавӣ ва фарохии мавзӯяш дар аввал оварда шуд, шеърҳои дигар аз рӯй замони эҷодашон ҷой гирифтаанд.

***

Ин қадар ҳам забони ту ширин,
Ин забон на, ки шаҳд бо шир ин.
Чун кунад, он ки бо ту ҳарфе гуфт
В-аз забони ту ҳам сухан бишнуфт.
Ҳарфи ширини ту, ки бурдаш ҳуш,
Дигареро чӣ гуна дорад гӯш,
Ки ду олам бишуд фаромӯшаш,
Ҷуз садои ту нест дар гӯшаш.
Гарки гӯшу забон ба ҳукми туанд,
Ҷуз ту дигар кӣ бошадаш дилбанд?!
08.01.2017

## ДОДУ ГИРИФТИ ХУДО

Рӯи модар надида ман серӣ,
Бурдӣ ӯро ба тифлӣ аз сари ман.
Боз шукрат, ки ҳол дар пирӣ
Духтаронам шуданд модари ман.
28.04.2017

***

Булбул ба сари шох наво дораду хобӣ,
Мадҳуш дар оғӯшиву сармасти шаробӣ.
Ин ҳар ду агар нест туро айши саҳаргоҳ,
Аз чист, ки печида сар аз ҳарфи ҷавобӣ.
Чун дар бари мо лаззати оғӯш набинӣ,
Донӣ, ки аз он нобтарин ҳеҷ наёбӣ.
Ин ҳарфи дил асту набувад шак, ки яқин аст,
Ман нобаму ту нобтаринҳои зи нобӣ.
Гул пеш биёрад агарат атри табассум,
Об аз рухи гул меравад, азбас ту гулобӣ.
Дар ҳасрати нӯши ту бихушкид лаби мо,
Боре ту бипурсӣ, ки магар ташнаи обӣ?
Аз об дареғам бикунӣ, ин чӣ азоб аст,
Ё ташнакушӣ гашта магар кори савобе?!
Моем ҷигарсӯхта дар дашти ҷудойӣ,
Ин дашт сароб асту вале ту сари обӣ.
Гардонад агар ҳарду ҷаҳон рӯи худ аз мо,
Мо рӯ ба ту орему ту рӯ, кош, натобӣ.

06.05. 2017

***

Магар зи макри замон як фиребхӯрда манам,
Ки сад ҳазор барорад фиғон, ки бекафанам.
Дурӯғросткуниям дигар ба ҷон овард,
Иҷоза деҳ, ки кунун ростро дурӯғ кунам.
Баланд буд чу дастам ба ҳар дурӯғеву рост,
Магар ки дасти баландам кунун ба сар бизанам.
Яке зи дур занад лоф аз ватандорӣ,
Манам, ки дар ватанам, чун ғарибй беватанам.
Агарчи булбули шӯрида ҳар куҷо чаман дорад,
Манам, ки булбули хушхони зори бечаманам.

28.07.2017

***

Мондам аз худ ёдгори бебаҳо,
Ҳафт ҷилди хешро дар мунтаҳо.
Шеъри нағзу насру осоре зи нақд,
К-он ҳама бо ақлу дил доранд ақд.

Ҳар касе дил дораду ақлу хирад,
Ҳар қадар хоҳад аз он бар мехӯрад.
02.12.2017

**ОШИҚИ САРВОДА**
**Ба Абдуҷаббор Раҳмонзода**

Он ки бо лутфи Илаҳ ошиқи сарвода бувад,
Равшанибахши дили шоири озода бувад.
Он ки дар одамиву илму амал беҳамтост,
Абдуҷаббор Азизи Раҳмонзода бувад.
20.01.2018

**СУРУДИ ҶАШНИ САДА**

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.

Бо Каюмарсу Ҳушангу бо Фаридун
Оташ афрӯзем то айвони гардун.
Шуълаи Ҳурмузд дорад оташи мо,
Озарафрӯз аст қалби беғаши мо.

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.

Фарри яздонӣ, шукӯҳи паҳлавонӣ,
Мояи тоҷик шуд дар зиндагонӣ.
Меравад панҷоҳ рӯзу шаб зи сармо,
Мерасад наврӯзии гулҳо ба гармо.

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.

Эй Сада, моро ба фарвардин расонӣ,
К-оташи ту борад оби зиндагонӣ.
Оташу обат кунад зулматзудоӣ,

То ҷаҳонро нури яздонӣ физоӣ.

Эй Сада, эй ҷашни асли ориёӣ,
Тоҷикему ориёӣ ҷашни моӣ.
28.01.2018

## БА ШАҲНОЗИ БЕНАЗИР

Ту, эй духти шакаргуфтор, хуш бодат шакархоӣ,
Саропо нағзиву хубӣ, саропо шеъру зебоӣ.
Агар ин осмон нозад ба ҳурони биҳиштиаш,
Заминро мекунад ҳасти-т гардуни аҳуроӣ.
Дами Исо агар боре ба ҷисми мурда ҷон бахшид,
Кунад як ҳарфи шеъри ту сад эъҷози масеҳоӣ.
Зи бас зеботарӣ бо ҷисму ҷон аз шеъри ҷонафзо,
Биё, то созадат шеър иқтибоси рӯҳафзоӣ.
В-агар байте ба лаб меоварӣ аз боби ноби дил,
Гулу гулхору хоро мешавад обу мусаффоӣ.
Ба вақти сайри гул ногаҳ зи сардӣ гар ту месурфӣ,
Сафи мурғи чаман ояд ба таҳсини хушовоӣ.
Туӣ армони гулҳову туӣ дармони булбулҳо,
Ту чун гулранги шангуле ба барги гул ҳувайдоӣ.
Агар ҷамъияти танҳо туро нашнохт, мебахшой,
Ки байни ин ҳама танҳои беҷон ҷони танҳоӣ.
04.02.2018

## **ХУҶАСТАБОДИ ЗОДРӮЗ**
**(Ба Фарҳод Раҳимӣ)**

Ин сарвари фарҳехта физики азим аст,
Дар шеъру адаб низ варо завқи салим аст.
Аз дониши таъриху забонаш сухане нест,
Донои ҳама илми навин асту қадим аст.
Дасташ ба мисоли дилу рӯяш, ки кушод аст,
Дарё диҳад ӯ қатраи моро, ки карим аст.
Яздон диҳадаш умри дарозу тани солим,
К-ӯро хираду илму амал нозу наим аст.

Дар рӯзи таваллуд ҳама ин ҳарф, ки гуфтем,
Чун оина соф асту аён асту самим аст.
Кам бошад аз ӯ ҳар қадараш васф, ки гӯем,
К-арзанда пури Қодиру Фарҳоди Раҳим аст.
22.04.2018

**БА АБДУҚОДИРИ АБДУҶАББОР**

Куҷо мардест, к-ӯ чун Абдуқодир Абдуҷаббор аст,
Ба мисли ӯст кам марде, агарчи мард бисёр аст.
Сифоти паҳлавонмардӣ кам андар қуввати бозуст,
Ки асли мардиву мардонагӣ дар шафқати ёр аст.
Ба қаъри чашми зебояш ту гӯйӣ чашмаи меҳр аст,
Ба лабҳояш сухан чун найшакар ё ин ки гуфтор аст.
Агар баҳр аст қалби ӯ, ҳама лабрези гавҳарҳост,
Агар кон аст қалби ӯ, пур аз ёқути шаҳвор аст.
Сухан ширину сурат дилбару сират чӣ дилҷӯтар,
Ҳамоҳангӣ чунин дар сурату сират на бисёр аст.
Ҳама лофи ҷавонмардӣ зананду ӯст лаб хомӯш,
Ки гуфтор аз ҷавонмардӣ варо на ҳарфи бозор аст.
Аз инаш ҳар куҷо мардеву ойини ҷавонмардист,
Ба ҷону дил варо дар ҳалқаи ёрон талабгор аст.
Чу хатми ин сухан боист, ин ҳарфам ба лаб омад,
Нигаҳдорандаи ҳар ду ҷаҳон ӯро нигаҳдор аст.
03.05. 2018

**САДО ОМАД...**

Садо омад,
Садои ғунчаи лабҳои ӯ, ки боз мешуд,
Садое ки ба ҷои фаҳм гаштан, роз мешуд.
Садое ки зи сеҳри он ҷаҳон овоз мешуд.

Садо омад,
Садое ки яхистони абадро гарм мекард,
Дили сангину сарди сангҳоро нарм мекард
Ва гӯё ҳам зи лаҳни меҳрбораш шарм мекард.

Садо омад,
Садое ки гулу гулзорро пардоз медод,
Ба ҷӯборон навои обшорон боз медод,
Ба мурғон ҳам ҳавои чаҳ-чаҳу парвоз медод.

Садо омад,
Маро бурд аз сари мизам сари дунёи дигар,
Сар омад кору гаштам ҳамнавои нои дигар,
Ки шӯр афкандам аз ҷон дар найистонҳои дигар.

Садо омад,
Сурӯшам дар найистону ба гӯшам буд тилфон,
Миёни ину он будам ба ҳоли хеш ҳайрон,
Ки ман ин ҷову дил дар кӯи ёдаш дошт сайрон.

Садо омад,
Садое ки туро хонад ба айёми ҷавонӣ,
Зи доми шоми зулмонӣ, ба боми осмонӣ,
Магар аз ҷо намехезию мегӯйӣ, ки сонӣ?!

Садо омад,
Чу тори интизори захмае дар изтиробам,
Намедонам, биистам ё ба дидораш шитобам,
Ки ман шояд навои ҷони зорамро дар ӯ ёбам.
11.08.2018

***
Худоё, ин чӣ тамкину салобат,
Ба он ангезаи ҳусни худодод.
Чун омезад шаҳомат бо малоҳат
Ва сонеъ дар ҳарими сунъу эҷод.

Бидидам дар миёни ақрабоят,
Ки танҳоӣ, чу маъбад тозаву пок.
Фаришта гар ҳамедидӣ, ба поят
Фурӯ меомадӣ аз авҷи афлок.

Фаришта дар само, мардум дар ин ҷо,

Яке ошиқ намедонад, дигар ишқ.
Ту байни ҳар дуӣ танҳои танҳо,
Вале танҳо зи ту дорад шарар ишқ.

Чӣ мегӯяд нигоҳи ғуссанокат,
Ки ин мардум зи чашмонат нахонанд.
Ҳазор афсӯс, қадри ҳусни покат
Дар ин ҷову дар он ҷо ҳам надонанд...
11.08.2018

***

Бидидам,  гулшане буд аз гули сурх,
Варо пироҳане буд аз гули сурх.
Тане дар гул, гуле дар тан, саропо
Баҳоре ё зане буд аз гули сурх.

Чӣ маънӣ мерасонд он арғавонӣ –
Вафову дӯстдорӣ, меҳрубонӣ
Ва ё нокомӣ аз ишқу муҳаббат
Ба он хуршедии фасли ҷавонӣ.

Ба гирдаш ҳалқаи аъёну ашроф,
Ба ҳайрат буд ӯ, гӯё дар аъроф.
Чу байни ин қабоил  дар садоқат
Ҷавонмардӣ наёбӣ Қоф то Қоф.

Киро ин ҷо "бало", бо кӣ "бале" буд,
Ба ҳар кас ҳар чӣ ҳам бошад, вале буд.
Миёни тӯдаи хокистариҳо
Зане буд, гулхане буд, машъале буд...
13.08.2018

## КИШВАРИ  МАН

Эй кишвари ман, кишвари мардони шарафманд,
Эй мазҳари ишқи дили ман, кишвари тоҷик,
Эй марзи ба мардонагии даҳр камарбанд,
Кай нуҳ фалаки чарх бувад ҳамсари тоҷик.

Эй манбаи илҳоми тамоми шуаро ту,
Худ шеъри дурахшанда туӣ, лаъли Бадахшон.
Гарчи ҳаваси шеъру сухан дода маро ту,
Худ шоириву шеъри ту барқест  дурахшон.

Чун Сир бувад оромравиҳо зи ту моро,
Чун Панҷу Зарафшон диҳи-мон гоҳ таку дав.
Худ пояи гардун, ки туӣ, бори саморо
Бардошта бар шонаи куҳҳои фалакрав.

Ҳар сахраи ту такягаҳи қуллаи Қоф аст,
Ҳар қатрае аз рӯди ту сарчашмаи дарёст.
Ҳарфе агар аз хурдии ту ҳаст, гизоф аст,
Чун рафта бузургии ту сартосари дунёст.

Дил низ чу мушт асту бигунҷад ҳама олам,
Як гирдаи меҳр аст фурӯзанда ҷаҳонро.
Аз ту ба ҷаҳон нашр шавад маънии одам,
Дар рӯи ту бинем ҳама сурати ҷонро.

Эй марзи ҳумоюну авастоии тоҷик,
Дар меҳвари сайёра ту хуршедтаринӣ.
Алҳақ, ки туӣ нусхаи яктоии тоҷик,
Дар рӯйи заминиву фаро чархи баринӣ.
19.08.2018

## МАРДИ ИШҚ

Зи шеъри ошиқӣ ин дам пур аст кавну макон,
Нагунҷад он на ба дафтар, китобу на тафсир.
Чӣ ошиқон – ҳама баргаштабахти давру замон,
Чӣ чомаҳо – ҳама борони ашк – абри матир.

Чӣ шоирон, ки ба каф ногирифта гесуи ёр,
Зи атри оғуши дилбар нагашта боре маст,
Шабонаҳо камари ёр нокашида канор,
Чаро шикаставу дилхастаеду кӯтаҳдаст?!

Дилам гирифт аз ин нолаҳои ошиқи-тон,
Ки он чӣ ишқ бихонед, ишқмоно нест.
Чӣ нотавону заифона мекашед фиғон,
Магар ки байни  шумо як нафар тавоно нест?!

Ва ё ки ишқи шумо "орифона" маҳҷур аст,
Магар ки ҳеҷ нахондед шеъри Мавлоно.
Ва ё ба назди шумо ӯ ба рақс маъзур аст,
Ба рози ишқи Худо кист бештар доно?!

Хушо, ки ишқ фақат нест зориву ҳиқ-ҳиқ,
Ки ишқ нағмаи шод асту мазраи шодоб.
Сано ба он ки чу Таҳмина мешавад ошиқ,
Ки ҷӯши ишқи шабафрӯзаш оварад Сӯҳроб.

Висол ё ки бувад ҳаҷри ёр ҷонафрӯз
Ва шодиву ғами ушшоқро чӣ бошад роз.
Вале ҳақ аст, ки ин зиндагӣ зи нав ҳар рӯз
Шавад ба гиряи навзоди марди ишқ оғоз.

25.08.2018

**ҶАВОБ БА НУКТАГИРИ "ҒАЗАЛИ БӮСА"**

Дирӯз шигифт омадам аз бехабаре, к-ӯ
Эрод маро бар "Ғазали бӯса" гирифтаст.
Гуфтаст, ки пириву дигар нест такопӯ
Ҳоҷат ба ту дар бӯсаву амре, ки паяш ҳаст.

Моро ту ба меъёри худ андоза нагирӣ,
Шояд ки Худо ишқ ба мо чени дигар дод.
Дар бӯсаву дар ишқ на зуд асту на дерӣ,
Ҳар гоҳ насиб омаданаш пурбаракат бод!

Зоҳид агарӣ, ҳарфи Худо хубтарак хон,
К-Аллоҳу паямбар сухан ин гуна нагуфтаст.
Аз таҷриба мегӯямату хубтарак дон,
К-ин ҳасти ту ҳам дар намаки бӯса нуҳуфтаст.

26.08.2018

**ЭЪЛОН ДАР КӮЧА**

“Дарси забони тоҷикӣ,
Ингилисӣ, фаронсавӣ
Хуб диҳам, ки ҳар яке
Зуд кунад фароравӣ.

Боз ҳамин маҳал шавад
Ҷомаи куҳна поргӣ.
Баҳри фурӯш ҳам бувад
Қандчаи хурӯсакӣ.

Адреси ман: саду навад,
Кӯча ба номи Рӯдакӣ”.

Ин ҳама хуб ё ки бад?
Хонда накардамаш шаке.
Аҳли зиё,ба мо чӣ шуд,
Гиря кунам ба ҳоли кӣ?!
26.08.2018

***
Ту куҷоӣ, ба ҳамон киштиат, эй дӯст, куҷо,
Ки ба ҷоят набувад ҷойгаҳе дигарро,
То ки бо ӯ гузарем,
Ҳафт дарёи шаку боварро.

Мо зи тӯфони бало гашта раҳо,
Уфтодем ба тӯфони ҳаводис яксар,
Ки ҳама хезобу пастобаш
Аз сари кӯҳ баланд ояду аз чоҳ амиқ
Ва ба ҳар ларза шавад зеру забар.

Нохудои моро
худ ту нигаҳ дор Худо,
Ки дар ин баҳри дамони пуршӯр
Накунад суккони киштӣ
аз даст раҳо.

Баски мо дар талаби соҳили реги нарме
Ё ақал пуштаи хоросанге
Ин ҳама бел задем,
Ки тавонем даме фориғи ташвир шавем,
Гарчи хубему бадем.

Кист аммо,
касе акнун, ки ба ин мардуми киштӣ гӯяд,–
Ин ҳама модару тифли маъсум,
Ғашкунон, к-ӯ  ба лабон синаи модар ҷӯяд;
Наварӯсе, ки ба армони шаби дидор аст,
Тану ҷон ташнаи нӯши ёр аст;
Пирмарде, ки ба уммеди кафи хоку кафан,
Уфтода ба намоз,
Ними умраш ба ибодат бигузашт,
Ки ҳамон тоқа кабӯтар,
ки ба овардани пайке зи ҳаёт
Рафта буд,
боз нахоҳад баргашт.
10.Х11.2018

**ЧӢ АШКУ НОЛАВУ ГИРЯ...**

Чӣ ашку нолаву гиря!

Чӣ чашми кӯр,
Чӣ гӯши кар!

Агар инҳо
тавонӣ дид
дар манзар
Ва буд хомӯшу
дилсарду
таҳаммул кард,
Бирав,
дарёб,
фарқи одамӣ
аз хар!
15.Х11. 2018

***

Фурӯ рафтам дигар дар кори худ ман,
Чу даркорат наям, даркори худ ман.
Каму беши ҷаҳон фарз аст оё,
Кунам фикри каму бисёри худ ман.
Ба бозорам биандозӣ, намонам,
Харидорам чу дар бозори худ ман.
Ҳазорон рози олам боз гашта,
Надонистам вале асрори худ ман.
Ҳама дар хоби ғафлат роҳатастанд,
Паи бедориву озори худ ман.
Раҳе аз пеш ояд саъбу мушкил,
Магар ёбам раҳӣ сангори* худ ман.
Агарчи аз дарат рафтам ба зорӣ,
Надонам, зори ту ё зори худ ман.
Худо дар сурату сират якам сохт,
Ки ҳастам нусхаи осори худ ман.

*сангор – сингор – дар талаффузи мардум,
ҳамсафар, монанди худ
16.01.2019

***

Туро танҳо барои буданат ман дӯст медорам,
Тани дар ҷон, туро чун ҷони дар тан дӯст медорам.
Дилу ҷонам пур аст аз ту, ки ҳадди он муайян нест,
Туро беш аз ҳади он номуайян дӯст медорам.
Агар дар атрбези навбаҳорат бошӣ аз ман дур,
Ба бӯйи атри гесӯи ту гулшан дӯст медорам.
Лабони ғунчаат гулнори сӯзон асту ман сӯзиш
Ду лаб дар оташи гулгуни гулхан дӯст медорам.
Зи байни барфҳо меомадӣ ту тозатар аз барф,
Туро бо барфҳои кӯҳу барзан дӯст медорам.
Агар дуриву дидори ту монои шабу рӯз аст,
Туро бо шоми тору рӯзи равшан дӯст медорам.
Ман аз дору надори даҳр ҷуз як дил надорам ҳеҷ,
Ҳамон дуздидиву ман дузди раҳзан дӯст медорам.
Чу бар ҳар мард ишқе нест аз ишқи зан авлотар,
Агар мардам, туро болотар аз зан дӯст медорам.

Чу ширинии ту бо даҳр пайвандам диҳад, аз хеш
Агар қатъам кунӣ,  ман боз қатъан дӯст медорам.
Надонам бар чиям, аммо накӯ донам, ки то умр аст,
Туро танҳо барои буданат ман дӯст медорам.
22.01.2019

**БА ХУҶАСТАБОДИ ЗОДРӮЗ**

Ба илм ҳадди камоливу дар камол бизӣ,
Ба ҳусн ҳадди ҷамоливу дар ҷамол бизӣ.
Ҳам ин дуот бигӯям, ки Рӯдакӣ гуфта:
Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ!
05.02.2019

***

Забони мо на ҳар розе кунад ифшо, ки ӯ роз аст,
Чу ғофил розро аммо зи мо пурсиданаш ноз аст.
Ниҳон аст ошкори ӯ чу гавҳар дар дили дарё,
Валекин рози мо чун орази дарё ба ӯ боз аст.
Ниҳон дар ошкоро суҳбате кардан, чӣ хуш бозист,
Агар ин бар ниҳонбозии тифли ишқ оғоз аст.
Лабонаш бӯсахоҳу бӯйи ишқ ояд зи ҳар ҳарфаш,
Вале дил доданашро кай диҳад тан, ӯ, ки танноз аст.
Ману рухсори ӯро дидану гуфтор бишнидан,
Чу чашму гӯш во созам, ҷаҳон ҳусн асту овоз аст.
Агар ишқи туам сабр аз дилу ҷон ронд, ҳақ бо ӯст,
Магар ҷойе касе дида, ки ишқу сабр анбоз аст.
Агар сабр аст чун занҷири по, ишқ аст ошиқро
Ба авҷи осмон парвоз дода, айни шаҳбоз аст.
Намедонам тариқи сарфарозирову медонам,
Агар по мениҳӣ ту бар сари ҳар кас, сарафроз аст.
18.02.2019

***

Агар ёдат набуд, аз ёди дунё рафта будам ман,
Ба ёди даҳр мондам ман, ки ишқатро сутудам ман.
Чӣ ҷойи ҳайрат аст ин ҷо, ки то умр аст мебурдам

Ба як дил чор укёнуси ишқат дар вуҷудам ман.
Ту зери ҳафт гардун як Замин сайёраи ишқӣ,
Туӣ дар ман, ки бо ту коиноти беҳудудам ман.
Чӣ сон бо ишқу бо ёдат нанозам ман, ки сар то по
Ҳама шавқу суудам ман, ҳама рақсу сурудам ман.
Ҳама олам гирифта бонги нӯшу гармии оғӯш,
Ба як ишқи ту бар ин даҳр сад каррат фузудам ман.
Магар дар рӯзи растохез дунё мешавад охир,
Агар оғози дигар бахшам онро бо дурудам ман,
Ки ҳоло нест арзи ишқи Ӯро нуқтаи таммат,
Ки бар пояш чу бар маъбуд дар ҳоли суҷудам ман.
Надонам пешаи дигар ба ҷуз як ишқ варзидан,
Агарчи гуна-гуна касби дигар озмудам ман.
Чӣ ҳарфи дигарат гӯям, ки ман то будаму ҳастам,
Ҳарими ишқи ту будам, агар ҳатто набудам ман...

23.02.2019

## БА ЯК НОҚИДИ ШЕЪРНОШИНОС

Эй кундасиришти кундхотир,
Охир ту куҷову шеъри шоир?!
Аз Рустаму* илми ӯ мазан гап,
Расво нашавӣ батар, бикун хап.
Огаҳ наӣ аз арӯзу аз шеър,
Фарқе накунӣ ту шеър аз шаър*.
Аз ин ду ҳунар хабар надорӣ,
Аз завқи сухан асар надорӣ.
Эй ҳарзабасар, ту бош худро,
Шарманда масозу фош худро.
Ҳар ҷо ки саманди шеър бояд,
Он ҷо хари ланг кор н-ояд.

*Рустам – шоир Рустами Ваҳҳоб
*Мазмун аз Абдурраҳмони Ҷомӣ

13.03.2019

## РЕЗАБОРОН

Резаборон бибор, субҳи баҳор,
Шаҳри моро сафои тоза бикор!
Гард мешӯй, эй ту поки зулол,
Аз рухи ин замони чангу ғубор.
В-арна бо мо ба аҳди раҳзанҳо
Кас надонад, чӣ мекунад раҳдор.
Сангрезасту пойи мо луч аст,
Меравад лек, меравад ночор.

Сол азбас чу нол* мегузарад,
Нест фарқаш парер аз перор.

Оҳуи бахт меравад дар дашт,
Асп хар гашта, лек зери савор.
Оҳуеро магар ки дарёбад,
Он ки худ пушти хар бувад сарбор.

Гул таҳи офтоб месӯзад,
Реша дар об на, дар сари нор.
Гарчи мепарварам ба дил уммед,
Хавф дорам вале зи охири кор...

Аз сари мо гузашт селу
намонд
Тарси боронамон, бибор, бибор!

*киноя аз чизи даруntiҳӣ
28.03.2019

**ТАЛХУ ШИРИН**

Худо хандид... навзоде гиристу шод модар шуд,
Ба зери осмонҳо зиндагии тозае сар шуд,
Магар буд ройи Ӯ, ки хандаву гиря баробар шуд.
Тамоми инсу ҷинсе, ки шунид онро, ба дил гул кард,
Ба ҷуз Шайтон, ҳама уммеду армони наку парвард,
Ки, кош, ояд варо бахте чунончун ганҷи шодовард.

Таҳи боли Ҳумо ӯ раҳ барад то шаҳраҳи иқбол,
На санги осиё бар дӯш бошад, бошадаш шаҳбол,
Дар ин раҳ на хазидан, балки парвозаш бувад омол.

Ба рӯяш ҷумла дарҳои саодат во кунад бандаш
Ва халқи орзуманде ба меҳмонӣ пазирандаш,
Ва ё чун хоҳару додар ба меҳр оғӯш гирандаш.

Мабодо аз бари рӯзӣ ба ҳиҷрат рӯ ниҳода ӯ,
Набошад дар диёри худ ғариб аз он зиёда ӯ,
Натозад  аз паси аспи лаби ноне пиёда ӯ.

Наҷаспонад гуноҳеро вакили дод бетаъмиқ,
Гаҳе ки мешавад парвандаи инсонияш таҳқиқ,
Наёбад бар савоби ӯ гуноҳи дигаре тавфиқ...

Ҳама, к-аз ман шунид инро, тавонад ноларо дар баст?
Ки ширинии ин уммедро донад касе, гар ҳаст,
Ки донад ӯ, ки бо худ бурдани он, то куҷо талх аст.

18.04.2019

**БА АБДУҶАББОР РАҲМОНЗОДА**

Абдуҷаббори Азиз, эй дӯсти деринасол,
Кам бувад инсон ба монанди ту дар фазлу камол.
Чун Худоят ҳар чӣ дорад нек, бар ту додааст,
В-аз атои ӯ туро ҷону дили озодааст.
Мешавад з-озодагият дӯстро озода ҷон,
Сарфарози ҳар ду олам бошӣ аз озодагон!

01.05.2019

**БА "ДӮСТОН"-И ҲАСУДАМ**

Гаронбор аст шохи килкат, Аскар,
Миёни к-ин ҳама хушканд аксар.
Туро шеър асту нақду достоне,

Ҳасудон хешро хӯрда ниҳонӣ,
Ба мисли риштае борик гашта,
Ҷаҳон дар чашмашон торик гашта.
Вале нозон бо унвонҳои олӣ,
Чу аз  файзи дарун пучанду холӣ.
Туро бо ин ҳама чун нест коре,
Ҳасудон хушкаву ту бор орӣ.
03.05.2019

**ХОБИ ДАРЁ**

Хоби дарё
бувад ошуфтатар
аз бедорӣ.
Баски байни ҳама ин
ҷориву ноҷорӣ
–Хуфтаи рӯзи равшан –
Натапад баҳри  пагоҳ
Як дили бедоре.
05.05.2019

***

Беша буду паланги танҳо буд,
Ҷуфти ӯ гашта сайди сайёде.
Дар бари бешазори сабзу кабуд
Зор монда зи ёр чун ёде.

Галаи оҳувони рамхӯрда,
Заррае шодмон намекардаш.
З-он ҳама хайли зиндаву мурда
Ҳеҷ дармон набуд бар дардаш.

Якка мебуд байни бешаи дур
Ин паланги бузурги хурмоӣ,
Ғусса мехӯрд ончунон маҳҷур,
То ки бигзашт аз ману моӣ.

Чун ба танҳоияш нашуд пирӯз,

Омаду гуфт ҷониби инсон:
Ё маро хислати башар омӯз,
Ё паланге бишав ба ман ҳамсон!
09.05.2019

**РӮДИ АЛМОСӢ**

Рӯди Алмосӣ ончунон ҷорист
Аз фарозии кӯҳҳои кабуд,
Ки хаёл оядат, шарарборест
В-аз дили мавҷҳо-ш хезад дуд.

Ҳар ду соҳил чаман-чаман сабз аст
Фавҷи гулбуттаҳои худрӯид,
Хораи сардро кунад сармаст
Накҳати лодҳои* сурху сафед.

Рӯд чун тир мепарад бефарқ
Бо ҳама нози сабзаву вардаш*,
В-аз хами танг меҷаҳад чун барқ,
Ки ба худ ҳам намерасад гардаш...

Зада сарро ба сангҳои сабур,
Ношикебо ба худ ситезад рӯд.
Чун касе ки зи хеш карда убур,
Орад ӯ бар маҳалли дигар суд.

*Лод – гул, шукуфа
*Вард – гул
09.05.2019

***

Борҳо дидаам қанориро
Дар қафасҳои хона дар хондан.
Нозанин, чун гули баҳориро,
Ки надонӣ варо куҷо мондан,

То бубиниву хушдимоғ шавӣ,
Ғамат аз дил барад садойи хушаш.
Бишкуфӣ, тозарӯ чу боғ шавӣ,
Нағма резӣ ту дар ҳавойи хушаш.

Лек ҳар бор ҳам дилам мехост,
Ки варо аз қафас раҳо созам.
Магар ин майламу ирода равост,
Ё ки ин хост дур андозам.

Баски он беқафас набинад рӯз,
Гарчи аввал раҳо ба даҳр ояд.
Одамияш кунад чу дастомӯз,
Пас ҳама умр-ш дар қафас бояд.

Манаш акнун чӣ метавонам кард,
То бувад мурғаки наво шодон,
Ки қаनориякि қафаспарвард
Натавонад зияд ба озодон.
11.05.2019

***
Мошинам банд шуд миёни рама,
Рамаи гӯсфанду бузҳо буд.
Ҳама онон зи домани тарма
Зер мерафт сӯйи дашти кабуд.

Завҷам аз шиша сар бурун овард,
Суст шуд баррачеки ҷингиламӯй.
Сӯйи ӯ бингаристу “беъ-беъ” кард,
Очааш ҷуста гӯйӣ аз ҳар сӯй.

Рама онро ба бар гирифту бибурд,
Як даме ҳам надод истодан.
Мисли он ки набуд барраи хурд,
Дар таҳайюр шудем мо – ману зан.

Аз пайи он маро бирафт хаёл,
Дида ин нек хислату хӯро.
Ба сари одам ояд ар ин ҳол,
Бегумон гург мехӯрад ӯро.
11.05.2019

ДУО

Туро дидам ба шаҳри пуррравуо,
Ба сар буд ҳар киро сад шӯру ғавғо,
Вале ногоҳ зоридам: Худоё,
Варо аз чашми бад бошӣ нигаҳдор!

Ба авҷи осмон будам ба парвоз,
Заминам зери пар – гаҳвораи ноз,
Баногоҳ аз замирам хест овоз:
Худо-ш аз чашми бад бошад нигаҳдор!

Дар оғӯши куҳистон, воҳаи танг,
Шаби хомӯш, бо мурғи шабоҳанг
Ҳамезад ин дуо дар гӯши ман занг:
Худо-ш аз чашми бад бошад нигаҳдор!

Гузашт аз умри мо солу маҳе анд,
Сафедӣ бар сари мо ҳам пай афканд,
Сар озоду вале дил пой дар банд,
Худо-ш аз чашми бад бошад нигаҳдор!

Ба худ гуфтам: “Варо кардӣ фаромӯш”,
Чу дидам аз қазо акси рухаш дӯш,
Вале боз ин дуо зад дар лабам ҷӯш:
Худо-ш аз чашми бад бошад нигаҳдор!

Ба ҳар дам, рӯзи равшан ё шаби тор,
Ба ҳар ҷо, дар биёбон ё ки гулзор,
Дар ину он ҷаҳон зорам ба зинҳор:
Худо-ш аз чашми бад бошад нигаҳдор!
31.05.2019

***

Агар ёриву ноёрӣ, Худо ёрат, Худо ёрат,
Гар орӣ ёд ё н-орӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Вале то роз гӯям ман шаби маҳтоб бо маҳтоб,
Барам шабро ба бедорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Гарат шеърам нагирад ҳам, аё ширинтар аз ҳар шеър,
Маро ту шаҳди ашъорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Агар дар чашми ту ман нопадидам, бар ман аммо ту
Ба барги гул падидорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Намеоиву рӯйи чашмӣ, аммо ман, ки меоям,
Зи чашмам дур медорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Ба хушкии хазонрезам сиришки навбаҳоронро
Маро аз дида меборӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Бинои ишқи безинҳор ҳарчандам фурӯ резӣ,
Варо танҳо ту зинҳорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Аё дер омада, дар зудрафтанҳои лотаъхир,
Ту танҳоям нигаҳдорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Дар ин даҳри пур аз озор чӣ монад зи кас осор,
Агар озору осорӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
Ҳама он гуфтаву ногуфтаам аз ту, дуо дорад,
Ки гар ёриву ноёрӣ, Худо ёрат, Худо ёрат.
03.06.2019

***

Ҳар чӣ аз ман бимонду мемонад,
Азми раҳ буд, роҳи дуру дароз.
Ҳар кӣ ин ҳарфи ҳақ, ки мехонад,
Сар фурӯ мебарад ба розу ниёз.

Рози паймудани раҳ ин ҷо нест,
Ҳаст танҳо ниёзи дарёбаш.
Ҳайрат аз ин калом ноҷо нест,
Чун набуд имтиёзи дарёбаш.

Меравад фарду роҳ мемонад,
Ҳамчунон тозаву фиребанда.
Ҳар кӣ ояд, ба лавҳа мехонад:
“То ба дидори неки оянда!”
04.06.2019

***

Мо сабукхезтар аз боди сабо  бархезем,
Ҳамраҳи мурғи саҳар нағмасаро бархезем.
Аз сабукхезу гаронхезтарон аст суол,
К-аз куҷо парт шудему ба куҷо бархезем?!
Шоҳбози фалакему ба ҳама хокнишин
Пари парвоз диҳему ба ҳаво бархезем.
Чун ба ҳар зарраи ин хок Туро сад нақшест,
Як назар чашм кушоему само бархезем.
Шавқи дидори рухат медиҳад он ҷо гузаре,
Гар ба роҳи сафар аз рӯю риё бархезем.
Хешро дар сафи мардони Худо андозем,
Майи софӣ бикашему ба сафо бархезем.
Бе лабат басталаби базми ҳазоровоем,
Бо лаби найлабакат савту садо бархезем.
Шаб чу яктост гули чеҳраи моҳат, эй кош,
Субҳ бар гардани худ зулфи дуто бархезем.
Анҷуми ишқи ту моро шарар ангехт чунон,
К- осмон мешавад ин хок, зи ҷо бархезем.
27.06.2019

***

Синаам бар дили озода чӣ танг аст, чӣ танг,
Бахр ҷо гашта ба паймона чӣ ранг аст, чӣ ранг.
Уқёнус агар ҷой шавад дар ҷоме
Бо ҳама шӯриши амвоҷ, чӣ нанг аст чӣ нанг,
Баски дилро ба самову ба замин – ҳафт қабат,
Ҳама ҷо маъбару ҷавлонгаҳи шанг аст, ки шанг.
Сина гар ҷойи сукун, дил гузари тӯфон аст,
На ки дар бодияи ишқ даранг аст, даранг.
Лаззати умри тунукмоя мабодо хоҳӣ,
Эй чу рӯде, зада сар ҳар нафасе бо сад санг.
Изтироби ҳама амвоҷи замонҳо дар туст,
Гарчи дар сина тапиш дорӣ бо як оҳанг.
Умре, эй дил, ки ба ҳар бебасаре меҷангӣ,
Чӣ кунӣ, охири ҳар ҷанг, ки сулҳ аст, на ҷанг.
30.06.2019

***

Ба садои ошноӣ чу шабе садо намудӣ,
Дари ҳар ду олами ишқ бари мо ту во намудӣ.
Шаби тори беситора чу канори боғ бишкуфт,
Ба дурахши Каҳкашонҳо ҳама дар ҷило намудӣ.
Агар ин ҷаҳон ба чашмам бахатову норасо буд,
Ту хато дуруст кардӣ, ками он расо намудӣ.
Вале аз чӣ бад гаҳ имрӯз бишавад ба нек пирӯз,
Амали ҷафо ту, к-он рӯз бадали вафо намудӣ.
Ба ниҳони санги сарде шараре ҷаҳанда дидам,
Магар он шарори дилро ту ба санг ҷо намудӣ?!
Ба умеди тозае, к-он надамида дар диле ҳеҷ,
Раҳи асли ман кушудӣ, зи ҳаво раҳо намудӣ.
Сари худ ба сад ниёзе ба ҷаноби ту бисудам,
Ту маро ба худ шиносу зи худӣ ҷудо намудӣ.
06.07.2019

***

Кори мо аз бодаву соғар гузашт,
Кори соғар чӣ, ки об аз сар гузашт.
Хубрӯе дидаву дил бохтем,
Ҳаҷр монду васли ҷонпарвар гузашт.
Ақлу дину дил ба ӯ пардохтанд,
То рухаш як бор аз манзар гузашт.
То ки ёбемаш дубора, кофтем,
Гум шудему умр дар маъбар гузашт.
Лола коридем дар дашти баҳор,
Нола монду лолаи аҳмар гузашт.
Шаб канори моҳ кардем орзу,
Каҳкашони шом беахтар гузашт.
Дил ба ҳар мавҷе дари худ во намуд,
Шуд гумон ворид, яқин аз дар гузашт.
Ақл побанди ҳавас гашту дареғ,
Подшоҳе камтар аз чокар гузашт.
Амри адл ин ҷо фарохур чун набуд,
Рӯбаҳ эмин монду шери нар гузашт.

Саргузашти мо кӣ медонад, ки чист,
Ҳар чӣ бар сар омад, он буд саргузашт?!
07.07.2019

## МАН ОШИҚИ СЕ ХОҲАРОН

Ман ошиқи ошиқтарин,
Аз ишқ ҳам шоиқтарин,
Аммо се хоҳар бурда дил
Аз як мани содиқтарин.

Ин хоҳарон, ки ҳамтананд,
Аз як падар, як модаранд.
Ҳаққо, гули як гулшananд,
Зеботар аз якдигаранд.

Як дилбари ман порсист,
Дигар – дарии нозанин.
Тоҷикиям се дигарест –
Дилбар куҷо хуштар аз ин?!

Гӯянд ҳар чӣ дигарон,
Ман ошиқи се хоҳарон.
13.07.2019

## ДИДОР

Дар дилат ёди ишқи аввали ту
Шуълае зад ба лаҳзаи дидор,
Мардуми базмгоҳ шуд хушрӯ,
Атри гул шуд ба аршу фарш нисор.

Бар сари сабзаи хазонгашта,
Боз борони навбаҳор омад.
Сабз шуд кӯҳдоману пушта,
Дар бари боғи гул ҳазор омад.

Лек, афсӯс, лаҳзае буд ин,
Лаҳзаи ёди олами дил буд.
Ҳарфи мардум аз он дами ширин
Вокашидат ба олами мавҷуд.

Сурх шуд гунаҳо-т чун майи ноб,
Гӯйӣ аз рози ту шуданд огоҳ.
Аз гуноҳи накарда фасли шубоб,
Аз раҳе ки набуд он ҷо роҳ...

Чун дуое ба даргаҳи маъбуд
Ишқи покат накарда буд раҳ гум.
Кош, агар ин фаришта эмин буд,
Аз гапу аз калочаи мардум.
16.07.2019

## МАРГИ МУҚБИЛ

Дар марги рӯзноманигори кӯлобии
чечентабор Турко Дикаев

Ногаҳон сактаи дилат бигрифт,
Ҳамчу симе танат ба ҳам печид.
Бар сарат, гӯ, фуруд омад шифт,
Фарш аз зери по-т доман чид.

Баччи* ҳамсоя дoштат аз даст,
Ки: “Амакҷон, чӣ, бад шудат аҳвол?
Ман надонам, чӣ ёрият бояст,
То шавад андакат сабуктар ҳол”.

Гуфтияш: “Ҷон, зи хона шав берун,
Гарчи ҳолам ба меҳр мепурсӣ,
Ҷон ба таслими Ҳақ диҳам акнун,
Ту ки хурдӣ, мабод метарсӣ...”

Эй ки танҳост мардӣ осоре
Аз ту кӯлобии чиченигил,
Ки дами ҷонсупорият дорӣ
Ғами тарсидани бача дар дил.

Боз ҳам хайр мекунад матлуб

Нафаси охири ҳаёти туро.
Аҳли мардум, ки аз ту гӯяд хуб,
Мерасонад ба Ҳақ сифоти туро.

*Мухаффафи "баччаи".
17. 07. 2019

***

Бедорӣ аз ин хоб маро сахт гарон аст,
Ҳарчанд ки зангӯла занад занг, ки: "Бархез!"
Эй кош, ки он баста маро бо дигарон аст,
Гӯяд: "Биҳилам созу ба таҳрики саҳар хез!"

Оё ки фақат хуфтаи шабҳои дарозем?
На, рӯз ба бедории худ низ ба хобем.
Бо ин ҳама мо бо ҷади бедор чӣ нозем,
Ин гуна, ки худ хуфтадилу бетабу тобем?!

Моро ба назар хонаи матрук бувад дахр,
Анҷом чунин буд варо гӯйӣ аз оғоз.
Аммо чу ба ҳар захр бувад боз, ки позаҳр,
Аз чӣ надиҳад мард варо шӯру шарар боз?!

Ҷойи шабахе нест ҷаҳон, чун ҳама хубӣ
Шабҳо зи маҳу рӯз зи хуршед умед аст.
Бошад ки ту дар уфқи сукутат нағурубӣ,
Чун шоми сияҳ ҳомилаи субҳи сафед аст.

Ҳар як нафаси умр чи пирӣ, чи ҷавонӣ,
Марҳуни табу тобеву бедориву сӯз аст.
Гар дидаи ғафлат бикушоӣ, ту ҳамонӣ,
К-аз баҳри туе шамсу қамар чеҳрафурӯз аст.
21.07.2019

***

Моро на ғами нӯши лаби ёр гирифтаст,
Моро ғами ин халқи гирифтор гирифтаст,
К-оне ки чароғе ба раҳи донишу фазл аст,
Дар гумраҳии шаб раҳи бозор гирифтаст.
Лак сол аз ин пеш варо буд устурлоб,
Алҳол вале домани таррор гирифтаст.
Халқони дигар даст ба дасти маҳу анҷум,

Ӯ шому саҳар субҳаву дастор гирифтаст.
Дарҳои разолат ҳама во, кӯйи адолат
Дарбаставу сад доира девор гирифтаст.
Мардум ҳамаро додаву бехонаву дона-ст,
Оне, ки харе буд, ҳама харвор гирифтаст.
Дар ҷамъи ҷаҳонҷӯй ба ин халқи ҷафокаш
Озарм ку, боло сари озор гирифтаст.
Аз хайр асар нест ба ҷамъияти имрӯз,
Хайр аз ҳамаи ноҳия осор гирифтаст.
Оне, ки сало дод чу Мансур "аналҳақ",
Ноҳақ сари ӯро ба сари дор гирифтаст.
Чун нуқтаи паргор маро нест бурунрафт,
Даврон, ки барам сад хати даввор гирифтаст.
22.09.2019

**УШТУРУ ЧАШМИ СӮЗАН**

Худо дар ояти худ гуфта равшан,
Ки фардо бар биҳишти хуррами ман
Наёбад роҳ сарватманд, он сон,
Ки уштур нагзарад аз чашми сӯзан.
Вале дидам дар ин дунё, чӣ осон
Гузашт аз он шутурҳо мисли равған.
23.09.2019

**ШОҲКОРИ РОҒУН**

Ин Пешвои миллат моро чу кард даъват,
Рамзи ватанпарастӣ шуд корзори Роғун.
Мардона халқ бархост гуфто, ки алҳақу рост,
З-имрӯз ҳар касе худ бахшад ба кори Роғун.
Аз коргоҳи Роғун то боргоҳи гардун
Боз аст роҳи иқбол дар ихтиёри Роғун.
Чархаш ба чархиш ояд, даҳчанд мефизояд,
Дар даҳр қудрати мо аз иқтидори Роғун.
Аз хок то Сурайё, то дурдасти дунё
Рахшону гарм созад нуру шарори Роғун.
Даҳҳо заводу фабрик ояд ба кору таҳрик,

Аз ман вақори тоҷик бошад қарори Роғун.
Аз Пешвои миллат, бахтофарин ҷибиллат
Дар асрҳо бимонад ин шоҳкори Роғун!
15.Х1.2019

## “БОБОИ” ДИЛҶАВОН

Ҷисми моро ту, Худо, сохтаӣ,
Ҳамчунон сохта, пардохтаӣ,
Ки замоне тани мо пир шавад,
Давраи ошиқимон дер шавад,
Дили мо лек ҷавон мемонад,
Ҷисми моро ба ҳавас мехонад,
Ки кунад ошиқиҳо ҳамчу ҷавон,
Бештар ком ситонад зи ҷаҳон.
Тан вале чун бикунад хоҳиши дил,
Ки шуда пиру бувад по дар гил.
Ту бигӯйӣ, ки бизан банду лагом,
Азми дилро, ки шавад кор тамом.
Лек ин кор наояд аз ман,
Ки дил орам ба итоат бар тан.
Раҳм овар ту ба мо, Бор Худо,
Он чӣ осон ба ту, сахт аст ба мо.
Он чӣ буд саҳл, ту иҷро кардӣ,
Тани моро ту ба заъф овардӣ.
Дил чаро пир накардӣ чу танам,
Тани пиру дили барно, чӣ кунам?!
Дил равад аз паси навбоваи боғ,
Ҳар чӣ, к-аз қисматаш ояд ба суроғ.
Хуб донӣ, ки дар ин парванда,
Ин бувад рои Туву мо банда.
08.12.2019

## ГУНҶИШКИ ГУЛМИНҚОР

Ҷавон буду ба дил парвард ишқи ғунчаи гулро,
Ки ошиқ буду аз дунёву дунияш набуд огоҳ,
Ки он маҳҷур месозад зи гул маҷбур булбулро

Ва мегирад гулӯ ӯро ба қабзи панҷаи ҷонкоҳ.

Ба шохи қомати ёр ӯ шукуфон орзу медид,
Ҳамепечид бо ҳам ду нигоҳи орзуманде.
Зи шарми чеҳраи гулгун ҷаҳони рангу бӯ медид
Ва даври рӯзгоронро чаҳор айёми дилбандӣ.

Ниҳоли қадди дилбар дар ҳавои ишқ меларзид,
Тапидан дошт дил дар шоха бо ду меваи наврас.
Равон мерафт оҳувору мешармиду метарсид,
Ки зери пираҳан ин ларзиш ояд дар нигоҳи кас.

Ба рӯйи шоха ду гунҷишк аз минқори ҳам бӯсид,
Ба зери шох ин ду гул ба ҳам аҳди шукуфтан баст.
Вале оне ки "шаҳ" мешуд, ба мулки ғайр раҳ пӯид,
Ки ёбад кору нақди наварӯсӣ оварад бар даст.

Ба худ гармии ишқи ёр бурд ӯ бар диёри сард,
Ки рӯзе бо дили гармеву рӯйи сурх баргардад.
Вале сардии мулки аҷнабӣ бар дил асар мекард,
Ки гоҳе ҳам намеомад ба манзар фарқи неку бад...

Пайи ҳам рӯзу шаб мерафт беозору боозор,
Дар он кишвар "шаҳ"-и моро бишуд сад қисса домангир.
Дар ин ҷо интизораш монд он гунҷишки гулминқор,
Ки шуд бо ёди ӯ охир тани танҳо чу зоғе пир.

01.01.2020

**ДУ ПЕШВОЗ**

Чӣ рӯзи офтобӣ буду рахшон
Ба чашми ҳар тиреза офтобе.
Ба шохи ҳар дарахте мурғи хушхон
Ба оҳанги ғазал мезад рубобе.

Ҳавои ишқ дар сар раҳ гирифтам
Мани ошиқ ба майдони ҳавоӣ.
Аз ин ҳангома меомад шигифтам,
Ки аз ҳар кӯча бар мешуд навое.

Ба лаб гулхандаву гулдаста дар даст
Будӣ бар пешвоз омода мардум.
Яке аз нашъаи дидор сармаст,
Дигар дар сарҳисоби хеш саргум.

Намедонист бар модар чӣ гӯяд,
Куҷо ҳарфе, ки бахшояд тасалло.
Ба марзи қотилон тухме нарӯяд,
Ба даргоҳи Худо будаш тавалло.

Зи батни махфии тайёра омад
Ба пойин рӯйтобути ғарибе.
Муҳоҷирро ба сар патёра* омад,
Ҳамин буда насиби бенасибе.

Ба вовайло ба рӯйи сарди тобут
Парӯ афтод бехуд модари зор.
Шуд аз ин ҳол мардум моту мабҳут:
–Худоё, аз чунин рӯзе нигаҳ дор!

Бари ман, ёри ман, модаршаванда,
Ба каф гул буд ларзон банд дар банд.
Мабод ин дар насиби ҳеҷ банда,
Ки пеши модаре тобути фарзанд.

Бизоридам, ки ҳар чӣ бод, бодо,
Валекин бод одам ҳомили ишқ.
Худоё, лек махлуқе, мабодо,
Ки дар тобут бинад ҳосили ишқ.
*бало, осеб

03.01.2020

***

Биё дар пушти хирманҷо,
Биёву шав бари ман ҷо.
Набинад чашми хушдоман,

Бикаш аз неку бад доман.

Гузар аз шӯйи харкалла,
Ки ҷойи каллааш салла.
Агар ҳам каллае дорад,
Куҷо мағзаш – ҳама фалла.

Ду рише дар манаҳ дорад,
Ба ҷойи чашм чаҳ дорад.
Даройӣ аз дараш ҳар гаҳ,
Ба дасти ту нигаҳ дорад.

Худоё, аз чӣ ҷинс аст ӯ,
Ки дар чодар гирифтат рӯ.
Биё бо ман, гули худрӯ,
Ки мезебем мо ҳар ду.
04.01.2020

**ГУЛИ БАҲМАН**

Саломат, эй гули баҳман,
Ки сар бар оварӣ аз барф.
Чунон покиву нозуктан,
Ки дар васфат набошад ҳарф.

Чу духти рустоие,
Ки дар сад парда печидаст,
Ба зери барф руст ойӣ,
Ки ҳар гулчин наёзад даст.

Чӣ хобе зери барфат буд,
Хуморе будат аз хуршед,
Дар он сардӣ будӣ масъуд,
Ки меорӣ ту пайки ид?

Туро чун панди инсон аст
Ба сардиҳо зафар кардан.
Магар дар барф осон аст,

Набаста ях, гул овардан?!
05.01.2020

## МАҲИ ДАРЁ

Ғуруби офтобу рӯйи дарё
Буд аз уфқи зарин ойинабандӣ.
Ба мавҷи нармрав моҳихӯракҳо
Нишаста ҳамчу дар зини саманде.

Қатори бедҳои сабзи маҷнун
Ба зер андохта чавгони гесӯ
Ва мавҷи шӯх буду боди серун,
Ки дар бар мекашидаш аз ҳама сӯ.

Раҳо кардам сари заврақ ман аз банд,
Ба он ҳар ду нишастему задам бел.
Зи найзорони соҳил мепариданд,
Садо дардода мурғон хел дар хел.

Равон будем бо маҷрои дарё,
Ду маҷрои дигар аз ишқ дар дил.
Навои мавҷ дар иҷрои дарё
Маҳин мерафт то гӯши ду соҳил.

Маҳи нав дар бари дарё фуромад,
Раҳо кардам ду бели заврақ аз даст.
Маҳи дигар канори ман даромад
Ва ин ду маҳ ду дарёро ба ҳам баст...
05.01.2020

## ДАР АРМОНИ ПАДАР

Падарам, ҷон падарам, ҷон падари тоҷи сарам,
Боз ойӣ, ки барои ту зи ҷонам гузарам.
Ман ки ҳарчанд худ акнун шудаам “бобоҷон”,
Гӯиям, кош, ки: “–Ту боз чӣ кардӣ, писарам?!”

Гӯямат: “–Ман ба касе ҷанг накардам, ки ҳақ аст,
Ӯ худ аввал ба гиребонам чанг андохт ба шаст.
Чӣ кунам, то ки гиребон бикашам аз дасташ,
Ман баночор задам мушт, ки ҷоғаш бишикаст”.

Баччаи шӯх будам, мегуфтанд, инро ту
Ба замин гар бизанӣ, бар гардун меҷаҳад ӯ.
Худ ба таскини дилат гоҳи дигар мегуфтӣ:
“–Бача гар шӯх набошад, чӣ кулӯхе бувад ӯ”?!

Буд ин гуна, ки ҳар ҳафта ду-се ҷанҷоле
Боиси шӯхии ман бахри ту доир мешуд.
Лек ҳар дафъа набуд айби ману ишколе
Андар он баҳс, ки гӯям, гунаҳи ман, ки набуд.

Бачча будам, вале одил будаам аз хурдӣ,
Дар ҳама баҳсу талоше будаам пушти заиф.
Ҳеҷ гаҳ даст набардоштаам бар хурде,
Ё сари баччаи камзӯртару сусту наҳиф.

Ин ҳама мегузарад ҳамчу навор аз ёдам,
Чорае ку, ба гулӯ мешиканад фарёдам.
Ман ҷавон будаму аз ман ба ҷавонӣ рафтӣ,
Кош, будиву туро қарзи писар медодам.

Дар дилам зиндаиву ёфтаӣ таскине,
Қабри армони ҷавони-т бишуд мақбараат.
Ҳаст умедам, ки ба хоби абадат мебинӣ,
Шуд чӣ “бобо”-и батамкин писари ҷангараат.
07.01.2020

***
Омадию гузашт сардии дай,
Аз ҳаво накҳати баҳор омад.
Марди чӯпон бибурд бар лаб най,
Нола бо савти обшор омад.

Ранг иваз кард пуштаҳои сиёҳ,

Ҳар чӣ хомӯш буд, ғазалхон шуд.
Шомҳо ғарқ шуд ба партави моҳ,
Бомҳо з-офтоб рахшон шуд.

Осмон шуд баланду нилобӣ,
Сабза сар мекашид бар сӯяш.
Селаи бат ба ҷӯй шуд обӣ,
Гашта сармасти бӯйи ҳулбӯяш.

Мефишонид зулфи зар зарбед,
Нӯл мезад ба тут зарғилдоқ.
Дашти гул мешукуфт сурху сафед,
Атр мерафт дар ҳама офоқ.

Хондам он дам салоти зебоӣ,
Ман ба ин даҳру ҷилваҳо заданаш,
Будам он рӯз моти зебоӣ,
Ё ки мабҳути сӯям омаданаш?!...
11.01.2020

## ҒАЗАЛҚАСИДАИ ВАТАН

Ғазали ишқ ба номи ту бихонам ватани ман,
Ки ту ширинтарӣ аз ширааи ҷонам ба тани ман.

Ҳама аъзои ман аз хоки ту рӯйидаву сабз аст,
Низ ҳар нахли ту пайванд зада бо бадани ман.

Реша дар оби ҳаёт аст, гар аз мо шаҷаре ҳаст,
Сабз аз чашмаи Хизр аст чамони чамани ман.

Чун зи ҳар кӯ расад овои кишоварзии Зардушт,
Сар занад сабзаи сарвода зи яшти куҳани ман.

Ман аз он шавкати дерина чӣ гӯям, ки туӣ, ту,
Машҳаду Балху Бухорову Хутан, ҳам Ямани ман.

Чун ба Хатлону Бадахшону ба Суғдат набинозам,

Ки ба ҳам ҷамъи ҷамиланд ба ҳар анҷумани ман.

Дар Хуросон, ки зи ҳар банд кушояд гираҳ осон,
Мефитад даҳр ба зону ба пайи илму фани ман.

Аз Ҷаму Кова, Фаридуну Сиёвахшату Курӯш
Мерасад шуълаи тобони Каён то замани ман.

Ҳар гаҳ аз Борбади нағмазан орам сухане чанд,
Мешаванд ин ҳама мурғони чаман чангзани ман.

Зӯҳра дар боми фалак ахтару маҳро диҳад ангез,
Дида покӯбии сармасту шикан дар шикани ман.

Рӯдакӣ пардаи Омуя навозад ба Бухоро,
Мавҷ дар мавҷ равад то ба само каф задани ман.

Қиссаи Рустаму Суҳроб бихонем ба такрор,
Шояд ин бор шиносад писараш Таҳмтани ман.

Ҳеҷ махлуқи Худоро, ки ба раҳ чоҳ накандам,
Кош, андар чаҳи худ ҳам нафитад чоҳкани ман.

Ту агар марди набардӣ, ба раҳи шаъну шуҷоат,
Тан диҳӣ худ ту ба зӯроварии танбатани ман.

Гоҳ буда, ватанам, хиттаи байтулҳазане ту,
Шукри Эзад, ки шудӣ хурраму байтулҳасани ман.

Баски оростаӣ ҷумла ҷаҳонро ба ҳунар ту,
Ҳоҷатат нест дигар бар сухани бесунани ман.

Ба санои ту вале шеъру чакомак кунам оғоз,
Фавҷи истора бирезад ҳама шаб аз даҳани ман.

Ҷилваи парчами ту барги умеди падарон аст,
Танг ояд зи фараҳ бар тани ман пираҳани ман.

Зинда бошӣ, ки сухан гӯям агар аз дили тоҷик,
Бешумор шукри ватан мерасад аз ҳар сухани ман*.
16.01.2020

*Баъд аз нашри “Се қиссаи як шеър” дар фейсбук яке аз дӯстон ба ман пешниҳод кард, ки ба ҳамон тариқ саргузашти баъзе шеърҳоямро нависам, ки ҷолиб хоҳад буд. Воқеан ҳам, ба назарам, пешниҳоди хубест, зеро саргузашти

шеър, дар асл бигиред, саргузашти шоир ҳам ҳаст, чунки шеър аст, ки шоирро шоир мекунад, вагарна ӯро мардум шоир наменомиданд, ҳарчанд шеърро шоир менависад, яъне сабабгори аввалия ӯ мебошаду шеър натиҷа аст. Ин корро – навиштани саргузашти баъзе шеърҳоямро, шояд, дар оянда хоҳам кард, аммо ҳоло кори дигар мекунам. Дар ҳамон сафҳаи фейсбукии “Се қиссаи як шеър”, ки аз шеъри “Замини сабзи боварҳо”- и банда сухан мерафту онро донишманду шоири фозил, муаллифи “Тафсири зарнигор”, шодравон Саидалии Саид “Шеъре баландтар аз Каҳкашон” номида буд, ки, албатта, муболиға аст, дӯстон андешаву бардоштҳои худро навиштанд. Дар он байн устоди варзидаи журналистикаи тоҷик Қироншоҳ Шарифзода он шеърро “гимни тоҷикият” номид, ки ин ҳам, бешубҳа, муболиға дорад, вале маро ба андешае бурд, ки ба ҳамин манзур чизе дигаре ҳам бинависам ва ҳамоно ба забонам байте рафт, ки ин буд:

Ғазали ишқ ба номи ту бихонам, ватани ман,
Ки ту ширинтарӣ аз шираи ҷонам ба тани ман.

Ва ман онро давом додам, ки навъи ғазалро гирифт, зеро ғазал аз анвои маҳбуб ва суннатии шеъри мо буда, мӯниси дилҳост ва ман ба худ мегуфтам, ки ишқу муҳаббати ватан ҳам ҳамеша аниси ҷонҳост, пас дар қолаби суннатии дилписанд ҷой гирифтани ин эҳсосоту андеша бояд созгори ҳам биёянд. Дуруст аст, ки ғазали суннатии мо маъмулан ба ин муфассалӣ нест, он маъмулан 7-8 байт мебошад, аммо ғазали банда ба эътибори бузургии маънавии ватани мо ба 19 байт кашида шуда, бештар ба қасида шабоҳат пайдо кард, ки онро “Ғазалқасидаи Ватан” номидам.

02.02.2020

**ШАБИ КӮҲ**

Чӣ бо ҳайбат, чӣ зебоӣ, ту, эй кӯҳ,
Дар ин шоми баланду босафое.
Агарчи як бари ту абри анбӯҳ
Гирифтасту дигар бар рӯшноӣ.

Канори танги водиро, ки дидӣ,
Маҷоле нест бар паҳноварият,
Ба авҷи осмонҳо сар кашидӣ,
Гузинад то ки ӯ бар ҳамсарият.

Хиромон меравад аз шонаат моҳ,
Ба зери чодари пур аз ситора.
Арӯсе ҳар шабе зебову дилхоҳ
Ба сар дорӣ гаҳе, гаҳ дар канора.

Манам маҳви баландиҳои хомӯш,
Намедонам, ки хобам ё ки бедор.
Маро гӯё бароял бол бар дӯш,

Ки бар торат барад ҳамвор, ҳамвор.
26.01.2020

**МАҚБАРАИ СОМОНӢ**

Ин Бухоросту в-ин мақбараи Сомонист,
Ки ҳамин ҷой бувад мадфану гаҳвораи ман.
Гар маро дар маҳали умр сару сомонест,
Дар ҳамин ҷост, ки ин ҷост дили пораи ман.

Ҳолиё мақбара монанди уқоби захмист,
Метапад рӯйи замин зор, ба хун оғуштаст.
Аз тапиш бол фурӯ рехтаву бадахм*ест,
Чашми чораш ба Душанбе зи паси сад пушт аст.

*бадахм – абӯс, туршрӯйӣ
03.02.2020

**СУХАН АЗ ОФТОБ**

Биё, кунун сухан аз офтоб мегӯем,
Ки субҳ равшан шуд, зулмат аз миён бархост.
Чу кард лашкари Ноҳид зафар ба деви сиёҳ,
Фалак ба рӯз фузуду зи ҳастии шаб кост.

Шукуфаҳои дарахтон ба ноз хандиданд,
Парандаҳои муҳоҷир ба лона баргаштанд.
Канори сабзи замин лолавор рангин шуд
Ва хайли оҳуҳо рам нахӯрда дар даштанд.

Расан кашид ба токи ҳаёти худ модар,
Ки баҳри пар-параки тифл созад арғунчак.
Ба кӯчаҳои деҳи мо ҷавони лӯливаш
Ба рақсу бозиву шӯхӣ ҳамезанад тунбак.

Биё, ба чарх биёем мо ҳам озодон,
Ки ошиқона замин ҳам ба чарх омадааст.

Ҳамон ки курраи сабзи муҳаббат асту вафо,
Ба меҳру ишқ кашемаш канор дасти ба даст.

Биё, ки даст ба дасте бародарона диҳем,
Ки умрро ба канор оварем хоҳарвор.
Биё, кунун сухан аз офтоб мегӯем,
Ки шомамон бувад аз моҳтоб пуранвор.
15.02.2020

## ҒАЗАЛЕ ДАР БАҲОРИ ГУЛБАСАРОН

Навбаҳор омаду айёми гулу гулбасарон,
Ҳамчу гул гашт шукуфо нигаҳи гулнигарон.
Остин барзадаву соқ чу урён кардӣ,
Бӯса бар дасти ту доданд ҳама симбарон.
Дид чашм ин ҳамаву, лаб ки ба соқат нарасид,
Дили мо хун шуду зад худ ба сафи хунҷигарон.
Чеҳраи мо, ки зи дилхунии мо рангин шуд,
Рашк бурданд ба хуниндилии мо дигарон.
Магар аз ҳусни баҳори рухи гулгун ояд
Ғайри гул ҳеҷ чӣ дар дидаи соҳибназарон.
Эй,чӣ хуш, ақл ба гулбоди баҳорат додем,
Баски дар барги рухат ақл бувад бори гарон.
Ду ҷаҳон садқаи як лаҳза ба сар бурдани мост,
Кай шиносанд чунин бахти ҷавон бебасарон.
Қулзуми талхи ҷаҳонро ба асал кард бадал
Зарраи лутфи дурӯғ аз лаби ширинасарон.
Ҳар чӣ имрӯз ба паймонаи мо резад ёр,
Шавкарон ҳам бувад, аз ишқ шавад гулшакар он.
08.03.2020

## ҒАЗАЛИ ЗАН

Чашмаи меҳри ҷаҳонтоб зан аст,
Ки шабу рӯзи Худо шуълазан аст.

Рӯз хуршеду ба шаб маҳтоб аст,
Ҳама тан нур, Суҳайли Яман аст.

Дар таби ишқаш агар месӯзӣ,

Лаби гулғунчаи ӯ табшикан аст.

Қоматаш  шохи шукуфони баҳор,
Ё худ ӯ гулбасару гулбадан аст.

На фақат дил зи рухаш гулзор аст,
Сабзу пургул ҳама дашту даман аст.

Зан ғизоли ғазали девонҳост,
Зери пояш чамани шеъри ман аст.

Дар бараш тунги шароби нобе,
Ба саропо-ш чамони чаман аст.

Ҷуръае гар зи лабаш менӯшӣ,
Мешавӣ масти абад, то заман аст.

Гузарад умраш агар ҳам зи навад,
Ҳамчу дӯшиза дилаш дар задан аст.

Шаб ба гаҳвораи нози тифлӣ
Мо ҳама хуфтаву ӯ бевасан аст.

То, мабодо, зи ватан дур афтем,
Домани ӯст, ки моро ватан аст.

Сари зонуи ҳарими меҳраш
Маҳрами амнияти Таҳмтан аст.

Зан агар шер бувад дар сурат,
Сираташ лек ғизоли Хутан аст.

Ту агар разм аз ӯ  мехоҳӣ,
Размии зан бар сиҳати ҷону тан аст.

Нест шамшер задан кори зане,
Кори зан зодани шамшерзан аст.

Ҳар кӣ моро бувад ӯ, зан ё мом,
Тоҷ бошад ба сари мо, чу зан аст.

16.03.2020

**ХУҶАСТАБОДИ ЗОДРӮЗ**

Дӯстон, бода биёред, ки ӯро ид аст,
Иди фарзонаи дар илму амал болодаст.
Аз дари шавкату иқбол даромад имрӯз
Абдуҷаббор Азизи Раҳмонзода ба шаст.
15.03.2020

***
Чашми дидан надорамат, эй давр,
Гуфта буд Сент Экзюперӣ*.
Нафратат чун намекунам, эй савр**,
Бо ҳама иллати ҷаҳонгире.

Ӯ ки мекард дар само парвоз –
Бар фарози ҳама касофату дард,
Аз гулӯ-ш ин садо баромад боз,
Ман чӣ гӯям, ки дар заминам гард.

Сер нодида, давр, ҷонсерам,
Аз ту дилхаста баст хоҳам рахт.
Дар канори ту зуд ё дерам,
Кист бадбахт аз ту ё хушбахт?!

Ман наёбам чӣ гуна дар ҳолӣ,
Гӯйӣ озоду мардумисолор,
Лек з-озодиву хушиқболӣ
Заррае ҳам набинамат осор.

Як тараф ӯ, к-"алиф" агар гӯйӣ,
Нашиносад зи чӯби гавронаш.
Бихрад аммо ҳақири ҳар кӯйе,
Ту "алиф" бину давру давронаш.

Як тараф дузд – хозини манҳус,
Бурда дар бонк сарвати мардум,
Дигаре баҳри як дирам маҳбус,
Дузди мардум – ба кони дуллар гум.

Магар ин сарзамини озодист,

Ки варо ман ба ҷон ҳавас кардам,
Кӣ, маро з-он раҳо намояд, кист,
Ман ки дигар умед бас кардам?!

*нависандаи асри XX фаронсавӣ
** гов, аблаҳ, нодон

25.03.2020

**БА РАҶАББОЙ АҲМАДЗОДА**

Эй ки бо хулқи накӯ бурда дили аҳли назар,
Эй ки ҳастӣ ту азизи ҳама чун ҷону ҷигар,
Фахр дорем зи ту  ҳамчу Раисе шоён,
Аз ту шод аст дили халқи вилоят яксар.
Қади чун кӯҳ баланду дили дарёи фарох
Дод аз рӯзи азал бар ту Худованди башар.
Эътибори суханат рӯз ба рӯз афзун аст,
Қадри корат ҳама рӯз аст баланду беҳтар.
Шукри халқ аст аз ин роҳбарӣ бар ту нисор,
Ту ба пирон писару баҳри ҷавонон ту падар.
Ман ба тавсифи ту чун мекунам оғоз сухан,
Ҷойи ҳарф аз даҳанам мерасад ин шаҳду шакар:
Бод пирӯз Раҷаббои Аҳмадзода,
То бувад, шод бувад, дар тахи ин шамсу қамар!

02.04.2020

**БАҲОРЕ  БАЪД АЗ КУРУНО...**

Баҳор ояд, баҳор ояд дигар бор,
Ки орад аз насими фарвадин бор.

Парасту кунҷи айвон лона монад,
На ғам дар хонумону хона монад.

Гаҳе бо ҳафтрангии камонҳо
Камар бандад чу домод осмонҳо,

Арӯсаш хиттаи сабзи замин аст,
Тариқи ҷовидони ишқ ин аст,

Ки гирӣ ончунон дилбар дар оғӯш,
Ки худ созад дар оғӯшат фаромӯш.

Канори сабзро бар ту кушояд,
Лабони лолааш бар ханда ояд.

Дамад чун пуштаҳо сарсинаи ӯ,
Ки сар монӣ саҳар бар синаи ӯ.

Тамоми рӯз масти васл бошӣ,
Ба шаб орӣ зи рӯз ин бори кошӣ.

Дигар бор ин баҳор ояд пур аз гул,
Зи савти гул шавад мадҳуш булбул.

На ёре дар фироқи ёр нолад,
Дар оғӯши ҳарими ёр болад.

Муғаннӣ сар кунад аз нолаи най,
Шавад дашту даман то волаи вай.

Гули хуршед хандад аз сари кӯҳ,
Шавад ҳар кас зи шодӣ ҳамсари кӯҳ.

Дили бигрифта чун дарё кушояд,
Фараҳзо мавҷ пушти мавҷ ояд.

Миёни шаҳр дар анбӯҳи мардум
Кунад аз шодӣ одам хешро гум,

Ки гаштаст ӯ зи пешин меҳрубонтар,
Ба додар додару хоҳар ба хоҳар.

Наёрад ёд аз номи куруно,
Ки шуд соф аз даруну аз буруно.

Зи офат то раҳонад ҷони инсон,
Табибонро фаришта сохт Яздон.

Дигар инсон ба сони меҳр хандад,

Ба ҳар ҷинсе чу бар худ меҳр бандад.

Дигар аз хорбунҳо гул бирӯяд,
Зи нақши сумбҳо сунбул бирӯяд.

Баҳоро, хокро афлок месоз,
Заминро аз кудурат пок месоз.

Гул афшон бар мазори рафтагон ту,
Ки гул буданду гул рафтанд он сӯ.

Ба он гулҳо заминро нармтар кун,
Дили моро ба дунё гармтар кун.

Дареғо, сарви озодӣ ба кишвар
Зи хоки поки маҳрумон кашад сар.

Баҳоро, рӯдҳоро кун равонтар,
Маро ҳам ҳамраҳи онон ҷавонтар,

Ки бо азми дигар аз ҷо бихезам,
Ва хоки бадсиголонро бибезам,

Ки ин ҷо сарзамини мардхез аст,
Адолат бо қасоват дар ситез аст.

Ба ҳам овар ту ҳар қалби шикаста,
Ки он бар ҳилми ту уммед баста.

Баҳоро, хорҳоро гул бигардон,
Ки ҳаст ин шеваи гардуни гардон.

Чу бошад зиндагонӣ, сар барорем,
Ки мо аз зодагони сарбадорем.

Ба ҳар ҳоле, биё, хандон бишав боз,
Ва Наврӯзи навоинро деҳ оғоз!
12.05.2020

***

Ё Худоё, дар ин харобобод,

Кист донад, насиби ман чанд аст.
Чанд бошам ғамиву чанде шод,
Ҳам киям дилшикан, кӣ дилбанд аст?!

Медиҳам дил, ки гӯиё дар даҳр,
Аввалин ошиқи гули рӯям.
Ман ба заҳри фироқу ғам позаҳр
Боз аз марзи ишқ меҷӯям.

Рӯдро дар канор мегирам,
Мезанам устувор такя ба кӯҳ.
Гӯиё ҳеҷ гаҳ намемирам
Ман ба ин ҳар ду дар ғаму андӯҳ.

Он тараф гулпарак, бари лола,
Шукри умри дақиқаӣ гӯяд.
Ин тараф хорасанги лаксола
Рози ҳастии ҷовидон ҷӯяд.

Ман чигилроҳи зиндагӣ пӯё,
Бо баду неки он қаринастам.
Ончунон ташна мезиям, гӯё,
Аввалин ё ки охиринастам.
19.05.2020

ХУШБАХТӢ

Равӣ аз кӯчаҳо хушбахту масрур,
Чиноросо бари шаҳраҳ кашӣ қад.
Баланд аз хеш гардӣ ҷониби нур,
Ки бо гардун шавӣ ҳамрозу ҳамқад.

Бигирӣ дар барат боғу хиёбон,
Ки оғӯшат чу қалби ту бузург аст.
Равӣ аз шаҳр берун сӯйи ёбон,
Кунад бӯйи гулу пудинаат маст.

Зи дуриҳо бубинӣ қуллаи кӯҳ,
Ки он ҳамсар бувад бо нийяти ту.
Барад ёди ваят аз сина андӯҳ,
Ки куҳ ҳам қад кашад то чархи мину.

Равӣ ҳар ҷо ба пайки ошноӣ,
Занӣ бо ёди ишқ он ҷо нишеман.
Равӣ ту бомдоду шом ойӣ,
Ҳамон хона, ҳамон болин, ҳамон зан.
07.06.2020

***
Кӣ медонад, ба чӣ анҷомад охир,
Ҳамин ишқе, ки беохир шуд оғоз.
Вале ҳар рӯз, агарчи нест зоҳир,
Туро кам мешавад афсуни овоз.

Дигар дил гоҳи дидорат наларзад,
Ки ҳамчун барг меларзид аз бод.
Вале дунё, намедонам, чӣ арзад,
Агар кас нест аз дидор дилшод.

Зи дунёи шабоҳатҳо чӣ ҷӯям,
Ки орад аз гузашти ишқ тасвир.
Манам соҳил, ту мавҷи орзӯям,
Ки бӯсию равӣ бо роҳи тақдир.

Ту мавҷиву дилат моил ба соҳил,
Ки ойиву диҳӣ сад бӯса такрор.
Вале рӯди равонро ист мушкил,
Ки монӣ ту ба соҳил ҳамдаму ёр.

Ҳамин сон рӯд ҳам ҷорист, ҷорӣ,
Ҳамин сон соҳилам ман дар канора.
Ту мавҷиву ба лабҳо бӯса дорӣ,
Ки бахшиву равӣ ларзон ба зора...
11.06.2020

***
Биёед, боре ҷавонӣ кунем,
Хушиҳои равшанравонӣ кунем.

Шаберо ба гулшан ба рӯз оварем,
Шукуфему булбул ба сӯз оварем.

Чаман сурху сабз асту рангинқабо,
Чӣ сон дил набахшӣ ба ин дилрабо.

Ба ҳар барги гул дурри шабнам бувад,
Лаби хушки хуршед аз он нам бувад.

Дамад чашмае соф аз зери санг,
Бигӯяд: “ –Чу ман ҷӯш зан бединанг,

Ки бӯсӣ кафи пойи сабзи нигор,
Ман аз санг хезам, ту паҳлуи ёр”.

Зи парри Сиёвуш* ҷӯш оварем,
Ба сар даркашему зи май бигзарем.

Насими саҳар атри ҷон оварад,
Ҷаҳоне зи ишқ армуғон оварад.

Ба парвона гӯем, бар гул нишин,
Ки бошӣ ба ангуштари гул нигин.

Чу гардем дар раҳ ба духтар дучор,
Барад накҳати мӯяш аз мо қарор.

Ба як лаҳза сармасти бӯяш шавем,
Агар шарм набвад, зи пушташ равем,

В-агар ногаҳон рӯй орад ба пас,
Шавад дар гулӯ банд моро нафас:

“–Бубахшо, ки моро раҳ аз пушти туст,
Ки моро диле буду... дар мушти туст...”

Биё, мутрибо, тоза сар кун суруд,
Ки гул нағма аз тарзабонӣ суруд.

Биорояд ӯ худ беҳ аз сад арӯс,
Ки ошиқ ба пояш фитад пойбӯс.

Ба дидори ёре ҷавонӣ кунем,
Ба хоки раҳаш ҷонфишонӣ кунем.

Сабукхез ҳамболи абре шавем,
Ҳама шавқу қаттоли сабре шавем.

Ба пойи нигорин фишонда гуҳар,
Биёрем қурбон дилу ҷону сар.

Куҷо гунчад, охир, ба ваҳми ҷавон,
Задан бӯсаи тар ба ширин лабон.

Ду чашмон ба чоки гиребон бувад,
Ки бечорасози шикеб он бувад.

Кушояд чу ин чок дилбар зи ҳам,
Бигӯяд: – Ба захми ту марҳам ниҳам?

Дигар мо кучову тавони хаёл,
Фаротар зи гардун кушоем бол,

Ки аз аршу аз баҳру бар бартарем,
Ҳама ин ба пояш нисор оварем.

Ба ишқаш ҷавонии сонӣ кунем,
Диҳемаш дилу дилситонӣ кунем.

*Сиёвушон, гиёҳест давои хумор аз май
15.06.2020

***
Туӣ ҳафт осмони зиндагиям,
Ки натвонам расам дар бандагиям,
Чу  болоист ин афкандагиям,
Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам.

Маро бо ту хаёлоти висол аст,
Висол андар хаёл аммо муҳол аст.
Чу вақту васлу ҳиҷрон дар ҷидол аст,
Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам.

Зи дунёмон таманно нест ҷуз дил,
Ки моро дил бувад гармии маҳфил.
Чӣ муқбил ишқ – даҳр аммо муқобил
Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам.

Раҳат боз аст бар Порису Бағдод,
Вале  ҳар ҷойи дунёям кунӣ ёд,
Чу пайванди манӣ боёду беёд.

Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам.

Ман аз талхӣ бибӯсам дигареро,
Ту дар бар мекашӣ нодилбареро,
Надида ин ду ҳамдил ҳамсариро,
Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам.

Ситора дар само сӯзад ба су-су,
Шавад ишқе хамӯш ар дар фаросӯ.
Ту он сӯйи ҷаҳониву ман ин сӯ,
Ту ҳам зори ҳамон ишқиву ман ҳам...
20.06.2020

***
Надонам, шармсори ҳар ду олам
Ва ё тандиси нозу ифтихорам.
Кӣ донад беҳ зи ман, чун аст ҳолам,
Гулам рӯйи сабад, ё хори хорам.

Ҳамин донам, ки баҳри нангу номус,
Ба иззу сарбаландӣ буд ҷиҳодам.
Ба пойи кас наафтодам чу побӯс,
Набуд бас чоплусӣ дар ниҳодам.

Ҳама буду набудам пеши чашм аст,
Зи дороии дунё бошадам дил.
Маро на кони зар, на кохи яшм аст,
Аз инам нест ҳаргиз пой дар гил.

Ҳар он чӣ дорам акнун, ҳафт ҷилд аст,
Ки овардам ба даст аз ҳафт иқлим.
Маро фардо ҳамин нор* аст, хулд** аст,
Ҳар он чӣ бошад он, ҷон аст таслим.

*нор-дӯзах
**хулд-биҳишт
25.06.2020

***
Чунонам мехкӯби дори қисмат,
Ки танҳо дар забон меояд исмат,

Чу оламро зи ҳасти туст исмат,
Барам номи туро такрор-такрор.

Падарро меҳри фарзанд аст авло
Зи ҳар меҳре, ба ҳар мавлову мавло.
Маро аммо ба ту ин аст қавло,
Ки номатро барам такрор-такрор.

Агар бошад ба дастам рояти ишқ,
Дар он номат нависам – ояти ишқ,
Ки бо номи ту ояд ғояти ишқ,
Чу мехонам варо такрор-такрор.

Чунонам мехкӯб, аммо дар ин ҳол
Кушоям чун кабӯтарҳо пару бол,
Раҳам аз қайди ҳар қилеву ҳар қол,
Ки номатро барам такрор-такрор...
25.06.2020

***

Саҳаргоҳон, ки чаҳ-чаҳ хондани ҷӯр,
Ба гӯшат мерасад мағшушу ноҷӯр,
Ва кабк ояд ба чашмат буми манфур,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!

Маро биниву нашносӣ ту шояд,
Вале бахтам равон ҳар ҷо намояд,
Машомамро аз он атри ту ояд,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!

Ту зарриниву ман зарношиносам,
Ту лутфи Эзаду ман носипосам,
Ту бемонандиву ман бадқиёсам,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!

Магар чун волиди фарзандкушта,
Нишинам зору ҳайрон пушти пушта,
Кӣ бишносад дигар деву фаришта,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!

Ба ҷони хештан ҳиҷрон кӣ дорад,
Гурези нобаҷо аз ҷон кӣ дорад,
Ба монанди туе ҷонон кӣ дорад,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!

Ту ширинӣ, куҷо ширинтар аз ту,
Ту деринӣ, куҷо деринтар аз ту,
Маҳу историаҳо зеринтар аз ту,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!

Туӣ дар ду ҷаҳон буду набудам,
Туӣ дар симату самти суҷудам,
Туӣ оғозу анҷоми сурудам,
Вале бо ин ҳама мезорам аз дур,
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!
Бубахшойӣ маро, эй ёри маҳҷур!
27.06.2020

## ХАРГӮШ ВА ШЕР

Ба харгӯш гуфто яке наррашер:
"– Тавонӣ, ки як зарра бошӣ далер?

Чаро аз садое биларзӣ ба хеш,
Зи ҳар камтарин гард гардӣ париш.

Худоё, чӣ ҳол аст ин ҳоли ту,
Ки гардун бигиряд ба аҳволи ту?!"

Ва харгӯш гуфт: "–Эй ту, шоҳи вуҳуш,
Ки ҷангал барад ғурриши ту зи ҳуш.

На ваҳшӣ кунад аз раҳи ту гузор,
На ҷинсе, ки хоҳад биёяд дучор.

Туро сайд бошад гурозу шутур
Ва рӯбоҳату гург пасмондахур.

Ту шоҳию шоҳона худ ёли ту,
Маро гиря орад вале ҳоли ту.

Ба ҳар саҳни сирке наӣ ту магар,
Ки монанди маймун шавӣ сухрагар.

Кунад як нафар чун ишорат ба чӯб,
Намонад зи шери-т на зишту хуб.

Зи мизе ба мизе ҷаҳӣ бедиранг,
Кунӣ ҷастану нағмаҳо ранг-ранг.

Ва ё рӯйи фарше ту ғелак занӣ,
Равӣ ром чун хар ба зери зане.

Зи тарс аст ё баҳри як луқма гӯшт,
Фаромӯш созӣ, кийӣ пушт-пушт.

Агар ин мақому русуми шаҳ аст,
Худоро, ки харгӯшии ман беҳ аст”.
29.06.2020

***
Ишқу дидор, ишқу дидорат,
Хонадам ҳар дақиқа бар сӯят.
Эй азизи дилам, ба ҳар борат
Мешавам бештар дуогӯят,

Ки ба он болҳои шаъшапош,
Ки туро мебаранд бар гардун,
Бори ишқам гарон наояд, кош,
То наояд ба чашм дунё дун.

На, на, ман з-он фурӯ қабила наям,
Ки шикоят зи теғи ишқ кунам.
Офтоб аст ишқ, на ями ғам,
Мазҳари офтоби ишқ манам.

Нест тори сафед дар сари ман,
К-он нишон аз ҷафои ишқ бувад.
Нест кӯҳе ба даҳр ҳамсари ман,
Чун сарам зери пои ишқ бувад.
06.07.2020

***
Субҳи пурнур ё ба шоми шафақ
Баст хоҳам зи даҳр рахти сафар.
Ҷунги умри маро варақ ба варақ
Сафҳагардон кунад насими саҳар,

То бубинад ба шом чун оям
Аз бари рӯзҳои тиллоӣ.
Буд шаҳболаму само ҷоям

То ба рӯзи ахири эҳдоӣ.

Буд мақсудам аз гаҳи зодан,
К-аз кафи хештан қалам наниҳам.
Сахт бошад агарчи ҷон додан,
Ман ба лаб шеър зуд ҷон бидиҳам.
06.07.2020

***
Биё ки нест чаманро чунин шукуфойӣ,
Ба ҳар гулат, ки бувад сад баҳори зебойӣ.

Бунафшаву суману лола дида гӯяндат,
Магар куҷост гулистон бад-ин тамошойӣ?!

Чӣ шеъри тар зи гуландоми ту тавонам гуфт,
Ки кас надида ниҳоле чунин ба раъноӣ.

Кӣ гуфт як гули танҳо баҳор кай бошад,
Биё, ки як зи ту олам шавад гулоройӣ.

Чу дид кунҷи лабони ту дони холи сиёҳ,
Чӣ ром шуд ба туям мурғи ҷони ҳарҷойӣ.

Ситораҳои самову манат дуо дорем,
Ки моҳтоб туӣ, кош, ҳар шабе ойӣ.

Зи шеъри ман набарад кас гарав ба ширинӣ,
Агар Худо ба лабонат диҳад шиносойӣ.

08.07.2020

ВИСОЛ

Навбаҳорон буд,
Рӯзи борон буд.
Ин дили муштокро то соати дидор
Сабр андак буду ранҷи дуриат бисёр.

Дер шуд...
зангат задам,

гуфтам, к-интизорат ман,
Дар ҳамон ҷо, дар гузаргоҳи бари барзан.

Гуфтӣ: “– Охир, кӯча борон аст,
сармо мехӯрам, ё на?!
Беҳтараш... шояд... биёӣ ту... ба хона...
Як пиёла чой... қаҳва... “Шашмақом”...

“ – Ооо, манат қурбон ...бубахшо ...ин мани хом... “

Пар кушудам...
зери болам обшорон буд,
Омадам ҳамболи борон, дар кушодӣ зуд.

Чатрро назди тиреза боз кардам, то бихушкад.
Як пиёла чой... қаҳва... “Шашмақом”-у шоколад...

... Як замон дидам аён,
аз зери рахти хоб,
Чатри худ дар тоб,
К-аз фарози гунбади нилии он
Рангрезӣ мекунад рангинкамон!
14.07.2020

***
Як ғазал, эй кош, гӯям ҳамчу чашмат шӯхшанг,
То ба рақс ояд дилу ҷонҳо ба оҳанге қашанг.

Чун дилам бигрифт аз ин нолаҳову вой-вой,
Ту, биё, зангӯли ишқи мо занад шодона занг!

Он қадар мастона рақсему сарафшонӣ кунем,
То фурояд з-осмонҳо Зӯҳраи чангӣ ба чанг.

Ҳар саҳар булбул ба шохи бӯстон хонад суруд,
Ҳамнавояш ғунчаҳо ханданд ҳар сӯ ранг-ранг.

Сабзаҳоро чашмаи симин кунад саршортар,
Накҳати ишқ ояд аз ҳулбӯйҳои ҷуйи санг.

Мебарад аз домани сабзат насими анбарин
Бӯйи атри ишқи моро аз Аҷам то бар Фаранг.

Ақлу дилро оқибат дорем бо ҳам оштӣ,
Ақл бо оҳанги дил бар ракс ояд бедиранг.

Ишқи мо ҳар ҷинсро бо ҳам, ки ошиқ мекунад,
Шом дар оғӯши ҳам оянд оҳуву паланг.

Хандаи моҳ аст дар ойинаи ҷоми маям,
З-он ду чашмат як ғазал, эй кош, созам шӯхшанг.

04.08.2020

***

Ҳавои шеър гирифтаст сар ба сар ҷонам,
Биё, туро ба сари чашми чор биншонам.

Куҷост шеъри маро ғайри атри номат бӯй,
Туӣ ба номи хушат шаҳписанду* райҳонам.

Ба чор фасли ҳаётам туӣ баҳори баҳор,
Сипеҳри равшану рангинкамону боронам.

Ҳазор муъҷиза дорад паёми омаданат,
Кунад ҳавои ту гулрез баргрезонам.

Ба бӯстон ҳама сангам, хамӯш бе туву гунг,
Ба ту ба дашту биёбон ҳазордастонам.

Шабе гирифтаву тор аст рӯзи ман бе ту,
Туӣ, ки дар шаби дайҷур ҳам чароғонам.

Биё ки ҳар ду ҷаҳонро умед бахшӣ ту,
Вагарна з-омаданам бар ҷаҳон пушаймонам.

*шаҳписанд – гиёҳи хушбӯйи давоӣ

05.08.2020

***

Адолат дар замин пайдо нашуд, дар осмон ҷустам,
Замин шуд осмон ҳам, чун адолатро дар он ҷустам.
Худовандо, замину осмон, к-эҷоди ҳарфе аз даҳонат буд,
Дигар ман ҳам адолатро чу ҳарфе дар даҳон ҷустам.
Бидидам адл дар кафки даҳони хоҷагон ғарқид,
Ба рағми бардагӣ дигар ниҳон андар ниҳон ҷустам.
Чӣ гӯям, адл ҷустанҳои ман дар рӯзгори даҳр,
Чунон будӣ, ки ман нобудаеро дар ҷаҳон ҷустам.
Чу дидам адл набвад дар ду олам ҳам яқин пайдо,
Ба худ печидаму дигар адолат дар гумон ҷустам.
Замон аз ман сано хоҳад, валеяш чун сано гӯям,
Ки ман ҳар ҷо, ки ҷустам адл, бо сад хавфи ҷон ҷустам.
Сияҳторе намонд имрӯз дар мӯйи сапеди ман,
Чӣ подоше гирифтам, то нишон аз бенишон ҷустам.
30.08.2020

## ЁДЕ АЗ ФАРДОИ ФАРДОҲО

Ба Устод Темур Зулфиқор

Устод Темур Зулфиқор, дар рӯзҳои наздик барандаи боз як ҷоизаи муътабари адабии “Звезда Содружества” (Ситораи Ҳамёрӣ) шуд ва мо, дӯстдоронаш, ки ӯро яке аз қуллаҳои осмонии ШЕЪР мешиносем, аз самими дил муборакбод мегӯем ва ба ӯ тансиҳативу умри дароз мехоҳем, зеро эҷодиёти пурилҳом, ҳамеша хурӯшон ва тару тозаву аввалияасли ӯ доимо буду мебошад, зеро ӯро Офаридгор ҳамин гуна офаридааст. Моҳияти эҷодиёти гуногунсоҳаи ӯро мухтасар баён кардан имкон надорад, вале он барои ман дар он хулоса мешавад, ки он инсони муосирро поку мутаҳҳар сохта, ба Биҳишти азалии аздастдодаи Худовандиаш баргардонидан мехоҳад. Ва садде ба ӯ буда наметавонад! Роҳат сафед, ба қуллаҳои навин, Устод!
Ва ин шеъри банда, ки ба Устод бахшида шудааст.

Зиндагӣ сабзу рӯзгорон сабз,
Чашмаву рӯдҳо наво доранд.
Домани дашту кӯҳсорон сабз,
Рӯзи хилқат ба ёд меоранд.

Гулхани шуълахези чӯпонӣ

Мефурӯзад канораҳои сипеҳр.
Дар забони забонааш хонӣ
Ояи сидқу покбозиву меҳр.

Деҳқон мебарад ба хок дуо,
К-аз кафи ту танам сиришта Худо.
Чун кашидам туро ба чашм, маро
Муътабар кард аз фаришта Худо.

Боз лабҳову пайкари ларзон
Ташнаи бӯсаҳову оғӯшанд.
Боз дар назди ёр ларзад ҷон,
Нағмаҳои дигар фаромӯшанд.

Боз дар шаҳру деҳа ҳамвора
Хонаҳо қад кашанд – зеби нигоҳ.
Ҷуфти ошиқ бо боли маҳвора
Мепарад шод сӯйи Зуҳраву Моҳ.

Ман бихезам зи хоби нози аласт,
Он мане – ҷонфидои зебойӣ.
Дар дилам сӯзи Ишқату дар даст
Қаламу коғази авестойӣ.
02.09.2020

***

Дилам ба ёди ту равшан чу офтоб шавад,
Валек дар ғами дури-т адову об шавад.
Биёву васл бидеҳ обу офтоберо,
Ки ҳар чӣ мешавад аз ҳар дуе, савоб шавад.
Гарам зи хона бурун меравӣ пайи дидор,
Рухи шабони сияҳ пур зи моҳтоб шавад.
Бувад, ки аз лаби нӯшат бинӯшам ояти ишқ,
Катибаҳои лабат то ки шаҳди ноб шавад.
Маро чу даст расад бар баёзи гардани ту,
Ки ҳар чӣ гӯям агар, байти беҷавоб шавад.
Агарчи ҳар нафаси умрро ҳисобе ҳаст,
Зи шафқати ту пур аз шукри беҳисоб шавад.
Бад-ин ниёз зи ту посухе бувад ё на,
Кунад Худой муқаррар, ки мустаҷоб шавад.

25.09.2020

СУРУДИ ТОҶИКИСТОН

Суруди нав шунав аз ишқи дерин Тоҷикистонам,
Ки ширинтар туйӣ аз ҷони ширин Тоҷикистонам.
Гулистонҳои шаҳророи атрият барад дилро,
Куҷо ёбам ба ҳуснат ҳарфи таҳсин Тоҷикистонам.
Бубин, ҳафт осмон бар пойи кӯҳҳои ту сар монда,
Замини ту баланд аз Моҳу Парвин Тоҷикистонам.
Маро ҷуз дар канори ту биҳишти дигаре набвад,
Ки сангат чун пари қуест болин, Тоҷикистонам.
Зи қалби кӯҳҳоят рӯдҳои нукрагун ҷорист,
Само софу заминат сабзқолин, Тоҷикистонам.
Туро дар бостониву навангезӣ қиёсе нест,
Куҳанбунёди давронҳо, навоин Тоҷикистонам.
31. 10 2020

БӮСА

Моҳ рахшон,
Ёр хандон,
Аз мураббои гули сурхаш
Мешавад ширин
лабу дандон.
21.Х11.2020

***

Паёми ман ба шумо, дӯстони ҷон, ин аст,
Ки ишқ аз ҳама ширинтарини ширин аст.
Ба ишқ ёр шаведу абад ба он бошед,
Ҳамин маро ба шумо орзуи дерин аст.
Чу худ ҷавонаи ишқеду ишқ бор оред,
Баҳоратон ҳама гул, баргрез заррин аст.
Агар хаёли рухи ёр меҳри рӯзи шумост,
Фурӯғи шом зи моҳу чароғи Парвин аст.
Ҳамон бино напазирад халал, гараш бунёд
Зи ишқ бошаду абёти ишқаш озин аст.
На бад, на зулму тааддист дар қаламрави меҳр,
Чу ҳар се ин набувад, даҳр ҷаннатоин аст.
Зиёда бод ба мо шафқати фариштаи ишқ,

Ки ишқ қотили деви адовату кин аст.
Маро зи маънии ҳастӣ ҳамин сухан гуфтанд,
Ки пешгоҳи шумо гӯямаш, ки он ин аст.
18.12.2020

**МУНДАРИЧА**


Расул Ҳамзатов. Мисраъҳои пурилҳоми шоир . . . . . . . . . . . . . . . .

Аз «Раҳнавард (то с. 1983)»

Асри бист . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Мероси аҷдод . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хоки Ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳамоғӯш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Масъули замин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ту маро, эй дил... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шеъри Ватан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар осорхонаи устод Мирзо Турсунзода . . . . . . . . . . . .
Шеъри сангар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Забони тоҷикӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тақдирҷунбони замин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Гуфта будам ҷавони хушбахтам...» . . . . . . . . . . . . . . .
Тирачашме бо чароғ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аз тазоди зиндагӣ...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Дунё даме якранг нест...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Кишти тақдир... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тутзори азим... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
То нафас боқист моро...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Баландӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сангҳои гирён... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Номбардори ватан... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

«Шаҳидони ҷавони бистсола...» . . . . . . . . . . . .
Мурғакони сафарӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Уқоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шитоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ҳар саҳар хуршеди дунёдидаи деринарӯз...» . . . . . . .
«Гар фитад сояи замин бар моҳ...» . . . . . . . . . . . .
Пири кайҳонкушо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аробаи кӯҳна... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Найсаворем ба мисли кӯдак...» . . . . . . . . . . . .
«Тифл мерӯяд...»... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Руҷӯи Севак... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Дар миёни неку бад марди ҳунар...» . . . . . . . . .
«Эй раҳгузар, як дам биист...» . . . . . . . . . . . . .
«Агар як шоири бодафтаре буд...» . . . . . . . . . . .
«Марде аз балкон...» . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Масхарабоз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Шохе шикаста дар боғ аз бод...» . . . . . . . . . . .
Акси садо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Домани кӯҳи Бадахшон...» . . . . . . . . . . . . . .
Лолаи сӯзон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар сайр... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ашки ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бо баҳори сабзу мурғони сафед... . . . . . . . . . . . .
«Бо ишқу орзуҳо...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Нигаҳҳои ту гарму меҳрубон аст...» . . . . . . . . . .
Ба ту имшаби баҳорон...... . . . . . . . . . . . . . . .
«Нури маҳтоб метаровад нарм...» . . . . . . . . . . . .
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!... . . . . . . . . . . .
Аз навбаҳори рӯят...... . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ту будию ману ин обшорон...» . . . . . . . . . . . . .
«Меравад офтоб сӯйи ғуруб...» . . . . . . . . . . . . .
Афсонаи шаб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Хонаи ту миёни бешаи сабз...» . . . . . . . . . . . .
Атри муҳаббат... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду ташналаб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Хоҳам ин лаҳза, ки аз хеш фаромӯш кунам...» . . . . . . .
«Дар лаби дарёи сабзе...» . . . . . . . . . . . . . . . .
«Дар дили худ киштгардон кардаам...» . . . . . . . . .
«Ман чу оҳанги ғазал ёд кунам...» . . . . . . . . . . .
«Яке гӯяд, ки асри мо ҷавон аст...» . . . . . . . . . .
«Ин бод магар ки дар ситез аст...» . . . . . . . . . . .

«Шавам аз нашъаи лабҳои ту маст...» . . . . . . . . . . . .
«Нест беҳ аз ишқу вафо матлабе...» . . . . . . . . . . . . .
«Буд умедам, ки мекунӣ обод...» . . . . . . . . . . . . . . .
«Агарчи дасти оҳангар дурушт аст...» . . . . . . . . . . .
«Ба бад анҷомад айёми бадоғоз...» . . . . . . . . . . . . . .
«Зи пасте сохт бояд марди воло...» . . . . . . . . . . . . .
«Гарчи шаб аз шӯълаи маҳ равшан аст...» . . . . . . . .
«Ҳар пагоҳӣ тифлаке дар саҳни боғ...» . . . . . . . . . . .
«Яке гӯяд, ки аз партови фабрик...» . . . . . . . . . . . .
«Ба пойи ҳамлавар бозингари бад...» . . . . . . . . . . . .
«Парешон мекунад шаббода имшаб...» . . . . . . . . . . .
«Намедонад гаҳе фарзанди одам...» . . . . . . . . . . . . .
«Нест ҳаргиз з-ин ҷазои сахттар...» . . . . . . . . . . . . .
«Шамъ ҳаргиз набувад беҳ зи чароғ...» . . . . . . . . . .
«Ба қавли мардуми мо ҷома ҳар гоҳ...» . . . . . . . . . .
«Ба зери осмон як осмони дигаре хоҳам...» . . . . . . . .
«Ҳамраҳе аз мо равад як лаҳза ҳамроҳи дигар...» . . . . . . .
«То ба ҳар байте ба мазмуне ишорат кардаам...» . . . . . . .

Аз «Тарозуи офтоб (с. 1983 –1987»

Тоҷикистон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шохоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ҳар рӯз камтар мешавад...» . . . . . . . . . . . . . . . . .
Такяи ватан... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Санои деҳқон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳузни ширин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Падруди Варзоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Кӯ ба кӯ боди сарди пойизон...» . . . . . . . . . . . . . .
Фироқномаи падар... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дилам гум мезанад... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Илтиҷо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ту маро ҳеҷ мапурс...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Савоби ту, гуноҳи ман... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Чу бӯе бар машоми ман бувад...» . . . . . . . . . . . . .
«Ҳамчу тифле, ки кунад модар ёд...» . . . . . . . . . . .
«Дидаӣ, бачаяки кафтарбоз...» . . . . . . . . . . . . . . .
«Дар лаби ҷӯ буд маҷнунбед сабз...» . . . . . . . . . . .
Ишқу ҳавас... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Магар ёд омадат даври ҷавонӣ...» . . . . . . . . . . . .
«Дур бошӣ зи кӯйи навмедӣ...» . . . . . . . . . . . . . . .
Бубахшойӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

«Ин чӣ ҳол охир, Худоё, ин чӣ ҳол...» . . . . . . . . . . .
«Ману ин осмони тозарӯ...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ҳар тараф гар рӯй орад офтоб...» . . . . . . . . . . . . . . .
«Умри одамро, ки мегӯянд, як дам будааст...» . . . . . . . . .
«Манзилоройи чӣ кор ояд, дилоройи бикун...» . . . . . . . . .
«Эй кош, агар шеърам дарёи сухан бошад...» . . . . . . . . . .
«Нақши ишқат менишинад дар дилу авзои ман...» . . . . . .
«Ниҳоли умри ту хоҳам, ки дар амал бошад...» . . . . . . . . .
«Бенуру хира метофт шабҳо ситораи ман...» . . . . . . . . . .
«Бо туям танҳо ба танҳо маҳфил аст...» . . . . . . . . . . . . .
«Ҳар шабе аз дур ёдат мекунам...» . . . . . . . . . . . . . . . .
«Обҳое бешу кам аз сар гузашт...» . . . . . . . . . . . . . . . .
«Шеър баски нест ҳаргиз ҷамъ ё ҷанги сухан...» . . . . . . . . .
Аз «Рӯзи умед (с. 1987 – 1990)»
Суруди фардо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Таънаи фаришта... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Армон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ғуссаи Хуҷанд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дуруд ба Фарзона... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Боз ҷое гулӯлае таркид...» . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Офтоби хуншор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Булбули даштӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Решаи табархӯрда... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Зиндагӣ бозтоби тақдир аст...» . . . . . . . . . . . . . . .
Ту маро мешунавӣ?... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ишқи духтари қазоқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ин ҳама байту сухан, к-аз дили ман мегузарад...». . . . . . .
«Чаман шукуфт, азизон, ба гул назора кунед...» . . . . . . . . .
«Бимонад ёдгори ҷовидон – шеъру сухан аз ман...» . . . . . .
Байтҳо... . . . . . . . . . . . .. . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аз «Шаҳри меҳолуд (с.1990 – 1993)»
Баргпайванд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чӣ эҳсоне?!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шаҳри меҳолуд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чӣ кунам?!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Муаммои ворастан... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Имон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Арзадошт... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хоби сангин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Имони саг... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Осмон бошаду паҳнои дигар... . . . . . . . . . . . . . . . . .
Мерос... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сафар... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Пиндор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар роҳ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Метавон оё фаро рафт... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хазони умр... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чароғи дур... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аспи кишанбанд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Гурги ошиқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Танҳову охирин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Интизор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Танҳоӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду нафар дар лаби дарё... . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Аз «Баргпайванд (с. 1990 – 1993)»

Ёрон...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Гулпарак ва мӯр... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Илтиҷо аз симурғ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хами хамёзаи мо...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дарё, маро бигир...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Пиёдагон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шоистатарин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Достони ишқи ман... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шохи шикаста... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ту суруди дили ман... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нози гул... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шеъри зани маҳбуб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фалсафаи камолот... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 208
Оҳанги шаб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 209
Ман дарахти
ошиқам.............................................................................................................
Камарбанди куҳистон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .211
Сарви сабзу тути хушк... . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Аз «Илтиҷо аз уқоб (с. 1993 – 1998)»

Шоире ояд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Интихоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба камон чӣ гуна хӯ гирам...... . . . . . . . . . . . . ... . .
Шеъри хундори ман гиряд...... . . . . . . . . . . . . ... .
Эй уқоби гардунсайр!... . . . . . . . . . . . ... . . . . . .
«Қимати коло баланду ҳиммати воло шикаст...» . . . . . . .

Паём аз ишқ мехоҳад... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шаби ғусса... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Аз «... Боз мерасад хуршед (с. 1998 – 2002)»

Фарёд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Парандагони сафаркарда... . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тарҳи сиёҳ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Хандидаам аз дарду ғам...» . . . . . . . . . . . . . . . .
Наҷоти хайр... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар Сиёҳдара... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Духтари рӯд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Охирин нийят... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Иштиёқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳасрат... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Арӯсии хуршед... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хаёл... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Садафи дил... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Умеди паси девор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй канори биҳиштии дарё...» . . . . . . . . . . . . . . .
...Боз мерасад хуршед... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дури дилхоҳ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду оҳанги як маъно... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ақраба... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Рақси камари ироқӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ишқи насиб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳасрати ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Оғӯш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Қисмат... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Лоилоҷ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ман баҳори ишқ, ту ишқи баҳор... . . . . . . . . . . . .
Ту, эй сапедаи субҳ!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чашми оҳу... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фаротар аз арш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ту маро ёд макун... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ёдгори охирин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба дидори ту меоям... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Пагоҳ офтобро нидо кунам...» . . . . . . . . . . . . . .
Турктози гӯсфандон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Кӯча шомгаҳон холист...... . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар пойи озодӣ...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ин манам...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Ҳақи ҳақвар... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҷуз ишқ маро нест...... . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Умр агар вафо кунад...» . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй бӯйи гули ба об рафта...» . . . . . . . . . . . . .
...Як лола хун... . . . . . . . . . ... . . . . . . . . . .
«Аҷаб ба ноз мерақсӣ...» . . . . . . . . . . . . . . . .

Аз «Санги ман – алмос (с. 2002 – 2006)»

Гуфтугӯ бо рӯҳи падар... . . . . . . . . . . . . . . . .
Ниёиш бар сари турбати Лоиқ... . . . . . . . . . . . . .
Тоқии Мирзову попохи Расул... . . . . . . . . . . . . .
Дар ҷашни Расул Ҳамзатов... . . . . . . . . . ... . . .
Билети рафту омад... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ману даврон, чӣ ҳоҷате ба қиёс...» . . . . . . . . . .
Дарозу кӯтоҳ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду шодӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Заҳмати барабас... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду такяи такяхоҳ... . . . . . . . ... . . . . . . . . . .
Ҳар касу ҳар чӣ...... . . . . . . . . ... . . . . . . . .
«Аз чӣ, донӣ, ду чашм додандат...» . . . . . . . . . . .
Пурсиш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Эъҷози баҳор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар оғӯшам биё...... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аз ту раҳмат, з-ӯ муҳаббат... . . . . . . . . . . . . . .
Хотире, хотирае...... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Омадӣ...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Оҳ, як шаб...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ойини ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ин чӣ эъҷозу ин чӣ эҷоде?!. . . . . . . . . . . . . . . .
Домани ёру домани дашт... . . . . . . . . . . . . . . .
Адолати ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Лутфи ширин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Набувад боварам...... . . . . . . . . . . . . . . . . .
Авҷи ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Биё, ки биё... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ойинаи нур... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам...» . . . . . . . . . .
«Хушо, хушо, ки расад бар висол булбулу гул...» . . . . .
Вакили мубтазал... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳавсалаи бекорӣ ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Маро ту хор мехоҳӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Агар замона чунин шуд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . ... . . . . .
Дигар наво намехезад... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ғам, к-ошнои мо шуд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Туй, дар дил намегунҷӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«То хабар гаштему дарси зиндагӣ омӯхтем...» . . . . . . . . . .
Руҷӯи марди донишвар... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Аз «Замини сабзи боварҳо (с. 2006 – 2008)»

Шукри Худо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шеъри ман... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ниёиш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Имтиёзи охирин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Эъломияи ман... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хотима... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду хоҳиш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Маро бар ишқ бовар деҳ!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Рӯд меҷӯшид, ҷӯшидам чу рӯд...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бубахшо, эй Ватан!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Дили ман...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фарёду сукут... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Забони сурху сари сабз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Наврӯзи фарвардин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳадяи Наврӯз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Достак... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шаҳри хоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чӣ бояд кардан?!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба духтари тоҷик... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Гарави ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Маро ба гиря маёвар...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Рӯди ситезу суруд... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аввалу охири дунё – Наврӯз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Замини сабзи боварҳо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй, ки гул-гул мешукуфӣ...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ман аз дидор бо ту меҳаросам...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нардбони хос... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар раҳи шаббода ёдам соз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ёри яккаҳо – Худо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Қисмати шоир... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Таманно... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нимшӯхӣ, нимҷиддӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ин кадомин боғ меояд?!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Дарахти арчаи кӯҳам...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Биё бо ман!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Парвози беанҷом... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бомдоди нур... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Чист сарчашмаи илҳоми Шумо?...» . . . . . . . . . . . . .
Шоҳроҳи нанг ё девори санг... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Маънии садди Чин...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ҳар ду бо ҳам чӣ қадарҳо моност...» . . . . . . . . . . . .
«Чӣ аҷаб зиндагиест...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Байни соҳибҳунарон...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Гарчи дар кишвари мо...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нози Лайло... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй куҷойӣ, ҷавонии бебок...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй, ки дар даст туфанг...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Аҷабам ояд беш...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Рӯ ба хуршед бирав!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ойинаву қайроқу шона... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тасалло ба озодмарде... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Мӯъҷиза... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нони дуздӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҷаҳони сағиру кабир... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Офариниш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Табдил... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Азми архимедӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фарёду хомӯшӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар тазмини Робиндронат Тҳакур... . . . . . . . . . . . . . . .
Худ чароғи хеш бош!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ишқу фарвардин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Нигаҳи шефтаамро дида...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тоати ишқ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй сабзтар ба қомат аз шохаи баҳорон...» . . . . . . . . .
«Эй баҳори боронҳо, муғчабанди наврӯзӣ...» . . . . . . . .
«Эй бомдоди наврӯзӣ, эй ояи аҳуройӣ...» . . . . . . . . . . .
«Агар аз баҳор имрӯз натавон паём гуфтан...» . . . . . . . .

Аз «Ба саломи шукуфаҳо (с. 2008 – 2012)»

Чаҳор фасли шукуфтан... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳадиси Одам дар офариниши Ҳавво... . . . . . . . . . . . . . . . .
Эй шумо, даъвигарон!..... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Гуфтугӯ дар бозор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Чашми кӯтаҳбин... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Имрӯз дил, фардо ҷон...... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Қисматам, кош, фурсате медод... . . . . . . . . . . . . . . .
Роҳ бурдам...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар баландиҳои арш... . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳар қадар сахт аст...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳашт миллиард танҳоӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Овоза ва овоз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ноз... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чормех... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«То кай мезорӣ...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Гӯиям, нестӣ ту боди бурут...» . . . . . . . . . . . . . . .
«Бе ту гаштаст маро дунё танг...» . . . . . . . . . . . . . .
Хун ё нохун?!... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Мубодила... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Чашми бедор... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шоиру шеър чист?... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тулӯи ғуруб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аксуламал... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дил ба амонат... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ситорашаб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бе ту... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй Замини гирдгардон...» . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сипеҳрони сипеҳр... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бедардӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Дар соҳати ҷаҳон...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ишқ аз ошиқ...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳоло бигӯ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бегонаи сиёҳӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сиёҳгӯш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Магар биёяд он айём...» . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дилмашғулӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Муборакбод ё ҳамдардӣ?... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фаввора ва мурдоб... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хондани мурғон – қатъан мамнӯъ!... . . . . . . . . . . . . .
Ҳарфи ҳақ – шамшер...... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар ҷустуҷӯи ҳақ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Эътирози занҷир... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Найзорин мижгон... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Филсозӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Савдои беарзиш... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Шабҳои сафеди шонаҳо... . . . . . . . . . . . . . .
Ҷудоӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тифлони дарё... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Қолабнишинҳо... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Кист шоир?... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шиква... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Тавба... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сарвату пастӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
На маро ҳавои номе...... . . . . . . . . . . . . . .
На дуруде, на суруде...... . . . . . . . . . . . . .
Эй кош, болафшон... . . . . . . . . . . . . . . . .
Аз “Маҷмӯаи осор, ч. 2 (2012 – 2017)”
Эъҷози парвоз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шод бояд буд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Эй дӯст, шод бош... . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ин, ки меҷӯшад... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Суолу ҷавоб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба як паранда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сууди Масеҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Беҳуда . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Шабу фардо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ишқи озодӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Хушбахтӣ» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Байти ҷовидон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нигаҳи гарм . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Зимистон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Навҳаи офатзадагони Кӯлоб . . . . . . . . . . . .
Пайки озодӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Биё, ту, эй азизтар зи ҳар азиз! . . . . . . . . . .
Кундаалав . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду ситора . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Кӣ медонад?! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ту омадӣ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бозгашт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Даъвои ноасл . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дӯсти «олиҳиммат» . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳикмати хуршед . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Раҳ ба кӯйи дил . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ду орзу . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҳикмати шеър . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Устод, офаринат бод! . . . . . . . . . . . . . . . .

Ишқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ҳиммат» . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Аспи ланг . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Бинӣ шикаст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Нофи замин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Гаҳворабахши эҷод . . . . . . . . . . . . . . . . .
Харгӯшак . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Баҳси шеър . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Асли ҷаҳон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фоли ҷӯгӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Барои даъватномаи наврӯзӣ . . . . . . . . . . . .
Бӯҳтони одам . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Гули хандону гирён . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар маҳфил . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ман куҷо ҷӯям паноҳ?! . . . . . . . . . . . . . . .
На аз танқид, на аз таъриф... . . . . . . . . . . .
Баҳр бояд буд... . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ҷавоби кӯҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Танҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ситораҳои рӯз . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дилобӣ ё ки дилхунӣ?! . . . . . . . . . . . . . . .
Шеваи ҳайрат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Афсӯси ҷавонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Даъвати ишқ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Дар ҷойи баҳор . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Хандаи ту . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Даргузашти равшангар . . . . . . . . . . . . . . .
Кӯҳи дилҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Фосилаи шабу рӯз . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Даъвои мардӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Фасли омаданат...» . . . . . . . . . . . . . . . .
Пешобағали нағз . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Алъамон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба як муттаолим . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Парвози нахустин . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ватан, шояд, маро маъзур дорӣ...» . . . . . . . .
«Ба ман мегуфт имшаб духтари ман...» . . . . . . .
«Парвонаҳо куҷоед?!...» . . . . . . . . . . . . . .
«Дар ишқ шамъ об мешаваду парвона месӯзад...» . . . . .
Тазмин аз Саъдӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Бузургтар бахт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Дуруст, дарахт дар як ҷой бор орад...» . . . . . . . . . . .
«Меравад умрам, ки мемонад маро...» . . . . . . . . . . . . .
«Мо каму бисёр дар гоҳи вуҷуд...» . . . . . . . . . . . . . . .
«Мерасам шояд шабе бар ёди ту...» . . . . . . . . . . . . . .
«Ин қадар тарсат диҳад як номи марг...» . . . . . . . . . . .
«Ман надонам, нек ё бад офаридам...» . . . . . . . . . . . . .
«Шоирӣ қисмати Худодод аст...» . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй замони хоб то ҳангоми чошт...» . . . . . . . . . . . . . .
«Дар бари кӯҳ аст харсанги азим...» . . . . . . . . . . . . . .
Ихтиёри дарё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сабри худойӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Ба «касак»-ҳову «хасак»-ҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Ман бол мекушоям то бар фалак фазоям...» . . . . . . . .
«Бо ту ҳар чи рӯзҳоям офтобӣ, офтобӣ...» . . . . . . . . . .
«...Ҳам аз ҷавонии ҷонам ҷавонтар астӣ ту...» . . . . . . . .
«Агарчандам, иҷозат не аз ин сӯ, гуфт, онсӯтар...» . . . .
«Саҳар чун ёдат овардам, навозид ин садо гӯшам...» . .
«Хонаам, то ки дар он нақши қадамҳои ту ҷо буд...» . .
«Дар дилам ёди лабат ханда зада, рӯъёӣ...» . . . . . . . . .
«Ман аз табори хазонам, ту аз табори баҳор...» . . . . . .
«Хами гесӯи туро кард навозиш дастам...» . . . . . . . . . .
«Эй сабзтарин сабз, зи Наврӯзи баҳорон...» . . . . . . . . .
«Сабук, сабук ту биё, ҳамчу абр бар сари ман...» . . . . . .
«Агар ғазал, ки бигӯйӣ, бигӯ тару тоза...» . . . . . . . . . .
«Дилхоста аз манзараҳоям рухи ёр аст...» . . . . . . . . . .
«Бичархон домани гулбаргиятро, то ба чарх оям...» . . .
«Чӣ лабе, лаболаби ҷон, ба лабат чӣ сон бигирам...» . .
«Ғазале агар нагӯям ба ғизоли хушхироме...» . . . . . . . .
«Чӣ мебинӣ ба мӯҳои сафеди ман, баҳор аст ин...» . . . .
«Дигар ҷонам ба лаб омад, ки лаб дар лаб шавад бо ту...» .
«Савора омадаам, то пиёда созӣ ту...» . . . . . . . . . . . .
«Биё, биё, гули ман, аз хаёл бар дида...» . . . . . . . . . . .
«Касе чу ман натавонад суруди ишқи ту гуфт...» . . . . . .
«Биё, эй дилбари якто, ки гӯям шеъри яктое...» . . . . . . .
Ғазали бӯса . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
«Эй кош, ки як шаб зи сари меҳр даройӣ...» . . . . . . . . .
«Ин чӣ чашму чӣ нигоҳу чӣ табассум, чӣ takаллум...» .
«Навбаҳори ман куҷойӣ, тирамоҳи ман гузашт...» . . . .
«Дигар сухан на ба кор ояду суханвар ҳам...» . . . . . . . . .

«Танҳо зи ҳам ҷудову ҷудо ҷон набуду нест...» . . . . . . .
**АШЪОРИ ТОЗА (с. 2017 – 2020)”**
Шоири имрӯз................................
“Ин қадар ҳм забони ту ширин”.................
Доду гирифти Худо.....................
“Булбул ба сари шох наво дораду хобӣ”...........
“Магар зи макри замон як фиребхӯрда манам”...................
“Мондам аз худ ёдгори бебаҳо”...............
Ошиқи сарвода (ба Абдуҷаббор Раҳмонзода)...............
Суруди ҷашни Сада...............
Ба Шаҳнози Беназир......................
Хуҷастабоди зодрӯз (ба Фарҳод Раҳимӣ)................
Ба Абдуқодири Абдуҷаббор......................
Садо омад........................................
“Худоё, ин чӣ тамкину салобат”....................
“Бидидам, гулшане буд аз гули сурх”............
Кишвари ман...............................
Марди ишқ.......................
Ҷавоб ба нуктагири “Ғазали бӯса”....................
Эълон дар кӯча....................................
“Ту куҷоӣ, ба ҳамон киштиат, эй дӯст, куҷо”............
“Чӣ ашку нолаву гиря”...........................
“Фурӯ рафтам дигар дар кори худ ман”.....................
“Туро танҳо барои буданат ман дӯст медорам”...........
Ба хуҷастабоди зодрӯз..............
“Забони мо на ҳар розе кунад ифшо, ки ӯ роз аст”.....
“Агар ёдат набуд, аз ёди дунё рафта будам ман”............
Ба як ноқиди шеърношинос.....................
Резаборон..............................
Талху ширин...........................
Ба Абдуҷаббор Раҳмонзода...............
Ба “дӯстон”-и ҳасудам..........................
Хоби дарё................................
“Беша буду паланги танҳо буд”.................
Рӯди алмосӣ.............................
“Борҳо дидаам қанориро”.....................
“Мошинам банд шуд миёни рама”................
Дуо................................
“Агар ёриву ноёрӣ, Худо ёрат, Худо ёрат”..............
“Ҳар чӣ аз ман бимонду мемонад”..............................
“Мо сабукхезтар аз боди сабо бархезем”......................
“Синаам бар дили озода чӣ танг аст, чӣ танг”...........
“Ба садои ошноӣ чу шабе садо намудӣ”.................
“Кори мо аз бодаву соғар гузашт”......................

Ман ошиқи се хоҳарон....................
Дидор...................................
Марги муқбил.............................
“Бедорӣ аз ин хоб маро сахт гарон аст”.....................
“Моро на ғами нӯши лаби ёр гирифтаст”.................
Уштуру чашми сӯзан....................
Шоҳкори  Роғун...........................
“Бобо”-и дилҷавон...........................
Гунҷишки гулминқор............................
Ду пешвоз.........................
“Биё дар пушти хирманҷо”..............
Гули баҳман...............................
Маҳи дарё.........................
Дар армони падар.................
“Омадию гузашт сардии дай”............
Ғазалқасидаи ватан...........................
Шаби кӯҳ.......................
Мақбараи Сомонӣ................
Сухан аз офтоб..........................
Ғазале дар баҳори гулбасарон.............
Ғазали зан...........................
Хуҷастободи зодрӯз (Ба Абдуҷаббор Раҳмонзода)............................
“Чашми дидан надорамат, эй давр”.....................
Ба Раҷаббой Аҳмадзода......................
Баҳоре баъд аз Куруно............................
“Ё Худоё, дар ин харобобод”.............
Хушбахтӣ.............................
“Ё Худоё, дар ин харобобод”......................
“Биёед, боре ҷавонӣ кунем”..................
“Туӣ ҳафт осмони зиндагиям”......................
“Надонам, шармсори ҳар ду олам”...................
“Чунонам мехкӯби дори қисмат”.......................
“Саҳаргоҳон, ки чаҳ-чаҳ хондани чӯр”.................
Харгӯш ва шер....................
“Ишқу дидор, ишқу дидорат”...................
“Субҳи пурнур ё ба шоми шафақ”....................
“Биё ки нест чаманро чунин шукуфойӣ”............
Висол................................
“Як ғазал, эй кош, гӯям ҳамчу чашмат шӯхшанг”.......
“Ҳавои шеър гирифтаст сар ба сар ҷонам”..............
“Адолат дар замин пайдо нашуд, дар осмон чустам”...
Ёде аз фардои фардоҳо....................
“Дилам ба ёди ту равшан чу офтоб шавад”...........
Суруди Тоҷикистон...................

Бӯса...................
“Паёми ман ба шумо, дӯстони ҷон, ин аст”..............

**АСКАР ҲАКИМ**

**МАҶМӮАИ**
**АШЪОР**

**Ҷилди I**

Муҳаррир:
Муҳаррири техникӣ:
Мусаҳҳеҳ:

Ба матбаа санаи ............супорида шуд. Ба чопаш ..........имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ ....
Андозаи 60х84/16. Гарнитураи ҳуруф «TimӮs NӮw Қoman Tj». Супориши №..... Теъдод .....нусха.
Нархаш шартномавӣ.

Матбааи «......»
........Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи ......
Тел.: